Комплексное влияние монетарных инструментов приводит к соответствующим изменениям в секторальной структуре монетарного трансмиссионного механизма и влияет на целевой уровень монетарных регулятивных элементов: банковских активов и ресурсов, доходов, расходов, сбережений и потребления населения, инвестиций в реальный сектор, и, как следствие, сказывается на динамике ВВП, уровне цен, национальном доходе и на уровне жизни населения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс. -М.: Гелиос АРВ, 1999. -97 с.
2. Самойленко М.П. Денежно-кредитная политика: теория и практика / М.П. Самойленко, Д.Я. Родин. -М.: Lap Lambert Academic Publishing, 2014. -С.29.
3. Головнин М.Ю. Теоретические основы денежно–кредитной политики в условиях глобализации / М.Ю. Головнин. -М.: Институт экономики РАН, 2008. -С. 27.
4. Фролов А.В. Денежная трансмиссия при капиталистическом и административно-плановом развитии экономики / А.В. Фролов // Уникальные исследования XXI века. - 2015. -№7(7). -267 с.
5. Эюбов З.В. Трансмиссионный механизм денежно-кредитной политики в условиях структурной перестройки национальной экономики: автореф. дис… канд. экон. наук: 08.00.10 / З.В. Эюбов. -М., 2015. -С.11.
6. Моисеев, С.Р. Трансмиссионный механизм денежно–кредитной политики / С.Р. Моисеев // Финансы и кредит. - 2002. -№18. -С. 38–51.
7. Митрохин В.В. Инструменты поддержания устойчивого развития коммерческих банков / В.В. Митрохин, А.А. Лукшина // Бизнес. Образование. Право. Вестник Волгоградского института бизнеса. - 2011. -№1(14). -С.38-45.
8. Иванченко И.С. Исследование российского трансмиссионного механизма денежно-кредитной политики / И.С. Иванченко // Финансы и кредит. - 2006. -№14. -С.2-11.
9. Абель Э. Макроэкономика: учеб. пособие / Э. Абель. – СПб.: Питер, 2010. -507 с.

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ МЕХАНИЗМИ ТРАНСМИССИОНИИ ПУЛӢ ДАР ТАНЗИМИ ПУЛ ВА ҚАРЗ

Махсусияти хоси сиёсати пулию молии Бонки Марказӣ таъсири ғайримустақими фишангҳои монетарӣ ба равандҳои воқеии иқтисодӣ мебошад, ки бо воситаи механизми мувофиқи ин сиёсат татбиқ мегарданд. Дар таҳқиқотҳои илмӣ ин механизм номи «механизми монетарии трансмиссиониро» гирифт, лекин дар баробари он чунин конструксияҳо ба монанди «механизми трансмиссияи монетарӣ» ва ё «механизми трансмиссионнии сиёсати пулӣ - молӣ» истифода мегарданд. Мубоҳисаҳо оиди коркарди номгӯи ягонаи ин механизм аз ҷониби олимон гузаронида намешаванд, вақте ки масъалаи муайянсозии моҳияти он, сохтори дохилӣ ва усулҳои амаликунӣ яке аз масъалаи баҳснок барои муҳаққиқоне мебошад, ки масъалаҳои таъсири методҳои монетариро ба рушди иқтисодӣ меомӯзанд. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои методологии трансмиссионии пулӣ дар танзими пул ва қарз мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд. Муайян шудааст, ки таъсири олотҳои монетарӣ ба рушди иқтисодӣ тавассути механизми трансмиссионии пулӣ – бо маҷмӯи каналҳои монетарӣ (пулӣ) амалӣ мегардад, ки тавассути он хатҳои махсуси пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон пайдо мешаванд, ки ба нишондиҳандаҳои бозори пул табдил ёфта, ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд. Маълум шуд, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон модели пулӣ, ин механизми трансмиссионии пулии 4-канала мебошад ва инҳоро дар бар мегирад: канали асъорӣ, пулӣ, қарзӣ ва фоизӣ. Кӯшишҳои БМТ бо мақсади идоракунии ин каналҳо барои муайянкунии интизории субъектҳои хоҷагидорӣ нокифоя мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Бонки миллии Тоҷикистон, механизми интиқол, воситаҳои пулии сиёсати пулӣ, намунаи чорроҳа, канали асъорӣ, пул, кредит ва фоизҳо.

## МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ МОНЕТАРНОГО ТРАНСМИССИОННОГО МЕХАНИЗМА ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

Характерной особенностью денежно-кредитной политики Центрального банка является опосредованное влияние монетарных инструментов (рычагов) на реальные экономические процессы, которые реализуются через соответствующий механизм этой политики. В научных исследованиях данный механизм получил название «монетарный трансмиссионный механизм», однако параллельно с ним используются такие конструкции, как «механизм монетарной трансмиссии» или «трансмиссионный механизм денежно-кредитной политики».Дискуссии по выработке единого названия этого механизма учеными не проводятся, в то время как вопрос об определении его сущности, внутренней структуры и способов функционирования является одним из самых дискуссионных для исследователей, изучающих вопросы влияния монетарных методов на экономическое развитие. Статья посвящена методическим аспектам монетарного трансмиссионного механизма денежно-кредитного регулирования. Определенно, что влияние монетарных инструментов на экономический рост реализуется через монетарный трансмиссионный механизм - совокупность передающих (монетарных) каналов, по которым импульсы денежно-кредитной политики Национального банка трансформируются в сигналы денежного рынка и влияют на основные макроэкономические переменные. Выявлено, что в экономике Республики Таджикистан доминирует четырехканальная модель монетарного трансмиссионного механизма: валютный канал, денежный, кредитный и процентный каналы. Усилия НБТ по целенаправленному управлению каналом ожиданий экономических субъектов остаются недостаточными.

**Ключевые слова**: Национальный банк Таджикистана, трансмиссионный механизм, инструменты денежно-кредитной политики, четырехканальная модель, валютный канал, денежный, кредитный и процентный каналы.

## METHODICAL ASPECTS OF THE FUNCTIONING OF THE MONETARY TRANSMISSION MECHANISM OF MONETARY REGULATION

A characteristic feature of the monetary policy of the Central Bank is the indirect influence of monetary instruments (leverage) on the real economic processes that are implemented through the appropriate mechanism of this policy. In

scientific studies, this mechanism is called the “monetary transmission mechanism,” but in parallel with it are used such constructions as the “monetary transmission mechanism” or the “monetary mechanism’s transmission mechanism.” Scientists do not discuss the development of a single name for this mechanism. time as the question of determining its essence, internal structure and ways of functioning is one of the most controversial for researchers studying the effects of monetary methods on conomic development. The article is devoted to the methodological aspects of the monetary transmission mechanism of monetary regulation. It is certain that the influence of monetary instruments on economic growth is realized through the monetary transmission mechanism - a set of transmission (monetary) channels through which the impulses of the National Bank's monetary policy are transformed into money market signals and affect the main macroeconomic variables. It was revealed that the four-channel model of the monetary transmission mechanism dominates the economy of the Republic of Tajikistan: the currency channel, the money, credit and interest channels. The efforts of the NBT to purposefully manage the expectations of economic entities remain insufficient.

**Key words:** National Bank of Tajikistan, transmission mechanism, monetary policy instruments, four-channel model, currency channel, money, credit and interest channels.

**Сведения об авторе*: Азизбаев Равшан Абдурахманович* -** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики г. Худжанд, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **RavshanAzizbaev@mail.ru.** Телефон: **927-25-70-80**

**Information about the author:** ***Azizbaev Ravshan Abdurakhmanovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics Khujand, Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Mikroraion, dom.1. E-mail: **RavshanAzizbaev@mail.ru.** Phone: **927-25-70-80**

**УДК:36.1/(575.3)**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Султонов З., Олимов Н.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати молиявии давлат татбиқи амалии худро тавассути механизмҳои молиявӣ, фишангҳои он ва ҳавасмандкунӣ амалӣ мекунад. Механизми молиявӣ ин маҷмӯи шаклҳо ва усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои таъсир ба рушди иқтисодии ҷомеа дар раванди татбиқи тақсим ва муносибатҳои молиявии навтаъсис мебошад.

Вазифаи асосии низоми молиявӣ-қарзии кишвар дар марҳилаи кунунии рушд ин ҷустуҷӯи самтҳои рушди механизмҳои сармоягузорӣ барои амалисозии принсипҳои рақобатпазирии иқтисоди бозорӣ дар амалияи молиявӣ ва қарзӣ мебошад. Танҳо низоми самараноки молиявӣ-қарзӣ, ки ба талаботҳои қонунҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ аст, имкон медиҳад, ки ислоҳоти босифати иқтисодиёт амалӣ карда шавад, ки ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Дар ин росто, омӯзиш ва таҳлили низоми молиявӣ-қарзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди он дар кишвари мо масъалаи воқеӣ аст.

Низоми молиявӣ-қарзӣ дар ин марҳилаи рушд яке аз самтҳои муҳимми иқтисоди миллии ҳар як кишвар маҳсуб меёбад, ки бо тағйиротҳои назаррас мувоҷеҳ мешавад.

Давраи гузариш дар иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, таъсиси муассисаҳои молиявии зарурӣ барои рушди минбаъдаи муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ зарур аст. Молия ва қарз ба рушди неруи истеҳсолкунанда, ба ташаккул додани манбаъҳои сармоягузорӣ барои тавсеаи такрорӣ дар асоси дастовардҳои пешрафти илмию технологӣ мусоидат мекунад. Низоми молиявӣ-қарзӣ барои ташаккулёбии босуръат ва мутамаркази корхонаҳо дар иқтисодиёти бозорӣ, ҷорӣ намудани навъҳои нави тиҷорат дар дохили кишвар ва дар фазои иқтисодии беруна зарур аст.

Ногуфта намонад, ки сиёсати молиявӣ-қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” [1], Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [3] ва дигар қонуну санадҳо тарҳрезӣ ва амалӣ мешавад. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” оварда шудааст: «Сиёсати пулию қарзӣ (сиёсати монетарӣ) раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он, пеш аз ҳама, баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад».

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба мақсади таҳия

ва татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ тарҳрезӣ гардида, мақсад ва самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии (монетарии) давлатро барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд [2,с.3].

Механизми молиявӣ-қарзӣ метавонад аз маҷмӯи усулҳои ташкили муносибатҳои молиявӣ, ки аз ҷониби ҷомеа истифода бурда мешавад, барои таъмини шароити мусоид дар иқтисодиёт пешниҳод карда шавад. Механизми мазкур шаклҳо, усулҳо ва намудҳои муносибатҳоро дар соҳаи молия ва қарз ва усулҳои муайян кардани миқдори онҳоро истифода мебарад.

Механизми молиявӣ-қарзӣ сохтори мураккабро дар бар мегирад, ки ба он унсурҳое дохил мешаванд, ки ба муносибатҳои молиявии гуногун мувофиқанд. Бо сабаби зиёд шудани робитаҳо, татбиқи як қатор унсурҳои механизм пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо банақшагирии молиявӣ ва пешгӯиҳо, инчунин санадҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ва дар амал татбиқ намудани шаклҳо, усулҳо ва навъҳои муносибатҳои мутақобиларо дар соҳаи молиявӣ-қарзӣ дохил кардан мумкин аст. Ин аст, ки имрӯз дарки табиати молия, фаҳмидани хусусиятҳои фаъолияти он, истифода бурдани онҳо ба манфиати рушди самарабахши истеҳсолоту иҷтимоъ бештар ба назар мерасад.

Дар ин самт, чунин механизмҳои молиявӣ-қарзиро қайд намудан зарур аст:

- таҳкими фишангҳо ва зиёд намудани дараҷаи таъсирбахшии онҳо, пеш аз ҳама, ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
- афзун намудани имкониятҳои пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дар ин замина қабул намудани қарорҳо дар ҷодаи сиёсати пулию қарзӣ;
- роҳандозии стратегияи мушаххаси иттилоотӣ доир ба таъмини шаффофияти фаъолият ва ахборотдиҳӣ;
- тақвияити мустақилияти институтсионалӣ, молиявӣ ва амалиётӣ.

Низоми молиявӣ-қарзӣ аз ду низоми пайвастшуда ва иловагӣ иборат аст: молиявию қарзӣ.

Асоси низоми молиявиро категорияи пул, қарзиро бошад, қарзи иқтисодӣ ташкил медиҳад. Низоми муосири молиявӣ-қарзӣ бо тақсимоти вазифаҳо байни муассисаҳои гуногун тавсиф меёбад. Вазифаҳои баровардани пул аз ҷониби бонкҳои марказӣ амалӣ мешаванд, ҳол он ки вазифаҳои қарзӣ асосан аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ иҷро мешаванд.

Дар ҳар як давлат, дар соҳаи иқтисодиёт чунин ҳадафҳои асосӣ ҳамчун таъмин намудани сатҳи баланд ва устувори рушди истеҳсолоти миллӣ, сатҳи баланди шуғли аҳолӣ, сатҳи устувори нархҳо, тақсими одилонаи даромад ва тавозун дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешбинӣ мешаванд. Барои расидан ба ин мақсадҳо, ҳукумат сиёсати иқтисодӣ - маҷмӯи чораҳои иқтисодии идоракунии давлатро тавассути захираҳое, ки ба давлат дастрас мебошанд, амалӣ мекунад. Чунин чораҳо сиёсати пулӣ, сиёсати молиявӣ, сиёсати қарзӣ, сиёсати даромад ва сиёсати иқтисодии хориҷӣ мебошанд. Дар марҳилаи кунунӣ яке аз нақшҳои асосиро дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт сиёсати молиявию қарзӣ мебозад.

Сиёсати молиявӣ-қарзӣ (пулӣ) яке аз воситаҳои асосии танзими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ин мафҳум маҷмӯи чораҳоеро дар назар дорад, ки аз ҷониби ҳукумат дар соҳаи иқтисодиёт бо мақсади ба танзим даровардани он қабул мегардад [4,с.330]. Бонки марказии давлат ҳамчун амаликунандаи сиёсати молиявию қарзӣ баромад мекунад. Дар кишварҳои гуногун, ин бонкҳо гуногунанд: мардумӣ, давлатӣ, эмиссионӣ, захиравӣ. Чунин бонкҳо - Бонки марказии Русия, Бонки Англия, Бонки федералии Олмон, Бонки мардумии Чин, Бонки Ҷопон, Бонки миллии Ҷумҳурии Белорус, Бонки миллии Украина мебошанд. Дар баъзе кишварҳо, вазифаҳои муассисаи марказии молиявӣ-қарзиро як гурӯҳи бонкҳо (дар ИМА, масалан, Низоми федералии захиравӣ) анҷом медиҳанд.

Бо кумаки сиёсати молиявию қарзӣ, давлат метавонад ба натиҷаҳои муҳимтарини макроиқтисодӣ таъсири назаррас расонад, то ин ки оқибатҳои сустшавии иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиро ҳал намояд. Мақсади асосии сиёсати молиявию қарзӣ дастгирии иқтисодиёт дар расидан ба сатҳи умумии истеҳсолоте мебошад, ки бо шуғли кории пурра ва таваррум тавсиф меёбад. Сиёсати молиявию қарзӣ бо тағйирёбии пешниҳоди қарзӣ (пулӣ), бо мақсади устувор кардани ҳаҷми умумии истеҳсолот, шуғл ва сатҳи нарх фаҳмида мешавад [5,с.325]. Таъмини қарз дар иқтисодиёт тавассути амалиётҳои бонкӣ, инчунин бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ (ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои нафақа ва ғайра) ба амал оварда мешавад. Вобаста ба тағйироти пешниҳоди пулӣ, сиёсати молиявӣ-қарзӣ ҳавасмандкунанда ва маҳдудкунанда мебошад.

1. Сиёсати ҳавасмандкунандаи молиявию қарзӣ ба баланд бардоштани ҳаҷми пешниҳоди қарз барои ҳавасманд кардани хароҷотҳо дар давраи таназзули иқтисодӣ нигаронида шудааст.

2. Сиёсати маҳдудкунанда барои паст кардани сатҳи пешниҳоди қарз (пул) дар давраи таваррум равона шудааст.

Молия дар дасти давлату ҳукумат чун воситаи таъсиррасон ба раванди такрористеҳсол ва пайвасти макроиқтисод бо микроиқтисод хизмат мекунад. Таъсири давлат ба раванди такрористеҳсол ва фаъолияти соҳибкорӣ бо ёрии сиёсати молиявию қарзӣ ва механизмҳои молиявӣ, шаклу намуд ва усулҳои ташкили муносибатҳои молиявӣ ба амал оварда мешавад. Механизмҳои молиявӣ-қарзӣ сохти таркибии худро доранд ва чун воситаи дар амал татбиқ намудани сиёсати молиявӣ-қарзӣ хизмат мекунанд. Сохти таркибии механизмҳои молиявӣ-қарзӣ аз элементҳои алоҳидаи бо ҳам алоқаманд иборат буда, унсурҳои зиёде, ба монанди усулҳои молиявӣ, фишангҳои молиявӣ, таъминоти ҳуқуқӣ, таъминоти меъёрӣ ва таъминоти иттилоотиро дар бар мегиранд [6,с.304].

Методҳои молиявӣ ҳамчун ҷузъи таркибии механизми молиявӣ, ки истифодаи онҳо имконияти амалисозии сиёсати молиявиро таъмин менамояд, аз инҳо иборатанд: банақшагирӣ, сармоягузорӣ, қарздиҳӣ, худмаблағгузорӣ, оиндабинӣ, дастгирӣ, тарзҳои ҳисоббаробаркунӣ, суғурта, амалиётҳои трастӣ ва ғайра.

Фишангҳои молиявӣ ҳамчун қисми таркибии механизмҳои молиявӣ инҳоянд: даромад, фоида, истеҳлок, муҷозоти (санксия) молиявӣ, нарх, иҷорапулӣ, дивиденд, меъёрҳои фоиз, фондҳои мақсадноки иқтисодиёт, ҳиссаи ҳиссагузорон ва ғайра.

Қисми алоҳидаи механизми молиявиро таъминоти ҳуқуқӣ - қонунҳои қабулшуда, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, фармону мактубҳои вазорату ташкилотҳо, оинномаи шахси ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Механизми молиявӣ он гоҳ сиёсати молиявиро амалӣ сохта метавонад, ки агар аз таъминоти меъёрӣ бахрабардорӣ намуда бошад. Меъёрҳои молиявӣ бо ёрии дастуруламалҳо, меъёрҳо, нормаҳо, нишондодҳои методию дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ барои истифодабарӣ пешниҳод мегарданд.

Сиёсати молиявӣ вобаста ва фарогирии вақт ба сиёсати молиявии ҷорӣ ва перпективӣ ҷудо мешавад.

Вобаста ба муҳлату ҳаҷм, мақом ва вазифаҳое, ки сиёсати молиявӣ иҷро менамояд, стратегия ва тактикаи молиявиро аз ҳам фарқ мекунанд.

Ба ғайр аз механизмҳои молиявӣ, стратегия ва тактика - ду паҳлуи ба ҳам алоқамандгардонии сиёсати молиявӣ вуҷуд дорад. Тактика ва стратегия дар иқтисодиёт танҳо дар якҷоягӣ вуҷуд дошта метавонанд. Маънои стратегия санъат аст. Стратегияи молиявӣ сиёсати дарозмуддатест, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳиму бузурги дарпешистода равона шудааст [7,с.450].

Фаъолияти механизми молиявӣ-қарзӣ дар раванди ташаккул, тақсимот ва истифодаи фондҳои гуногуни маблағҳои пулӣ сурат мегирад. Бо дарназардошти мавҷудияти соҳаҳои гуногун, механизми молиявӣ-қарзии корхонаҳои тиҷоратӣ ва амалиётҳои хоҷагидорӣ; механизми молиявии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва муассисаҳо; механизми молиявии суғурта; механизми фаъолияти молиявии давлатиро метавон ҷудо кард.

Фаъолияти самарабахши механизми молиявӣ-қарзӣ тавассути ҳамоҳангсозии ҳамаи унсурҳои асосии он таъмин карда мешавад, ки инҳоянд:

1. Танзими ҳуқуқӣ, ки дар таҳия ва қабули қонунҳо оид ба ташкили фаъолияти молиявии мақомотҳои давлатӣ асос ёфтааст (Кодекси андоз ва қонуни буҷет, дастурҳо ва маводҳои танзимии вазорату идораҳо ва ғайра). Бо истифодаи унсурҳои гуногуни механизмҳои молиявӣ-қарзӣ, мақомотҳои давлатӣ кӯшиш мекунанд, ки татбиқи вазифаҳои сиёсати молиявӣ, ҳалли вазифаҳои стратегӣ ва тактикии худро таъмин намоянд. Ҳангоми таҳия, танзими унсурҳои механизми молиявӣ бо тағйир додани қоидаҳои дахлдори қонунгузории молиявӣ, ки қоидаҳои дақиқи фаъолияти ҳар як сохтори механизми молиявиро муайян мекунанд, ба амал оварда мешаванд.

2. Банақшагирии молиявӣ, ки объекти он фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлат мебошад ва натиҷаи он - таҳияи намудҳои гуногуни нақшаҳои молиявӣ ва пешгӯиҳо, нақшаҳои бизнес мебошад. Принсипи муҳимми ташкили маблағгузории корхонаҳо маҷмӯи банақшагирии молиявӣ ва ҳисобкунии тиҷоратӣ мебошад. Дар назар дошта шудааст, ки ҳисобкунии тиҷоратӣ бо банақшагирии молиявӣ мувофиқат намекунад. Бо вуҷуди ин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дохилӣ, механизми умумии танзимшудаи идоракунии молиявӣ барномаҳои ҳамаҷониба ҳамчун ҷузъи банақшагирӣ мебошанд. Дар фаъолияти инвеститсионӣ, ҳеҷ гуна ширкат фаъолиятро то таҳия намудани лоиҳа (нақшаи) бо асосноккунии маблағгузорӣ ва натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ

оғоз намекунад. Дар асоси банақшагирии дохилӣ, қарордодҳо баста мешаванд ва фармоишҳо дар асоси озмун эълон мешаванд. Таҳияи нақшаҳо ба омӯзиши амиқи талаботҳои истеъмолӣ, омӯзиши таҷрибаи рақибон ва таҳлили имкониятҳои молиявии корхона асос меёбад.

3. Назорати молиявӣ, ки маҷмӯи чорабиниҳо ва амалиётҳо барои тафтиши масъалаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва идоракуниро дар бар мегирад. Объекти назорати молиявӣ равандҳои тақсимоти пулӣ дар ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва бахшҳои иқтисодиёт мебошад.

Фаъолияти ин ё он унсури механизми молиявӣ бо истифодаи нишондиҳандаҳои молиявӣ, меъёрҳо ва стандартҳо, ки муносибатҳои молиявиро танзим менамоянд, амалӣ гардонида мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон".
2. Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018. Бонки миллии Тоҷикистон. –С.3.
3. Қонуни ҶТ "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Аз 14.05.2016 с., №1316.
4. Плотницкий М.И. Макроэкономика: учеб. пособие /М.И. Плотницкий, Э.И. Лобкович. –2-е изд., стер. -М.: Новое знание, 2004. –С.323-335.
5. Макконнелл К.Р. Экономикс: принципы, проблемы и политика: учеб. пособие / Макконел К.Р., С.Л. Брю; под ред. В.С. Автономова. -М.: ИНФРА-М, 2006. -324 с.
6. Оймаҳмадов Г.Н. Молия / Г.Н. Оймаҳмадов. -Душанбе: Нодир, 2005. -304 с.
7. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Раҳимзода. -Душанбе: ЭР-граф, 2008. - 450 с.


## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷиҳатҳои гуногуни масъалаи такмили механизмҳои моливӣ-қарзӣ ва нақши онҳоро дар рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Дар мақола муаллиф қонуну сарчашамаҳои асосии танзиму идоракунии масъалаи мазкурро пешкаш намудааст. Бо истифода аз маводҳои иқтисодӣ ва адабиётҳои гуногун муаллиф фикру андешаҳои олимону муҳаққиқонро ба хонанда пешкаш намудааст. Ба андешаи муаллиф, масъалаи мазкур воқеӣ ва замонавӣ буда, таҳқиқу омӯзиши алоҳидаро талаб дорад. Дар мақола ҷиҳати назариявии масъалаи механизмҳои молиявӣ-қарзӣ, намуд ва шаклҳои чунин механизмҳо, роҳҳои такмили онҳо, нақши давлат дар ин самт, таъсири ин амал ба рушди иқтисод ва иҷтимоиёти кишвар ва дигар ҷанбаҳои масъалаи мазкур баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки вазифаи асосии низоми молиявӣ-қарзии кишвар дар марҳилаи кунунии рушд, ин ҷустуҷӯи самтҳои рушди механизмҳои сармоягузорӣ барои амалисозии принсипҳои рақобатпазирии иқтисоди бозорӣ дар амалияи молиявӣ ва қарзӣ мебошад. Танҳо низоми самараноки молиявӣ-қарзӣ, ки ба талаботҳои қонунҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ аст, имкон медиҳад, ки ислоҳоти босифати иқтисодиёт амалӣ гардонида шавад, ки ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Дар ин росто, омӯзиш ва таҳлили низоми молиявӣ-қарзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди он дар кишвари мо яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** молия, қарз, пул, бонк, давлат, корхона, иқтисодиёт, рушд, механизм, фишангҳо, шаклҳо, такмил


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНЫХ МЕХАНИЗМОВ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


В данной статье автор изучает и анализирует различные аспекты совершенствования финансово-кредитных механизмов и их роли в развитии национальной экономики. В статье приведены правовые и основные источники регулирования и управления этим вопросом. Используя разнообразные экономические материалы и литературу, автор анализирует идеи и мысли различных ученых и исследователей. По мнению автора, этот вопрос является объективным и современным и требует тщательного изучения и исследования. В статье достаточно глубоко раскрываются вопросы финансово-кредитных механизмов, типы и формы таких механизмов, пути их совершенствования, роли государства в этом направлении, влияние этих действий на экономическое и социальное развитие страны и другие аспекты данной проблемы. В частности, отмечается, что основной целью финансово-кредитной системы страны на современном этапе ее развития является изучение направления развития инвестиционных механизмов для реализации принципов конкурентоспособности рыночной экономики в финансовой и кредитной практике. Только эффективная финансово-кредитная система, отвечающая требованиям экономического закона, позволит повысить качество экономических реформ, способствующих социально-экономической ситуации в стране. В связи с этим изучение и анализ финансовой системы на всех этапах ее развития в нашей стране являются актуальными. Статья отвечает требованиям и затрагивает реальные и современные проблемы общества.



**Ключевые слова:** финансы, кредит, деньги, банк, государство, предприятие, экономика, развитие, механизмы, соглашения, формы, совершенствование.


## PERFECTION OF FINANCIAL AND CREDIT MECHANISMS AND THEIR ROLE IN DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY


In this article, the author studies and analyzes various aspects of improving financial and credit mechanisms and their role in development of national economy. The article presents the legal and main sources of regulation and management of this issue. Using a variety of economic materials and literature, the author shows the ideas and thoughts of various scientists and researchers. According to the author, this question is objective and modern and requires careful study

and research. The article deeply shows the issues of financial and credit mechanisms, types and forms of such mechanisms, ways to improve them, the role of the state in this direction, the impact of these actions on the economic and social development of the country and other aspects of the problem. In particular, it is noted that the main goal of the country's financial and credit system at the present stage of its development is to study the direction of development of investment mechanisms for implementing the principles of competitiveness of a market economy in financial and credit practice. Only an effective financial and credit system that meets the requirements of the economic law, will improve the quality of economic reforms that contribute to the socio-economic situation in the country. In this regard, the study and analysis of financial system at all stages of its development in our country are objective. The article meets the requirements and addresses real and contemporary problems of society.

**Key words:** finance, credit, money, bank, state, enterprise, economy, development, mechanisms, agreements, forms, perfection.

**Сведения об авторах:** ***Олимов Нушервон Элчибекович*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры финансового менеджмента**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **883-08-00-11**
***Султонов Зайниддин*** – Таджикский национальный университет профессор кафедры финансового менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Olimov Nushervon Elchibekovich*** - Tajik National University, Master of Financial Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **883-08-00-11**
***Sultonov Zayniddin*** - Tajik National University, Professor of the Department of Financial Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

**УДК: 330. 34 (5753)**

# САМТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲАҲОИ СОДИРОТ ВА ВОРИДОТИВАЗКУНАНДАИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Шарифҷони Исмоналии Бобохонзода***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҷаҳони муосир дар шароити мураккаби бухрони иқтисодиву молиявӣ қарор дорад, ки он як қатор давлатҳои Аврупо ва Осиёро фаро гирифтааст ва таъсири он ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ рӯз то рӯз назаррас гардидааст. Идома ёфтани бухрони сиёсию иқтисодӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон, алалхусус дар кишварҳои асосии шарикони тиҷоратӣ, боиси пастравии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишварамон, аз ҷумла коҳишёбии суръати рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, гардиши савдои хориҷӣ, пастравии қурби пули миллӣ, хизматрасониҳои пулакӣ ва даромадҳои пулию қобилияти харидории аҳолӣ гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мушаххасро ҷиҳати пешгирӣ намудани таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдор, тавассути суръат бахшидан ба рушди воқеии соҳаҳои иқтисодиёт, бахусус бахши реалӣ - энергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қабул ва амалӣ намуда истодааст.

**Диаграммаи 1. Динамикаи тағйирёбии нархи алюминий (бо ҳазор доллари ИМА)**
**Diagram 1. Dynamics of change in the price of aluminum (in thousands of US dollars)**




Дар солҳои охир пастравии нархи яке аз молҳои асосии содиротии мамлакат-алюминийи аввалия бинобар сабаби коҳишёбии нархи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар робита

ба бухронҳои молиявӣ ва иқтисодӣ тамоюли пастравиро касб намудааст, ки ин ба паст гардидани ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат таъсири манфӣ расонидааст.

Индикатори дигаре, ки ба гардиши савдои хориҷӣ таъсири манфӣ расонидааст, ин коҳиши якбораи нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар робита ба коҳишёбии қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ, аз ҷумла доллари ИМА ба шумор меравад. Қайд намудан бамаврид аст, ки коҳишёбии қурби нафт ва баланд гардидани қурби асъори хориҷӣ дар қиёс бо пули миллӣ бо дарназардошти коҳишёбии интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, таъсири манфии худро ба кам гардидани гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон расонид.

Зиёд будани содирот нисбат ба воридот аз беҳтар гардидани шароити савдо гувоҳӣ медиҳад. Дар тамоми давраи мушоҳидашаванда танҳо соли 1992 ҳаҷми содироти кишвар нисбат ба воридот зиёдтар буд. Дар солҳои 1999 ва 2000 содирот ва воридот дар ифодаи арзиш баробар буданд. Аз соли 2005 сар карда, талаботи аҳолӣ ба маҷмӯи молу хизматҳо ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки, дар навбати худ, боиси афзоиши яку якбораи воридот гардид. Аз тарафи дигар, маҳдуд будани сабади содирот ба афзоиши содирот мусоидат накард. Дар натиҷа соли 2015 таносуби воридот нисбат ба содирот зиёда аз 3,8 маротибаро ташкил дод.

**Диаграммаи 2. Динамикаи тағйирёбии нархи нафт ва қурби пули миллӣ**
**Diagram 2. Dynamics of changes in oil prices and the national currency rate**




Ҳамин тариқ, тамоюли асосии савдои хориҷӣ дар ду даҳсолаи охир ин афзоиши мунтазами ҳаҷми хариди молҳои воридотӣ мебошад. Дар натиҷа на танҳо тавозуни манфии савдо, балки номутаносибии баръалои байни содирот ва воридот ба миён омад, дар баробари ин, динамикаи ин ҷараён хеле тақвият ёфт.

**Ҷадвали 1. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо млн. доллари ИМА)**
**Table 1. Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan (in millions of US dollars)**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015/2010 бо долл. ИМА | 2015/2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ млн доллари ИМА | 3851,6 | 4463,3 | 5138,1 | 5284,7 | 5316,2 | 4325,5 | 473,9 | 12,3 |
| Содирот | 1194,7 | 1257,3 | 1159,7 | 1163,4 | 977,4 | 890,6 | -304,1 | -25,5 |
| *бо % нисбати ГСХ* | 31,0 | 28,2 | 22,3 | 22,1 | 18,4 | 21,0 | | |
| Воридот | 2656,9 | 3206,0 | 3778,4 | 4121,3 | 4338,3 | 3434,9 | 778,0 | 29,2 |
| *бо % нисбати ГСХ* | 69,0 | 72,0 | 73,5 | 78,0 | 81,6 | 79,4 | | |
| Қурби асъори миллӣ нисбат ба 1 $ ИМА | 4,3790 | 4,6096 | 4,7627 | 4,7642 | 4,9349 | 6,1645 | 1,8 | 41,0 |

Ҷиҳати коҳиш додани чунин вобастагии иқтисодиёти мамлакат аз дигар давлатҳо татбиқи босамари сиёсати воридотивазкунӣ ва мутобиқсозии муносиби он бо вусъати имкониятҳои содиротӣ Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия гардида истодааст, ки мақсади барномаи мазкур мусоидат намудан ба татбиқи сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ буда, ба афзун гардонидани ҳаҷми содироти ғайри ашёи хом, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии барномаи мазкур ба коҳиш додани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридот, дастгирии бонизоми содирот ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ки хилофи талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо намебошад, равона гардидааст. Ҳадафи стратегии ин сиёсат аз бозори дохилӣ берун кардани молҳои хушсифати хориҷӣ набуда, истеҳсоли молҳои рақобатпазири ватание мебошад, ки на танҳо ба шароити бозори ватанӣ, инчунин ба талаботи бозорҳои хориҷӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар асоси гузаронидани таҳлили стратегии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки таҳлили сохтории содироту воридот, таҳлили бозорҳои хориҷӣ, таҳлили ҷонибҳои қавию заиф ва имконияту хавфҳои иқтидори содиротии кишвар, самтҳои афзалиятноки рушди содирот муайян гардида, самтҳои мушаххаси ояндадор бо дарназардошти бартариятҳои дар рақобат доштаи Тоҷикистон ва вазъият дар бозорҳои минтақавӣ ва глобалӣ интихоб карда шудаанд.

Татбиқи самтҳои стратегии интихобгардидаи рушд дар доираи барномаи мазкур пайдарҳам амалӣ карда мешавад. Дар марҳилаи якум истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ барои ивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои ниёзи доимии истеъмолии воридотшаванда дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ (либос, пойафзол, маҳсулоти бофандагӣ ва бофандагӣ) ташкил карда мешавад.

Дар марҳилаи дуюм чорабиниҳо оид ба ивазкунии доираи васеътари молҳо бо маҳсулоти мураккаби саноатӣ амалӣ карда мешавад. Дар марҳилаи сеюм дар натиҷаи диверсификатсияи саноат, миқёс, арзиши пасти қувваи корӣ ва азхудкунии таҷрибаи истеҳсолӣ нархи дохилии молҳои саноатии истеҳсоли ватанӣ рақобатпазир гардида, содироти онҳо ба роҳ монда мешавад. Имкониятҳои назарраси истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда дар истифодаи иқтидори илмию техникии кишвар тавассути ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан муфид дар занҷири илм – истеҳсолот ва ҷорӣ намудани корҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ мебошад.

Дар ҳолати қабул гардидани Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ, ки он зиёда аз 20 номгӯйи молҳои ба содиротнигаронидашударо дар бар мегирад, имконият фароҳам меояд, ки содирот қариб 80% зиёд гардида, таносуби содирот нисбат ба воридот аз 25,8% то сатҳи 40% расонида шавад ва салдои савдо то 5,9% ихтисор карда шавад.

Дар натиҷа ҳадафҳои асосии кишвар дар панҷ соли оянда барои рушду инкишофи соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷолиби сармоягузорӣ равона гардида, дар ин замина шартҳои асосӣ ва низоми ҳавасмандгардонию пешбурди содирот муайян карда шуда, қоидаҳои возеҳи фаъолияти бахши хусусӣ, аз он ҷумла дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳия ва татбиқ гардида, барои рушди минбаъдаи устувори бахш заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ин имконият медиҳад, ки самаранокии истифодабарии иқтидори содиротии кишвар баланд бардошта шуда, рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ тақвият бахшида шавад, тарози манфии савдо коҳиш дода шуда, ҳамзамон сохтори содироту воридот такмил дода шавад, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд, ки дар маҷмӯъ барои рушди иқтисодии Тоҷикистон дар дурнамои наздик замина мегузорад.

Маҳсулоти асосии содиротии соҳаи кишоварзӣ нахи пахта, меваи хушк, пиёзи барвақтӣ, ангур, шарбати меваю сабзавот, хамираи томат мебошанд. Танҳо 10% нахи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард мешавад. Бинобар ин афзоиш ё камшавии ҳаҷми содироти нахи пахта дар давраи солҳои 2000-2015 истеҳсоли пахта вобаста ба тағйирёбии нархи ҷаҳонӣ сурат мегирифт. Маълумот дар бораи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва дӯзандагӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бинобар мавҷуд будани монеаҳо, набудани дастгирӣ ва омилҳои дигар, истеҳсолкунандагони ватанӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ дар вазъияти пасттари рақобат қарор дошта, имкониятҳои мавҷуда ва бартариятҳои қиёсӣ татбиқнашуда боқӣ мемонанд.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 гурӯҳи молҳои истеъмолӣ, аз ҷумла молҳои озуқаворӣ 20%-ро ташкил намудааст, ки дар он мавқеи се кишвар зиёдтар ба чашм мерасад, Федератсияи Русия ба андозаи 28,0%, Хитой ба андозаи 18,1% ва Қазоқистон 17,3% устувор боқӣ мемонанд.

Таъмини дастрасӣ ба захираҳои арзону дарозмуддати молиявӣ барои истеҳсолоти ба содирот ва воридотивазкунӣ нигаронидашуда яке аз омилҳои муҳим барои баланд бардоштани қобилияти рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ин бо он алоқаманд аст, ки мувофиқи таҳқиқотҳои сершумор, яке аз монеаҳои асосӣ барои рушди содироти ватанӣ ва ихтисори воридоти молҳо меъёрҳои баланди фоизӣ ва набудани маблағҳои кофии қарзҳои дарозмуддат мебошад.

Баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ва воридотивазкунӣ дар тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии борбандӣ, тамға ва номи тиҷоратии мол, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Аз ин рӯ давлат бояд барои дастгирии соҳибкорони ватанӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулотҳои ба афзоиши содирот ва воридотивазкунӣ, аз қабили ҳавасмандгардонии содирот дар доираи созишномаҳои СУС, такмили батанзимдарории гумрукӣ ва асъорӣ, чораҳои зиддидемпингӣ ва муҳофизатӣ, омилҳои андозӣ ва механизмҳои молиявию қарзӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Қурби воқеии самараноки асъор индикатори рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ аз рӯйи нарх нисбат ба шарикони тиҷоратии он буда, барои таъмини нигоҳдории қобилияти рақобати иқтисодиёти кишвар васеъ истифода мегардад. Тақвияти асъори Тоҷикистон нисбат ба асъори шарикони тиҷоратии Тоҷикистон рақобати истеҳсолкунандагони ватаниро ба маҳсулоти ин кишварҳо мушкил мегардонад.

Ҷустуҷӯи шарикони нави тиҷоратӣ ва баромадан ба бозорҳои нави фурӯш дар хориҷа, ҷорӣ намудани моделҳои инноватсионии пешбурди сармоягузорӣ, истифодаи мавқеи муносиби ҷуғрофӣ дар қалби Осиё ва ба шабакаи транзитӣ барои содироти такрории мол ва хизматрасонӣ ба Афғонистону Эрон табдил додани Тоҷикистон.

Дар давраи татбиқи барнома воридотивазкунии самаранокро таъмин намуда, ба содироти намудҳои алоҳидаи он оғоз намудан мумкин аст. Масалан, истеҳсоли семент дар корхонаҳои ватанӣ имконият медиҳад, ки тавассути ба истифода додани корхонаҳои нав дар ноҳияҳои Ёвон, Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Ваҳдат бо иқтидори умумии 3 млн тонна Тоҷикистон аз кишвари воридкунанда ба кишвари содиркунандаи семент мубаддал гардонида шавад. Захираҳои калон бо воридотивазкунии маҳсулоти саноати кимиёӣ барои истеҳсоли алюминий алоқаманданд. Аз ҷумла кислотаи сулфат, шпати плавик, криолит ва дар оянда гилхок низ объектҳои воридотивазкунӣ шуда метавонанд. Бо ба истифода супурдани ҶДММ «Криолит» дар ноҳияи Ёвон воридоти криолит соли 2016 тадриҷан ихтисор ва сипас тамоман қатъ карда мешавад.

Ташкили шабакаи бизнес-инкубатор ва технопаркҳо барои тавлиди маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси технологияҳои олӣ барои бо ҷойҳои кор таъмин намудани ҷавонон, ки ба инноватсияҳо майли бештар доранд, ҷалби сармояи венчурии хориҷӣ ва дар оянда баромадан ба бозорҳои хориҷӣ бо маҳсулоти нави бо технологияҳои олӣ истеҳсолгардида мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ**


1. Рабиева Т.М. Развитие импортозамещающего промышленного производства в условиях переходной экономики Таджикистан: Дис. канд. экон. наук: 08.00.05 / Т.М. Рабиева. - Душанбе, 2011. - 162с.
2. Диловар Қодирзода. Истеҳсолот дар иқтисодиёт ва иқтисодиёт аз истеҳсолот рушд мекунад. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2019/01/professor-dilovar-odirzoda-iste-solot-dar-i-tisodiyot-va-i-tisodiyot-az-iste-solot-rushd-mekunad/, (санаи истифодабарӣ 04.01.2019) // АМИТ «Ховар».
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020". [Манбаи электронӣ]. Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 26.11.2016 // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №503 тасдиқ шудааст.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. -С.10, 15, 318, 319, 320, 321, 322.
5. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. -С.99-107.


## САМТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲАҲОИ СОДИРОТ ВА ВОРИДОТИВАЗКУНАНДАИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии рушди соҳаҳои содирот ва воридотивазкунандаи мамлакат дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили гузаронидашудаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар давраи аз соли 2000 то соли 2014 мушкилоти асосӣ ва омилҳои боздорандаи содирот ва воридотивазкунӣ ошкор гардида, омилу сабабҳои рақобатпазир набудани истеҳсолкунандагони ватанӣ муайян карда шуданд. Интихоби самтҳои стратегии содироти дорои афзалиятҳо барои рақобат бо дарназардошти таҳлили самтҳои ояндадор ва бозорҳои мақсаднок асоснок карда шудааст. Бо дарназардошти дурнамои воридотивазкунӣ ва имкониятҳо дар бобати таъсис аз сифр оғоз меёбад. Дар мақолаи мазкур мушкилоти рушди институтсионалии содирот ва воридотивазкунӣ мавқеи асосӣ дорад. Роҳи ҳалли мантиқии худро дар чорабиниҳо оид ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти сиёсати савдо ва содагардонии расмиёти содироту воридот, мусоидат ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва технологияҳои нав, бунёди сохторҳои дастгирии содирот, беҳтар намудани инфрасохтори содирот ва содиротӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташкили шабакаи интиқол ва фурӯши мол дар хориҷа, тақвияти неруи инсонӣ ва тарбияи кадрҳо барои сохторҳои дастгирии содирот ва воридотивазкунӣ пайдо намуданд.

**Калидвожаҳо:** гардиши савдои хориҷӣ, содирот, воридот, воридотивазкунанда, молҳои ба содирот нигаронидашуда, омилҳои истеҳсолот.

**СТРАТЕГИЧЕСКИЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ЭКСПОРТУ И ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЮ ОТРАСЛЕЙ СТРАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

Основная цель этой статьи заключается в основном в уменьшении зависимости экономики страны от других стран, расширении списка продуктов, направленных на экспорт отечественными предприятиями. На основании результатов проделанного анализа внешнеэкономической деятельности с 2000 по 2014 годы были выявлены основные проблемы и ухудшение экспортных условий и ограничение импортозамешенния, выявлено отсутствие конкурентоспособности отечественных производителей. Выбор стратегических направлений экспортируемых приоритетных товаров основан на анализе будущих направлений и целевых рынков. С учетом перспективы импортозамещения и возможностей для производства с нуля. Эта статья представляет интерес для институционального развития экспортных и импортозамещающих мощностей, логического решения мер по совершенствованию нормативно - правовой базы для реформы торговой политики и упрощения процедур экспорта и импорта, поощрения прямых иностранных инвестиций и новых технологий, создания структур поддержки экспорта, улучшения инфраструктуры экспорта и экспорта в свободных экономических зонах, продажи товаров за рубеж, укрепления человеческого потенциала и подготовки кадров для структур поддержки экспорта и импортозамещения.

**Ключевые слова:** внешнеторговый оборот, экспорт, импорт, импортзамещение, факторы производства.

**STRATEGIC DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF EXPORT AND IMPORT SUBSTITUTION OF THE COUNTRY'S INDUSTRIES IN MODERN CONDITIONS**

The main purpose of this article is to reduce the dependence of the economy from other countries, were the background to it, there are plans to introduce products aimed at the export of domestic enterprises. Based on the results of the analyzed analysis of foreign economic activity from 2000 to 2014, the main problems and deterioration of export and import substitution restrictions were identified; the lack of competitiveness of domestic producers was revealed. The choice of strategic directions of export priorities for competition is based on an analysis of future directions and target markets. Taking into account the prospect of import substitution and opportunities to create from scratch. This article has the potential for the institutional development of export and import substitution capacities. A logical solution to measures to improve the regulatory framework for the reform of trade policy and the simplification of export and import procedures, the promotion of foreign direct investment and new technologies, the creation of export support structures, the improvement of export and export infrastructure in free economic zones, the sale of goods abroad, the strengthening of human capacity and training for export and import substitution support structures.

**Key words:** foreign trade turnover, exports, imports, import substitution, the factors of production.

**Сведения об авторе:** ***Шарифджони Исмоналии Бобохонзода*** - Технологический университет Таджикистана, ассистент кафедры экономической теории и экономики развитии. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева 63/3. Телефон: **985-16-35–38; 917-18-32-90.** E-mail: **Scharifjoni@bk.ru**

**Information about the author:** ***Sharifjoni Ismonalia Bobokhonzoda*** - Technological University of Tajikistan, Assistant of the Department of Economic Theory and Development Economics. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev Street 63/3. Phone: **985-16-35–38; 917-18-32-90**. E-mail: **Scharifjoni@bk.ru**

**УДК: 332.1**

# ПРЕДПОСЫЛКИ ДИВЕРСИФИКАЦИИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕГИОНА

***Мансурова М.Г.***

**Политехнический институт Таджикского технического университета им. М.С. Осими в г. Худжанде**

Современный мировой рынок диктует свои условия для производства различных групп товаров и услуг, имеющих дифференцированный характер. В соответствии с этим принципы рыночного регулирования экономики направлены на создание и развитие многоотраслевой структуры, что позволяет снижать негативное влияние различных изменений. В настоящее время одним из приоритетов региональной экономической политики развивающихся стран является диверсификация структуры экономики как направление для обеспечения устойчивого развития.

В самом общем виде понятие «диверсификация» представляет собой «diversificatio», дословно обозначающее «изменение, разнообразие», в то время как словообразующие основы «diversus» - разный и «facio» - делаю подчеркивают множественность некоторой активности, занятия, дела [1,с.35].

За годы независимости экономика страны и, в частности Согдийской области, претерпела сильные изменения. Уровень использования производственных мощностей во многих отраслях по разным причинам резко сократился. В связи с этим для улучшения экономического состояния региона в 2016 году была разработана «Среднесрочная программа социально-

экономического развития Согдийской области на 2016-2020 годы», основными критериями которой являются улучшение условий для развития экономической деятельности региона, определение возможностей перспектив внешней и внутренней торговли и внутриотраслевых приоритетов.

Также в Программе отмечены основные барьеры, препятствующие достижению более высоких экономических результатов.

- слабая диверсификация производства сельскохозяйственной и промышленной продукции, ориентированной на экспорт;
- недостаточная диверсификация предприятий, которые производят потребительские товары, низкая доля производства продукции, произведенной с высокой добавленной стоимостью;
- недостаточное использование местных ресурсов, низкое качество управления, а также низкий уровень занятости в ключевых отраслях экономики;

Применительно к рассматриваемым вопросам, на территории области имеются огромные возможности для производства экспортной и импортозамещающей продукции, такой как сельскохозяйственная, чулочная, швейная, текстильная, мебельная продукция и переработки железа, однако эти возможности все еще полностью не используются. Налаживание диверсификации сельскохозяйственного производства сможет создать крепкую основу в развитии экспорта продукции отрасли. Поскольку в настоящее время в структуре экспорта сельхозпродукции в основном наблюдается преобладание фруктов, хлопка, сухофруктов, лука, кожи и коконов [2,с.26].

В связи с этим, возникает необходимость изучения предпосылок диверсификации, связанных с экономической целесообразностью, выбором направлений и оценкой последствий.

В работе А.А. Кофанова освещены научные представления о предпосылках и последствиях диверсификации, разделённые на четыре этапа.

В эпоху массового производства (до конца 20-х гг. прошлого века) экономическими предпосылками диверсификации являлись концентрация производства и централизация капитала в пределах отрасли с целью создания товаров для рынка и снижения издержек производства. В то же время, необходимо отметить, что результатом концентрации, является увеличение объёмов производства однородной продукции, при котором издержки на единицу готовой продукции снижаются, чем обусловливаются достижения эффекта масштаба производства.

Следующий этап исторического развития диверсификации продолжался до середины 50-х годов, т.е. в эпоху массового сбыта. В это время, за счёт товарной и структурной конкуренции, перенакопления и концентрации капитала в пределах отрасли достигались такие цели, как маневрирование набором отраслей и сфер деятельности, что впоследствии привело к преодолению границ товарных, отраслевых и национальных рынков.

Диверсификация получила весьма широкую популярность в эпоху постиндустриального общества, когда происходило перенакопление капитала в отдельных странах, обеспечивалась критическая масса объёмов производства в мировом масштабе, а также развивалась конкуренция между фирмами, деятельность которых оптимизирована в мировом масштабе. Средством достижения целей в этот период был экспорт капитала в другие страны, регулирование мирохозяйственных связей. В результате преодолевались границы региональных рынков и осуществлялся эффект мультипликации на мировом уровне.

В эпоху информационных и компьютерных технологий активная мировая конкуренция является предпосылкой диверсификации, средством достижения которой считается глобальная оптимизация мирохозяйственных связей с последствием выхода на мировые рынки[3,с.18-19].

С учетом этого следует признать, что, как показывает опыт последних двух десятилетий, подобное открытие может не происходить автоматически и потребует принятия конкретных мер экономической политики как на национальном, так и, что особенно важно, на региональном уровне.

В работе Т.В. Жуковой приводится мнение о том, что в каждом регионе имеются превалирующие виды бизнеса, обеспечивающие большую часть дохода данного региона. Деятельность превалирующих видов бизнеса продвигается с помощью того природного ресурса, который существует в избытке в данном регионе. И в то время, когда такой природный ресурс исчерпывается, возникает проблема дальнейшего успешного экономического развития региона. В связи с этим, появляется необходимость в проведении диверсификации деятельности хозяйственной системы региона с переходом на другие ресурсы [5,с.2].

По Т.И. Дуженко преимущества диверсификации могут проявляться в стимулировании развития тех видов экономической деятельности, продукция которых отличается низкой материалоёмкостью, использованием воспроизводимых ресурсов и высокой добавленной стоимостью [6,с.5].

Лилия Викторовна Турганова в своей работе приводит мнение о том, что учёт особенностей конкретного региона играет немаловажную роль, так как имеющиеся ресурсы и другие возможности каждого региона позволяют определять, до какого уровня можно диверсифицировать отрасли, находящиеся в нём.

По определению этого автора понятие «диверсификация» трактуется как сложный неоднозначный процесс, различные регионы имеют свой предел диверсификации, превышение которого может вести к росту издержек, снижению эффективности производства[7,с.3].

В докладе Европейского банка развитии и реконструкции приведены данные, что по мере своего развития страны сначала, как правило, диверсифицируют свою экономику. Лишь после того как уровень дохода на душу населения достигает порядка 20000 долл. США, некоторые страны начинают специализироваться в областях, где обладают сравнительными преимуществами. Таким образом, по мере роста доходов показатели концентрации производства и занятости - такие, как индексы Джини или Херфиндаля - сначала снижаются [9,с.19].

Для определения уровня отраслевой диверсификации, по данным статистического ежегодника Согдийской области, был проведён расчёт коэффициента диверсификации по видам экономической деятельности региона за период 2011-2017гг по методике, предложенной Херфинделем-Хиршманом.

Значение отраслевой диверсификации, согласно нижеприведённой формуле, вычисляется как сумма квадратов долей объёма производства в отраслевой структуре региона и является обратной величиной коэффициента концентрации:

$$К_{дх} = 1 - \sum_{i=1}^{n} ПВ_i^2,$$

где $К_{ДХ}$ - коэффициент диверсификации,

$ПВ_i^2$ - доля i-го вида отрасли в структуре региона, коэффициент концентрации.

При расчете коэффициента диверсификации с помощью приведенной формулы необходимо иметь в виду, что чем больше значение этого показателя, тем выше уровень диверсификации, и наоборот.

В таблице 1 приведены значения диверсификации по отраслям и среднее по региону Согдийской области.

**Таблица 1. Значения коэффициента отраслевой диверсификации экономики Согдийской области за период 2011-2017гг.**

**Table 1. The values of the coefficient of sectoral diversification of the economy of Sughd region for the period 2011-2017**

| Коэффициент диверсификации по отраслям | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сельское хозяйство | 0,404 | 0,389 | 0,384 | 0,416 | 0,420 | 0,417 | 0,378 |
| Торговля | 0,015 | 0,028 | 0,031 | 0,030 | 0,029 | 0,039 | 0,038 |
| Платные услуги | 0,507 | 0,540 | 0,525 | 0,589 | 0,600 | 0,621 | 0,618 |
| Строительство | 0,792 | 0,759 | 0,753 | 0,765 | 0,745 | 0,675 | 0,566 |
| Промышленность | 0,515 | 0,469 | 0,470 | 0,494 | 0,453 | 0,497 | 0,519 |
| Среднее по региону | 0,447 | 0,437 | 0,433 | 0,459 | 0,449 | 0,450 | 0,424 |

Источник: Расчёты автора на основе Статистического ежегодника Согдийской Области

Изучая значения индексов диверсификации, приведённые в таблице 1 и на диаграмме 2 можно отметить, что в регионе наиболее диверсифицированной в 2011 году была строительная отрасль, а наименее диверсифицированной - торговля. Однако уровень диверсификации строительной отрасли за исследуемые годы снизился с 0,792 до 0,566 или на 28,5%, а уровень диверсификации торговли увеличился в 2,5 раза. Также увеличился уровень диверсификации таких отраслей, как промышленность и предоставление платных услуг. Так как коэффициент диверсификации является обратной величиной коэффициента концентрации, то на основании полученных результатов можно отметить повышение концентрации производства в отрасли строительства.

За исследуемые годы уровень диверсификации сельскохозяйственной отрасли не имеет четко выраженной тенденции и колебался по годам. Так, с 2011 по 2013 гг. происходило снижение, с 2014 по 2016 гг. - увеличение, а в 2017 году коэффициент диверсификации вновь несколько уменьшился. В целом, коэффициент диверсификации сельскохозяйственной отрасли колебался в пределах 0,384 до 0,420.

Сравнивая усредненный коэффициент диверсификации по региону с отраслевыми значениями диверсификации, можно отметить, что он имеет тесную взаимосвязь с коэффициентом диверсификации сельскохозяйственной отрасли. Эта взаимосвязь также может служить косвенным подтверждением, что основной вклад в валовой региональный продукт создает сельское хозяйство.

Как было отмечено в докладе ЕБРР, установленный эмпирическим путем пороговый уровень доходов на душу населения, после которого завершается диверсификация и начинается специализация, составляет 20000 долларов США. Затем показатели концентрации добавленной стоимости вновь начинают расти, а показатели концентрации производства остаются практически неизменными. Такая динамика может объясняться множеством разных причин. На ранних этапах развития страны диверсификация служит гарантией от экономических потрясений, затрагивающих определенные товарные группы, идет параллельно с диверсификацией потребительской корзины по мере повышения доходов населения и способствует формированию широкой базы навыков, что ведет к ускорению роста производительности труда [9].

Для определения этапа или уровня развития экономики и определения прогнозных данных по диверсификации региона, нами также были рассчитаны данные по доходам на душу населения Согдийской области за 2011-2017 гг., приведенные в таблице 2. Данные таблицы показывают, что доход на душу населения ежегодно увеличивается и в 2017 году достиг уровня 678 долл. США. Однако этот показатель доходов на душу населения в Согдийской области значительно ниже вычисленного эмпирически (20000 долл. США).

**Диаграмма 1. Специализация и доход на душу населения**
**Chart 1. Specialization and per capita income**



Источник: Доклад Европейского банка реконструкции и развития

На диаграмме 1, в соответствии со значениями уровня специализации и дохода на душу населения, наглядно показано положение региона (показано стрелкой) (см. диаграмма 1)[9].

**Таблица 2. Доход на душу населения в Согдийской области**
**Table 2. Per capita income in the Sughd region**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВРП, млн.смн. | 7032,7 | 8961,2 | 10439,9 | 11530,5 | 11597,2 | 13876 | 16676,8 |
| Численность населения, тыс. чел. | 2302,7 | 2349,0 | 2400,6 | 2455,5 | 2511,1 | 2560,8 | 2608,5 |
| ВРП на душу населения, долл. США | 324 | 404,5 | 461 | 497 | 489 | 574 | 678 |
| Средний Кдх по региону | 0,447 | 0,437 | 0,433 | 0,459 | 0,449 | 0,45 | 0,424 |

Источник: Расчёт автора на основе Статистического ежегодника Согдийской области

На основании полученных результатов анализа отраслевой диверсификации региона можно сделать заключение, что уровень средней диверсификации по региону за изученный период составил 0,44, а уровень концентрации– 0,56. Эти данные свидетельствуют о низкой

специализации производственных отраслей региона. Также можно сделать вывод, что основой нынешней отраслевой структуры экономики региона является значительная зависимость от природных ресурсов, которая является одной из предпосылок для углубления процесса диверсификации. Кроме того, необходимо отметить, что для повышения валового регионального продукта на душу населения в размере до 5000 долл. США необходимо проведение диверсификации региона до 0,8-0,9 и снижение уровня концентрации до 0,1-0,2.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бунимович Н.Т. Краткий словарь современных понятий и терминов / Н.Т. Бунимович, Г.Г. Жаркова, Т.М. Корниловаидр.; Сост. и общ. ред. В.А.Макаренко. -М.: Республика, 1993. -510 с.
2. Среднесрочная программа социально –экономического развития Согдийской области на 2016-2020 гг. -С. 90.
3. Кофанов А.А. Диверсификация региональной экономики как доминирующая стратегия структурного развития в условиях глобализации экономических отношений: автореферат диссертации на соискание учёной степени д.э.н. / А.А. Кофанов. –Краснодар, 2011. -32 с.
4. Полиди А.А. Управление диверсификацией бизнеса в системе мер по повышению конкурентоспособности / А.А. Полиди. -М: Менеджмент сегодня, 2002. -№5. -С.3.
5. Жукова Т.В. Диверсификация хозяйственных систем в конкурентной среде / Т.В. Жукова. -М: ИНФРА-М, 2006.
6. Дуженко Т.И. Диверсификация экономики региона на основе развития социальной инфраструктуры / Т.И. Дуженко. -Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2015. -170 с.
7. Турганова Л.В. Диверсификация экономики как инструмент устойчивого развития региона (на примере Липецкой области): автореф. дис. на соискание учёной степени к.э.н. / Л.В. Турганова. -М., 2011. -25 с.
8. Коваленко М.Г. Диверсификация экономики региона и ее роль в преодолении внутрирегиональных различий / М.Г. Коваленко // Вестник Адыгейского государственного университета. – 2012. -№4(111). -С.5.
9. Диверсификация в России потенциал региональных различий // Доклад Европейского банка реконструкции и развития. -112 с.
10. Орлова О.А. Диверсификация предприятий: сущность и классификация видов / О.А. Орлова // Приоритеты России. Региональная экономика: теория и практика. - 2008. -№8(65). -С.3.


## ЗАМИНАҲОИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯ ДАР ПЕШРАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА


Дар асоси омӯзиши маводҳои корҳои илмӣ, нашрияҳои марҳилавӣ ва луғатҳои энсиклопедӣ дар мақола тасаввуроти илмӣ оиди заминаҳо ва натиҷаҳои диверсификатсия инъикос гардидааст. Бо ёрии маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд, индекси миёнаи диверсификатсияи минтақа ва соҳаҳои асосии он барои солҳои 2011-2017 муайян карда шудаанд. Барои солҳои тадқиқотӣ моҳиятнокии сатҳи диверсификатсияи минтақаи вилояти Суғд таҳлил карда шудааст. Дар асоси таҳлили таҷрибаи диверсификатсияи 156 давлати тараққикарда, ки дар маърӯзаи Бонки рушду азнавсозии Аврупо оварда шудааст ва дар он бо роҳи эмпирикӣ сатҳи пойгоҳии даромад бар ҳар сари аҳолӣ муқаррар карда шудааст, ки сатҳи диверсификатсия поён фаромада, тахассусгардонии истеҳсолӣ оғоз мегардад, барои минтақа сатҳи пойгоҳии диверсификатсия ва даромади миёна бар ҳар сари аҳолӣ муайян карда шудаанд. Дар шароити ҳозираи минтақа, муқаррар карда шудааст, ки барои болоравии даромади миёна бар ҳар сари аҳолӣ ва муваффақ шудан то сатҳи даромади миёнаи ҳисобкардашудаи эмпирикӣ, баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия зарур мебошад. Инчунин, дар мақола қайд дар кадом марҳилаи тараққиёт воқеъ будани минтақаи таҳқиқотӣ инъикос карда шудааст ва муайян карда шудааст, ки сохтори соҳаҳои минтақа аз захираҳои табиӣ вобастагии зич дорад, ки яке аз заминаҳо барои амиқтар ҷорӣ намудани ҷараёни диверсификатсия ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** заминаҳои иқтисодии диверсификатсия, усулҳои муайян намудани сатҳи диверсификатсияи соҳа, сатҳи пойгоҳии даромад ба ҳар сари аҳолӣ.


## ПРЕДПОСЫЛКИ ДИВЕРСИФИКАЦИИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕГИОНА


В статье, на основе изучения материалов научных работ, периодических изданий и энциклопедических словарей, освещены научные представления о предпосылках и последствиях диверсификации. На основе данных Статистического ежегодника Согдийской области определен средний индекс диверсификации экономики региона и основных отраслей за 2011-2017гг. За исследуемые годы проанализировано значение уровня диверсификации региона Согдийской области. На основе анализа опыта диверсификации 156 развитых стран, приведённого в докладе Европейского банка реконструкции и развития, и эмпирически найденного порогового уровня доходов на душу населения, при котором снижается уровень диверсификации и начинается специализация производства, определены пороговые значения уровня диверсификации и среднего валового регионального дохода на душу населения в регионе. Установлено, что в регионе, для повышения среднего валового регионального дохода на душу населения и достижения эмпирически вычисленного среднего дохода, на данном этапе необходимо увеличить уровень диверсификации. В статье также отмечается, на каком этапе развития находится исследуемый регион и выявлено, что основой нынешней отраслевой структуры экономики региона является значительная зависимость от природных ресурсов, которая является одной из предпосылок для углубления процесса диверсификации.



**Ключевые слова:** экономические предпосылки диверсификации, методы определения уровня диверсификации отрасли, пороговый уровень дохода на душу населения, развитие деятельности региона.


## PRECONDITIONS OF DIVERSIFICATION IN DEVELOPMENT ECONOMIC ACTIVITY OF THE REGION


The article, based on the study of materials of scientific works, periodicals and encyclopedic dictionaries highlights the scientific understanding of the prerequisites and consequences of diversification. Based on the data of the Statistical Yearbook of the region of Sughd, the average index of diversification of the region's economy and major industries for

2011-2017 is determined. For the years studied, the significance of the level of diversification of the region of Sughd region was analyzed. Based on an analysis of the diversification experience of 156 developed countries, cited in the report of the European Bank for Reconstruction and Development, and the empirically found threshold level of per capita income, at which diversification decreases and production begins to specialize, the threshold values of diversification and average gross regional income are determined population in the region. It has been established that in the region, in order to increase the average gross regional income per capita and achieve an empirically calculated average income, at this stage it is necessary to increase the level of diversification. The article also notes at what stage of development the region under study is located and revealed that the basis of the current sectoral structure of the regional economy is a significant dependence on natural resources, which is one of the prerequisites for deepening the diversification process.

**Key words:** economic prerequisites for diversification, methods for determining the level of industry diversification, the threshold level of income per capita, the development activities of the region.

**Сведения об авторе:** ***Мансурова Мафтунахон Гуфроновна*** – Политехнический институт Таджикского технического университета имени М.С. Осими в городе Худжанде, аспирант кафедры экономики и управления. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул. Ленина 226. Телефон: **92-724-95-15**

**Information about the author:** ***Mansurova Maftunakhon Gufronovna*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M.S. Osimi in Khujand, postgraduate student of the Economics and Management Department of the Faculty of Engineering and Economic. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, St. Lenina 226

**УДК:330.34 (575.3)**

## СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ – МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

***Ғозиев М.Н.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ сиёсати пулию қарзӣ яке аз воситаҳоест, ки тавассути он ҳавасмандгардонии иқтисодиёт ё нигоҳ доштани рушди иқтисодии давлатҳо имконпазир мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон дорои воситаҳо, захираҳо ва имкониятҳои кофӣ барои таҳияи сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Дар асоси Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” барои таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва дар амал ҷорӣ намудани он Бонки миллии Тоҷикистон воситаю усулҳои зеринро истифода мебарад [6]:

- меъёрҳои фоизӣ аз рӯйи амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон;
- меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ;
- амалиёт дар бозори озод;
- қарздиҳӣ ба ташкилотҳои қарзӣ;
- танзими асъор ва амалиёти асъор;
- муқаррар кардани ҳудуди афзоиши ҳаҷми пул;
- маҳдудкуниҳои миқдории бевосита.

Ин фишангҳо воситаҳои танзими пешниҳоди пул ба ҳисоб рафта, ҳамчунин барои зиёд ва кам кардани ҳаҷми (массаи) пул дар муомилот истифода бурда мешаванд.

Дар назарияи муомилоти пулӣ назарияи миқдории пул мавқеи хосса дорад, ки тавассути он миқдори пули барои муомилот зарур муайян карда мешавад.

Таҳти мафҳуми миқдори пули барои муомилот зарур, маҷмӯи ҳамаи воситаҳои пулии дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ мавҷудбуда дар назар дошта мешавад, ки вазифаҳои воситаи муомилот, пардохт ва андӯхтро иҷро мекунанд [5,с.82].

Муҳимтарин нишондиҳандаи миқдории муомилоти пулӣ ҳаҷми (массаи) пул ба ҳисоб меравад, чунончи аз назарияи мактаби Кембриҷӣ бармеояд, бузургии он ба ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ, шуғли аҳолӣ, мизони фоиз ва сатҳи нархҳо таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, таваҷҷуҳ ба нишондиҳандаҳое, ки андоза ва динамикаи ҳаҷми (масса) пулро тавсиф менамоянд, саривақтӣ ва актуалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми (масса) пул маҷмӯи воситаҳои пулии таъминкунандаи мубодилаи мол ва хизматҳо мебошад, ки дар ихтиёри субъектони иқтисодӣ қарор дорад. Ба таври дигар, ҳаҷми (масса) пул, ин миқдори пулҳои дар иқтисодиёт гардишкунанда мебошад ва пешниҳоди пулҳоро ифода мекунад, ки ба воситаи агрегатҳои пулӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар замони муосир дар омори молиявӣ барои таҳлил намудани ҳаҷми (массаи) пул дар вақт ва давраи муайян аз агрегатҳои пулӣ истифода бурда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 агрегати пулӣ истифода бурда мешавад:

➢ $M_0$ – пулҳои нақдӣ берун аз бонкҳо;

- $M_1 = M_0$ + амонатҳои дархостшаванда бо асъори миллӣ (агрегати пулии $M_1$ – ин воситаҳои пулӣ дар маънои маҳдуд мебошад, ки бо истифода аз он аксарияти амалиётҳои мубодилавӣ гузаронида мешаванд);
- $M_2 = M_1$ + амонатҳои муҳлатнок бо пули миллӣ (агрегати пулии $M_2$ ин воситаҳои пулӣ дар маънои васеъ мебошад. Ин воситаҳои пулӣ аксар вақт барои таҳлили макроиқтисодӣ истифода бурда мешаванд);
- $M_3 = M_2$ + қоғазҳои қиматноки давлатӣ;
- $M_4 = M_3$ + амонатҳо бо асъори хориҷӣ

Агрегати пулии $M_4$, ё нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, ифодакунандаи қобилияти харидории мардум буда, барои банақшагирии истеҳсолу воридоти маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода мешавад.

Агрегатҳои пулӣ барои қабули қарорҳои муносиб дар ҷараёни сиёсати пулию қарзӣ асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчунин барои танзими муомилоти пулӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Агрегатҳои пулӣ дар ҶТ (млн сомонӣ)**
**Table 1. Monetary aggregates in the RT**

| Агрегатҳои пулӣ | 2012 | | 2013 | | 2014 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сумм | бо% нисбати соли гузашта | сумм | бо% нисбати соли гузашта | сумм | бо% нисбати соли гузашта | сумм | бо% нисбати соли гузашта | сумм | бо% нисбати соли гузашта | сумм | бо% нисбати соли гузашта |
| $M_0$ | 3 406 | 126 | 4 144 | 122 | 4 054 | 98 | 4 591 | 113 | 7 588 | 165 | 10 950 | 144 |
| $M_1$ | 4 093 | 118 | 4 789 | 117 | 4 885 | 102 | 5 403 | 111 | 8 728 | 161 | 12258 | 140 |
| $M_2$ | 4 743 | 109 | 5 627 | 118 | 5 826 | 103 | 6 535 | 112 | 10 238 | 157 | 13982 | 136 |
| $M_3$ | 4 743 | 109 | 5 627 | 118 | 5 826 | 103 | 6 535 | 112 | 10 238 | 157 | 13982 | 136 |
| $M_4$ | 7 093 | 99 | 8 492 | 119 | 9 092 | 107 | 10 790 | 119 | 14 788 | 137 | 18018 | 122 |

Сарчашма: Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2011, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе, 2011. -С.21-22.; Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2018, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, 2018. –С.18

Чи хеле аз ҷадвали 1 аён аст, ҳаҷми (массаи) пул бо пули миллӣ ($M_2$) дар давоми солҳои 2012-2017 2,95 маротиба ва пулҳои нақди берун аз бонкҳо ($M_0$) 3,21 маротиба афзоиш ёфтааст. Афзоиши яке аз ҷузъҳои асосии ташаккулёбандаи агрегатҳои пулӣ - пули нақд берун аз бонкҳо дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 44%-ро ташкил дода, бо дарназардошти ҷалби амонатҳои муҳлатнок афзоиши ҳаҷми пули миллӣ ($M_3$) 36% ва нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ($M_4$) вобаста ба тағйир ёфтани ҳаҷми пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 22%-ро ташкил дод.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷми (масса) пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2017**
**Table 2. Dynamics of money supply in the Republic of Tajikistan in 2012-2017**

| Нишондиҳанда | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Агрегати пулии $M_2$ млн сомонӣ | 4 743 | 5 627 | 5 826 | 6 535 | 10 238 | 13982 |
| Суръати афзоиши $M_2$, бо % | - | 18,6 | 3,5 | 12,2 | 56,7 | 36,6 |
| Ҳиссаи $M_0$ дар $M_2$, бо % | 71,8 | 73,6 | 69,6 | 70,2 | 74,1 | 78,3 |

Сарчашма: Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2018, №7(192) (нашрияи расмӣ).- Душанбе, Бонки миллии Тоҷикистон, 2018 – саҳ. 17-18

Таҳлили динамикии агрегати пулии $M_2$ ноустувории суръати афзоиши ҳаҷми (масса) пулро нишон медиҳад. Суръати миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми (массаи) пул бо асъори миллӣ дар миёнаи солҳои 2012-2017 53,3%-ро ташкил медиҳад. Дар давраи бухрони молиявӣ дар соли 2014 ҳаҷми пули миллӣ амалан афзоиш наёфт (суръати афзоиш 3,5%-ро ташкил дод). Афзоиши бештари ҳаҷми пули миллӣ дар соли 2016 ба назар мерасад, ки 56,7%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбати соли 2013 38,1% афзоиш ёфтааст, лекин дар соли минбаъда (дар соли 2017 нисбати соли 2016 -20,1%-ро ташкил медиҳад) коҳишёбии он ба назар мерасад. Ин, аз як тараф, натиҷаи фаъолияти Бонки миллӣ барои паст кардани дараҷаи таваррум аст, ва аз тарафи дигар, аз афзоиши бухронҳои молиявию иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

Хусусияти хосси ҳаҷми пули миллӣ ($M_2$) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳиссаи баланди пули нақд дар сохтори он мебошад. Танҳо дар соли 2014 нисбати соли 2013 ин нишондиҳанда -4% паст фаромад, ки дар давраҳои баъдӣ (соли 2017 - 8,7%) тамоюли баландшавиро касб намуд. Дар соли 2017 ҳиссаи пулҳои нақд дар таркиби пули миллӣ

78,3% ва дар таркиби нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ($M_4$) 60,8%-ро ташкил дод (ҷадвали 3). Ин нишондиҳанда дар ҳарду ҳолат нисбатан баланд ба назар мерасад, чунки ҳиссаи зиёди пулҳои нақдӣ дар сохтори ҳаҷми пул нишон медиҳад, ки иқтисоди ниҳонӣ ва инчунин дараҷаи таваррум баланд шуда истодааст. Ҳамчунин, дар муқоиса бо давлатҳои пешрафта вазни қиёсии пулҳои нақдӣ дар сохтори ҳаҷми пул баланд ба назар мерасад. Асосан дар давлатҳои пешрафта ҳиссаи ҳаҷми пули нақд дар ҳаҷми умумии пул 8-10%-ро ташкил медиҳад [8,с.143]. Дар Британияи Кабир бошад, андозаи хурдтарини он зиёда аз 3%-ро ташкил медиҳад, ки ин рушди давлатро дар низоми пардохтҳои ғайринақдӣ ва таъминнокии корхонаҳоро бо захираҳои молиявӣ нишон медиҳад. Ҳиссаи баланди пулҳои нақдӣ дар сохтори ҳаҷми пул инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ вуҷуд надорад ва қисми муайяни пасандозҳо дар бонкҳо ҷамъоварӣ намешаванд.

**Ҷадвали 3. Динамикаи тағйирёбии сохтори нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012 – 2017 (бо ҳисоби %)**

**Table 3. Dynamics of the structure of a broad money in the Republic of Tajikistan in 2012-2017 (in %)**

| Агрегатҳои пулӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| **Сохтори агрегатҳои пулӣ (бо фоиз нисбати $M_4$)** | | | | | | |
| $M_0$ | 48,1 | 48,8 | 44,6 | 42,5 | 51,3 | 60,8 |
| $M_1$ | 57,7 | 56,4 | 53,7 | 50,1 | 59,0 | 68,1 |
| $M_2$ | 66,8 | 66,3 | 64,1 | 60,6 | 69,2 | 77,6 |
| $M_3$ | 66,8 | 66,3 | 64,1 | 60,6 | 69,2 | 77,6 |
| $M_4$ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Сарчашма: Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2018, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, 2018. –С.17-18

Нишондиҳандае, ки дараҷаи таъминнокии иқтисодиётро бо пул нишон медиҳад, ин коэффитсиенти монетикунонии иқтисодиёт (дараҷаи таъмин будани муомилот бо пул) мебошад, ки муносибати байни нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ба маҷмӯи маҳсулоти дохила мебошад. Аз сатҳи монетикунонӣ имкониятҳои давлат оиди аз худ кардани пулҳо дар бозори молияи ватанӣ, инчунин анҷом додани барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти рушди иқтисодӣ вобаста аст. Аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвали 4 овардашуда дида мешавад, ки афзоиши коэффитсиенти монетикунонӣ (аз соли 2012 то 2017 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 10 маротиба зиёд шудааст) суст ба назар мерасад, ки сатҳи он нисбат ба дигар давлатҳо хело паст аст. Раванди болоравии пешниҳоди пул дар иқтисодиёт афзоиш ёфтани сатҳи монетикунонии иқтисодиётро аз рӯйи $M_4$ инъикос менамояд, ки дар миёнаи солҳои овардашуда аз 19,6% дар соли 2012 то 29,4% дар соли 2017 боло рафт. Аммо бо вуҷуди тамоюли афзоиш сатҳи монетикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳадди ақал пасттар аст (50-52%) ва аз ҳадде, ки коршиносон барои кишварҳои бо иқтисодиёти гузариш барои нигоҳ доштани афзоиши иқтисодии зарурӣ ва тавозун байни сатҳи таваррум ва афзоиши ММД тавсия медиҳанд (70-80%), хело кам аст [9]. То кадом андозае, ки сатҳи монетикунонӣ дар иқтисодиёт паст бошад, ҳамон қадар дараҷаи болоравии таваррум ба миён меояд. Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки дараҷаи таъминнокии иқтисодиёт бо пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст ва сатҳи таваррум дар мамлакат баланд аст.

**Ҷадвали 4. Динамикаи таъминнокии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пул**

**Table 4. Dynamics of monetization of the economy of Tajikistan**

| Солҳо | ММД-и номиналӣ (млрд сомонӣ) | Массаи пул (млрд сомонӣ) $M_4$ | Коэффитсиенти монетикунонӣ аз рӯйи $M_4$ (нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул) |
|---|---|---|---|
| 2012 | 36 161,1 | 7 093,0 | 0,19 |
| 2013 | 40 524,5 | 8 492,0 | 0,21 |
| 2014 | 45 605,2 | 9 092,0 | 0,20 |
| 2015 | 48 401,6 | 10 790,0 | 0,22 |
| 2016 | 54 471,1 | 14 788,0 | 0,27 |
| 2017 | 61 093,6 | 18 018,0 | 0,29 |

Сарчашма: Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2011, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе, 2011. –С.10-18; Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2018, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, 2018. –С.10-17

Дар баробари ин, таҳлили сохтори пулии $M_4$ нишон медиҳад, ки афзоиши коэффитсиенти монетикунонии иқтисодиёт аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи пулҳои нақд берун аз бонкҳо (агрегати пулии $M_0$) дар сохтори умумии ҳаҷми пул ба миён омада истодааст (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Тағйирёбии сохтори ҳаҷми пул дар ҶТ дар солҳои 2012-2017**
**Table 5. Changes in the structure of money supply in the Republic of Tajikistan for 2012-2017**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2012** | **2017** | **Тағйирот соли 2017 нисбати соли 2012** |
|---|---|---|---|
| Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, агрегати пулии $M_4$, млн сомонӣ | 7 093 | 18018 | 2,5 маротиба |
| Ҳаҷми пули миллӣ, млн сомонӣ | 4 511 | 14093 | 3,1 маротиба |
| Пули нақди берун аз бонкҳо, млн сомонӣ | 3 406 | 10950 | 3,2 маротиба |
| Амонатҳо бо пули миллӣ, млн сомонӣ | 1 104 | 3142 | 2,8 маротиба |
| Амонатҳо бо асъори хориҷӣ, млн сомонӣ | 2 582 | 3925 | 1,5 маротиба |
| **Сохтори нишондиҳандаҳо нисбати ҳаҷми умумии пул (бо фоиз нисбати $M_4$)** | | | |
| Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, агрегати пулии $M_4$ | 100 | 100 | - |
| Ҳаҷми пули миллӣ | 63,6 | 78,2 | +14,6 |
| Пули нақди берун аз бонкҳо | 48,1 | 60,8 | +12,7 |
| Амонатҳо бо пули миллӣ | 15,6 | 17,4 | +1,8 |
| Амонатҳо бо асъори хориҷӣ | 36,4 | 21,8 | -14,6 |

Маълумотҳои ҷадвали 5 нишон медиҳанд, ки агар дар соли 2012 ҳиссаи пулҳои нақди берун аз бонкҳо дар сохтори ҳаҷми умумии пул 48,1%-ро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2017 60,8%-ро ташкил дод. Ҳиссаи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ дар сохтори ҳаҷми умумии пул дар соли 2017 нисбати соли 2012 баръакс коҳиш ёфтанд, ки ин ҳолати манфии сиёсати монетарии давлатро аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ва берунӣ инъикос менамояд. Азбаски агрегати пулии $M_4$ амонатҳо бо асъори хориҷиро низ дар бар мегирад, ин нишондиҳанда бештар аз ҳисоби интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар ва намояндагони хориҷӣ дар дохили мамлакат таъмин карда мешавад. Омили пастравии асъори хориҷӣ дар сохтори ҳаҷми умумии пул дар миёнаи солҳои 2012-2017, аз як тараф, коҳиш ёфтани инқоли пули муҳоҷирон аз хориҷи кишвар бошад, аз тарафи дигар, таъсири бухрони молиявӣ мебошад, ки дар соли 2014 аксарияти кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла Тоҷикистонро фаро гирифт. Идома ёфтани низоъҳои геосиёсӣ дар соли 2015 боиси зиёдшавии харфҳои молиявӣ-иқтисодӣ дар ҷаҳон гардида, ба суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, таъсири манфӣ расонид. Ин ҳолати иқтисодӣ низоми бонкиро дар ҶТ бетаъсир намонд ва аксарияти бонкҳои кишвар ба ҳолати ногувори молиявӣ дучор шуда, сатҳи пардохтпазирии худро гум карданд. Бинобар ин, коҳишёбии ҳаҷми амонатҳо бо асъори хориҷӣ (махсусан доллари ИМА) дар сохтори ҳаҷми умумии пул сабаби мазкур шуда метавонад.

Ҳамчунин, ҷиҳати танзими самаранокии бозори дохилии асъор, нигоҳдории устувории қурби пули миллӣ ва пешбурди сиёсати ғайридолларикунонӣ Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 2016 механизми мубодилаи пурраи маблағҳои аз хориҷи кишвар ба номи шахсони воқеӣ бо рубли русӣ интиқолшударо бо сомонӣ ҷорӣ кард, ки ин яке аз сабабҳои афзоиши талабот ба пули нақд гардид [4,с.7].

Мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ дар як пажӯҳиши тозаву фарогире, ки барои вазъи иқтисодии Тоҷикистон гузаронида шуда буд, муайян карданд, ки аз ҳаҷми умумии пули нақди дар муомилот буда, ҳамагӣ 20%-и он дар хазинаи бонкҳову ташкилотҳои молиявӣ маҳфуз буда, боқимонда 80%-и он берун аз системаи молиявии давлат нигоҳ дошта мешаванд [10]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеа бо худ нигоҳ доштани пулро аз пасандоз гузоштан дар бонкҳо бартар медонанд. Коҳишёбии пасандозҳо дар бонкҳо ин эътимод надоштани аҳолӣ ба низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки боиси кам шудани пасандозҳо дар сохтори ҳаҷми пули миллӣ мебошад.

Сохтори ҳаҷми пул дар мамлакати мо дар асоси модели идоракунии пули нақд (модели Баумоля-Тобина) шарҳ дода мешавад, ки мувофиқи он аҳолӣ пулҳои нақдро дар худ бештар нигоҳ медорад, нисбати хароҷотҳои зиёд барои ташрифи бонк алоқамандбуда. Ба ибораи дигар, инро модели дархости пулӣ гуфтан мумкин аст [3,с.141]. Мувофиқи он амонатгузорон андозаи зарурии пули нақдро дар таносуби зарар дар шакли фоизи бонкӣ ва баҳодиҳии сарфаи вақтро аз боздидҳои кам ба бонк муайян мекунанд. Яъне, чӣ қадар маблағе, ки шахс ба нақша гирифтааст дар давоми сол хароҷот кунад, нисбати то чӣ андоза паст будани мизони фоиз дар бонк. Қисми зиёди даромади аҳолӣ дар Тоҷикистон

барои хариди молу хизматрасониҳо равона мешавад ва барои пасандоз кардан кифоя намекунад.

Нишондиҳандаи баръакси коэффитсиенти монетикунонӣ, аниқтараш суръати гардиши пул, дар соли 2017 5,58 гардишро ташкил медиҳад, ки дар суръати гардиши он аз соли 2012 тамоюли пастравӣ ба назар мерасад. Суръати гардиш миқдори гардишҳоеро, ки як воҳиди пул дар бунёди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ хизмат мерасонад, нишон медиҳад (ҷадвали 6). Инчунин, ҳаҷми гардиши пул кулли воситаҳои пардохтӣ, харидорӣ ва пасандозҳоеро дар назар дорад, ки ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва давлат тааллуқ доранд. Тавассути ин гуна маблағҳо, субъектҳои иқтисодӣ байни ҳамдигар амалиётҳои молию пулии худро ба роҳ монда, ҷараёни мубодилаи хизматрасониҳои гуногунро мавриди амал қарор медиҳанд. Бинобар ин, танзими суръати гардиши пул ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани он ҳавасмандии сиёсати монетарии давлатро инъикос менамояд.

Азбаски нишондиҳандаи суръати гардиши пул дар сиёсати пулию қарзӣ муҳим аст, бинобар ин ҳисоби нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ($M_4$) воситаи ҳақиқӣ барои танзими ҳаҷми пул ба ҳисоб меравад. Дараҷаи фарқияти суръати гардиши пул дар маълумотҳои ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 6. Суръати гардиши пул дар ҶТ**
**Table 6. The speed of circulation of money in RT**

| Гардиши пул | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| Суръати гардиши пул $M_0$ | 10,62 | 9,78 | 11,25 | 10,54 | 7,18 | 5.58 |
| Суръати гардиши пул $M_1$ | 8,83 | 8,46 | 9,34 | 8,96 | 6,24 | 4.98 |
| Суръати гардиши пул $M_2$ | 7,62 | 7,20 | 7,83 | 7,41 | 5,32 | 4.37 |
| Суръати гардиши пул $M_3$ | 7,62 | 7,20 | 7,83 | 7,41 | 5,32 | 4.37 |
| Суръати гардиши пул $M_4$ | 5,10 | 4,77 | 5,02 | 4,49 | 3,68 | 3.39 |

Сарчашма: Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июл, 2018, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, 2018. –С.18-19

Аз маълумотҳои овардашудаи ҷадвал бармеояд, ки гардиши пули нақд берун аз бонкҳо нисбати дигар агрегатҳои пулӣ дар давоми солҳои 2012 ва 2017 дар таъмини амалиётҳои хариду фурӯши молу хизматҳо бештар иштирок намудааст. Азбаски пулҳои нақдӣ дар иқтисодиёти кишвар мунтазам иштирок менамоянд, бинобар ин суръати гардишашон нисбати дигар агрегатҳои пулӣ бештар мебошад. Аз соли 2015 суръати гардиши пулҳои нақдӣ тамоюли пастравиро нишон дода истодааст (дар соли 2017 нисбати соли 2016 - 22,3% ва нисбати соли 2015 - 47,1% поён рафт), ки чунин ҳолат нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пулро бетаъсир намонд. Суръати гардиши $M_4$ дар соли 2017 нисбати соли 2016 – 7,9% кам шуд.

Пастшавии суръати гардиши пул аз камшавии гардиши агрегатҳои пулӣ ё бозоргирии (ликвидность) онҳо шаҳодат медиҳад. Сабаби чунин тамоюл таваррум, афзоиш наёфтани истеҳсолот, номукаммал будани пардохтҳои ғайринақдӣ, мизони баланди фоиз дар бозори пул, кам будани майли ниҳоии аҳолӣ ба истеъмолот ва ҳамчунин ҳиссаи баланди пулҳои нақдӣ дар ҳаҷми (массаи) пул буда метавонад.

Азбаски омилҳои гуногун метавонанд ба гардиши пул таъсир расонида, суръати онро тағйир диҳанд, зарур аст, ки таъсири манфии дигар шудани суръати гардиши пулро ба сатҳи умумии нархҳо муайян намоем. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ, дар ҶТ сатҳи таваррум соли 2017 - 6,7%-ро ташкил дод, ки мувофиқан нархи молҳои озуқаворӣ дар мамлакат 7,5%, молҳои ғайриозуқа 4,4% ва хизматрасониҳои пулакии аҳолӣ 7,7% афзоиш ёфтанд [2,с.11]. Ин сабаби асосӣ барои тағйир ёфтани гардиши пул ё дар муомилот истифода шудани пулҳои нақдӣ шуда метавонад. Ҳамчунин, ба дигар шудани суръати гардиши пул пасандозҳои аҳолӣ низ таъсир мерасонанд. Маъмулан, дар мамлакат аҳолӣ қисми зиёди пулҳояшонро барои пӯшонидани хароҷотҳои калони оянда, ба монанди сохтмони хона, хариди мошин, тӯй ва ғайра берун аз низоми бонкӣ захира менамоянд. Албатта, зиёд шудани пасандозҳо нишонаи дорошавии аҳолӣ аст, вале агар аз ҷониби Ҳукумат тартиби таъмини истифодаи дурусти ин пулҳо дар оянда ба ҳисоб гирифта нашавад, дар ҳолати бо ягон сабаб яку якбора ба муомилот баромадани онҳо миқдори пул зиёд шуда, суръати гардиши онҳо суст мешавад.

Дар рафти таҳлил аз вазъи сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- Сатҳи монетикунонии иқтисодиёт нисбатан паст ба назар мерасад, дар ҳоле ки андозаи муқаррарии ин нишондиҳанда дар баъзе мамлакатҳои мутараққӣ то 100% ва зиёда аз онро ташкил медиҳад.

•Ҳиссаи пулҳои накди берун аз бонкҳо дар сохтори ҳаҷми пули миллӣ 74,1% ва нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул дар соли 2016 51,3%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда хело ҳам баланд аст. Азбаски пулҳои нақдӣ одатан дар амалиётҳои ғайриқонунӣ истифода мешаванд ва ин нишон медиҳад, ки иқтисоди ниҳонӣ афзоиш ёфта истодааст. Бинобар ин дар оянда барои паст кардани ҳиссаи пулҳои нақд Бонки миллии Тоҷикистон бояд чораҳои заруриро андешад.

•Чун қоида дигар шудани суръати гардиши пул ба ҳаҷми пул ва қобилияти харидории мардум таъсир мерасонад, бинобар ин зарурияти таъсири манфии дигар шудани суръати гардиши пул бояд муайян карда шавад.

•Аз ҳаҷми умумии пули накди дар муомилот буда ҳамагӣ 20%-и он дар хазинаи бонкҳову ташкилотҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ин аз эътимод надоштани аҳолӣ ба низоми бонкӣ дар ҶТ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин Бонки миллӣ бояд фавран барои аз байн бурдани чунин нобоварӣ чораҳои амалиро ба кор барад.

**АДАБИЁТ**


1. Бюллетени омори бонкӣ. Июли соли 2011, №7(192) (нашрияи расмӣ). –Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, 2011. – 130 с.
2. Бюллетени омории Бонки миллӣ. Июли соли 2018 №7, (276) (нашрияи расмӣ). - Душанбе, Бонки миллии Тоҷикистон, 2018. – 132 с.
3. Вечканов Г.С. Макроэкономика. Учебник / Г.Р. Вечканова. -2-е издание. -Санкт-Петербург: Изд-во «Питер», 2006. – 544 с.
4. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017. Санаи қабул: 1.12.2016 // Қарори маҷлиси намояндагони маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. -№639. -қ. 2.
5. Назарияи иқтисод. (қисми 2). Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Қодиров, О.Н. Раҳмонов, И.С. Хоркашов [и др.]. - Душанбе, 2008. – 181 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 28.06.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №722, мод.14.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 19.05.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №524, мод.39.
8. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. -Душанбе: ЭР-граф, 2009. -450 с.
9. Уровень монетизации экономики Армении в 2012 году составил 33,8% [Манбаи электронӣ]. http://arka.am/ru/news/analytics/uroven_monetizatsii_ekonomiki_armenii_v_2012_godu_sostavil (санаи истифодабарӣ 29.04.2013 с.)
10. Абдулло А. Таносуби 20 ба 80: пули нақд дар дасти мардум мемонад [Манбаи электронӣ]. https://www.ozodi.org/a/eighty-percent-cash-money-tajikistan-in-hands-/29430748.html (санаи истифодабарӣ 14.08.2018 с.)


## СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ – МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун механизми танзими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Вазифаи муҳимтарини сиёсати пулию қарзӣ фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодии кишвар мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон дорои имконият ва воситаҳо барои таҳияи сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ барои танзими бозори пул ва барои зиёд ё кам кардани ҳаҷми пул дар муомилот истифода бурда мешаванд. Дар мақола самтҳои тағйирёбии сохтор ва ҳаҷми пул дар Тоҷикистон муайян карда шуда, оқибатҳои тағйирёбии вазъи гардиши пул дар кишвар таҳлил карда шудаанд. Тамоюли афзоиши ҳиссаи пулҳои нақдӣ берун аз бонкҳо дар сохтори нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ва сатҳи монетикунонии иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ нишон дода шудааст. Аз ҳаҷми умумии пули нақди дар муомилот буда, ҳиссаи ками он дар хазинаи бонкҳову ташкилотҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин, динамикаи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди агрегатҳои пулӣ, ҳаҷми пули миллӣ, динамикаи тағйирёбии сохтори нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, динамикаи таъминнокии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пул, тағйирёбии сохтори ҳаҷми пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суръати гардиши пул нишон дода шудаанд. Аз таҳлили нишондиҳандаҳои номбаршуда бармеояд, ки сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати дигар давлатҳои тараққикарда нисбатан суст афзоиш ёфтааст.



**Калидвожаҳо:** сиёсати пулию қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, агрегатҳои пулӣ, ҳаҷми (масса) пул, ҳаҷми пули миллӣ, нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, суръати гардиши пул, сатҳи монетикунонӣ, пасандозҳо.


## ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНАЯ ПОЛИТИКА – МЕХАНИЗМ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА


В данной статье рассмотрены основные характерные черты денежно-кредитной политики как механизма регулирования экономики в Республике Таджикистан. Важнейшей задачей денежно-кредитной политики является создание условий для экономического роста страны. Национальный банк Таджикистана имеет возможность и средства для разработки денежно-кредитной политики. Инструменты денежно-кредитной политики используются для регулирования денежного рынка и увеличения или уменьшения денежной массы в обращении. Раскрываются тенденции изменения структуры и объёма денежной массы в Таджикистане, анализируются последствия происходящих изменений для состояния денежного обращения в стране. Выявлена тенденция увеличения доли наличных денег вне банков в структуре широкого показателя денежной массы и уровня монетизации экономики за рассмотренный период. Из общего объема наличных денег в обращении его небольшая доля хранится в банках и финансовых учреждениях. Также наблюдается динамика таких показателей, как денежные агрегаты, денежная

масса, динамика изменения структуры широкого показателя денежной массы, изменение структуры денежной массы в Республике Таджикистан и скорость обращения денег. В целом, результаты проведенных расчётов позволяют сделать вывод о том, что денежно-кредитная политика в Таджикистане менее развита, чем в странах с развитой экономикой.
**Ключевые слова:** денежно-кредитная политика, Национальный банк Таджикистана, денежные агрегаты, денежная масса, денежная масса в национальной валюте, широкий показатель денежной массы, скорость обращения денег, коэффициент монетизации, сбережения.

**MONETARY POLICY IS A MECHANISM OF STATE REGULATION OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN**

This article discusses the main characteristics of monetary policy, as a mechanism for regulating the economy in the Republic of Tajikistan. The most important task of monetary policy is to create conditions for the economic growth of the country. The National Bank of Tajikistan has the ability and the means to develop monetary policy. Monetary policy instruments are used to regulate the money market and increase or decrease the money supply in circulation. The trends of changes in the structure and volume of the money supply in Tajikistan are revealed, the consequences of the changes for the state of monetary circulation in the country are analyzed. The tendency of increasing the share of cash outside banks in the structure of a broad indicator of the money supply and the level of monetization of the economy for the period under consideration is revealed. Of the total cash in circulation, a small proportion of it is kept in banks and financial institutions. The dynamics of such indicators as monetary aggregates, money supply, dynamics of changes in the structure of a broad indicator of money supply, changes in the structure of money supply in the Republic of Tajikistan and the speed of circulation of money are also observed. In general, the results of the calculations allow us to conclude that the monetary policy in Tajikistan is less developed than in countries with a developed economy.
**Key words:** monetary policy, National Bank of Tajikistan, monetary aggregates, money supply, money supply in national currency, broad money supply, money circulation velocity, monetization coefficient, savings.

**Сведения об авторе:** ***Гозиев Мухиддин Нуридинович*** – Технологический университет Таджикистана, ассистент кафедры экономической теории и экономики развития. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева 63/3. E-mail: **gaziev-91@mail.ru**. Телефон: **933-29-97-47**

**Information about the author:** ***Mukhiddin Nuridinovich Goziev*** - Technological University of Tajikistan, Assistant of the Department of Economic Theory and Development Economics. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev Street 63/3. E-mail: **gaziev-91@mail.ru**. Phone: **933-29-97-47**

**УДК 338.431 (575.3)**

## ХУСУСИЯТҲОИ ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗӢ

***Абдуллоева Х.Х.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Имрӯзҳо рушди деҳот аз нуқтаи назари «низоми устувории воситаҳо барои ҳастӣ» sustainable livelihood framework Chamber and Conway(1992) таҳлил карда мешавад ва истилоҳи «воситаҳо барои ҳастӣ»-ро чунин муайян кардаанд: қобилият, дороиҳои моддӣ ва захираҳои иҷтимоӣ ва намудҳои фаъолияти барои ҳаёт талабкардашаванда. Ҳастӣ устувор мебошад, ба шарте ки агар он имконияти мубориза бурданро бо ҳолатҳои стресс ва садамотӣ дошта, қобилият ва дороиҳои худро ҳам имрӯз ва ҳам фардо барқарор, муҳофизат ва беҳтар карда тавонад. Дар мақолаи мазкур шуғли ғайрикишоварзӣ ва диверсификатсияи манбъаҳои даромади хоҷагиҳои хонагии деҳот ҳамчун стратегияи беҳтаркунандаи вазъияти хоҷагиҳои хонагӣ ва камкунандаи сустии онҳо баррасӣ мегардад. Консепсияи ҳастии устувор имконият медиҳад, ки омилҳои ҳам дохилӣ ва ҳам берунии муайянкунандаи зиндамонии иҷтимоӣ-иктисодии хоҷагиҳои хонагӣ ҷудо карда шаванд. Вобаста аз он ки оё одамон маҷбур ҳастанд тадриҷан ба тағйирот ва ҳолатҳои садамавии (буҳронии) ҳалли саривақтиро тақозокунанда эътино намоянд, стратегияи хоҷагиҳои хонагӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ин ҷо стратегияҳои зерини хоҷагиҳои хонагӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд:

Стратегияи мутобиқшавӣ имконият медиҳад, ки хатарҳоро тавассути ислоҳ кардани тарзи ҳаёти худ (масалан, суғурта кардан) ё бо роҳи дигаргун ва диверсификатсия кардани намудҳои дигари фаъолияти барои гирифтани даромади иловагӣ мусоидаткунанда тақсим намуд. Ҳамин тавр, истеҳсолоти аграрӣ диверсификатсия карда мешавад ё шуғли ғайрикишоварзӣ (худшуғлӣ, кироя) оғоз мегардад. Чунин намуди стратегия хоҷагиҳои хонагиро ба тағйироти дарозмуддат мутобиқ мегардонад.

Стратегияи сариштакорӣ (фурӯши чорво ё кам кардани хароҷоти истеъмолӣ) барои ба ҳадди ақал расонидани таъсири садамаҳо ба аъзоёни хоҷагиҳои хонагӣ мусоидат карда, аксуламали кӯтоҳмуддат ба садамаҳои тасодуфӣ ё такроршаванда мебошад. Ин намуди стратегия ҳарчанд дар давраи кӯтоҳмуддат хоҷагиҳои хонагиро каме муҳофизат намояд ҳам, имконияти дарояндаи дур аз қашшоқӣ халос шуданро маҳдуд мегардонад.

Инчунин, ду намуди дигари стратегия – стратегияи зинда мондан ва ҷамъ кардан вуҷуд доранд. Агар стратегияи дуюм кӯшиши хоҷагиҳои хонагиро барои зиёд намудани даромад ва тавсеаи дороиҳо дошта бошад, стратегияи якум барои бартараф кардани қашшоқӣ равона шуда, бо зиндамонии шахсӣ алоқаманд мебошад.

Омилҳое, ки барои ҷалби одамон ба шуғли ғайрикишоварзӣ таъсир мерасонанд аз дастрасӣ ба панҷ шакли дороиҳо – табиӣ, воқеӣ, инсонӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ (ҷадвали 1) вобаста мебошанд. Ин дороиҳо барои дастрасӣ ба сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии умуман ҷомеа, ҷалбшавӣ ба ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таъсир расонида, онҳоро муайян мекунанд.

**Ҷадвали 1. Омилҳои ба шуғлнокии аъзоёни хоҷагиҳои хонагӣ таъсиркунанда**
**Table 1. Factors affecting the employment of household members**

| Нозукиҳо | Дороиҳои хоҷагиҳои хонагӣ | Сохтор | Натиҷаҳои эҳсоси бехатарӣ |
|---|---|---|---|
| Садамаҳо, стрессҳо | - неруи инсонӣ;<br>- захираҳои табиӣ;<br>- неруи воқеӣ;<br>- неруи иҷтимоӣ;<br>- неруи молиявӣ. | Бахшҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ. Ниҳодҳо: қонунҳо, фарҳанг, бозор | - даромад;<br>- амнияти озуқаворӣ;<br>- саломатӣ;<br>- захираҳои табиӣ;<br>- иштирок дар корҳои деҳот;<br>- таҳсилот. |

Манбаъ:Buchenrieder G., Poverty impacts of Non-Farm Rural Emploment. Proceeding of the mini symposium on «Poverty impacts and polisy option of non-farm rural employment» IA AE, Durban, South Africa, August 16-22, 2003, p. 5. Adapted from Carney 1998, Drinkwater and Rusinov 1999, Carney et al 1999, Korf 2002

Неруи инсонӣ малакаҳо, донишҳо, саломатӣ ва қобилияти кори зарурӣ барои истифодаи стратегияҳои гуногун мебошад. Захираҳои табиӣ захираҳое мебошанд, ки мавҷудияти хоҷагиҳои хонагӣ - замин, ҷангал, об, табиати ваҳшӣ, гуногунрангии биологӣ ва дигар захираҳои муҳити атрофро нигоҳ медоранд. Неруи воқеӣ инфрасохтори асосӣ - нақлиёт, сарпаноҳ, коммуникатсия, сӯзишворӣ ва дороиҳои истеҳсолкунандае мебошанд, ки ба хоҷагиҳои хонагӣ имконият медиҳанд, то худро нигоҳ доранд. Неруи иҷтимоӣ - захираҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ, аъзогӣ ба гурӯҳҳои мухталиф, муносибатҳои боэътимод, дастрасӣ ба ниҳодҳои гуногуни ҷомеа чун ассотсиатсияҳои сиёсӣ мебошад, ки зери таъсири онҳо одамон аз рӯйи стратегияи худ табодул мешаванд. Неруи молиявӣ - захираҳои молиявии (пасандоз чун воситаи эҳтиётӣ барои фардо, дастрасӣ ба қарзгирӣ, дастрасӣ ба суғурта, дарёфти пардохтпулиҳо, нафақа) барои хоҷагиҳои хонагӣ дастрасбудае мебошанд, ки ба хоҷагиҳои хонагӣ барои интихоби рафтор бо назардошти захираҳои доштаашон мусоидат мекунанд.

Диверсификатсияи шуғлнокии бахши ғайрикишоварзиро метавон тавассути таҳлил кардани стратегияи рафтори хоҷагиҳои хонагӣ баррасӣ намуд. Масалан, баъзан оилаҳои дар кишоварзӣ машғулбуда пурра аз шуғлнокии кишоварзӣ ба шуғлнокии ғайрикишоварзӣ гузашта, стратегияи диверсификатсияи шуғлнокиро интихоб менамоянд. Ин стратегия ба хоҷагиҳои хонагии устувор, ба маънои дороидошта хос мебошад. Онҳо бо ҳамин муваффақиятҳо метавонистанд фаъолиятро дар истеҳсолоти кишоварзӣ давом дода, тахассуси худро баланд бардоранд, аммо шуғли нисбатан фоиданокро дар бахши дигар беҳтар донистанд. Дар ҳолати дигар, ҷалбшавӣ ба шуғли ғайрикишоварзӣ метавонад стратегияи сариштакорӣ бошад ва ҳамчун аксуламал ба садамаҳои берунии боиси мушкилоти гирифтани даромад аз соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шавад.

Диверсификатсияро дар бахши ғайрикишоварзӣ метавон чун стратегияи мутобиқшавӣ барои қобилияти беҳтар идора кардани садамаҳои дар оянда аз кишоварзӣ пайдошаванда баррасӣ намуд. Аммо ҳамчун стратегияи ҷамъкунанда мақсади асосии он зиёд намудани даромад ва ҳангоми имкон доштан афзудани дороиҳо мебошад.

*Модели асосии намудҳои шуглнокии гайрикишоварзии аҳолии деҳот.* Ду гурӯҳи омилҳои ба шуғлнокии ғайрикишоварзӣ таъсиркунандаро ҷудо мекунанд. Инҳо омилҳои талабот ва омилҳои эҳтиёҷот мебошанд [1]. Омилҳои талабот ҳолатеро тавсиф мекунанд, ки агар барои дар кишоварзӣ машғулбудагон имконияти фоиданоки дар бахши ғайрикишоварзӣ машғул шудан пайдо гардад. Омилҳои эҳтиёҷот ҳолатеро тавсиф мекунанд, ки агар даромади ночиз дар кишоварзӣ ҷустуҷӯ кардани манбаи иловагии кампардохтшавандаро дар бахши ғайрикишоварзӣ маҷбур созад. Ба ибораи дигар, аҳолии деҳот таҳти фишори ду намуди омилҳо ба намуди ғайриаграрии фаъолият мегузаранд – ё талабот ба натиҷаҳои ин фаъолият боиси зиёдшавии даромад аз миқдори даромади кишоварзӣ мегардад, ё аҳолӣ имконияти манбаи иловагии даромадро дар шароити эҳтиёҷот ҷустуҷӯ мекунад. Дар ҷадвали 2 ин ду гурӯҳи омилҳо барои оила ба дохилӣ ва берунӣ тақсим карда шудаанд. Ҳамин тавр, ҳангоми шароити гуногуни баробар сатҳи

баланди таҳсилоти аъзои оила боиси берунравӣ аз кишоварзӣ мегардад, чун ба ин қувваи корӣ дар бахши ғайриаграрӣ талабот нисбатан бештар мебошад. Ҳамчунин, пешниҳоди музди меҳнати нисбатан баланд дар бахши ғайриаграрӣ боиси ба шуғли ғайрикишоварзӣ гаравидани корманд мегардад. Ҳамаи инҳо омилҳои талабот мебошанд. Вале, агар оила эҳтиёҷманд гардад (бо сабабҳои дохилӣ- беморнии корманди асосӣ, таваллуди кӯдак ва ғайраҳо, сабабҳои берунӣ- буҳрони иқтисодӣ, фалокати табиӣ ва ғайраҳо) ва меҳнати анъанавии кишоварзии ӯ даромади кофӣ надошта бошад, он гоҳ аъзоёни ин гуна оилаҳо ба ҷустуҷӯйи манбаи иловагии даромад дар истеҳсолоти ғайриаграрӣ оғоз мекунанд.

**Ҷадвали 2. Омилҳои дохилӣ ва берунии талабот ва эҳтиёҷот, ки боиси паҳншавии шуғли ғайрикишоварзӣ мегарданд**

**Table 2. Internal and external factors of demand and needs that lead to an unprofessional employment trend**

| | Омилҳои дохилӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ | Омилҳои берунӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ |
|---|---|---|
| Омилҳои талабот | Сатҳи таҳсилот. Мавҷудияти сармояи ибтидоӣ.<br>Оила бо теъдоди зиёди аъзоёни қобили меҳнат.<br>Мавҷудияти низоми рушдкардаи таъминоти иҷтимоӣ.<br>Иқтидори соҳибкорӣ, кӯшиш ба зиндагии шаҳрӣ.<br>Афзалияти фаъолияти ғайрикишоварзӣ барои аъзоёни оила. | Музди меҳнати (даромади) нисбатан баланд дар бахши ғайрикишоварзӣ.<br>Вазъияти мусоид барои рушди бизнеси деҳот бо дар бар гирифтани инфрасохтори марбута.<br>Дастрасии иттилоот.<br>Бозори замин ва қарзи самарабахш.<br>Мавҷудияти дастгирии давлатии лоиҳаҳои ғайриаграрӣ ва барномаҳои рушди деҳот. |
| Омилҳои эҳтиёҷот | Вазъи оилавӣ (хӯрандаҳо ва ғайраҳо). Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ.<br>Андозаи хурди фермаҳо, ки даромади мунтазам барои зиндагии оиларо дода наметавонанд.<br>Набудани сармояи ибтидоӣ барои доштани фермаи хусусӣ. | Садамаҳои берунӣ ва дохилӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ (масалан, офатҳои табиӣ ё беморни аъзоёни оила). Ивазшавии нархи бозори аграрӣ. Ғайрисамаранокии бозори замин ва қарз, ки барои инкишофи некуаҳволӣ маҳдудият эҷод мекунанд. |

Манбаъ: Аз рӯйи Bucheenrieder et al, 2001 тартиб дода шудааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар байни шуғли ғайрикишоварзии деҳот ва сатҳи нисбатан баланди даромади хоҷагиҳои хонагии деҳот алоқаи мусбат мавҷуд аст. Бар замми ин, хулосаи баёншуда аз он вобаста нест, ки шуғлнокии ғайриаграрӣ аз таъсири омилҳои талабот ё омилҳои эҳтиёҷот рушд карда бошад. Талабот ба меҳнат дар деҳот бо каҷхаттаи D ва пешниҳодот бо каҷхаттаи S муайян карда мешаванд. Аз рӯйи меҳвари абситса ҳаҷми ҷамъулҷамъи пешниҳодоти меҳнат дар деҳот S нишон дода шудааст, ки дар байни шуғли аграрӣ ва ғайриаграрӣ тақсим мешавад. Нархи баробарвазн (музди меҳнат, даромад) барои шуғли аграрӣ дар нуқтаи буриши онҳо – Wa, сатҳи шуғлнокӣ дар бахши аграрӣ- La муқаррар карда мешавад. Музди меҳнат (даромад) дар бахши ғайриаграрӣ метавонад аз музди меҳнати (даромади) баробарвазни бахши аграрӣ баланд ва паст бошад. Зери таъсири омилҳои талабот ин нарх дар сатҳи муайян хоҳад буд, он вақт дар бахши ғайриаграрӣ Ldna хоҳад буд.

Ҳол он ки дар деҳот кормандоне ҳастанд, ки наметавонанд дар ин бозор рақобат кунанд ва омодаанд, ки ба шуғли ғайриаграрӣ бо музди меҳнати (даромади) пасттар аз баробарвазни бахши аграрӣ розӣ шаванд, яъне дар деҳот пешниҳоди меҳнат вуҷуд дорад. Дар натиҷа кормандон ба меҳнати ғайриаграрӣ, аллакай зери таъсири омилҳои эҳтиёҷот машғул мешаванд. Ҳамин тавр, пешниҳоди меҳнати деҳот шакли каҷхатти шикастаро хоҳад дошт (дар расм бо хати сиёҳ нишон дода шудааст). Ҳамин тавр, шуғли ғайрикишоварзии алтернативи ба бахши аграрӣ дар деҳот ин ҷамъи Lda ва Lda мебошад.

Ба назар гирифтани арзиши гузариш аз бахши аграрӣ ба бахши ғайриаграрӣ зарур аст. Инҳо метавонанд хароҷоти кашонидан ба ҷойи кори нав, гирифтани ихтисоси нав ва як навъ инвеститсияҳои қадимӣ бошанд. Барои муҳоҷират ба шаҳр роҳкиро пардохт кардан лозим аст ва кушодани нуқтаи савдо дар деҳаи худ, дарёфти бино ва таҷҳизот хароҷот доранд, барои бақайдгирӣ ва муомилоти ибтидоӣ низ маблағ зарур мебошад. Дар модели овардашуда дар арзиши гузариш аз соҳаи кишоварзӣ ба истеҳсолоти ғайрикишоварзӣ баробари 0 (сифр) эътироф шудааст. Агар арзиши гузариш аз фарқияти байни музди меҳнати (даромади) бахши аграрӣ ва ғайриаграрӣ зиёд бошад, он гоҳ гузариш амалӣ намешавад. Шуғли ғайриаграрӣ аз баробарвазнии модели пешниҳодшуда паст хоҳад буд.

Модели баррасишуда барои фаҳмидани омилҳои талабот ё қашшоқӣ имконият медиҳад, аммо имконияти таҳлили мақсадҳои ба ҳадди аксар расонидани даромад ва фоиданокӣ алоқаманд набударо аз даст медиҳад. Ҳамин тавр, имконияти пайдо кардани кор дар ҷое, ки қувваи кам ва дарёфти эҳтиром дар гурӯҳро талаб мекунад, ҳангоми ҷалбшавӣ ба худшуғлӣ ба омилҳои рафтории дигари ба ҳаракати меҳнат ба ин ё он самт таъсиркунанда мансуб мебошад. Ҳамин тавр, на танҳо шароити ба ҳадди аксар расонидани даромад ва истифодаи муносиби меҳнати аъзоёни хоҷагиҳои деҳқониро ба назар гирифтан муҳим мебошад, балки бартарӣ, муаррифӣ ва интизории аҳолии деҳот бо меъёрҳо ва одатҳои рафтории аҳолӣ низ лозим аст. Ҳамзамон, қисме аз рафтори хоҷагиҳои хонагии фоиданокиро зиёдкунанда маҳсуб мешавад ва пурра тибқи принсипҳои асосии назарияи иқтисод мебошад.

Барои шарҳи одатҳои рафторӣ модел дар соҳаи назарияи рафтор истифода карда мешавад. Фаъолияти инсон аз рӯйи се намуди «фаҳмиш» ё «ақида» - мақсад, боварӣ ва эътиқод муайян карда мешавад. Боварии рафторӣ, боварии меъёрӣ ба боварии идорашаванда оварда мерасонанд.

Боварии рафторӣ ба пайдоиши одати рафтории нисбатан эҳтимолӣ ва баҳогузории ин одатҳо мансуб аст. Муносибат омили пурра фардие мебошад, ки дараҷаи баҳогузории рафтори дахлдорро (мусбат ё манфӣ) аз тарафи шахс мефаҳмонад. Масалан, интизории рушди бехатарӣ ва даромади нисбатан баланди оила аз намуди дигари шуғл ҳангоми баррасии вариантҳои шуғлнокӣ ва диверсификатсия дар бахши ғайрикишоварзӣ метавонад мусбат қабул карда шавад. Якҷоя бо дигар боварҳо оид ба диверсификатсияи ғайрикишоварзӣ он метавонад барои мустаҳкам кардани муносибати мусбат нисбат ба диверсификатсияи ғайрикишоварзӣ хизмат намояд.

Боварии меъёрӣ интизории меъёрии дигарон ва мақсаднокиро тибқи ин бовариҳо тавзеҳ медиҳад (масалан, интизории волидон, ки фарзандон тиҷорати онҳоро давом медиҳанд). Меъёри субъективӣ омили иҷтимоӣ мебошад ва ба фишори иҷтимоии касе мансуб аст, ки дар рӯ ба рӯйи иҷрои ин ё он рафтор қарор дорад (масалан, давом додани тиҷорати оилавӣ…). Омӯзиши ин қисмат барои фаҳмидани нақши муҳити атроф ба рафтори фард мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, меъёри субъективӣ ба ҳисси фардии афкори волидон, ҳамсояҳо ё дӯстон мансуб буда, чигунагии таъсири ин ҳиссиётро ба қабули ин ё он модели рафтор мефаҳмонад. Боварии идорашаванда аз рӯйи омилҳои қобилияти содакунӣ ё мушкилкунии иҷрои рафтори фикркардашударо (модели рафтор) дошта, ба воситаи қувваи ин омилҳо муайян карда мешавад. Назорати рафтории даркшуда ба ҳамон ҳолате мансуб мебошад, ки агар шахс қобилияти худро оид ба иҷрои модели муайяни рафтор фаҳмад. Назорати ҳақиқии рафторӣ ба ҳолате мансуб мебошад, ки шахс малака ва захираҳоро доро буда, барои иҷрои рафтори интихобкардааш метавонад шартҳои зарурии дигарро анҷом диҳад. Ҳамин тавр, қарор оид ба диверсификатсия метавонад зери таъсири боваринокӣ (ё баҳогузории муосири ҳақиқат) дар мавриди мавҷудият ё набудани воситаи молии зарурӣ ё малакаҳо барои тавсеаи фаъолияти худ бошад.

Иҷрои муваффақонаи рафтор на танҳо аз мақсадҳову ниятҳои мусоид, балки аз сатҳи кофии назорат низ вобаста хоҳад буд. Мувофиқшавии муносибатҳо оид ба рафтор, меъёрҳои субъективӣ ва дарки назорати рафторӣ боиси ташаккули мақсадҳои рафторӣ мегарданд. Ҳар қадаре ки муносибатҳо ва меъёри субъективӣ мусоид буда, назорати даркшуда баланд бошад, ҳамон қадар қарори фардии иҷрои рафтор (дар ҳолати мо диверсификатсияи ғайрикишоварзӣ) пурқувват хоҳад шуд. Илова бар гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки ҳангоми сатҳи кофии назорати ҳақиқӣ аз болои рафтор интизор меравад, ки агар имконият пайдо шавад, шахс мақсад ва ниятҳои гузоштташударо амалӣ месозад.

Рафтори мавриди таваҷҷуҳи мо дар шароити мақсад, фаъолият, қарина ва замон муайян карда мешавад. Рафтори ба диверсификатсия равонашуда, вақте ки хоҷагиҳои хонагӣ ба омилҳои стресс ё ҷозибаи талабот пайравӣ мекунанд, аз рӯйи мақсадҳои худ, асосан, тибқи ниятҳо оид ба зиёд кардани даромад ё гирифтани афзалиятҳои шахсии иловагӣ муайян карда мешавад. Фаъолият дарёфти музди меҳнати иловагӣ ё худшуғлӣ буда, замон ва қаринаи ин ё он вақт, ҳудуд ё маҳалли аҳолинишинро инъикос мекунад.

Бояд хотиррасон кард, ки шуғли алтернативӣ дар деҳот яке аз масъалаҳои нисбатан омӯхташавандаи иқтисодиёти аграрӣ маҳсуб меёбад. Солҳои 2000-2002 таҳқиқоти калони рушди бахши ғайрикишоварзии иқтисодиёти деҳоти кишварҳои Арманистон, Молдова ва Гурҷистон гузаронида шуд [2]. Дар рафти таҳқиқот барои омӯхтани хоҷагиҳои хонагӣ ва муассисаҳои бизнеси хурд дар деҳот пурсиш гузаронида шуд. Меъёри интихоби минтақа дараҷаи қашшоқии минтақа ва масофаи дурӣ маҳалли аҳолинишин буд. Чаҳор намуди хоҷагиҳои хонагӣ, яъне ҳамаи аъзоён дар кишоварзӣ кор мекунанд; шуғлнокии ҷузъии аъзоёни хоҷагии хонагӣ дар кишоварзӣ ва бахши ғайрикишоварзӣ; шуғлнокии ҷузъӣ дар

кишоварзӣ ва худшуғлии ҷузъӣ; шуғлнокии пурраи баъзеи аъзоёни хоҷагии хонагӣ дар бахши ғайрикишоварзӣ интихоб шуданд. Таҳқиқоти умумӣ аз якчанд давра иборат буд ва ташкил кардани гурӯҳ ва мусоҳибаи хоҷагиҳои хонагиро дар бар мегирифт ва 8 минтақа, аз ҷумла се минтақа дар Гурҷистон ва се минтақа дар Арманистон ҷудо карда шуданд. Меъёрҳои асосии интихоб инҳо буданд:

1) Дурдастии монанд ҳангоми мавҷудияти маълумоти миқдорӣ (пурсиши аҳолӣ ва муассисаҳо дар давраи аввали таҳқиқот, пурсиши хоҷагиҳои хонагӣ дар қисми асосии таҳқиқот).

2) Наздикии нисбӣ – дурӣ аз шаҳр.

3) Дастрасии нисбӣ ва набудани дастрасӣ ба замин ва дигар захираҳои табиӣ.

4) Хусусияти этникӣ ва динӣ.

5) Мавҷудият ва набудани гурезаҳо аз минтақаҳои дигар (Арманистон).

Таҳқиқот инҳоро нишон дод:

1) Намудҳои фаъолияти ғайрикишоварзӣ барои аҳолии деҳоти ин мамлакатҳо манбаи муҳимми даромад мебошанд.

2) Фаъолияти ғайрикишоварзӣ ҳам кироя ба кори нав ва ҳам худшуғлиро (бизнеси шахсӣ) дар бар мегирад.

3) Шуғлнокӣ дар бахши ғайрикишоварзӣ бештар барои хоҷагиҳои хонагии камбағал хос мебошад (омили эҳтиёҷот).

4) Пас аз пош хӯрдани муассисаҳои кишоварзӣ идора кардани кишоварзиро метавон бештар чун стратегияи ҳастӣ бо механизатсияи камтарин, надоштани қобилияти истифодаи захираҳои харидшаванда ва сатҳи пасти маркетинги маҳсулот баррасӣ намуд.

Муаллифони таҳқиқот омилҳои зерини ба шуғлнокии ғайрикишоварзӣ таъсиркунандаро муайян карданд: алоқаҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ ва оилавӣ; дастрасии захираҳо (замин, биноҳо, техника); ҳолати инфрасохтори деҳот (ҳам воқеӣ ва ҳам институтсионалӣ); дастрасӣ ба бозорҳо, қарзгирӣ, барномаҳои таълимӣ ва азнавомӯзӣ ва низоми иттилооти бозор. Таҳқиқи бизнеси хурд дар деҳоти ин мамлакатҳо нишон дод, ки маҳдудияти асосии рушди бизнес сармоя (дастрасӣ ба қарзгирӣ), сифати кадрҳои идоракунанда, расмиёти мураккаби ҳуқуқӣ, инфрасохтори вайрон ва бозори ноустувор мебошанд. Таҳқиқи ногаҳонӣ дар Арманистон нишон дод, ки хоҷагиҳои хонагии камбағал қарзро истифода кардаанд ва маҳз дар аксар ҳолат дар онҳо сардор занҳо буданд (81% даромади хоҷагиҳои хонагии камбағалро даромад аз кишоварзӣ ва 18%-ро трансфертҳои иҷтимоӣ ташкил карданд). Вале, ҳангоми ҳаракат аз квентили паст ба квентили хоҷагиҳои хонагии бойтарин ҳиссаи даромади ғайрикишоварзӣ зиёд мегардад.

Муаллифони таҳқиқот самтҳои зерини рушди бахши ғайрикишоварзиро муайян кардаанд: савдо, дигар хизматрасониҳои маҳаллӣ ва хизматрасониҳои ҷамъиятӣ (кормандони соҳаи тандурустӣ ва омӯзгорон).

Ҳангоми таҳқиқи хоҷагиҳои хонагӣ дар Гурҷистон муайян гардид, ки қисми асосии даромади оилаҳои осудаҳол музди меҳнат мебошад, хоҷагиҳои хонагии камбағал замини кам доранд ва имконияти онҳо барои машғул шудан дар бахши ғайрикишоварзӣ маҳдуд аст, ҳиссаи даромад аз фаъолияти ғайрикишоварзӣ баробари афзоиш ёфтани маҷмӯи даромадҳо зиёд мегардад. Шаклҳои асосии фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар Гурҷистон савдо, бахши ҷамъиятӣ ва шуғл дар саноати коркард мебошанд. Посухдиҳандаҳо (Респондентҳо) шароити зерини рушди шуғли ғайрикишоварзиро баён доштанд: маҳдудияти қарзгирӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ надоштан, дастрасӣ надоштан ба хизматрасониҳо барои бизнеси хурд ва ба ниҳодҳои дастгирикунандаи бизнеси хурд.

Муаллифон манбаъҳои зерини даромади ғайрикишоварзиро дар деҳоти мамлакатҳои мавриди таҳқиқ қарордошта қайд карданд:

- трасфертҳои иҷтимоӣ;
- кор дар бахши давлатӣ (соҳаи маориф, идоракунии давлатӣ);
- шуғли кироя дар бахши хусусӣ;
- воридот аз муҳоҷирони дар хориҷ қарордошта;
- намудҳои шуғлнокии бо кишоварзӣ алоқаманд – коркарди маҳсулот, ҳунарҳо (таҳияи маҳсулот аз пашм), фурӯши маҳсулот, шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ (мағоза, корхонаҳои хурд) ва ғайраҳо.

Қариб 10%-и хоҷагиҳои хонагии дар таҳқиқот иштирокдошта манбаи даромади диверсификатсияшуда доштанд. Диверсификатсия назар ба Полша ва Венгрия дар Чехословакия бештар паҳн шудааст. Натиҷаҳои пастравии мантиқӣ ба диверсификатсияи шуғлнокӣ (ҳам худшуғлӣ ва ҳам кироя) далолат мекунанд, ки диверсификатсия аксаран аз сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба нақлиёти ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Муаллифон қайд мекунанд, ки ҳавасмандгардонии фермерҳо ба диверсификатсияи фаъолияти худ масъалаи

зарурати ташкили ҷойҳои нави кориро ҳал намекунад. Муаллифон қобилияти ночизи фермерҳоро барои муҳаррики рушди иқтисодиёти деҳот будан қайд кардаанд. Аз ин ҷо зарурати ҳавасмандгардонии барномаҳои рушди деҳот оид ба тавсеаи истифодаи чунин дороиҳо, ба мисли замин ва иншоот барои истифода дар бахши ғайрикишоварзӣ аз тарафи агентҳои манфиатдори иқтисодӣ пайдо мегардад.

Барои фаҳмидани рушди бахши ғайрикишоварзии иқтисодиёти деҳот натиҷаҳои таҳқиқоти (СОК) Созмони озуқа ва кишоварзии СММ, ки дар Украина гузарониданд, муҳим мебошанд, чунки сохтори аграрии Украина бо сохтори аграрии Тоҷикистон хеле монанд аст. Дар он ҷо 8 вилоят, 31 ноҳия, қариб 200 муассисаи кишоварзӣ, 300 фермер, бештар аз 800 роҳбарони хоҷагиҳои хонагӣ таҳқиқ шуданд. Дар муқоиса бо хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ дар Украина метавон огоҳ шуд, ки аз нуқтаи назари манбаъҳои даромад хоҷагиҳои хонагии фермерӣ камтар диверсификатсия шудаанд. Онҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд ва ин даромад манбаи асосии рушди онҳо маҳсуб меёбад. Коргарони хоҷагиҳои хонагии дар муассисаҳои кишоварзӣ машғулбуда даромади нисбатан диверсификатсияшуда доранд, ин кори кироя, фурӯши маҳсулоти хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ ва ғайраҳо мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки даромади миёнаи хоҷагиҳои фермерӣ назар ба хоҷагиҳои хонагии «дар кишоварзӣ аз рӯйи кироя машғулбуда» панҷ маротиба баландтар аст ва метавон огоҳ шуд, ки даромади миёнаи фермерҳо панҷ маротиба бештар мебошад. Бинобар ин диверсификатсияи даромади коргарони кирояи хоҷагиҳои хонагиро метавон ҳамчун стратегияи зинда мондан баррасӣ намуд.

Фермерҳо асосан дар фермаҳои оилавӣ (88% пурсидашудагон) кор мекунанд, танҳо 12% дар фермаҳои дигар ё ба шуғли дигар машғул мебошанд. Ҳамсарони фермерҳо бештар дар ҷойи дигар кор мекунанд, масалан 21% аз рӯйи кироя ва 5% ба худшуғлӣ банд мебошанд. Дар хоҷагиҳои хонагии коргарони кироя қариб 44% сардорони хоҷагиҳои хонагӣ шуғли дуюм, чун қоида, дар хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ доранд. Қариб 50% респондентҳо, аз ҷумла фермерҳо ва коргарони кирояи муассисаҳои кишоварзӣ ҷавоб доданд, ки мехоҳанд фарзандони онҳо аз деҳот хориҷ шаванд ва 15% иброз доштанд, ки фарзандонашон дар деҳот монанд ва на ба кишоварзӣ, балки ба бизнес машғул шаванд. Шуғлнокӣ дар соҳаи кишоварзиро чун касби ояндаи фарзандон танҳо 24% фермерҳо ва 8% хоҷагиҳои хонагии деҳот баён доштанд.

Дар адабиёти дар боло зикршуда шуғли ғайрикишоварзӣ ва алтернативӣ ҳамчун синоним баррасӣ мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди мамлакатҳои дигари пасокоммунистӣ, мафҳуми шуғли алтернативӣ, ба андешаи мо, бояд ба таври дигар маънидод карда шавад. Маънои ин мафҳум мувофиқи кишоварзии транзитӣ дар чист? Тавре,ки аз гуфтаҳои боло маълум шуд, афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар бахши аграрӣ умуман боиси кам гаштани талабот ба меҳнати кишоварзӣ гардида, зиёдшавии талабот ба қувваи кории баландихтисосро тақозо мекунад. Бинобар ин, коргарони дар ҳолати факр қарордошта бояд барои худ манбаи даромади алтернативиро пайдо кунанд. Аз ин нуқтаи назар, мо дар таҳқиқоти худ ба муайянкунии шуғли алтернативӣ наздик мешавем.

Аввалан, дар фарқият аз аксарияти мамлакатҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ дар деҳот дар доираи хоҷагиҳои фермерии хусусӣ назар ба меҳнати оилавӣ меҳнати кироя бартарӣ дорад. Агар дар бахши аграрии анъанавӣ кори кироя дар фермаи бегона шуғли алтернативӣ бошад, дар деҳаи пасоколлективӣ вазъият шакли дигарро дорад. Ба пастравии музди меҳнат дар муассисаи кишоварзии худ ё ҳатто хориҷшавӣ аз кор рӯ ба рӯ шуда, дар аксар ҳолат маҷбур аст, ки хоҷагии (ёрирасон ё тиҷоратӣ) худро ташкил намояд ва ҳамон маҳсулоти аграриеро истеҳсол намояд, ки корхонаҳои калон истеҳсол менамоянд, албатта, чун қоида, танҳо дар сатҳи пасти истеҳсолӣ. Бинобар ин шуғли алтернативӣ дар ин ҳолат наметавонад ҳамчун шуғли берун аз корхонаи шахсӣ муайян карда шавад.

Баъдан, хоҷагии ёрирасони хусусӣ умуман шуғли алтернативӣ нест, ин ҳам шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, танҳо дар шакли дигар мебошад. Агар коргар аз муассисаи кишоварзии калони истеҳсолкунандаи шир рафта, дар хоҷагии худ ҳам шир истеҳсол кунад, ин ба маънои он алтернатива намебошад, ки ин шир ба ҳамон бозор ворид мешавад. Ҳатто, агар ин коргар ширро нафурӯхта, дар дохили оилаи худ истеъмол кунад ҳам, чунки дар бозори дахлдор талабот танҳо ба ҳамин миқдор шир кам мегардад. Аммо, агар ӯ масалан, тибити буз ё буттамева истеҳсол намояд ё ғозу чорворо парвариш кунад, он гоҳ дар ин ҳолати мушаххас як навъ алтернатива пайдо мешавад. Ин маҳсулот ба бозоре ворид мешавад, ки ё ҳамин гуна маҳсулот дошт, ё барои ин гуна истеҳсолот ташкил карда шудааст. Ҳатто ба ин нигоҳ накарда, ки ин фаъолият ҳам аграрӣ мебошад, дар муқоиса бо оне, ки барзиёдии меҳнат дида мешуд, алтернативӣ ҳисоб меёбад.

Сониян, на ҳамаи шуғли ғайрикишоварзии деҳотро метавон ҳамчун алтернативӣ баррасӣ кард. Чунки як навъ шуғлҳое ҳастанд, ки талабот ба меҳнат дар онҳо (мустақиман) аз вазъият дар бозори меҳнати кишоварзӣ вобаста нест. Ин шуғлҳо дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ – тиб, маориф, хадамоти иҷтимоӣ ва инчунин идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мебошанд. Бешубҳа, талабот ба ин хизматрасониҳо аз шумораи аҳолӣ вобаста мебошад, ки он, дар навбати худ, ба андозаи зиёд аз самаранокии муассисаи асосии кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Аммо, имконияти ҷаббидани меҳнати барзиёди кишоварзӣ дар ин соҳаҳои шуғлнокӣ ниҳоят маҳдуд мебошад. Бинобар ин дар таҳқиқоти мо ин бахшҳо набояд ба мафҳуми шуғли алтернативӣ дохил гарданд.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло шуғли алтернативиро ҳамчун шуғли аҳолии деҳот дар синну соли қобили меҳнат будан дар шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти иқтисодӣ ба истиснои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатию маҳаллӣ муайян мекунем. Яқин аст, ки чунин шуғлҳо метавонанд доимӣ, муваққатӣ, асосӣ, иловагӣ, расмӣ ва ё ғайрирасмӣ бошанд. Тавре ки дар боло зикр кардем, масъалаи асосии бозори меҳнати деҳот, ин зарурати якбора баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолоти аграрӣ ҳангоми кам нашудани шуғлнокӣ ва афзоиши даромадҳо дар деҳот мебошад. Аз ин нуқтаи назар масъалаи шуғли доимӣ ва расмии алтернативӣ нисбатан муҳим мебошанд. Дар ҷумҳурӣ дар ин ҷанба масъалаи шуғли деҳот омӯхта нашудааст. Бахшида ба омӯзиши сохтори даромади аҳолии деҳот ва ошкорсозии манбаъҳои ғайрикишоварзӣ таҳқиқот вуҷуд доранд. Ин таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ғайр аз хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ аҳолии деҳот бо роҳи ба ҳамдеҳагон пешниҳод кардани хизматрасониҳо, аз қабили корҳои сохтмонӣ, шудгор кардани полезҳо, ҷамъоварӣ ва фурӯши худрӯйҳо (занбурӯғҳо, буттамеваҳо, растаниҳои доруворӣ, решаҳо), шикор, моҳидорӣ, иҷораи биноҳои зист ва ғайризист ва ғайраҳо даромади иловагӣ ба даст меоранд. Солҳои охир туризми деҳот пайдо шудааст, ки комплекси хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Инҳо иҷораи биноҳои истиқоматӣ, пансионҳо бо таъминоти пурра ё қисман, хизматрасониҳои шавқовар (аспсаворӣ, ҳаммом, шикор, намоиши анъанаҳои этникӣ ва ғайраҳо) мебошанд. Ҳоло дар аксари ҳолатҳо ин фаъолиятҳо иловагӣ, муваққатӣ ва ғайрирасмӣ мебошанд. Аксар вақт онҳо таҳти таъсири омилҳои эҳтиёҷот рушд мекунанд, вале институтсионализатсияи муайяни онҳо гузашта истодааст.


**АДАБИЁТ**

1. Davis, 1993; Chandrasekhar, 1993; Hart, 1998; Gordon, 2000; Buchenrieder et al, 2001; Start, 2001; Mollers&Buchenrieder, 2003; Mollers&Heidhues, 2003 ва дигарон.
2. Davis, 2001; Janowski, 2003; Bezermer and Davis, Davis and Gaburici, 2001; Davis and Cristoui, 2002; Bezermer and Davis, 2002; Davis J.R. et al, 2004; Davis and Bezermer, 2003; Hare, 2003.


## ХУСУСИЯТҲОИ ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗӢ


Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа зарурияти шадид ба ташаккули сохтори нав дар деҳа ва хоҷагии хонагии деҳот ҳис карда мешавад. Масоили рушди хоҷагии қишлоқ дорои характери маҷмӯӣ ва бо ҳам алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, онҳоро ҷудогона аз рушди комплексии марзҳои деҳот, рушди бозори меҳнат ва шуғлнокии ғайри хоҷагии қишлоқ баррасӣ намудан имконнопазир аст. Шуғлнокии алтернативӣ дар деҳот яке аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ мегардад, ки ҳалли он ба баландбардории самаранокии истеҳсолоти аграрӣ боис мегардад. Ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти хурди молӣ зарур аст, ки ба бозори маҳаллӣ нигаронида шудааст. Дар мақола мазмун ва сабабҳои рушди шуғлнокии алтернативӣ дар хоҷагии қишлоқ ва дар деҳот мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Раванди зуҳури стратегияи зиндамонӣ ва стратегияи андухтӣ дар низоми рафтори меҳнаткашони хоҷагии қишлоқ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Асоснок карда мешавад, ки агар стратегияи дуюм кӯшиши хоҷагии хонагӣ дар баландбардории даромади худ ва васеъсозии активҳои мавҷуда бошад, стратегияи якум ба пешгирии фақр ва бо зиндамонии шахсӣ вобастагӣ дорад. Омилҳое асоснок карда шудаанд, ки ба ҷалби одамон ба шуғлнокии ғайрихоҷагии қишлоқ таъсир мерасонанд ва аз дастрасии мавҷуда ба як қатор шаклҳои актив вобастагӣ доранд. Як қатор омилҳое таҳқиқ гардидаанд, ки ба шуғлнокии аъзоёни хоҷагии қишлоқи мамлакат таъсир мерасонанд.



**Калидвожаҳо**: шуғлнокӣ, шуғлнокии алтернативӣ, стратегияҳои шуғлнокӣ, рушди устувор, шуғлнокии маҳсулнок, мутобиқшавӣ, диверсификатсияи шуғлнокӣ.


## ОСОБЕННОСТИ АЛЬТЕРНАТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ


На современном этапе развития общества ощущается острая необходимость в формировании новой социальной структуры на селе и в сельском домохозяйстве вообще. Проблемы развития сельского хозяйства носят комплексный и взаимосвязанный характер. Поэтому их невозможно рассматривать в отрыве от комплексного развития сельских территорий, развития рынка труда и несельскохозяйственной занятости. Альтернативная занятость в сельской местности является одной из важнейших задач, решение которой приведет к повышению эффективности аграрного производства. Необходимо стимулирование развития мелкого товарного производства, которое ориентировано на местный рынок. В статье рассматриваются содержание и причины развития альтернативной занятости в сельском хозяйстве и сельской местности. Анализируется процесс проявления стратегии выживания и накопительная стратегия в системе поведения сельских тружеников. Обосновывается, что если вторая стратегия является попыткой домохозяйства увеличить доход и расширить имеющиеся активы, то первая направлена на предотвращение нищеты и связана с личным выживанием. Обосновываются факторы,

влияющие на вовлечение людей в несельскохозяйственную занятость, которые зависят от имеющегося доступа к ряду форм активов. Исследуется ряд факторов, которые влияют на занятость членов домохозяйств сельских территорий страны.

**Ключевые слова**: занятость, альтернативная занятость, стратегии занятости, устойчивое развитие, продуктивная занятость, адаптация, диверсификация занятости.

**FEATURES OF ALTERNATIVE EMPLOYMENT IN AGRICULTURAL ECONOMY**

At the present stage of development of society, there is an acute need for the formation of a new social structure in the countryside and in the rural household in general. The problems of agricultural development are complex and interrelated. Therefore, they cannot be considered in isolation from the integrated development of rural areas, the development of the labor market and non-agricultural employment. Alternative employment in rural areas is one of the most important tasks, the solution of which will lead to an increase in the efficiency of agrarian production. It is necessary to stimulate the development of small-scale commodity production, which is focused on the local market. The article discusses the content and causes of the development of alternative employment in agriculture and rural areas. The process of manifestations of the survival strategy and the accumulative strategy in the system of behavior of rural laborers are analyzed. It is argued that if the second strategy is an attempt by the household to increase income and expand existing assets, the first is aimed at preventing poverty and is associated with personal survival. The factors influencing the involvement of people in non-agricultural employment, which depend on the available access to a number of forms of assets, are justified. A number of factors that affect the employment of household members in rural areas of the country are investigated.

**Key words:** employment, alternative employment, employment strategies, sustainable development, productive employment, adaptation, employment diversification.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоева Хосамо Худойдодовна*** **–** Дангаринский государственный университет, сосикатель кафедры экономический теории. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **907-97-23-66**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Khosamo Hudoydodovna*** - Dangara State University, sosikatel of the department of economic theory. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova str. 3. Phone: **907-97-23-66**

**УДК 336.64 (575.3)**

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ФИНАНСОВОГО РЫНКА В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Азизов С.А.***

**Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан**

Финансовый рынок является частью мирового хозяйства и имеет ряд особенностей: он служит площадкой, где осуществляется купля-продажа финансовых продуктов или услуг, он, как целостная конструкция, обеспечивает взаимодействие спроса и предложения на финансовый товар и формирует его цены на эти товары.

Есть разные понятия, характеризующие финансовый рынок, но согласно общепринятой теории, *финансовый рынок* – это место, определяющее систему отношений, где производится обмен товарами или купля-продажа ценных бумаг, в том числе и денег, согласно принципам экономических благ. Финансовый рынок представляет собой мощный и сложный механизм, еще не до конца изученный организм.

Для определения необходимости регулирования финансового сектора страны следует рассмотреть общетеоретические вопросы, связанные с необходимостью регулирования финансового сектора или необходимостью государственного вмешательства и саморегулирования финансового рынка. Финансовая система состоит из рыночного и нерыночного секторов.

*Рыночный сектор* – это рынок, где элементом обмена является производство товаров и услуг, имеющих экономические принципы и цену для потребителя, согласно спросу и предложению, на потребительские товары и востребованные услуги или, другими словами, обмен товарами и возможностями по необходимости спроса и предложения. Специфика рынка заключается в том, что он самостоятельно определяет стоимость на товары и услуги, таким образом, является местом для передачи информации между потребителем и производителем (субъекты рынка) и таким поведением рынок создает условие для заключения сделок между субъектами рынка.

*К нерыночному сектору относится* производство продуктов и востребованных услуг, предназначенных для производителей товаров или предприятий, в форме бесплатных потреблений или по фиксированным ценам. Также к нерыночному инструменту относятся механизмы или инструменты: лимитирование, квотирование, льготирование, администрирование, бюджетное финансирование, надзор и контролью субъектов рынка.

В условиях конкуренции для соперничества между участниками за получение экономических благ. «Согласно рыночной координации или известным постулатам о способности рынка оптимально распределять ресурсы, в экономической теории существуют такие понятия, как «граница рынка» или «пределы рынка», один из нескольких известных способов, механизмов координации» [3,с.10].

Теоретические положения регулирования финансового рынка определяют систему регулирования и надзора, которая направлена на развитие других секторов экономики, регулирования и надзора финансового сектора и связана со следующими условиями, влекущими риски рынка:

1. Доверие клиентов к предприятиям, предоставляющим финансовые услуги, и их гарантии сохранности средств клиента, снижения рисков на финансовом рынке является необходимой частью для эффективного функционирования сегментов финансового рынка.
2. Сегменты финансового сектора очень чувствительны к изменениям внешних и внутренних факторов, связанных с экономикой или с политикой, независимо от положительного и негативного изменения. Изменения могут привести к волатильности (непостоянности и изменчивости) процентных ставок банковского сектора, курсов валют на валютном рынке, что определяет неустойчивость участников или сегментов рынка.
3. Принятие решений на финансовом рынке, будущее во многом связано с периодом времени. Доходы и убытки субъектов рынка могут быть неопределенными и рисковыми.

Именно феномен, асимметричность информации делает финансовый рынок несовершенным. Деятельность кредитных организаций, страховых компаний и других сегментов финансового рынка связана с определением будущего, их деятельность характеризуется сомнениями и рисками. Предназначение сегментов финансового рынка для распределения средств между своими клиентами и должниками заключается в обмене риском и ликвидностью. Именно асимметричность информации вызывает сомнения и увеличивает риски для эффективного функционирования финансового сектора страны и создает неблагоприятные условия для заключения контрактов и сделок. Из-за неполноты информации возрастает неблагоприятный выбор.

Имеется необходимость создания специализированного института, с целью сбора и обработки информации для предприятий и компаний, которые могут стать полноценным инвестором, этот институт может своими усилиями решать проблему асимметричности информации. Цель и предназначение специализированного института по обработке данных заключается в сборе и систематизации информации активов участников финансового рынка.

Современными авторами понятие финансового рынка трактуется по-разному. Но суть в том, что финансовая экономика учит, как правильно управлять расходами и доходами (поступлениями) в зависимости от периода времени и обстоятельств, в жизненно важной деятельности экономики и рынка.

Механизм функционирования финансового рынка определяется его функциями, которые подразделяются на три типа:

1. *Общерыночная* функция присуща всем рыночным механизмам (рынок производства товаров и востребованных услуг, включая сегменты финансового рынка) спроса и предложения, определяющие стоимость, является сигналом для экономических агентов рынка в целом. Оповещая их об избытке или недостатке потребляемых товаров или востребованных услуг на рынке.

- *Информационная* функция важна на столько, что по средствам полученной информации участники рынка анализируют рыночное состояние для принятия своих решений на будущие отношения на рынке или вкладов своих средств (инвестирование). Информация о рынке является товаром, по средствам накопления, обобщается, систематизируется, анализируется специалистами и превращается в продукт купли-продажи.

- *Распределительная* или, по-другому называют, аллокационная функция рынка, определяет объективную способность рынка для оптимального распределения ресурсов, для максимального получения доходов или прибыли, минимизирует издержки и оптимизирует риски.

2. *Финансовая функция*. Финансовый сектор аккумулирует денежные средства населения и трансформирует их в инвестицию, средства кредитных организаций (депозиты), страховые компании и потребители страховых услуг и капиталы финансовых компаний. Важность этой функции в том, что аккумуляция трансформирует денежные средства в инвестицию, тем самым развивает инвестиционную деятельность финансовых посредников и держателей огромных капиталов.

Две другие функции финансового рынка – *сберегательная и накопительная* – связаны между собой и единственное отличие в том, что одни сберегают свои средства в целях сохранения, а накопители накапливают или увеличивают свой капитал по средствам инвестирования или вложения своих денег.

3. *Специфическая* функция финансового рынка реализуется непосредственно в процессе обращения финансовых активов, специфическую функцию можно назвать: эффективное использование, оптимальная обработка и перераспределение капитала, страховые риски и покрытие дефицита бюджета.

Как единый механизм финансовый рынок должен иметь сложную структуру и условно можно разделить объекты регулирования финансового рынка следующим образом:

1. *Сегменты финансового рынка:* в состав сегментов финансового сектора можно включить деятельность кредитных организаций (банки), валютные операции на валютном рынке, операции с ценными бумагами на фондовой бирже, услуги страховых компаний, слияние и поглощение финансовых организаций на кооперативном рынке, рынок государственных долгов, электронный рынок;

2. *Виды деятельности финансовых посредников*: страховые, кредитные, депозитные и сберегательные организации. Посредники играют очень важную роль в развитии экономики страны, кроме предоставления финансовых услуг (денежных услуг), они еще предоставляют страховые услуги.

3. *Участники или субъекты финансового рынка.* На финансовом рынке как участники действуют финансово-кредитные и нефинансовые организации, физические лица, государственные организации и органы муниципального саморегулирования и др., функция которых определяется целями их деятельности, по степени участия в сделке.

4. *Риски финансового рынка.* Управление рисками считается очень важным, так как основной целью финансового регулирования является: поддержание финансовой стабильности; обеспечение экономического роста и движения капитала; прогнозирование финансовых кризисов; создание справедливой конкуренции на рынке; защита интересов экономических агентов и экономическая безопасность. Эти цели примирительны к определенным объектам с учетом условий страны.

С точки зрения целей и способов регулирования, финансовый рынок делится на:

**Внешнее** регулирование начинается с выполнения элементов законодательных и нормативных актов, которые обеспечивают функционирование финансовых институтов.

**Внутреннее** регулирование начинается с принятия собственных нормативных документов участников рынка (устав, правила, положения, должностные инструкции и др.).

В зависимости от страны, осуществляющей государственное регулирование и регулирование со стороны профессиональных участников финансового рынка или саморегулирование рынка.

**Государственная** форма регулирования - это деятельность государственных органов управления, центральный банк, министерство финансов и др. министерства и ведомства, считающиеся органом управления и отвечающие за разработку, реализацию и исполнение законов и нормативно-правовых документов.

**Саморегулирование** предполагает профессиональную деятельность экономических агентов самого рынка. В Таджикистане саморегулирующимся органом (ОСР) считается Ассоциация банков Таджикистана, ассоциация микрофинансовых организаций Таджикистана (АМФОТ) и др. ассоциации, представляющие интересы своих агентов или членов. Стоит отметить, что Правительство стремительно формирует принципы саморегулирования участников рынка, но оставляет за собой право внести изменения и дополнения в правила и инструкции. Правительство осуществляет прямое (административное) или косвенное (экономическое) вмешательство в функционирование саморегулирующих организаций.

*Прямое регулирование* – это принятие законов и нормативных правовых актов, устанавливающих требования к деятельности экономических агентов финансового рынка, имеется в виду, регистрация, финансовый контроль, лицензирование деятельности, применение санкций за нарушения законов и нормативно-правовых актов и др.

*Косвенное* регулирование финансового рынка – это использование экономических рычагов, которые воздействуют на деятельность субъектов рынка, т.е. фискальная политика государства; монетарная политика; государственный капитал; внешнеэкономическая политика, а также внешнеполитическая деятельность государства.

Экономическое развитие предполагает совершенствование механизмов регулирования и систему саморегулирования, не отстает от совершенствования, принимая форму в виде

объединений или ассоциаций, деятельность ассоциаций прочно вошла в экономическое ведение, в деловых кругах широко используется для защиты своих экономических интересов.

Именно свобода выступает необходимым стержневым элементом рыночной экономики, в силу чего это явление надо полагать взаимно обуславливающим. Поэтому возможность саморегулирования должна быть противоположной жесткому контролю государства за экономической деятельностью.

Страны, где гражданское общество находится на стадии становления и развития, политические движения и порядок определяются следующими чертами: самоопределение личности в сфере свободного права и ограничение свободы от государственного регулирования, особенно в экономической жизни [2,с.43].

Ассоциации должны защищать свои экономические интересы путем самоорганизации по средствам ассоциации (саморегулирующие организации) [2,с.44].

Таким образом, вся суть СРО ведет к возможности саморегулирования, т.е. предприятия, организации или же гражданское общество должны иметь возможность саморегулирования.

Споры о государственном вмешательстве и саморегулировании начались еще XV-XVII вв., первые ученые, сторонники государственного вмешательства и определявшие пределы вмешательства государства в экономику были сторонниками школы меркантилизма, представителями этой школы были Томас Мэн, Антуан де Монкретьен, Уильям Стаффорд. Эти учения периода становления индустриального общества были сторонниками государственного вмешательства в рыночную экономику, предусматривали развитие промышленности и защиту интересов производителей от внешних конкурентных факторов.

Антуан де Монкретьен, французский экономист, сторонник идей и взглядов меркантилистов, в «Трактате о политической экономии» (Traited'economiepolitique), в 1615 году, рассматривал экономическое хозяйство как объект государственного управления, он был сторонником государственного вмешательства в рыночную экономику, взимание налогов и присвоение даже торговой прибыли.

Д. Антуан ввел в оборот такое понятие, как «политическая экономия» для обозначения экономической науки, изучая проблемы, связанные с управлением государства в экономическом хозяйстве, исследуя экономику других стран о государственном вмешательстве. Следует отметить, что «политическая экономия» Д. Антуана имела совокупность правил экономической деятельности государства на рынке товаров. Его трактат представляется как рекомендация для начинающих производителей [1,с.113].

Идея физиократов противоречила трактатам меркантилистов, они были приверженцами «Естественного порядка» в рыночной экономике и его естественного функционирования. Понятие естественного права или естественного закона в поведении рынка имело философский характер в XVIII веке. Физиократы были первыми, кто стал говорить о свободном рынке, они провозгласили принципы, что рыночное поведение общества преобладает над естественным порядкам, и этот принцип способствует созданию теории производства и распределения богатств.

Физиократы говорили, что результат свободного рынка и свободного действия естественного порядка функционирования рынка приводит к общему благу, государственное регулирование и надзор не должны влиять на экономическую активность рынка, в связи, с чем необходимо ограничить или убрать старый порядок государственного вмешательства.

В классической теории, основателем которой является А. Смит, сторонники этой школы приводят два фактора как важную часть развития рынка - «труд и капитал», эти факторы сыграли важную роль в становлении и развитии «политической экономии» как науки.

Многие научные деятели признают Адама Смита, как основоположника современной экономики и он считал, что свободная торговля и конкуренция являются главными движущими силами рыночной экономики, государство не должно ограничивать экономические процессы функционирования рынка. Говоря свободный рынок, он говорил о «невидимой руке рынка», как эффективном рычаге в распределении ресурсов.

Согласно его трактатам, участники процесса рыночных отношений, преследуя собственную выгоду, стремясь к успеху своих интересов, удовлетворяют чьи-либо потребности. Таким образом, стремясь увеличить свое богатство, они увеличивают благосостояние общества. Все производители как «невидимая рука», ради удовлетворения своих клиентов и, сами того не осознавая, обеспечивают интересы общества. В результате «невидимая рука» превращается в механизм общественного блага.

Й. Шумпетер отмечает, что А. Смит не придавал значение совпадению частного и общественного интересов и в какой-то мере видел недалекость этого механизма как

саморегулирования экономики, говоря, что если рынок не способен регулировать себя, то государство должно вмешиваться в активность рынка. Й. Шумпетер считал, что «невидимая рука» рынка нуждается в доработке и роль государственного вмешательства должна быть в нем [4,с.84-86].

Современная рыночная экономика имеет своеобразные риски и в кризисных моментах стихия свободного рынка приводит к хаосу, снижает уровень благосостояния общества, неплатежеспособность населения приводит к дефолту производителей товаров и услуг. Предоставление полной власти производителям, дисбалансирует функционирование рынка, и этот факт может стать причиной падения мирового капитализма.

Осознавая важность государственного вмешательства в годы великой депрессии Дж.М. Кейнс и его последователи разработали теорию «государственного регулирования экономики», допускающую активное участие государства в экономической активности рынка для устранения недостатков свободного рынка, для повышения благосостояния общества, государство должно обеспечивать занятость населения и справедливо распределять богатства [5,с.179].

Что касается саморегулируемых организаций на территории Таджикистана, то на данный момент функционируют две ассоциации на финансовом рынке, которые объединяют систему кредитных организаций:

1. Ассоциация банков Таджикистана (АБТ);
2. Ассоциация микрофинансовых организаций Таджикистана (АМФОТ).

*Ассоциации являются негосударственной некоммерческой организацией, объединяющей кредитные организации и другие организации, деятельность которых связана с деятельностью банковской системы Республики Таджикистана.*

Стоит отметить, что последний финансовый кризис в 2014-2016 гг. серьезно повлиял на кредитную систему республики и со стороны НБТ принудительно и добровольно было ликвидированы более 50 кредитных организаций. Этот факт объясняется тем, что финансовый кризис серьезно повлиял на финансовую стабильность кредитных организаций. Обычно в кризисных ситуаций правительство всячески должно поддерживать их финансово или облегчать нормативные требования. Вместо этого, НБТ ужесточил нормативные требования и способствовал ликвидации 50 кредитных организаций.

Ликвидация этих организаций доказывает, что влияние государственного регулирования большое. СРО не способны в полной мере защищать интересы своих членов. Несмотря на их старания, возможности ассоциаций ограниченны, и это вызвано отсутствием Закона «О саморегулирующих организациях».

Что касается других сегментов финансового рынка, то никаких объединений / ассоциации не имеется. Председатель Ассоциации банков Таджикистана Миралиев Амиршо, сказал, что «отсутствие ассоциаций в страховом рынке сдерживает их развитие», это правда, объединения способствуют развитию сегментов финансового рынка.

Что касается теоретической точки зрения, то между государственным регулированием и саморегулированием должен быть баланс. И интеграция этих принципов регулирования даст возможность развивать финансовый рынок РТ. Поэтому предлагается принять Закон «О саморегулирующих организациях касательно финансового рынка» и создать площадку для обсуждения проблем и принятия решений на финансовом рынке.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Антуан Д.М. Политическая экономия / Д.М. Антуан. -М.: Слудковская // Вест. Моск. ун-та. сер. 6. Экономика. - 2016. -№2. -С.109-120.
2. Петров Д.А. Саморегулирование как способ правового регулирования отношений в сфере предпринимательства: предпосылки, воплощение и перспективы развития. Монографии / Д.А. Петров. -М.: Проспект, 2016. – 367 с.
3. Саввина О.В. Регулирование финансовых рынков: учеб. Пособие для студ. среднего проф. Образования / О.В. Савина. -2-е изд. -М.: Форум, 2012. -204 с.
4. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Учебник / Й.А. Шумпетер. -М.: Прогресс, 1982. -351 с.
5. Keynes J.M. The General Theory of Employment Interest and Money. Book / J.M. Keynes. -W: 1935. -257 p.


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МОЛИЯ ДАР ШАРОИТҲОИ ИҚТИСОДИ ГУЗАРИШ

Дар назарияи иқтисод нақш ва муҳиммияти бозори молия дар шароитҳои гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ хеле васеъ баррасӣ гардидааст, дар ин ҷо муносибатҳо ва анъанаҳои ба худ хос ба мушоҳида мерасанд. Дар назарияи неоклассики иқтисодӣ чунин самтҳо ба монанди назарияи муфлисӣ, интихоби ҷамъиятӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, таваккалияти маънавӣ, «васлшавии» Дж. Стиглер, «интихоби мураккаб», асимметрӣ будани иттилоот ва ғайра маълуманд, ин назарияҳо муносибатро нисбат ба танзими бозори молиявӣ асоснок намуда, асоси фаъолияти мақомоти давлатӣ махсуб меёбанд. Лекин ҳамчун далели

самтҳои ҷудогонаи танзим чунин назарияҳои махсусро ба монанди амсилаи рақобат, «сохтор - рафтор - самаранокӣ», функсияи боварӣ, танзим, назарияи сохтори самаранок ва ғайра истифода мебаранд. Мақсади кори мазкур муайянсозии муҳиммияти танзими давлатӣ ва худтанзимкунии бозори молиявӣ дар раванди рушди иқтисодӣ мебошад. Таҳқиқот муайян намуд, ки дар ҷумҳурӣ таҷрибаи танзим ва назорат аз тарафи мақомоти давлатӣ ва принсипҳои худтанзимкунӣ воқеан вуҷуд надоранд. Барои рушди устувори иқтисод танзими омехта муҳим аст, яъне танзими давлатӣ бо бартарии худтанзимкунӣ. Аз ин рӯ, кори мазкур ба ҷанбаҳои назариявии танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ дар бозори молиявӣ бахшида шудааст.
**Калидвожаҳо:** бозори молиявӣ, сектори бозор, молия, функсияҳои пасандозӣ ва ҷамъоварикунанда, сегментҳои бозори молиявӣ, бозори асъор, бозори фондӣ, танзими давлатӣ, худтанзимкунӣ, ассотсиатсияҳо, меркантелистон, физиократҳо, мактаби классикӣ, мактаби кейнсианӣ.

### ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ФИНАНСОВОГО РЫНКА В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКИ

В экономической теории роль и важность финансового рынка в условиях перехода к рыночной экономике рассмотрена достаточно широко, здесь наблюдаются своеобразные подходы и традиции. В неоклассической экономической теории известны такие направления, как теория несостоятельности, общественного выбора и общественных интересов, морального риска, «срастание» Дж. Стиглера, «сложного выбора», асимметричность информации и др., данные теории базируют подход к регулированию финансового рынка и являются основой деятельности государственных органов. Но как аргумент отдельных направлений регулирования используют такие специальные теории, как модель конкуренции, «структура - поведения - эффективность», функция доверия, регулирование, теории эффективной структуры и др. Целью данной работы является определение важности государственного регулирования и саморегулирования финансового рынка в процессе экономического развития страны. Исследование выявило, что в республике преобладает практика регулирования и надзора со стороны государственных органов и принципы саморегулирования фактически отсутствует. Для стабильного роста экономики важно смешанное регулирование, т.е. государственное регулирование с наличием саморегулирования. Поэтому данная работа посвящена теоретическим аспектам государственного регулирования и саморегулирования на финансовом рынке.
**Ключевые слова:** финансовый рынок, рыночный сектор, финансы, сберегательная и накопительная функция, сегменты финансового рынка, валютный рынок, фондовый рынок, государственное регулирование, саморегулирование, ассоциация, меркантилисты, физиократы, классическая школа, кейнсианская школа.

### THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF REGULATION OF THE FINANCIAL MARKET IN CONDITIONS OF TRANSITION ECONOMY

In economic theory, the role and importance of the financial market in the transition to a market economy is widely considered and has a peculiar approach and tradition. Neoclassical economic theory, such directions as the theory of insolvency, public choice and public interest, moral risk, J. Stigler's “accretion”, “difficult choice”, asymmetry of information, etc., base the approach to financial market regulation and are the basis of government activity. But as an argument of individual directions, regulation uses such special theories, such as a competition model, “structure - behavior - efficiency”, a trust function, regulation, theories of an effective structure, etc. Based on the Great Depression in the USA, J.M. Keynes considered the impact of the crisis on the financial market and was included in economic theory. Directions J.M. Keynes caused the need for the work of many scientists to highlight their works to state regulation of the economy, including the financial market. Of course, supporters of Keynesianism worked on such regulatory instruments as monetary and fiscal policy, i.e. influence and regulate economic processes according to this tool. But there are opinions that they did not pay attention to the basics of financial regulation, including in times of crisis.
**Key words:** financial market, market sector, finance, savings and savings function, financial market segments, foreign exchange market, stock market, government regulation, self-regulation, association, mercantilist, physiocrats, classical school, Keynesian school.

**Сведения об авторе:** ***Азизов Сафарджон Ахмедшоевич*** **-** Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан, аспирант третьего года заочного обучения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Телефон: **(+992) 900-56-36-35**. E-mail: **Safariaziz@mail.ru**

• повышение урожайности культур и производительности труда, используя новейшие достижения науки и техники, включая биоинженерию и биотехнологию;

• создание инфраструктуры, обеспечивающей эффективную организацию и развитие сельскохозяйственного производства;

• разработка новой структуры сельскохозяйственных угодий для выращивания сельскохозяйственных культур в связи со сложившимися условиями аграрно-продовольственной системы, рациональное распределение рабочей силы и производства;

•создание экономического механизма стимулирования сельскохозяйственного производства, предусматривающего оценку налогообложения и финансового кредитования на основе единой методикии методологии.

Повышение эффективности сельскохозяйственного производства и обеспечение продовольственной безопасности страны зависит от сложности перехода к органическому земледелию. Необходимо учитывать объем импорта минеральных удобрений и использование химических веществ для защиты растений, а также использования биологических методов по борьбе с вредителями насаждений. Меры по обеспечению продовольственной безопасности в регионе будут наиболее эффективны в районах с достаточным количеством водных и земельных ресурсов, где необходимо создание энергетических мощностей из-за возможности дезинфекции новых земельных участков для производства продуктов питания в случае увеличения водоснабжения. В случае энергоснабжения многие горные территории районов Вахш, Рудаки, Зафаробод, Бешкент, Кухистони Мастчох и Ашт могут способствовать обеспечению продовольственной безопасности страны.

Как предусмотрено в «Национальной программе развития Республики Таджикистан до 2030 года», страна достигнет обеспечения продовольственной безопасности и немаловажная роль в этом отводится агропромышленному комплексу. В программе развития на период до 2030 года ожидается, что относительно высокие темпы роста сельскохозяйственного производства в стране будут соответствовать спросу на продовольствие, пищевую промышленность и укреплению экспортного потенциала страны.

Аграрная политика за период реализации Программы предусматривает следующее:

- обеспечение стабильного роста сельскохозяйственного производства на основе внедрения интенсивных методов;
- создание условий для государственной поддержки развития приоритетных секторов;
- укрепление позиции государственного регулирования межотраслевых экономических отношений;
- создание эффективных механизмов агропромышленной деятельности на основе рыночных принципов;
- растущий рост экспортируемых агропромышленных секторов;
- повышение уровня технологии переработки сельскохозяйственного сырья и повышение его качества;
- устранение потерь производства сельскохозяйственной продукции;
- повышение урожайности сельскохозяйственных культур и продуктивности животных путем отбора и производства семян, внедрения инновационных технологий;
- содействие восстановлению материально-технической базы аграрной сферы, создание современного производственно-технического потенциала;
- укрепление научно-технических прогрессивных возможностей для повышения производительности сельскохозяйственного производства.

В сельских районах социальная политика способствует сокращению масштабов бедности путем обеспечения занятости, развития инфраструктуры и альтернативных видов деятельности, создания малых предприятий и промышленных секторов. Таким образом, для достижения возможностей и приоритетов страны в контексте создания и развития рыночных отношений сначала необходимо выявить и изучить области сельскохозяйственной и промышленной деятельности, которые имеют приоритетность, и опыт производства готовой и качественной продукции из местного сырья, соответствующие требованиям стран ближнего зарубежья и мирового рынка.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Шарипов А. Вклад дехканских (фермерских) хозяйств в обеспечение продовольственной безопасности. // Республиканская научно-практическая конференция «Продовольственная безопасность в Таджикистане» - Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2005. -С.35.
2. Назиров Х.Н. Камолов Н. Какая причина продовольственной безопасности? // Республиканская научно-практическая конференция «Продовольственная безопасность в Таджикистане» - Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2005. - С. 247.
3. Нидоев Н.Ф. Обеспечение экономической независимости и социальной стабильности в Республике Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 186 с.
4. Холназаров М.Х. Аграрная реформа в Республике Таджикистан // Материалы научно-практической конференции «Продовольственная безопасность: состояние и будущее». - Душанбе, 2015. -С. 28-31.
5. Холназаров М.Х. Экономическая эффективность пчеловодства. -Душанбе: ООО «Андалеб-Р», 2015. - 156 с.


## БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ-ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ


Дар мақола омилҳое, ки ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таъкид шудааст, ки амнияти озуқаворӣ аз истифодаи самараноки замин ва воситаҳои истеҳсолот вобаста аст. Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ тавассути истифодаи дастовардҳои навини илм ва технологияи компютерӣ, аз ҷумла биоинженерия ва биотехнология имконпазир аст. Бо дарназардошти ин, ҳалли масъалаҳои мазкур барои ба даст овардани истиқлолияти озуқаворӣ ва гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун асосҳои мустаҳкам заминаи муосид фароҳам меорад.



**Калидвожаҳо:** истеҳсол, кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, самаранокии иқтисодӣ, рушди устувор, технологияҳои нав, усулҳои шадид, воситаҳои истеҳсолот, ҷойгиркунӣ.


## ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСТНОСТИ


В статье анализируются факторы, влияющие на эффективность сельскохозяйственного производства. В ней отмечено, что обеспечение продовольственной безопасности зависит от эффективности использования землепользования и производственных инструментов. Повышение урожайности и производительности труда может быть достигнуто с использованием новейших достижений науки и техники, включая биоинженерию и биотехнологию на основе интенсивных методов. Решение этих вопросов позволит достичь обеспечения независимости продовольствия и перехода к устойчивому экономическому росту в качестве прочной основы.

**Ключевые слова**: производство, сельское хозяйство, продовольственная безопасность, повышение эффективности, устойчивое развитие, новые технологии, интенсивные методы, производственные инструменты, размещение.

**IMPROVING THE EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION IS AN IMPORTANT FACTOR FOR FOOD SECURITY**

The article analyzes the factors affecting the efficiency of agricultural production. It noted that food security depends on the efficient use of land use and production tools. Increased productivity and productivity can be achieved using the latest achievements of science and technology, including bioengineering and biotechnology based on intensive methods. Addressing these issues will make it possible to achieve food independence and a transition to sustainable economic growth as a solid foundation.

**Key words:** production, agriculture, food security, efficiency improvement, sustainable development, new technologies, intensive methods, production tools, breeding.

**Сведения об авторах:** ***Холназаров Мирзошариф Хакназарович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67. E-mail: **Kholnazarov8282@mail.ru.** Телефон: **93-511-77-37**
***Шамсов Джумахон Исоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант PhD. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 900-18-18-48**

**Information about the authors:** ***Kholnazarov Mirzosharif Khaknazarovich*** **–** Bokhtar State University named after Nosira Khusrava, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Finance. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street. E-mail: **Kholnazarov8282@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-511-77-37**
***Shamsov Dzhumahon Isoevich*** **–**Bokhtar State University named after Nosir Khusraw, PhD student. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street. Phone: **(+992) 900-18-18-48**

**УДК: 336.2 (575.3)**

# НАҚШИ ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРОНИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Розиев Д.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Раванди сармоягузорӣ нақши муҳимро дар рушди иқтисодиёти ҳар мамлакат мебозад ва яке аз омилҳои муҳимии низоми иқтисодӣ мебошад, ки рушди имкониятҳои технологӣ ва самаранокии истеҳсолоти моддиро муайян менамояд.

Сармоягузорон бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ин маврид дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ, инчунин техникаю технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайраҳо ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Истифодаи сармоягузорон ба рушди иқтидори содиротии мамлакат, тавсеаи истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудааст.

Қабули қарорҳои сармоягузорӣ бе дарназардошти омилҳои зерин ғайриимкон аст: шакли сармоягузорӣ, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, хавфи бо қабули ин ё он қарор алоқаманд. Бо вуҷуди ин нақши калидиро дар ин раванд баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ иҷро мекунад. Чи қадаре ки дар мамлакат вазъият мураккаб бошад, сармоягузор ҳамон қадар бояд ба натиҷаҳои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ ва сиёсати сармоягузории давлат такя кунад.

Фазои сармоягузорӣ бағоят мафҳуми мураккаб ва бисёрҷабҳа аст. Чун қоида, зери мафҳуми фазои сармоягузорӣ тавсифи умумии маҷмӯи шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилотӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, ки ҷолибият ва мувофиқи мақсад будани сармоягузориро ба иқтисодиёти мамлакат муайян мекунанд, дар назар дошта мешавад.

Хусусияти муҳимми дурнамои фаъолияти сармоягузорӣ барои сармоягузори хориҷӣ ин фазои сармоягузории минтақа мебошад. Аз ин рӯ, мавқеи муҳимро мафҳуми сармоягузории минтақа ишғол мекунад.

Фазои сармоягузории минтақавӣ дар худ низоми шароитҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти сармоягузорӣ, ки зери таъсири доираи васеи равандҳои ба ҳам алоқаманд ташкил шуда, имкониятҳои объективонаи рушд ва васеънамоии фаъолияти сармоягузории минтақаро инъикос менамоянд, нишон медиҳад.

Фазои сармоягузории минтақаро ҷолибияти сармоягузории он, ки дар худ маҷмӯи имкониятҳо ва маҳдудиятҳои объективии ҷалби интенсивии сармоя дар минтақаро муттаҳид намудааст, муайян менамояд.

Дар навбати худ, ҷолибияти сармоягузорӣ аз 2 таркиб иборат аст:

- имкониятҳои объективии минтақа барои ҷалби сармоягузорӣ иқтидори сармоягузории минтақаро инъикос мекунанд;
- маҳдудиятҳои объективӣ бошанд, ба имкониятҳои сармоягузории минтақа монеъ мешаванд, ки ба онҳо хавфҳои гуногуни минтақавии сармоягузорӣ дохил шуда, мавҷудияти онҳо аз эҳтимолияти пурра татбиқ нашудани иқтидори сармоягузорӣ дарак медиҳанд.

Иқтидори сармоягузории минтақа аз унсурҳои асосии зерин иборат мебошад:

- захираҳои ашёи хом (бо захираҳои истеҳсолӣ ва ашёи хом таъмин будан);
- захираҳои меҳнатӣ (захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи тахассуснокии онҳо);
- захираҳои инноватсионӣ (дараҷаи тараққиёт ва дастовардҳои илмӣ-техникии минтақа);
- захираҳои молиявӣ (ҳаҷми базаи андозӣ ва даромаднокии корхона дар минтақа);
- захираҳои истеъмолӣ (қобилияти харидории аҳолии минтақа).

Нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти ҳама гуна мамлакат аз инҳо иборат аст:

- ✓ ҷаҳонишавии алоқаҳои хоҷагиҳои ҷаҳонӣ;
- ✓ устуворӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ;
- ✓ ташкили шаклҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳамкориҳои стратегӣ;
- ✓ амалигардонии диверсификатсияи сармоягузорӣ ба соҳаҳои нави иқтисодиёт;
- ✓ сармоягузор ҷолибияти сармоягузории мамлакат ё минтақаро вобаста ба ҳаракати сармоя, сатҳи таваррум, устувории сиёсӣ, иқтисодӣ, қонунгузорӣ ва иҷтимоӣ, инчунин вобаста ба дараҷаи сифати сармояи инсонӣ баҳо медиҳад.

Сифати сармояи инсонӣ маънои онро дорад, ки сармоягузор бояд ба саволҳои зерин барои худ ҷавоб дода тавонад: Оё бо шаҳрвандони ин мамлакат кор кардан мумкин аст? Оё мумкин аст сармоя, фоида ва ояндаи худро ба онҳо бовар кард? Аз ин рӯ, дар айни замон дар мамлакатҳои тараққикардаи дунё сармоягузорӣ асосан барои рушди сармояи инсонӣ равона карда шудааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми муайянкунандаи ҷолибияти сармоягузории мамлакат сатҳи таваррум мебошад. Дар солҳои охир мамлакатҳои тараққикардаи дунё ва мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мушкилоти худро бо таваррум ҳал намуда, онро то 4% оварда расонидаанд. Тавporруми аз меъёр зиёд дар самти сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт монеа мешавад.

Фаъолияти сармоягузории ҳар мамлакат бо баҳодиҳии вазъият ва рушди бозори сармоягузорӣ алоқамандии зич дорад. Зери мафҳуми бозори сармоягузорӣ бозори мол ва хизматрасониҳои сармоягузорӣ, ҳамчун бозори объектҳои сармоягузорӣ дар ҳама шаклҳои он фаҳмида мешавад.

Вазъи бозори сармоягузорӣ унсурҳои зеринро тавсиф менамояд: талабот, таклифот, нарх ва рақобат. Таносуби ин унсурҳо ҳама вақт дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дорад.

Раванди омӯзиши бозори сармоягузорӣ аз як қатор давраҳои пайдарпай иборат аст.

Дар марҳилаи аввал таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди бозори сармоягузорӣ гузаронида мешавад.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ марҳилаи аввал ва аз ҳама мушкили таҳқиқи бозори сармоягузорӣ буда, маълумотҳои дақиқро талаб мекунад. Ҳамчун базаи маълумотӣ барои омӯзиши барномаҳои гуногуни давлатӣ барои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт баромад мекунанд.

Дар таҳқиқоте, ки бо пешгӯии рушди бозори сармоягузорӣ алоқаманданд, нақши махсусро аз назар гузаронидани шартҳои зерин мебозад:

- ■ Ҷараёни инкишофи ММД-и тарҳрезишуда.
- ■ Тағйирёбии ҳиссаи хароҷоти миллии барои пасандозҳо хароҷотшуда.
- ■ Рушди равандҳои хусусигардонӣ.
- ■ Тағйирдиҳии танзимнамоии андозии фаъолияти сармоягузорӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ.
- ■ Тағйирдиҳии меъёрҳои баҳисобгирии Бонки миллӣ.

Дар марҳилаи дуюм таҳлил ва пешгӯии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда мешавад.

Баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳида дар натиҷаи коркарди стратегияи сармоягузории ташкилот амалӣ мегардад.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди сармоягузор меистад, ин ба сифати объекти сармоягузорӣ интихоб намудани ҳамон ташкилотҳои соҳаҳое мебошад, ки афзалиятҳои рушдро доранд ва самаранокии сармоягузориро таъмин менамоянд.

Раванди таҳқиқи ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аз 3 давра иборат аст:

- интихоби низоми нишондиҳандаҳои информатсионӣ;
- сохтани низоми нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ва баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ;
- пешгӯии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ.

Дар марҳилаи сеюм таҳлил ва пешгӯии ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо амалӣ мегардад.

Ҷолибияти сармоягузории минтақа аз фазои сармоягузории минтақа, сатҳи рушди инфрасохтори сармоягузорӣ, ки барои ҷалби захираҳои сармоягузорӣ имконият фароҳам меоранд ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад.

Ҳама гуна лоиҳаҳои сармоягузорӣ самти аниқи татбиқшавӣ дошта, дар ҳамон минтақаҳое метавонанд самараи зиёд оваранд, ки барои амалинамоии онҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ин сабаб, дар раванди тарҳрезии стратегияи фаъолияти сармоягузории ширкату ташкилотҳо нақши муҳимро баҳодиҳӣ ва пешгӯии ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо мебозад.

Баҳодиҳӣ ва пешгӯии ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо бояд бевосита бо сиёсати минтақавии давлат алоқаманд бошад. Ин бо мақсади таъмини рушди самараноки минтақаҳо, бо дарназардошти оқилона истифодабарии имкониятҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Дар алоқамандӣ бо ин мақсад вазифаи сиёсати давлатии рушди минтақаҳо, таҷдиди минтақаҳои кӯҳнаи саноатӣ, ҳавасманднамоии рушди истеҳсолоти содиротӣ ва воридотивазкунандаи ҳамон минтақаҳое мебошад, ки барои ин дорои шароитҳои зарурӣ ҳастанд. Амалигардонии ин вазифаҳо бо фаъолияти сармоягузории давлат ва бахши хусусӣ алоқаи зич дорад.

Дар марҳилаи чорум баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо гузаронида мешавад.

Ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо ин тавсифи корхонаҳои алоҳида бо имкониятҳои рушд, самаранокии истифодабарии дороиҳо ва бозоргирии онҳо, ҳолати пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ мебошад. Баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо бо ёрии усулҳои таҳлили маркетингӣ ва молиявӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷониби сармоягузор баҳодиҳии ҷолибият ҳангоми муайяннамоии ба мақсад мувофиқ будани сармоягузорӣ ва аз нав таҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда, интихоби объектҳои хусусигардонӣ, харидани саҳмияҳои ширкатҳои алоҳида гузаронида мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Кейнс Джон Мейнард. Общая теория занятости, процента и денег. -М.: Гелиос АРВ, 2011. -350 с.
2. Валинурова Л.С. Управление инвестиционной деятельностью / Л.С. Валинурова, О.Б. Казакова. -М.: КноРус, 2005. -384 с.
3. Асаул А.Н. Инвестиционная привлекательность региона. Учеб.пособ. / А.Н. Асаул, Н.И. Пасяда. -СПб: СПбГАСУ, 2015. -120 с.
4. Аскинадзе В.М. Инвестиционное дело: учебник / В.М. Аскинадзе, В.М. Максимова, В.С. Петров. -М.: Университетская книга, 2012. -512 с.
5. Гришина И. Комплексная оценка инвестиционной привлекательности и инвестиционной активности регионов: методика определения и анализ взаимосвязей / И. Гришина, И. Ройзман, А. Шахназаров. - 2015. –С.118-120.
6. Ткаченко И.Ю. Инвестиции. Учеб.пособие / И.Ю. Ткаченко, Н.И. Малых. -М.: Центр «Академия», 2009. -18 с.
7. Шеховтсев А.О. Основные факторы инвестиционной привлекательности Дального Востока и преспективы её повышения. Инвестиционная привлекательность регионов: причины различий и экономическая политика государства / А.О. Шеховтсев. -М: Институт экономики переходного периода, 2002. -С.46-110.
8. 20 соли истиқлолият: сармоягузорӣ, хусусигардонӣ, соҳибкорӣ / А.С. Эшонкулов, А.Ю. Наҷмиддинов, Ш.М. Раҳматбоев [ва диг.]. –Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2011.


## НАҚШИ ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРОНИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши ҷолибияти сармоягузориро дар ҷалби сармоягузорони иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Сармоягузорон бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешаванд. Дар марҳилаи дуюм таҳлил ва пешгӯии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда мешавад. Баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳида дар натиҷаи коркарди стратегияи сармоягузории ташкилот амалӣ мегардад. Ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо ин тавсифи корхонаҳои алоҳида бо имкониятҳои рушд, самаранокии истифодабарии дороиҳо ва бозоргирии онҳо, ҳолати пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ мебошад. Баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо бо ёрии усулҳои таҳлили маркетингӣ ва молиявӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷониби сармоягузор баҳодиҳии ҷолибият ҳангоми муайяннамоии ба мақсад мувофиқ будани сармоягузорӣ ва аз нав таҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда, интихоби объектҳои хусусигардонӣ, харидани саҳмияҳои ширкатҳои алоҳида гузаронида мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҳолибият, сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузорон, иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, баҳодиҳӣ, рушди бозори сармоягузорӣ, бозори сармоягузорӣ, маълумотҳои дақиқ, пойгоҳи додаҳо.

**РОЛЬ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ИНВЕСТОРОВ**

В данной статье автор рассматривает роль национальной экономики в привлечении инвесторов. Под инвестициями понимаются финансовые, имущественные и интеллектуальные ценности, вкладываемые в объекты предпринимательской и других видов деятельности с целью получения прибыли или достижения социального эффекта. Инвестиционный процесс представляет собой многостороннюю деятельность участников воспроизводственного процесса по наращиванию капитала нации.. Инвестиции играют важную роль в поддержании и наращивании экономического потенциала, которые благоприятно влияют на развитие экономики, ведут к увеличению валового национального продукта и повышают активность страны на внешнем рынке. Инвестиционной деятельности отводится ключевое место в процессе проведения преобразований, направленных на создание благоприятных условий для устойчивого экономического роста. Главными критериями необходимости инвестиций являются рост эффективности производства и максимизация прибыли. Также для решения проблемы привлечения инвестиций в экономику страны необходима серьезная государственная инвестиционная политика, главной задачей которой является формирование благоприятной среды, которая будет способствовать привлечению и повышению эффективности использования инвестиционных ресурсов. Также Важным элементом системы стимулирования инвестиционной деятельности является налоговое стимулирование и в этих целях государству необходимо разработать ряд мер, которые будут способствовать стимулированию потенциальных инвесторов, а также населения относительно повышения их инвестиционной активности.

**Ключевые слова**: привлекательность, капиталовложения, привлечение инвестиций, национальная экономика, развитие рынка инвестицийй, рынок инвестиций, точные данные, информационная база.

**THE ROLE OF INVESTMENT ATTRACTIVENESS OF NATIONAL ECONOMY IN ATTRACTION OF INVESTORS**

In this article, the author examines the role of the national economy in attracting investors. Under the investment refers to financial, property and intellectual values invested in the objects of entrepreneurial and other activities with a view to profit or social effect. The investment process is a multilateral activity of participants in the reproduction process to increase the capital of the nation. Investments play an important role in maintaining and building economic potential, which favorably affect the development of the economy, lead to an increase in gross national product and increase the country's activity in the external market. Investment activity is given a key place in the process of transformation aimed at creating favorable conditions for sustainable economic growth. The main criteria for the need for investment are the increase in production efficiency and profit maximization. Also, to solve the problem of attracting investments into the country's economy, a serious state investment policy is needed, the main task of which is to create a favorable environment that will help attract and improve the efficiency of investment resources. Also an important element of the incentive system for investment activity is tax incentives, and to this end, the government needs to develop a number of measures that will help stimulate potential investors, as well as the public, to increase their investment activity.

**Key words:** attractiveness, investment, investment attraction, national economy, investment market development, investment market, accurate data, information base.

**Сведения об авторе:** ***Розиев Диловар А.*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **985-01-67-17**

I**nformation about the author:** ***Roziev Dilovar A.*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Finance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **985-01-67-17**

**УДК 63+33(575.3)**

# РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

***Ибодов Ш.М.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Хоҷагии қишлоқ яке аз қадимтарин ва муҳимтарин соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад [1,с.65]. Хоҷагии кишлоқи ноҳия тақрибан таърихи 5000-сола дорад [6,с.64]. Муҳимтарин вазифаи соҳаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, аҳолиро бо маҳсулоти озуқа ва корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворoccиро бо ашёи хом таъмин намудан мебошад [2,с.222].

Кишоварзони соҳибтаҷриба ва асилу кордони ноҳия дар масъалаи истифодаи оқилонаи обу замин, яъне маданияти заминдорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҷамъоварии ду-се ҳосил аз заминҳои обӣ, инчунин дар самти ҷорӣ намудани шаклҳои муосири хоҷагидорӣ пешсаф мебошанд. Таҷрибаву малака ва дастовардҳои хуби деҳқонони ноҳия нишон медиҳад, ки ҷамъоварии ҳосили баланд дар баробари таъмини бозори истеъмолии кишвар ва афзоиши иқтидори содиротии мамлакат, инчунин боиси беҳтаршавии даромади сокинон ва болоравии сатҳи зиндагии онҳо мегардад.

**Диаграммаи 1. Майдони умумии заминҳои кишт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоби фоиз дар соли 2014**
**Diagram 1. The total area of cultivated lands in the Hissar Economic Zone in% by 2014**




Ба рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои хоҷагии қишлоқ омилҳои табиӣ таъсиргузоранд. Мавҷудияти шароит ва сарватҳои табиии гуногуни ноҳияи иқтисодии Ҳисор барои рушди соҳаҳои боғдорӣ, токпарварӣ, ғаллакорӣ, картошкапарварӣ, сабзаваткорӣ, пахтакорӣ, кишти растаниҳои равғандиҳанда ва ғайра мусоид мебошад. Бахши кишоварзии ноҳия низ ба якчанд соҳаҳои махсусгардонидашуда ҷудо карда шудааст, ки пахтакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ аз қабили онҳо мебошанд. Соҳаҳои номбурдашуда 15% маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунанд [2,с.278]. Имконияти зиёд кардани заминҳои кишт дар ноҳия маҳдуд аст.

Дар давоми солҳои 2005-2014 майдони заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 9437 га, ё ин ки 7,4% кам шудааст [4,с.101]. Дар байни ноҳияҳои маъмурии ноҳияи иқтисодии Ҳисор танҳо дар шаҳри Роғун майдони заминҳо 109 га 4,7% зиёд шудаасту халос [3,с.101]. Дар ҳамаи ноҳияҳои маъмурии боқимондаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор бошад, майдони заминҳои кишоварзӣ кам шудааст.

Зироаткорӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бахши кишоварзии ноҳия ба ҳисоб меравад. Зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба шароитҳои иқлиму хок ҳангоми нашъунамо нигоҳубини махсусро талаб мекунанд [2,с.226]. Солҳои охир дар таркиби заминҳои кишоварзии ноҳияи иқтисодии Ҳисор як қатор тағйиротҳо ба амал омаданд. Майдони заминҳои кишти пахта кам шуда, майдони заминҳои ғалладонагӣ ва боғу токпарварӣ зиёд карда шуданд.

**Ҷадвали 1.Майдони умумии заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ноҳияҳои маъмурии ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоби га дар соли 2014**
**Table 1. Total Land Soil in All Farms of Administrative Regions of Hisor district in Hissor in 2014**

| | Ноҳияҳои маъмурӣ ва ш. Душанбе | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Турсунзода | Шахринав | Ҳисор | Рӯдакӣ | Варзоб | Ваҳдат | Файзобод | Роғун | ш. Душанбе |
| Майдони умумӣ | 22269 | 12348 | 20623 | 28175 | 4235 | 17608 | 9108 | 2323 | 40 |
| Аз он ҷумла заминҳои ғалладона | 15707 | 8166 | 11947 | 18990 | 2696 | 10381 | 4034 | 1869 | 7 |
| Пахта | 2127 | 692 | 1059 | 731 | - | 646 | - | - | 4 |
| Картошка | 379 | 165 | 420 | 928 | 271 | 745 | 747 | 186 | 7 |
| Сабзавот | 1555 | 1345 | 1098 | 1618 | 252 | 2931 | 529 | 135 | 19 |
| Полезӣ | 378 | 200 | 148 | 121 | 74 | 234 | 21 | 11 | - |
| Зироати хӯроки чорво | 1239 | 586 | 4385 | 2622 | 556 | 1335 | 3151 | 92 | 3 |

Манбаъ: Минтақаҳои ҶТ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2015. -С 101,103,105, 106,108, 110,112

Дар давоми солҳои 2005-2014 дар ноҳия майдони заминҳои ғалладонагӣ 16,2% (11969 га), майдони заминҳои сабзавоткорӣ 17,8% (1690 га) ва майдони полезиҳо 16,3% (194 га) зиёд гардиданд. Дар ин муддат (солҳои 2005-2014) дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор майдони пахта 79,1% (19972 га), майдони картошка 8,2% (308 га) ва майдони зироатҳои хӯроки чорво 29,3% (4487 га) кам шуданд [4,с.102,104,105,107,109,111; 3, с.103,105,106,108,110,112].

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки аз ҳисоби кам намудани майдони пахта ва зироатҳои хӯроки чорво дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор майдони заминҳои ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезиҳо зиёд карда шуданд. Сабабҳои асосии кам шудани майдони заминҳои кишоварзӣ

дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор истифодаи ноқулайи заминҳо, бо мақсади сохтмони роҳ ва биноҳо истифода шудани заминҳои кишоварзӣ, шӯр шудан, ба ботлоқзор мубаддал гардидан ва ба эрозия дучор шудан ва аз истифодаи кишоварзӣ берун шудани заминҳо мебошанд. Дар рушди бахши кишоварзӣ ирригатсия ва мелиоратсияи замин низ, аҳамияти зиёд доранд. Мафҳуми ирригатсия ҳамаи чизҳои мансуб ба обёриро дар бар мегирад (сохтмони каналҳо, обанборҳо, гидроузелҳо, истгоҳҳои насосӣ, заҳбурҳо) [2,с.225]. Заминҳое, ки ба эрозияи обӣ дучор шудаанд, асосан дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дида мешаванд. Агар садди роҳи он гирифта нашавад, биёбоншавӣ дар солҳои наздик 2 баробар меафзояд [6,с.64].

Чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия чорводориро ба чунин соҳаҳо ҷудо кардан мумкин аст: чорвои калони шохдор (равияи ширу гӯштӣ, гӯшту ширӣ, ширӣ ва гӯштӣ), гӯсфандпарварӣ (зотҳои гӯшту равғандиҳанда, зоти маҳинпашм ва қарокӯлӣ), бузпарварӣ (зотҳои маҳаллӣ барои гӯшт), асппарварӣ, парандапарварӣ, кирмакпарварӣ, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ ва ғайра.

Саршумори чорво солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб дар ҳамаи минтақаҳои кишвар хеле кам шуд. Барои ба ҳолати пештара овардани саршумори чорво бояд, дар навбати аввал, базаи хӯроки чорво мустаҳкам карда шавад [2,с.234].

Чорвои калони шохдор соҳаи муҳимтарини чорводории ноҳия ба ҳисоб рафта, асосан равияҳои ширу гӯштӣ ва гӯшту ширӣ дорад. Ҳоло парвариши чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои ноҳия соҳаи камдаромад ҳисобида мешавад. Қисми зиёди чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои шахсӣ парвариш карда мешавад. Вале таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки маҳсулнокии хоҷагиҳои шахсӣ ва деҳқонӣ нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ беҳтар шуда истодааст. Саршумори чорвои калони шохдор дар соли 2005 ба 261124 сар расида, дар соли 2014 бошад, ин саршумор ба 402373 баробар шуд, ки нисбати соли 2005 141249 сар зиёдтар аст [4,с.175; 3,с.176]. Наслгирӣ дар чорвои калони шохдор дар соли 2014 ба 12095 гӯсола баробар аст, талафот бошад, ба 36 сар расид [3,с.193,197].

Гӯсфанду бузпарварӣ соҳаи қадим дар Тоҷикистон мебошад, ки маҳсулоти асосии онро гӯшт, равған, пашм ва пӯсти он ташкил медиҳад. Саршумори гӯсфанду буз дар соли 2005 ба 391167 сар баробар буд, ки ин шумора дар соли 2014 ба 824964 сар баробар гардид. Саршумори барраю бузғола дар соли 2014 ба 45876 сар расид, талаф бошад, ба 503 сар баробар гардид [3,с.195,199].

Парандапарварӣ соҳаи нисбатан нави чорводорист. Ҳоло дар ноҳия стансияҳои ҷӯҷабарорӣ ва фабрикаҳои мурғпарварӣ мавҷуданд, ки ба истеҳсоли гӯшт ва тухм махсус гардонида шудаанд. Ин соҳа ба хусусиятҳои дар муҳлати кӯтоҳ маҳсулотдиҳандааш нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ афзалиятнок аст. Ба ин хотир дар ҳама ноҳияҳо рушд додани он ба мақсад мувофиқ аст. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои оморӣ соли 2005 саршумори паранда ба 618491 сар баробар буд, дар соли 2014 бошад, ин нишондиҳанда ба 1671754 сар баробар шуд, ки нисбати соли 2005 1053263 сар зиёд аст [4,с.182; 3,с.183]. Баробари зиёдшавии паранда талафоти он низ зиёд аст. Масалан, дар соли 2014 талафоти паранда ба 150814 сар баробар шуд.

Саршумори парандаро аз ҳама зиёд хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Файзобад ба даст оварда бошад, саршумори аз ҳама пастро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Варзоб ба даст овардаанд.

Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки дар ҷараёни амалисозии Барномаи рушди соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015 саршумори паранда дар корхонаи «Мурғи ҳилол»-и ноҳияи Файзобод ба 627 ҳазор сар ва истеҳсоли солонаи тухм ба зиёда аз 98 миллион дона расидааст. Соли 2013 корхона ба маблағи умумии 57 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, барои таъмини бозори дохилӣ бо тухм ва гӯшти парҳезӣ саҳми намоён гузошта истодааст [5].

Ҳоло кор дар самти боз ҳам беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхона ҷараён дорад ва дар назар аст, ки то охири соли равон саршумори паранда қариб ба як миллион сар расонида шавад.

Алҳол роҳбарияти корхонаи «Мурғи ҳилол» барои таъмин намудани корхона бо технологияҳои муосири парандапарварӣ ва дар назди корхона бунёд кардани коргоҳ барои истеҳсоли гӯшти парҳезӣ бо иқтидори истеҳсолии 12 ҳазор тонна маҳсулот дар як сол саъю талош дорад.

Асппарварӣ дар ноҳия соҳаи қадимӣ аст. Назар ба дигар намуди чорво дар ин давра кам шудани саршумори асп гувоҳи он аст, ки дар мамлакат нисбати парвариши асп таваҷҷуҳи камтар медиҳанд. Саршумори асп дар соли 2005 ба 11667 сар баробар буд, ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 9436 сар расидааст, ки ин нисбати соли 2005 2231 сар кам

аст [4,с.184; 3,с.185]. Солҳои 2005-2014 дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор саршумори ҳамаи навъҳои чорво ғайр аз асп зиёд гардидааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Саршумори чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд, асп, паранда ва хук дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор (сар)**
**Table 2. Number of large cattle, goat, sheep, horses, poultry and pigs in the economic districts of Hisor district (chief)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2005 | | | | 2014 | | | |
| | Чорвои калони шохдор | Бузу – гӯсфанд | Паранда | Асп | Чорвои калони шохдор | Бузу гӯсфанд | Паранда | Асп |
| ш.Роғун | 7751 | 20449 | 18784 | 398 | 17888 | 63039 | 36765 | 674 |
| н.Варзоб | 13904 | 41966 | 14787 | 230 | 26970 | 102958 | 25675 | 266 |
| н.Ҳисор | 49721 | 68258 | 40089 | 2718 | 69762 | 105079 | 61557 | 2857 |
| ш.Ваҳдат | 50822 | 65552 | 62407 | 1436 | 78854 | 150348 | 452061 | 1141 |
| н.Рӯдакӣ | 48968 | 55257 | 135681 | 3795 | 65762 | 93264 | 161906 | 1857 |
| н.Турсунзода | 46542 | 73482 | 91771 | 843 | 74164 | 166559 | 143473 | 647 |
| н.Файзобод | 23621 | 42549 | 24828 | 1631 | 42357 | 99565 | 725238 | 1480 |
| н. Шаҳринав | 19795 | 27254 | 230144 | 616 | 26616 | 44152 | 65079 | 514 |
| Ноҳияи иқтисодии Ҳисор | 261124 | 391767 | 618491 | 11667 | 402373 | 824964 | 1671754 | 9436 |

Манбаъ: Минтақаҳои ҶТ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. - 2012. –С.175,180,182,184; 2015. – С.176,181,183

Ҳамзамон, имрӯзҳо, фермаи чорводорӣ низ ба кор оғоз карда истодааст, ки дар ояндаи наздик барои рушди соҳаи чорводорӣ, беҳтар кардани зоти чорво, бо гӯшту шир таъмин намудани аҳолии ноҳия, инчунин сокинони пойтахти мамлакат саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Дар ин муддат истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, тухм ва пӯст низ зиёд гардид. Дар қисми зиёди минтақаҳои кӯҳии ноҳияи иқтисодии Ҳисор низ, барои рушди соҳаҳои гӯсфанду бузпарварӣ, асппарварӣ ва парвариши чорвои калони шохдор имкониятҳо мавҷуданд.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор соҳаи моҳипарварӣ низ рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Моҳиро асосан дар ҳавзҳои сунъӣ парвариш менамоянд. Ҳоло дар ноҳия як қатор хоҷагиҳои моҳипарварӣ мавҷуданд, ки асосан дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Варзоб ҷойгир шудаанд. Бо мақсади равнақ додани моҳипарварӣ дар оянда зиёд кардани ҳавзу кӯлҳо дар назар дошта шудааст. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор истеҳсоли шир дар соли 2014 нисбат ба соли 2005-ум 30970 тонна, истеҳсоли тухм 67454 дона, пашм 148 тонна ва асал 307 тонна зиёд гардид. Дар ин давом истеҳсоли пилла 172 тонна кам гардид [4,с.165,167,169,171,173; 3,с.166,168,172,174].

**Ҷадвали 3. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор**
**Table 3. Production of livestock products in the districts of Hissar district**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2005 | | | | | 2014 | | | | |
| | Шир (тонна) | Тухм (ҳаз. дона) | Пашм (тонна) | Пилла (тонна) | Асал (тонна) | Шир (тонна) | Тухм (ҳаз. дона) | Пашм (тонна) | Пилла (тонна) | Асал (тонна) |
| ш.Роғун | 2490 | 745 | 15 | - | 9 | 6267 | 1331 | 66 | - | 25 |
| н.Варзоб | 4018 | 412 | 33 | 1 | 33 | 10584 | 1034 | 47 | - | 30 |
| н.Ҳисор | 22058 | 3843 | 64 | 64 | 30 | 25980 | 1014 | 50 | 21 | 32 |
| ш.Ваҳдат | 50822 | 1579 | 41 | 67 | 20 | 28787 | 29785 | 65 | 26 | 229 |
| н.Рӯдакӣ | 12684 | 4963 | 75 | 51 | 2 | 25010 | 9257 | 103 | 10 | 22 |
| н.Турсунзода | 18210 | 694 | 46 | 21 | 20 | 22714 | 1926 | 77 | 9 | 33 |
| н.Файзобод | 6222 | 42549 | 33 | 22 | 23 | 13404 | 98316 | 48 | 3 | 60 |
| н. Шаҳринав | 10395 | 25044 | 17 | 28 | 12 | 12679 | 4620 | 16 | 13 | 25 |
| Ноҳияи иқтисодии Ҳисор | 114455 | 79829 | 324 | 254 | 149 | 145425 | 147283 | 472 | 82 | 456 |

Манбаъ: Минтақаҳои ҶТ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2012. –С.165,167,169,171,173; 2015. –С.166,168,172,174

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ давраи ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид. Аз соли 1992 инҷониб марҳилаи ба деҳқонон қисман ҷудо намудани заминҳои минтақаи кӯҳистон ва наздикӯҳӣ сар шуд. Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995, №342 ва аз 1 декабри соли 1997, №874 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба хоҷагидорон ҷудо карда шуд, ки ин амал ба таъминоти аҳолӣ бо озуқа мусоидат кард.

Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 қабул карда шудааст, ки барои таъмин намудан бо озуқа нигаронида шудааст.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз ҷиҳати истеҳсоли шир, асал ва пилла ноҳияи Ваҳдат, аз ҷиҳати истеҳсоли пашм ноҳияи Рӯдакӣ ва аз ҷиҳати истеҳсоли тухм ноҳияи Файзобод пешсаф аст.

Хулоса, ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз ҷиҳати пешсафӣ дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ баъд аз ноҳияи иқтисодии Суғд мавқеи худро нигоҳ доштааст.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор як қатор омилҳое ҳастанд, ки барои рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ монеъ мешаванд. Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- Низоми сусти бонкӣ, сохтори ба қадри кофӣ рушднаёфтаи таъминоти моддию техникии соҳаи кишоварзии ноҳия.
- Истеҳсолоти ҳозираи кишоварзӣ даромаднок ва самарабахш набуда, ҷойҳои кории доимиро ташкил намекунад, ки ин ба муҳоҷирати оммавии аҳолии қобили меҳнат оварда мерасонад.
- Паст будани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ.
- Каммаҳсул будани соҳаҳои чорводорӣ.
- Арзиши баланд доштани маҳсулотҳои нафтӣ ва нуриҳои минералӣ.
- Аз бонкҳо қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ.
- Арзиши баланд доштан ва дастнорас будани мошинаҳои кишоварзӣ барои деҳқонон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ.
- Ба рушди кишоварзӣ чунин омилҳои макроиқтисодӣ, ба монанди афзоиши нархи барқу сӯзишворӣ ва дигар воситаҳои моддию техникӣ, ки дар соҳа истифода мешаванд, таъсири манфӣ мерасонанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев А. Проблемы экономико-экологического развития Республики Таджикистана. Учебное пособие / А. Абдуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2006. -199 с.
2. Муҳаббатов Х.М. Географияи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Х.М. Муҳаббатов, М.Р. Раҳимов. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. -301 с.
3. Агентии омори назди Президенти ҶТ. Минтақаҳои ҶТ. –Душанбе, 2015. -219 с.
4. Агентии омори назди Президенти ҶТ. Минтақаҳои ҶТ. –Душанбе, 2012. -219 с.
5. [Манбаи электронӣ]. www.prezident.tj
6. Диловаров Р. Проблемы охраны и радционального использования природных ресурсов верхного течения Амударьи. Учебное пособие / Р. Диловаров. -Душанбе: ДДМТ, 1999. –99 с.


## РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР


Дар мақола роҳҳои самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзии ноҳияи иқтисодии Ҳисор дида баромада шудаанд. Инчунин масъалаҳои аз як замин бардоштани ду ва ё се ҳосил, ҷорӣ намудани шаклҳои муосири хоҷагидорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар баробари ин, қайд гардидааст, ки камшавии майдони заминҳои кишт дар ноҳия нисбат ба солҳои пешин дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳои ноҳия ба назар мерасад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳисоби кам шудани майдони заминҳои пахта ва зироатҳои хӯроки чорво дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор заминҳои ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезиҳо зиёд карда шуда истодаанд. Диққати хосса ба рушди соҳаи чорводорӣ ва зиёдшавии саршумори чорво дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор дода шудааст. Дар мақола тақсимоти соҳаҳои чорводорӣ ба пуррагӣ гузаронида шудааст. Аммо яке аз мушкилиҳои асосӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор паст будани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва арзиши баланд доштани маҳсулоти нафтӣ ва нуриҳои менералӣ барои хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад.



**Калидвожаҳо**: зироаткорӣ, боғу токдорӣ, ғалладонагӣ, эрозия, кишоварзӣ, ирригатсия, мелиоратсия, биёбоншавӣ, чорводорӣ, ҳавзҳои сунъӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, парандапарварӣ**.**


## РАЗВИТИЕ И РАЗМЕЩЕНИЯ ОТРАСЛЕЙ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В ГИССАРСКОМ ЭКОНОМИЧЕСКОМ РОЙОНЕ


В статье рассмотрено эффективное использование сельскохозяйственных земель в Гиссарском экономическом районе. В статье представлены культурное землевладение, когда можно получить с одного участка орошаемых земель два или три урожая, а также внедрение новых форм хозяйствования в Гиссарском экономическом районе. В статье отмечено сокращение площади обрабатываемых земель в районе, по сравнению с предыдущими годами, и изменение отдельных видов культур по всем категориям форм собственности. Исследование показало, что из-за сокращения хлопковых полей за счет зерновых культур для животноводства в Гиссарском экономическом районе увеличились урожаи овощей и бахчевых культур. Особое внимание уделено улучшению животноводства и увеличению поголовья скота в Гиссарском экономическом районе. Особое

внимание уделено имеющимся проблемам, с которыми сталкивается экономика района, включающим низкий коэффициент фертильности сельскохозяйственных культур, высокую стоимость нефтепродуктов и минеральных удобрений для сельскохозяйственных предприятий.

**Ключевые слова**: растениеводство, садоводство, зерновой, эрозия, сельское хозяйство, ирригация, мелиорация, опустынивание, живодноводство, искусственный бассейн, дехканские фермы, птицеводство.

**DEVELOPMENT AND ARRANGING OF THE POPULATION OF DISTRICT IN ECONOMIC HISOR REGION**

The article deal with considering of the effective use of agricultural land in the Gisar economic region. In this article the author searched about how to pick up two or three times crops from one area of irrigated land, as well as the introduction of new forms of management in the Gisar economic region. The article noted a reduction in the area of cultivated land. The study showed that due to the reduction of cotton fields due to grain crops for livestock in the Gisar economic region, harvests, vegetables and melons have increased. So it had been paid particular attention to improving livestock and livestock in the Gisar economic region. Special attention have paid to the existing problems facing the economy of the district, which include a low coefficient of fertility of agricultural crops, high cost of oil products and mineral fertilizers for agricultural enterprises. In the area compared with previous years, and the changes in individual types of crops in all categories of ownership.

**Key words:** plant growing, horticulture, grain, erosion, village agriculture, irrigation, melioration, desertification, area, agricultural, crops artificial pool, farms, poultry farming.

**Сведения об авторе:** ***Ибодов Шухрат Махмадиевич*** - Таджикский педагогический университет им. С. Айни, докторант PhD 3-го курса кафедры экономико-социальной географии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 121. E-mail: **Shuhrat_01_02@ mail.ru**. Телефон: **937-12-34-52**

**Information about the author:** ***Ibodov Shuhrat Mahmadievich*** - Tajik pedagogical University. S. Aini, PhD 3rd year of the Department of economic and social geography. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street, 121. E-mail: **Shuhrat_01_02@ mail.ru**. Tel: **937-12-34-52**

**УДК 330.34(575.3)**

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СЕКТОР СФЕРЫ УСЛУГ: ПРИЧИНЫ НИЗКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ И НАПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ

***Джумъаев Б.М., Имомов М.К.***
**Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана**

Эффективное функционирование государственного сектора экономики в условиях рыночной экономики - это разветвленный и хорошо отлаженный механизм государственной поддержки предприятий сферы услуг и реализации государством функции собственника. Такой механизм способствует росту доходов государственных предприятий и лучшему управлению государственным имуществом.

В условиях сильной конкуренции со стороны частного сектора экономики, когда развитие сферы услуг невозможно без активизации инновационной и инвестиционной деятельности, роль и значение государственной поддержи в функционирование государственного сектора услуг возрастает. Развитие инновационной сферы деятельности государственного сектора невозможно без эффективно функционирующего механизма государственной поддержки [5,с.68]. Государственная поддержка необходима для решения восстановления деятельности убыточных предприятий сферы услуг, расширения деятельности предприятий сферы услуг и диверсификации номенклатуры предоставляемых услуг, развития взаимодействия малых и крупных предприятий сферы услуг, углубления специализации и расширения кооперирования производства, а также участия в реструктуризации крупных предприятий.

Для поддержки государственных предприятий сферы услуг можно использовать различные инструменты государственной политики, такие как: 1) программные инструменты; 2) финансовые инструменты; 3) научно-технические инструменты; 4) государственный протекционизм; 5) инфраструктурные инструменты.

Важным инструментом государственной поддержки предприятий сферы услуг является использование инструментов государственного протекционизма[1,с.19]. Применительно к предприятиям сферы услуг наиболее действенными являются антидемпинговые меры, формирование спроса, создание государственных корпораций и др.

Однако при применении вышеприведенных мер государственной поддержки необходимо не допускать прямое вмешательство в деятельность хозяйствующих субъектов, а создать среды, способствующие проявлению предпринимательской активности, внедрению инноваций, честной конкуренции и ориентации на освоение и развитие новых рынков.

В этой связи необходимо принимать меры по поддержке спроса, развитию институциональной среды функционирования предприятий сферы услуг, разрабатывать

**Рис.1. Механизм поддержки государственных предприятий сферы услуг**
**Fig.1. Support mechanism for state-owned enterprises**




долгосрочные экономические программы, направленные на повышение эффективности функционирования государственного сектора сферы услуг.

Государство также может поддерживать деятельность предприятий сферы услуг следующими подходами:

1) Приватизация;
2) Аутсорсинг;
3) Реформы системы управления государственных предприятий;
4) Развитие государственно-частного партнерства (ГЧП).

Приватизация означает передачу ответственности правительства частному сектору. Приватизацию можно проводить для тех секторах сферы услуг, где гражданин часто является неудовлетворенным качеством предоставленных государственных услуг, и эти отрасли не имеют стратегического значения. Передача государственной собственности на руки частного сектора в этих отраслях позволяет модернизировать отрасли и повысить характер его коммерциализации. Однако в условиях приватизации независимо от роста дохода поставщиков услуг цены на государственные услуги могут возрасти, что не всегда в пользу широкого слоя населения страны.

Под аутсорсингом понимается комплекс мероприятий, направленных на передачу предприятием определенных процессов и функций другой организации. Использование аутсорсинговых услуг частных компаний может повысить эффективность государственных предприятий. Существует множество видов аутсорсинга. Однако государственные предприятия могут давать не все основные виды деятельности на выполнение аутсорсинговым компаниям. Важной формой аутсорсинга для государственных предприятий является передача сторонней организации право ведения бухгалтерского учета и составления отчетности на предприятии.

Среди предприятий государственного сектора сферы услуг, учреждений, предоставляющих социальные услуги в области здравоохранения, образования, которые часто не имеют хорошей практики ведения бухгалтерского учета, использование аутсорсинговых услуг может повышать их рентабельность.

Применительно к государственному сектору это позволяет государству делегировать свои функции частной компании. Аутсорсинг определенных функций ГП может повысить его эффективность. Аутсорсинг определенных функций государственных предприятий улучшает качество предоставляемых ими услуг, так как контроль за деятельностью частных подрядчиков сильнее, по сравнению с государственными, и при задержке в предоставлении государственных услуг они могут быть оштрафованы за плохое обслуживание или отсутствие надежности.

Таким образом, аутсорсинг в деятельности предприятий сферы услуг улучшает инновационные возможности государственных компаний за счет взаимодействия и партнерства с поставщиками мирового уровня, имеющими большой интеллектуальный потенциал и богатый инновационный опыт, обеспечивает большую гибкость компании в случае внезапного изменения рыночной ситуации, ускоряет приобретение ресурсов и навыков, позволяет сосредоточиться на тех операциях, которые эффективно выполняются силами компаний. Для крупных государственных предприятий, имеющих финансовые затруднения, аутсорсинг дает возможность сокращения штата организации.

Важным направлением повышения эффективности государственного сектора сферы услуг является реформирование системы менеджмента и корпоративного управления.

Реформирование системы менеджмента государственных предприятий должно базироваться на принципах управления частными предприятиями. Такие реформы управления должны способствовать повышению эффективности и государственных предприятий наряду с частными предприятиями. Менеджеры государственных предприятий должны быть в состоянии контролировать факторы среды функционирования предприятия, основанные на получении доходов, коммерческом владении или стратегическом владении средствами производства.

Исходя из этого, правительству для поддержки государственных предприятий необходимо установить четкие и достижимые цели, совместимые с коммерческой деятельностью фирмы, предоставить руководству большую автономию в управлении предприятием и выбрать менеджеров, способных работать самостоятельно, установить четкие правила, процедуры и ограничения для участия правительства в процессе принятия решений и обеспечить подотчетность руководителей, установив цели, результаты мониторинга и оценки.

Независимо от приватизации ГП, передачи права на предоставление услуг внешним подрядчикам или заключения соглашения о ГЧП, роль государственной поддержки является важной.

Правительство также несет ответственность за обеспечение надлежащего управления в своих государственных предприятиях. Хорошее управление является центральным элементом реформ государственного сектора. Хорошее управление настаивает на подотчетности, прозрачности, верховенстве закона и участии общественности в процессах управления. Всемирный банк определяет четыре элемента надлежащего управления, а именно: эффективность, подотчетность, предсказуемые правовые рамки и прозрачность в принятии решений. Исходя из этого, хорошее управление требует предоставления государственных услуг с максимально эффективными условиями, а также надежной судебной системой и подотчетной администрацией. Подотчетность и отзывчивость являются ключом к хорошему управлению и эффективному контролю на предприятиях сферы услуг.

Надлежащее управление государственными предприятиями отражает структурные, организационные и управленческие изменения, происходящие в государственном секторе. Таким образом, можно сделать вывод, что обеспечение надлежащего управления жизненно важно при любой реструктуризации государственных предприятий и государственного сектора, в целом. ГЧП представляют собой долгосрочные контракты между учреждением государственного сектора и учреждением частного сектора, в которых частная сторона принимает на себя существенный финансовый, технический и операционный риск от проектирования, финансирования, строительства до эксплуатации проекта. Основная цель заключается в обеспечении качественного и экономически эффективного обслуживания за счет использования опыта частного сектора. Ключевым компонентом ГЧП является то, что он влечет за собой передачу риска от государства к частному сектору. Это означает, что частный сектор подвергает риску собственный капитал, финансируя свои инвестиции в проект за счет собственного капитала. Значительный проектный риск (финансовый, технический или операционный) передается частной стороне.

Государственно-частное партнерство относится к договорным отношениям между государственным и частным сектором. ГЧП является одним из инструментов правительства для стимулирования инвестиций в инфраструктурные услуги, а также повышения эффективности

деятельности предприятий сферы услуг. ГЧП - это любые виды деятельности, основанные на согласии субъектов государственного и частного секторов, которые способствуют улучшению экономики и качества жизни. Идея заключается в том, что проекты ГЧП часто требуют гораздо меньше времени для предоставления услуг, а правительство избегает ненужных затрат.

Однако для повышения эффекта ГЧП существует необходимость разработки четкой, предсказуемой в институциональной основе реализации проектов ГЧП в рамках государственных предприятий сферы услуг. До участия в ГЧП государственный сектор должен теоретически определить финансовую выгоду такого проекта и его роль в предоставление государственных услуг в более прибыльной форме.

Таким образом, государство может поддерживать деятельность государственного сектора сферы услуг не только финансовым механизмом, но и реформированием структуры этих предприятий для оптимизации их деятельности. На рисунке 2 приведен механизм реформирования государственных предприятий сферы услуг в Республике Таджикистан.

**Рис. 2. Механизм реформирования государственного сектора сферы услуг**
**Fig. 2. The mechanism of reforming the public services sector**




Реформирование государственных предприятий сферы услуг в Республике Таджикистан должно начинаться с комплексного анализа эффективности такой реформы и разработки государственной стратегии реформ.

Без разработки соответствующих стратегий развития предприятий сферы услуг, правительствам не удается провести реструктуризацию государственных предприятий [3,66]. Здесь важно учесть вклад государственных предприятий в развитие экономики и определить четкие недостатки и критерии эффективности для каждого государственного предприятия.

Целью реформы государственных предприятий на макроэкономическом уровне является привлечение прямых иностранных инвестиций, содействие сокращению государственных заимствований и содействие развитию экономики, способствующей конкурентоспособности национальной экономики в целом и росту благосостояния населения посредством повышения их доступа к качественным социальным услугам и услугам ЖКХ. Необходимо установить социальные требования в отношении реформы государственного сектора, которые включают необходимость увеличения занятости и рационализации или развития новых навыков в рабочей силе, а также поощрения более широкого владения и участия в экономике. Правительства, проводящие реформу государственных предприятий, часто должны пересматривать правовые рамки, чтобы уточнить отношения собственности между государством и государственными

предприятиями, ввести международнопризнанные стандарты бухгалтерского учета и финансовой отчетности. Реформа государственных предприятий должна проводиться в сочетании с принятием политики, которая укрепит деловой климат и конкурентоспособность в экономике; создание эффективной нормативно-правовой базы и корпоративных законов, которые защищают права предприятий, потребителей, работников и граждан; и это накладывает жесткие бюджетные ограничения на те предприятия, которые остаются в государственной собственности.

Независимо от того, остаются государственные предприятия в государственной собственности или приватизируются, правительству необходимо создать сбалансированную нормативно-правовую базу, которая гарантирует свободную конкуренцию между государственными и частными предприятиями. Кроме того, государственные предприятия не должны злоупотреблять своей властью. В то же время, правительству не следует вводить слишком жесткие правила, которые помешают эффективному достижению поставленных целей.

Таким образом, проводимая реформа деятельности неэффективных государственных предприятий должны базироваться на тщательной оценке положительных и отрицательных последствий проводимой реформы. К потенциальным альтернативным вариантам реформы относятся: 1) реформа системы внутреннего управления; 2) коммерциализация или маркетинг; 3) аутсорсинг; 4) государственно-частные партнерства между государственными предприятиями и частными компаниями и 5) приватизация или ликвидация. При реализации любой из этих альтернатив правительства сохраняют важную роль в создании условий и адекватном надзоре для обеспечения эффективной работы, реформ и достижения целей развития.

В свою очередь, надо отметить, что наряду с созданием равных условий для доступа в важнейших отраслях государственного сектора сферы услуг предприятий, как государственных так, так и частных, становится крайне важной проблема обеспечения стандартов качества предоставления услуг. Наличие предприятий различных форм собственности предполагает ответственность государства, местных властей, государственное регулирование в вопросах содержания и использования государственных объектов собственности и сохранение отраслей экономики, имеющих стратегическое значение для благосостояния населения, обеспечения доступности качественных образовательных и медицинских услуг для большинства слоев населения.

Кроме того, переход разработки программы мер государственной поддержки конкуренции и обеспечения качества услуг предполагает выработку единой политики финансирования государственного сектора экономики и создание системы объективного контроля.

Таким образом, проведенное исследование форм государственной поддержки государственного сектора сферы услуг показал, что независимо от рыночного характера функционирования большинства предприятий отрасли, государственная поддержка является важным фактором, гарантирующим устойчивое функционирование государственного сектора. Государство, используя различные инструменты, повышает значение государственного сектора в решении социально-экономических проблем в обществе и его доли в экономическом росте. В условиях Таджикистана, где часто не хватает финансовой и инвестиционной поддержки государственного сектора, государство посредством реформирования отраслей или стимулирования частного сектора к сотрудничеству также сможет повысить производительность госсектора с привлечением внешних финансовых ресурсов или посредством делегирования их функций внешним предприятиям, повысить качество предоставляемых ими услуг.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Андреев В.Н. Разработка механизма государственной поддержки инновационных секторов экономики / В.Н. Андреев, Ю.Я. Еленева, Г.В. Красовский // Инновации. – 2015. -№8(202). -С.18-25.
2. Балацкий Е.В. Проблемы оценки масштабов и эффективности государственного участия в экономике / Е.В. Балацкий // Вестн. Моск. ун-та. Сер.6, Экономика. - 1997. – №6. -С. 22-57.
3. Джумъаев Б.М. Развитие системы антикризисного управления предприятиями сферы услуг: направления, методы и модели / Б.М. Джумъаев, Т.Х. Каримова. -Душанбе: Ирфон, 2018. - 170 с.
4. Ефимова А.И. Современные проблемы повышения эффективности управления государственной собственностью в условиях рынка / А.И. Ефимова. - 2013. -№1–2. -С. 36-38.
5. Имомов М.К. Тенденции изменения масштаба государственного сектора сферы услуг в экономике Таджикистана / М.К. Имомов // Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. -Душанбе: Сино, 2017. -№5(53). -С.168-172.
6. Салатова М.С. Проблемы функционирования предприятий государственного сектора экономики / М.С. Салатова // Вестник ННГУ, 2005. -№1(7). -С.259-263.

**БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ: САБАБҲОИ САМАРАНОКИИ ПАСТ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ**

Мақола ба таҳлили сабабҳои самаранокии пасти бахши хизматрасонии давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосии рушди он муайян карда шудаанд. Механизми дастгирии корхонаҳои давлатии бахши хизматрасонӣ дар асоси воситаҳои барномавӣ, молиявӣ, илмӣ ва техникӣ, инчунин протексионизми давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Илова бар он, аз тарафи муаллифон сенарияҳои ислоҳот дар бахши хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси арзёбии дақиқи оқибатҳои мусбӣ ва манфии ислоҳот, аз ҷумла ислоҳоти системаи идоракунии дохилии корхонаҳои давлатӣ, тиҷоратикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, аутсорсинг ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳангоми татбиқи дилхоҳ сенария, нақши давлат дар фароҳам овардани шароит барои нигоҳ доштани миқёси бахши хизматрасониҳои давлатӣ барои ҷамъият бо роҳи дуруст назорат кардани раванди ислоҳот ва нигоҳ доштани ҳиссаи давлат дар идоракунии корхона муқаррар крада шудааст.

**Калидвожаҳо:** бахши давлатӣ, хадамоти давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, дастгирии давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ дар бахши хизматрасонӣ, хусусигардонӣ, аутсорсинг, шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

**ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СЕКТОР СФЕРЫ УСЛУГ: ПРИЧИНЫ НИЗКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ И НАПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ**

В статье исследованы причины низкой эффективности государственного сектора услуг и определены основные направления его развития в условиях рыночной экономики. Предложен механизм поддержки государственных предприятий сферы услуг на основе программных финансовых, научно-технических, инфраструктурных инструментов, а также инструменты государственного протекционизма. Предлагаются сценарии реформирования государственного сектора сферы услуг на основе тщательной оценки положительных и отрицательных последствий проводимой реформы, предусматривающие реформирование системы внутреннего управления государственных предприятий, коммерциализацию предоставляемых ими услуг, аутсорсинг и развитие государственно-частного партнерства. При реализации любой из этих альтернатив уточнена роль правительства в создании условий сохранения масштаба государственного сектора услуг посредством адекватного надзора процесса проводимой реформы и сохранения голосующей доли правительства в структуре того или иного предприятия.

**Ключевые слова:** государственный сектор, сфера услуг, государственная собственность, государственные предприятия, государственная поддержка, государственные предприятия сферы услуг, приватизация, аутсорсинг, государственное частное партнерство.

**THE STATE SECTOR OF THE SPHERE OF SERVICES: CAUSES OF LOW EFFICIENCY AND DIRECTION OF STATE SUPPORT**

The article deals with the problems of the low efficiency of the public services sector and identifies the main directions of its development in the condition of market economy. The authors offers the mechanism of supporting state-owned enterprises in the service sector on the basis of programmatic financial, scientific and technical and infrastructural tools, as well as instruments of state protectionism. It proposes the scenarios for reforming public sector services sector based on assessment of the positive and negative consequences of the reform, including reforming the internal management system of public enterprises, commercializing their services, outsourcing and developing public-private partnerships. During the implementation of any of these alternatives, the role of the government is defined in creating conditions for maintaining the scale of the public services sector by adequately overseeing the reform process and preserving the government's voting share in the structure of an enterprise.

**Key words**: public sector, state-owned services, state-owned enterprises, state support, state-owned enterprises in the service sector, privatization, outsourcing, public-private partnership.

**Сведения об авторах:** ***Джумъаев Б.М.*** **-** Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, заведующий кафедрой мировой экономики и международных отношений. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **j_bahoviddin@mail.ru**. Телефон: **(+992) 934-88-86-70**

***Имомов М.К.*** **-** Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, ассистент кафедры финансов и налогообложения в предпринимательстве. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru** Телефон: **(+992) 931-44-43-40**

**Information about the authors:** ***Dzhumaev B.M.*** - Institute of Entrepreneurship and Service of Tajikistan, Head of the Department of World Economy and International Relations. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **j_bahoviddin@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-88-86-70**

***Imomov M.K.*** - Institute of Entrepreneurship and Service of Tajikistan, Assistant of the Department of Finance and Taxation in Entrepreneurship. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Phone: **(+992) 931-44-43-40**

**УДК: 334 (575.3) (1-87)**

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ ОМОДАГИИ ШАБАКАВӢ

***Саттаров А.Ҷ., Муминова Н.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти муосир нақши калидӣ доранд. Имрӯзҳо мо мафҳумҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, виртуалӣ ва рақамиро мешунавему истифода мебарем. Ин бо он алоқамандӣ дорад, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёт ду

соҳаи ба ҳам алоқаманд гардида, дар якҷоягӣ ба ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбӣ расонида ва самараи хуби иқтисодӣ дода истодаанд. Иқтисодиёт одатан бе технологияҳои нави иттилоотӣ суст рушд меёбад ва давлат дар рӯйхати давлатҳои ақибмонда боқӣ мемонад.

Дар айни замон мо шоҳиди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии глобалӣ гашта истодаем, ки ин ба ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ва сохтани ҷамъияти иттилоотӣ оварда мерасонад.

Иттилоот захираи стратегии ҷамъиятӣ гаштааст ва ин боис гардид, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) босуръат паҳн гарданд. Дар шароити рақобати бозорӣ нақши боризеро имконияти мутобиқшавии корхонаҳо ба тағйирёбии технологияҳои нав ва хизматрасониҳо мебозад.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ рейтингҳои байналхалқие мавҷуданд, ки рушди ТИК-ро омӯхта, ҳамасола ҳисобот оид ба рушди ин соҳа пешниҳод менамоянд. Мувофиқи маълумоти аз сарчашмаҳо бадастомада дар сатҳи байналхалқӣ чунин рейтингҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ гузаронида мешаванд:

- Global Innovation Index.
- Индекси рушди ТИК.
- Рейтинги иқтисодиётҳои инноватсионӣ - ITIF.
- Рейтинги ҳукумати электронӣ - CMM.
- Индекси иқтисодиёти дониш.
- Рейтинги барномасозон - HakerRank.
- Рейтинги омодагии шабакавӣ.

Ба мавқеи Тоҷикистон дар фазои муосири технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) баҳои дуруст додан лозим аст. Ин гуна баҳогузориҳо дар вақтҳои охир бо нашри маводҳои Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (World Economic Forum/www.weforum.org), бо ҳамкории Бонки Ҷаҳонӣ (World Bank / WB, www.worldbank.org) ва мактаби тиҷорати байналхалқӣ INSEAD (International School of Bussiness INSEAD, www.insead.edu) имконпазир гаштаанд [1]. Ин ташкилот ҳамасола ҳисобот оид ба ТИ глобалӣ пешниҳод менамояд ва рейтинги индекси омодагии шабакавии давлатҳои ҷаҳонро барои рушд ҳисоб мекунад. Ин индекс аз соли 2002 нашр мешавад. Бо ёрии он самаранокии истифодабарии ТИ дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон баҳо дода мешавад.

Шартҳои умумӣ барои рушди ТИК омили асоси омодагии давлат ба истифодабарии ТИ мебошад. Ба ин шароити бозор, фазои танзимшаванда ва мавҷуд будани инфрасохтор дохил мешавад.

Дар вақти ҳисоби индекси омодагии шабакавӣ субиндексҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд: муҳит, омодагии шабакавӣ, истифодабарии он ва таъсири он ба идикаторҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ.

Сипас, усули фарқгузории рейтингҳо гузаронида мешавад, ки имкон медиҳад дараҷаи рушди ҷамъияти иттилоотӣ дар давлатҳои гуногун муайян карда шавад.

Индекси омодагии шабакавӣ дар асоси маълумотҳои омории ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин дар натиҷаи гузаронидани пурсиши роҳбарон, ки аз тарафи Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ бо ҳамкории институтҳои давлатие, ки объекти тадқиқот гаштаанд, ҳисоб карда мешавад. Аз рӯйи натиҷаи бадастомада ҳисобот омода карда мешавад. Вобаста ба ҳар як объект дар самти дохилшавӣ ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тавсифи рушди иқтисодӣ дода мешавад.

***Методикаи ҳисоби индекси омодагии шабакавӣ.*** Дар расми 1 сохтори босифати индекси омодагии шабакавӣ оварда шудааст [2].

Дар навбати худ, индикаторҳои дар расми 1 овардашуда сохтори муфассали худро доранд, ки дар ҷадвали 3 бо нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Индекси омодагии шабакавӣ аз рӯйи формулаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд [1,с.52]:

$$\text{Index} = \frac{1}{4} \times E + \frac{1}{4} \times R + \frac{1}{4} \times U + \frac{1}{4} \times I, \qquad (1)$$

дар ин ҷо Index – индекси омодагии шабакавӣ, E – муҳит, R – омодагӣ, U –истифодабарӣ, I – таъсир мебошад.

Субиндексҳо бо формулаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

$$E = \frac{1}{2} \times E_{pa} + \frac{1}{2} \times E_{bi}, \qquad (2)$$

дар ин ҷо $E_{pa}$ – муҳити сиёсиву маъмурӣ, $E_{bi}$ – тиҷорат ва муҳити инноватсионӣ мебошад;

**Расми 1. Методикаи ҳисоби индекси омодагии шабакавӣ [2]**
**Figure 1. The method of calculating the network readiness index**




$$R = \frac{1}{3} \times C + \frac{1}{3} \times A + \frac{1}{3} \times S, \qquad (3)$$

дар ин ҷо C – инфрасохтор ва контенти рақамӣ, A – дастрас будан аз рӯйи нарх, S – малака мебошад;

$$U = \frac{1}{3} \times U_i + \frac{1}{3} \times U_b + \frac{1}{3} \times U_p, \qquad (4)$$

дар ин ҷо $U_i$ – истифодабарии инфиродӣ, $U_b$ – истифодабарӣ дар тиҷорат, $U_p$ – истифодабарии ҳукумат мебошад;

$$I = \frac{1}{2} \times I_e + \frac{1}{2} \times I_s, \qquad (5)$$

дар ин ҷо $I_e$ – таъсир ба иқтисодиёт, $I_s$ – таъсир ба ҷомеа мебошад.

Мувофиқи ҳисоботи охирини нишондиҳандаҳои рейтинги омодагии шабакавӣ, ки аз тарафи Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст, 10-гонаи аввали давлатҳои дорои индексҳои баландарин дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Даҳгонаи давлатҳои дорои рейтинги баланди омодагии шабакавӣ [3]**
**Table 1. Ten countries leaders in the network readiness rating**

| № | Давлатҳо | Индекс |
|---|---|---|
| 1. | Сингапур | 6.0 |
| 2. | Финляндия | 6.0 |
| 3. | Швейтсия | 5.8 |
| 4. | Норвегия | 5.8 |
| 5. | ИМА | 5.8 |
| 6. | Нидерландия | 5.8 |
| 7. | Шветсария | 5.8 |
| 8. | Британияи Кабир | 5.7 |
| 9. | Люксембург | 5.7 |
| 10. | Япония | 5.6 |

Манбаъ: http://reports.weforum.org/global-information-technology-report-2016/networked-readiness-index/?doing_wp_ cron =1554287412.71998 59619140625000000 (санаи истифодабарӣ: 09.02.2019)

Чи хеле ки маълумотҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, даҳгонаи аввалро давлатҳои рушдкарда ишғол менамоянд. Дар ин даҳгона 80%-ро давлатҳои Аврупо ташкил медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ доранд. Сингапур дар рейтинг мавқеи аввалро ишғол намудааст, ки дорои нишондиҳандаҳои баланди макроиқтисодӣ мебошад. Сингапур намунаи рушди муваффақи минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад, ки ба содироти маҳсулот нигаронида шудааст, инчунин маркази технологияҳои пешрафта аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи давлатҳои ИДМ дар рейтинги омодагии шабакавӣ, ки сатҳи рушди ТИК-ро дар ин давлатҳо нишон медиҳад, мавқеи худро дар

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои рейтинги омодагии шабакавии давлатҳои ИДМ дар солҳои гуногун [4], [5]**

**Table 2. The network readiness indicators of the CIS countries have been different in various years**

| № | Давлатҳои ИДМ | 2007-2008 | | 2008-2009 | | 2011-2012 | | 2013 | | 2014 | | 2015 | | 2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** | **Индекс** | **Мавқеъ** |
| 1. | Арманистон | 3.10 | 106 | 3.06 | 114 | 3.49 | 94 | 3.76 | 82 | 4.03 | 65 | 4.2 | 58 | 4.3 | 56 |
| 2. | Қазоқистон | 3.68 | 71 | 3.79 | 73 | 4.03 | 55 | 4.32 | 43 | 4.58 | 38 | 4.5 | 40 | 4.6 | 39 |
| 3. | Қирғизистон | 2.99 | 114 | 3.04 | 115 | 3.13 | 115 | 3.09 | 118 | 3.22 | 118 | 3.5 | 98 | 3.7 | 95 |
| 4. | Молдова | 3.21 | 96 | 3.30 | 99 | 3.78 | 78 | 3.84 | 77 | 3.89 | 77 | 4.0 | 68 | 4.0 | 71 |
| 5. | Озарбойҷон | 3.72 | 67 | 3.93 | 60 | 3.95 | 61 | 4.11 | 56 | 4.31 | 49 | 4.3 | 57 | 4.3 | 53 |
| 6. | Россия | 3.68 | 72 | 3.77 | 74 | 4.02 | 56 | 4.13 | 54 | 4.30 | 50 | 4.5 | 41 | 4.5 | 41 |
| 7. | Тоҷикистон | 3.18 | 98 | 3.25 | 104 | 3.19 | 114 | 3.29 | 112 | - | - | 3.2 | 117 | 3.3 | 114 |
| 8. | Украина | 3.69 | 70 | 3.88 | 62 | 3.85 | 75 | 3.87 | 73 | 3.87 | 81 | 4.0 | 71 | 4.2 | 65 |

Манбаҳо: https://gtmarket.ru/news/2013/04/11/5816 (санаи истифодабарӣ: 09.02.2019), www.weforum.org

давоми солҳои 2007-2016 боло бурдаанд. Масалан, Русия мавқеашро аз ҷойи 72-юм солҳои 2007-2008 ба ҷойи 41-ум (+31) дар соли 2016, Қирғизистон аз ҷойи 114-ум солҳои 2007-2008 ба ҷойи 95-ум дар соли 2016, Қазоқистон аз ҷойи 71-ум солҳои 2007-2008 ба ҷойи 39-ум дар соли 2016 ва ҳамин тавр ҳамаи давлатҳои ИДМ ба ғайр аз Тоҷикистон мавқеи худро дар рейтинги омодагии шабакавӣ боло бурдаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеаш аз ҷойи 98-уми солҳои 2007-2008 ба 114-ум дар соли 2016 поён рафтааст. Дар байни давлатҳои ИДМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлате мебошад, ки дар ин солҳо 16 зина мавқеаш поён рафтааст. Ҳарчанд нишондиҳандаи рейтинги омодагии шабакавии Тоҷикистон аз 3,18 дар солҳои 2007-2008 ба 3,3 дар соли 2016 боло рафтааст, аммо ин нишондиҳанда ба талаботи замон ҷавобгӯ буда наметавонад. Дар байни давлатҳои ИДМ Қазоқистон бо ишғол кардани мавқеи 39-ум бо индекси 4,6 пешсаф мебошад. Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки Арманистон дар давоми ин солҳо мавқеашро 50 зина боло бурдааст, ки ин нишондиҳандаи хеле назаррас ва баланд нисбати дигар давалатҳои ИДМ мебошад.

Рейтинги муфассали Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои индекси омодагии шабакавӣ дар соли 2016 (139 давлат) дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Рейтинги муфассали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои индекси омодагии шабакавӣ (139 давлат, 2016) [2]**

**Table 2. Detailed rating of the Republic of Tajikistan in the network readiness rating (139 countries, 2016)**

| Номгӯй | Мавқеи ҶТ | Қимат |
|---|---|---|
| **1. Муҳити сиёсӣ ва маъмурӣ** | | |
| 1.1 Самаранокии қонунгузорӣ | 33 | 4.3 |
| 1.2 Қонунҳои марбут ба ТИК | 84 | 3.6 |
| 1.3 Мустақилияти судӣ | 58 | 4.1 |
| 1.4 Самаранокии системаи ҳуқуқӣ дар ҳалли баҳсҳо | 41 | 4.2 |
| 1.5 Самаранокии системаи ҳуқуқӣ дар танзими душвор | 50 | 3.8 |
| 1.6 Ҳифзи моликияти зеҳнӣ | 59 | 4.1 |
| 1.7 Сатҳи ғайриқонунӣ истифодабарии ТБ, % ғайриқонунӣ ТБ-и насбшуда | - | - |
| 1.8 Шумораи расмиёт барои имзо кардани шартнома | 48 | 35 |
| 1.9 Вақт барои имзои шартнома, рӯзҳо | 39 | 430 |
| **2. Тиҷорат ва муҳити инноватсионӣ** | | |
| 2.1 Мавҷудият ва коршоямии технологияҳои нав | 94 | 4.3 |
| 2.2 Мавҷудият ва хафви сармоя | 35 | 3.3 |
| 2.3 Меъёри умумии андоз, % фоида | 137 | 81.8 |
| 2.4 Вақти зарурӣ барои оғози тиҷорат, дар рӯзҳо | 67 | 11 |
| 2.5 Шумораи расмиёт барои оғози тиҷорат | 22 | 4 |
| 2.6 Маҳсулнокии рақобатҳои маҳаллӣ / рақобати локалӣ | 107 | 4.6 |
| 2.7 Шумораи донишӣ ҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба қайд гирифта шудаанд % | 87 | 26.4 |
| 2.8 Сифати идоракунии мактабҳо | 78 | 4.0 |
| 2.9 Дастрас кардани технологияҳои пешрафта аз тарафи давлат | 27 | 3.9 |
| **3. Инфрасохтор ва контенти рақамӣ** | | |
| 3.1 Истеҳсоли барқ | 80 | 2109.9 |
| 3.2 Фарогирии мобилӣ,% аҳолӣ | - | - |

| | | |
|---|---|---|
| 3.3 Миқдори маҷрои Интернет, (бит/с) ба ҳар як корбар | 124 | 39 |
| 3.4 Хизматрасониҳои бехатари Интернет аз рӯйи ҳисоби як миллион аҳолӣ | 129 | 1.4 |
| **4. Дастрасӣ аз рӯйи нарх** | | |
| 4.1 Тарифҳо барои алоқаи мобилӣ бо протоколи PPP, $ /дақиқа - протоколи иртиботи мустақим, протоколи алоқаи «нуқта- нуқта» | 108 | 0.39 |
| 4.2 Тарифҳо барои Интернети фароҳамавҷ, $ / моҳ | 135 | 814.09 |
| 4.3 Индекси рақобатпазирии бахши интернет ва телефон, 0-2 (беҳтарин) | 135 | 0.00 |
| **5. Малака** | | |
| 5.1 Сифати системаи маориф | 57 | 3.9 |
| 5.2 Сифати таълими математика ва илм | 73 | 4.0 |
| 5.3 Шумораи донишҷӯёни дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бақайдгирифташуда % | 80 | 87.9 |
| 5.4 Маълумотнокии калонсолон,% | 7 | 99.8 |
| **6. Истифодабарии инфиродӣ** | | |
| 6.1 Шумораи шартномаҳои мобилӣ ба ҳар сад нафар | 101 | 95.1 |
| 6.2 Шумораи истифодабарандагони интернет дар 100 нафар | 111 | 17.5 |
| 6.3 Шумораи хонаводаҳои бо компютер таъмин,% | 115 | 9.2 |
| 6.4 Шумораи хонаводаҳои бо интернет таъмин,% | 115 | 7.2 |
| 6.5 Шумораи қарордодҳои интернети баландсуръат (100 нафар) | 130 | 0.1 |
| 6.6 Шумораи қарордодҳо ба интернети босуръати мобилӣ (100 нафар) | 114 | 9.5 |
| 6.7 Истифодаи шабакаҳои иҷтимоии виртуалӣ | 126 | 4.5 |
| **7. Истифодабари дар тиҷорат** | | |
| 7.1 Татбиқи технология дар сатҳи ширкат | 116 | 4.0 |
| 7.2 Иқтидори инноватсионӣ | 60 | 4.0 |
| 7.3 Шумораи патентҳои технологияи муошрати махфӣ барои 1 миллион нафар | 121 | 0.0 |
| 7.4 Истифодаи Интернет дар доираи «тиҷорат барои тиҷорат» | 111 | 4.0 |
| 7.5 Истифодаи Интернет дар доираи «бизнес барои истеъмолкунанда» | 106 | 3.8 |
| **8. Истифодаи ҳукумат** | | |
| 8.1 Муваффақияти ҳукумат дар пешрафти ТИК | 66 | 3.9 |
| 8.2 Индекси давлатии хадамоти интернетӣ, 0-1 (беҳтарин) | 132 | 0.06 |
| 8.3 Дастовардҳо дар соҳаи ТИК | 72 | 4.0 |
| **9. Таъсири иқтисодӣ** | | |
| 9.1 Таъсири ТИК дар моделҳои тиҷорӣ | 103 | 3.9 |
| 9.2 Шумораи патентҳои соҳаи ТИК дар як миллион аҳолӣ | 103 | 0.0 |
| 9.3 Таъсири ТИК ба моделҳои нави ташкилӣ | 94 | 3.7 |
| 9.4 Шуғл дар корҳои баландихтисос,% қувваи корӣ | - | - |
| **10. Таъсир ба ҷомеа** | | |
| 10.1 Таъсири ТИК барои дастрасӣ ба хидматрасониҳои асосӣ | 76 | 4.0 |
| 10.2 Дастрасии Интернет дар мактабҳо | 64 | 4.4 |
| 10.3 Истифодаи ТИК ва самаранокии ҳукумат | 71 | 4.0 |
| 10.4 Индекси иштироки электронӣ, 0-1 (беҳтарин) | 128 | 0.12 |

Манбаъ: www.weforum.org

Чи хеле ки аз ҷадвали 3 бармеояд, барои рушди соҳаи ТИК қариб ҳама соҳаҳои фаъолият ба инобат гирифта мешаванд. Яъне, барои рушди соҳаи ТИК Тоҷикистон бояд маҷмӯи масъалаҳоро ҳал намояд, ки боиси баланд шудани нишондиҳандаҳои субиндексҳои омодагии шабакавӣ гардида, дар маҷмӯъ нишондиҳандаи индекси омодагии шабакавӣ баланд гардад. Боиси нигаронист, ки дар баъзе рейтингҳои бонуфузи байналхалқӣ, ки рушди соҳаи ТИ-ро дар давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, Ҷумҳурии Тоҷикистон дида намешавад.

Соҳаи саноатии ТИК, ки дар худ хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, истеҳсоли таҷҳизотҳои электронӣ, техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавиро дар бар мегирад, дар иқтисодиёти ҷаҳон нақши муҳим ва афзуншавандаро мебозад. Ба он тақрибан 5.5% ММД (ВВП)-и ҷаҳонӣ рост омада, дар соли 2020 бошад, ин нишодиҳанда мувофиқи пешгӯиҳои ширкати McKinsey 9%-ро ташкил хоҳад кард [3].

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имрӯз имкон дорад, ки куллан механизми фаъолияти идоранамоиро, аз он ҷумла идораи давлатиро тағйир диҳанд. Таъсири технологияҳои иттилоотӣ дар раванди идоранамоӣ ва баланд бурдани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ хело назаррас гаштааст. Мувофиқи маълумоти бадастомада саҳми иктисодиёти рақамӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2017 12.9 триллион долларро ташкил кардааст, ки ин нишондод дар соли 2025 бояд ба 23 триллион доллар расад [6].

Дар ҳама ҳолат давлат нақши марказиро дар рушди босамари ТИК ва паҳншавии он мебозад. Дар давлатҳои нисбатан муваффақ стратегияи дарозмуддати давлатии рушди

ТИК-ро қабул кардаанд, ки дастгирии молиявии он низ аз тарафи давлатҳо ба назар гирифта шудааст. Иқтисодиёти муосир бе технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асри иттилоотикунони ҷомеа рушди босуботи суръатнок дошта наметавонад. Давлатҳои пешрафта, чун анъана, нишондиҳандаи баланди индекси омодагии шабакавӣ доранд. Давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки ба он Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мешавад, бояд ба ин самт ҳаракат намоянд. Амалисозии дастгирии давлатии стратегияи шабакавӣ барои субъектҳои иқтисодӣ муҳити институтсионалии навро фароҳам оварда, боиси гузаштан ба сенарияи нави ояндадори рушди иқтисодӣ мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Россия в зеркале международных рейтингов. Информационно-справочное издание / отв. Ред. В.И. Суслов; ИЭОПП СО РАН. –Новосибирск: Автограф, 2015. -115 с.
2. The Global Information Technology Report 2014 // www.weforum.org/docs/WEF_GlobalInformationTechnology_Report_2014.pdf (дата обращения: 09.02.2019)
3. http://reports.weforum.org/global-information-technology-report-2016/networked-readiness-index/?doing_wp_cron=1554287412.71998 59619140625000000 (дата обращения: 09.02.2019)
4. https://gtmarket.ru/news/2013/04/11/5816 (дата обращения: 09.02.2019)
5. https:www.tajik-gateway.org/wp/razvitie-ikt-vtadzhikistane / sravnitelnyj - analiz/( дата обращения: 09.02.2019)
6. https:||www.huawei.com|ministe|gci|en| (дата обращения: 31.01.2019)
7. Мухсинов Д.С. Роль и значение информационных технологий в сетевом обществе / Д.С. Мухсинов, Х.Ѓ. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. -№1. -С.23-27.
8. Саттаров А.Ҷ. Иттилоот ҳамчун захираи иқтисодӣ / А.Ҷ. Саттаров, Н. Муминова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ»-(25-уми майи соли 2018). –Душанбе, 2018. -С.167-171.
9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. –Душанбе, 2016. –127 с.


### ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ ОМОДАГИИ ШАБАКАВӢ


Дар мақолаи мазкур нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар иқтисодиёт баррасӣ шудааст. Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва маълумотҳои омории ин соҳа таҳлили рушди ТИК-ро гузаронидаанд. Барои он ки ба рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои дуруст дода шавад, ҳисоботҳои Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ оид ба омодагии шабакавӣ истифода шудаанд. Дар мақола методикаи ҳисоби рейтинги омодагии шабакавӣ оварда шудааст, ки аз индикаторҳо ва субиндексҳо иборат мебошад. Инчунин, формулаҳое, ки аз рӯйи он субиндексҳо ва индекси омодагии шабакавӣ ҳисоб карда мешаванд, оварда шудаанд. Рейтинги муфассали Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳояш дар ҷадвали алоҳида оварда шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола бо овардани маълумотҳои рейтинги омодагии шабакавӣ ва гузаронидани таҳлилҳо нишон дода шудааст, ки давлатҳои рушдкарда дорои рейтингҳои баланди омодагии шабакавӣ мебошанд. Инчунин, дар мақолаи мазкур нишон дода мешавад, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба рушди иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти ҷаҳон таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ҳама ҳолат давлат нақши марказиро дар рушди босамари ТИ ва паҳншавии он мебозад. Дар давлатҳои нисбатан муваффақ стратегияи дарозмуддати давлатии рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро қабул кардаанд, ки дастгирии молиявии он низ аз тарафи давлатҳо ба назар гирифта шудааст.



**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, рейтинги омодагии шабакавӣ, Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт.


### РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН В РЕЙТИНГЕ СЕТЕВОЙ ГОТОВНОСТИ


В данной статье расматривается роль информационно-коммуникационных технологий в экономике. Авторы на основе изучения научной литературы и статистических данных данной области провели анализ развития ИКТ. Для того чтобы дать правильную оценку развитию информационно-коммуникационых технологий в Республике Таджикистан были использованы отчёты сетевой готовности Всемирного экономического форума. А также в отдельной таблице приведены 10 стран лидеров в рейтинге сетевой готовности. В статье приведена методика расчета сетевой готовности, которая состоит из индикаторов и субиндексов. Также приведены формулы, с помощью которых расчитиваются субиндексы и индекс сетевой готовности. Подробный рейтинг Республики Таджикистан с показателями приведен и расмотрен в отдельной таблице. Приведённые данные рейтинга сетевой готовности и проведенный анализ показывают, что развитые страны имеют высокий рейтинг сетевой готовности. А также в статье показано, что развитие сферы информационно-коммуникационных технологий воздейтвует положительно на развитие экономики страны и в целом экономики мира. Во всех случаях государство играет основную роль в развитии и распространении информационно-коммуникационных технологий. В успешных странах приняты долгосрочные государственные стратегии развития информационно-коммуникационных технологий, в которых предусмотрена и финансовая поддержка со стороны государства.



**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, рейтинг сетевой готовности, Всемирный экономический форум, информационная технология в экономике.


### REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE RATING OF NETWORK READINESS


This article examines the role of information and communication technologies in the economy. The authors, based on the study of scientific literature and statistical data in this field, analyzed the development of ICT. In order evaluate the dates to correctly assess the development of information and communication technologies in the Republic of Tajikistan, there waz used network readiness of the World Economic Forum. And also the separate table present the 10 leader countries in the ranking of network readiness. The article presents the method of calculating network readiness which

consists of indicators and sub-indexes. Also, there is formula that are used to calculate sub-indexes and the network readiness index. The detailed rating of the Republic of Tajikistan with indicators is given and viewed in a separate table. The above data on the network readiness rating and the analysis shows that developed countries have a high rating on network readiness. Also, the article shows that the development of the sphere of information and communication technologies will positively affect the developed economies of the countries of the world and, in general, the economies of the world. In all cases, the government plays a major role in the development and distribution of information and communication technologies. Successful countries accepted a long-term state strategies of development for information and communication technologies where financial support from the state is provided.

**Key words**: information and communication technologies, network readiness rating, World Economic Forum.

**Сведения об авторах:** ***Саттаров Абдукарим Джабборович*** – Таджикский национальный университет, докторант (PHD) кафедры экономической кибернетики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-05-50-70.** E-mail: **abkarim@mail.ru**

***Муминова Нилуфар Зафаровна*** - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса специальности «Экономической кибернетики». **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 901-51-94-31**

**Information about the authors:** ***Sattarov Abdukarim Djabborovich*** – Tajik national university, the competitor of the department of political science. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **abkarim@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-05-50-70**

***Muminova Nilufar Zafarovna*** – Tajik national university, magister of the 2 nd course of the specialite Economic Cybernetics. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 901-51-94-31**

**УДК: 338.431(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Назаров А.И., Сулаймонзода Ш.Ф.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ соҳибкории хурд ба ҳисоб меравад. Дар давлатҳои рӯ ба рушд, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибкории хурд тибқи тадқиқотҳои илмӣ-назариявӣ, 60 то 70%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳанд.

Фаъолияти соҳибкории хурд бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ ба чашм мерасад, ки барои ташкили корхонаҳои хизматрасон маблағи зиёд лозим нест. Барои мисол, ташкили нуқтаи машваратӣ барои сайёҳонӣ хориҷӣ, ташкили толорҳои варзишӣ, ки барои соҳибкор даромади бештар меоранд.

Дар айни замон қариб аз се як ҳиссаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкории хурд машғул мебошанд. Бо дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкоронии хурд дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаъолият доранд ва рӯз ба рӯз шумораи шоғилини ин намуди фаъолият меафзояд. Тибқи маълумотҳои оморие, ки дар поён оварда шудааст, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд, ки бо соҳибкорӣ машғуланд, дар давоми 5 соли охир дорои чунин натиҷаҳо мебошанд:

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд, ки ба соҳибкорӣ машғуланд (солҳои 2011-2016)**

**Table 1. The main indicators of small businesses operating in business for the years 2011-2016**

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | соли 2016+ -ба 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои хурди амалкунандаи машғули соҳибкорӣ | 3367 | 3890 | 4810 | 5394 | 5176 | 4919 | 1,4 |
| Шумораи кормандон, ҳаз нафар | 18,7 | 19,6 | 27,5 | 30,2 | 28,4 | 21,4 | 1,1 |
| -дуҷоякорон, ҳаз. нафар | 4,1 | 4,0 | 5,1 | 6,7 | 6,9 | 4,1 | |
| Фонди музди меҳнат (аз ҷумла дуҷоякорон), миллион сомонӣ | 133,3 | 177,9 | 249,4 | 318,5 | 329,1 | 216,5 | 1,5 |
| Даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) дар як сол, миллион сомонӣ | 2363,2 | 2849,9 | 4271,1 | 5501,6 | 6170,9 | 3793,1 | 1,5 |

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2016 шумораи корхонаҳои хурди амалкунандаи машғули соҳибкорӣ 4919 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2011 (3367) 1552 адад зиёд шудааст, ки 1,4 баробарро ташкил медиҳад. Дар ин корхонаҳо шумораи дуҷоякорон соли 2016 - 4,1 ва фонди музди меҳнат бошад, 216,5 миллион сомониро ташкил дода буд. Соли

2011 ин нишондиҳанда 4,1 ва фонди музди меҳнат 133,3 миллион сомонро ташкил дод, ки дар соли 2016 83,2 миллион сомонӣ зиёд шудааст. Шумораи коргарон дар соли 2016 - 21,4 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2011 (18,7) 2,7 ҳазор нафар зиёд шудааст. Дар ин корхонаҳо даромад аз фурӯши маҳсулот дар соли 2016 3793,1 миллион сомониро ташкил дода бошад, нисбат ба соли 2011 (2363,2) ин нишондиҳанда 1429,9 миллион сомонӣ зиёд шудааст, ки зиёдшавӣ 1,5 баробарро ташкил медиҳад. Чи тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, шумораи корхонаҳои хурд сол то сол зиёд шуда, онҳо дар пешрафтии иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми беандоза мегузоранд. Дар баробари ба истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат намудан, корхонаҳои хурд инчунин, ба аҳолии қобили меҳнат ҷойҳои корӣ низ фароҳам месозад.

Дар ин самт камбудиҳое низ ҷой доранд, ки барои рушди соҳибкории хурд монеаҳоро эҷод менамоянд. Монеаҳои асосие, ки барои рушди соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ мушкилотҳоро ба миён меоранд, дар ҷадвали №1 оварда шудаанд [3,с.9].

**Расми 1. Picture 1.**




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла аз соли 2014 то инҷониб вохӯриҳои рӯ ба рӯ гузаронида, аз вазъи имрӯза ва мушкилоти онҳо хабардор шуда, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзҳои гуногун, ки ба фаъолияти муваффақи онҳо мусоидат мекунанд, пешниҳод намуданд. Аз ҷумла, дар Паёми солонаи худ, аз 26-уми декабри соли 2018, пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад [7].

Ин имкониятҳо ба соҳибкорон шароит фароҳам меоранд, ки дар баробари фаъолияти худ камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, роҳи ҳалли онҳоро ёбанд. Барои мисол, агар соҳибкор кордону чолок бошад, метавонад аз тамоми захираҳо самаранок истифода бурда, фаъолияташро пеш барад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи институтҳои молиявӣ кам нестанд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ саҳмгузор бошанд. Агар 5 сол пеш ҳаҷми хизматрасонии муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои хизматрасонии молиявӣ дар соли 2011 2136,6 млн сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2016 ин нишондиҳанда ба 3810,3 млн сомонӣ расидааст, ки 1673,7 млн сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол соҳибкорон бо истифода аз ин манбаъҳо фаъолияти худро ҷоннок намуда истодаанд.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва ватанӣ собит намуд, ки соҳибкории хурд дар таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир дорад, чунки он дорои як қатор афзалиятҳо мебошад.

Соҳибкории хурд аз афзалиятҳои зерин бархӯрдор мебошад:

- мутобиқшавии фаъолияти мустақилонаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба шароити хоҷагидории маҳаллӣ;
- озодии том дар татбиқи амалии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд;
- сатҳи нисбатан пасти хароҷот барои фаъолият, хусусан сарфи воситаҳои молиявӣ оиди идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ;
- имкониятҳои зиёд барои амалӣ гардонидани андешаи шахсӣ ва татбиқи қобилият ва неруи корӣ;
- эҳтиёҷоти ниҳоят ками сармояи ибтидоӣ ва қобилияти ба зудӣ ворид намудани тағйирот ба маҳсулот дар ҷараёни истеҳсолот;
- гардиши нисбатан суръатноки сармояи худӣ ва ғайра [6,с.78].

Дар баробари ин, ҳастанд омилҳое, ки барои рушди соҳибкории хурд таъсири манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби дар сатҳи зарурӣ рушд накардани соҳибкории хурд гардидаанд, аз он ҷумла, гаронии андозбандӣ, бесарусомониҳои соҳибкорӣ, муҳити носолим ё худ хислату одатҳои зараровари маъмурӣ, офатҳои табиӣ, сӯхтор, нокифоя будани заминаҳои ҳуқуқӣ, қаллобӣ, ришваситонӣ ва ҳодисаҳои дигари ангезандаи буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро карда, барои онҳо муълумотҳои зарурии соҳавиро пешниҳод менамояд, чораҷӯӣ намудааст [6,с.121]. Бо ин мақсад, барои бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмин намудани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ, Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки соли 2019 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ”-ро таҳия намояд.

Дар шароити муосир ва раванди татбиқи стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба марҳилаи нави рушд қадам мениҳад. Яке аз ҳадафҳои стратегӣ, ки таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, бо ин мақсад рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад. Бо мақсади таъмини пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлатӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорон, Ҳукумати мамлакат тасмим гирифт, ки ислоҳот ворид намояд, ки боиси такмили қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла дар низоми андоз ва андозбандӣ, инчунин кам кардани тафтишоти беасос дар сохторҳои тафтишотӣ гардад. Дар робита бо ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон намуд, ки аз он қариб 2000 субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархӯрдор гардиданд.

Дар Паёми имсолаи худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи соҳибкорон ва дастгирии онҳо зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд. Ҳамчунин, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий Пешвои миллат ба Прокуратураи генералӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш доданд, ки нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд [7].

Дар Ҷумхурии Тоҷикистон бо мақсади ислоҳоти низоми андози ҷумҳурӣ ва содагардонии он таъмини баробарӣ ва мувофиқати гаронии андоз, ташкили шароит баҳри рушди истеҳсолоти самаранок дар заминаи худмаблағгузории субъектони соҳибкории бахши иқтисод, хусусан соҳаи бизнеси хурд мебошад. Рушди соҳибкории хурд омили муайянкунандаи рушди иқтисод буда, ба масъалаҳои махсусан аҳамиятноки рушди

иҷтимоию иқтисодии мамлакат мансуб аст. Соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ алҳол ҳам аз ҷиҳати соҳавӣ ва ҳам аз лиҳози минтақавию ҳудудӣ ба таври мухталиф рушд намуда, ин таҷдиди назари мазмун ва ташкили низоми муҳаррикҳои рушди онро талаб мекунад.

Идоракунии самараноки андозҳо, пеш аз ҳама, на танҳо барои фаъолият доштан, балки барои рушди иқтисодии корхонаҳои хурд дар шароити номуайянии муҳити беруна ва хатарҳои зиёд дар фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат менамояд [2,с.73].

Гаронии андоз, дар маҷмӯъ, дар сатҳи корхонаҳо, маҷмӯи андозҳои пардохтшудаи корхона нисбат ба даромади умумии он муқоиса карда мешавад [5,с.21].

$$Б_p = (\sum_{i=1}^{n} Тр_i - Тд)/(Др - Фмм)\cdot 100 \qquad (1)$$

дар ин ҷо: $i$-индекси намуди андози пардохтшаванда; $n$-теъдоди намудҳои андози пардохтшаванда; $Тр_i$- пардохти андози намуди $i$-юм аз ҷониби корхона; $Тд$ - андоз аз даромади корхона; $Др$ - даромад аз фурӯш; $Фмм$ - фонди музди меҳнати корхона.

Формулаи мазкур нишондиҳандаи гаронии андозро дар сатҳи корхона нисбатан саҳеҳтар инъикос менамояд, зеро дар формулаи пешниҳодшуда маблағҳои андозӣ нисбат ба манбаи андозбандӣ мувофиқан ифода меёбанд. Ба ғайр аз ин, формулаи мазкур барои муайян намудани гаронии андоз дар сатҳи нано-иқтисодиёт (шахсони воқеӣ, оила) муайян менамояд.

Барои баҳодиҳии сатҳи қиёсии гаронии андоз нисбати корхонаҳои хурд сатҳи вазнинии андозро дар сатҳи корхонаҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда таҳлил менамоем.

Дар асоси маълумотҳои оморӣ, доир ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои даромади корхонаҳо, пардохти маҷмӯии андозҳо, андози даромад, фонди музди меҳнат ва гаронии андоз барои корхонаҳои хурд дар давоми солҳои 2010-2016 ҳисоб карда шудааст [1,с.96].

**Ҷадвали 2. Сатҳи маҷмӯи гаронии андоз дар корхонаҳои хурди ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2016**

**Table 2. Total tax burden on small firms in the republic of tajikistan for 2010-2016**

| Солҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади умумии корхонаҳои хурд (*Др*), млн сомонӣ | 1836.20 | 2363.20 | 2849.90 | 4271.10 | 5501.60 | 6170.90 | 3793.10 |
| Пардохти андозҳо (*Тр*), млн сомонӣ | 354.40 | 489.20 | 552.80 | 914.00 | 957.30 | 1129.30 | 769.90 |
| Андози даромад (*Тд*) млн сомонӣ | 12.92 | 18.66 | 24.91 | 34.92 | 44.59 | 46.07 | 30.31 |
| Фонди музди меҳнат (*Фмм*), млн сомонӣ | 92.30 | 133.30 | 177.90 | 249.40 | 318.50 | 329.10 | 216.50 |
| Гаронии андоз (*Бр*), % | 19.58 | 21.10 | 19.76 | 21.86 | 17.61 | 18.54 | 20.68 |

Дар муқоиса бо маълумотҳои ҷадвали 1 диаграммаи вобастагии гаронии андоз ба ҳаҷми даромади корхонаҳои хурд таҳия карда шудааст.

**Диаграммаи 1. Сатҳи гаронии андоз барои корхонаҳои хурд дар солҳои 2010-2016 (бо %)**

**Diagram 1. High tax rates for small enterprises in 2010-2016 (in%)**




Дар диаграмма афзоиши сатҳи гаронии андоз дар соли 2010 то 19,58% ва дар соли 2013 то 21,86% инъикос ёфтааст. Фарқияти он то 2,28% зиёд шудааст, ки он таҳлили муносиби сабабҳои афзоиши ин нишондиҳандаро талаб менамояд. Аз соли 2010 то соли

2013 гаронии андоз аз 19,58 то 21,86% афзуд, аммо дар давоми солҳои 2013-2014 ин нишондиҳанда аз 21,86 то 17,61% коҳиш ёфт. Тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2013-2014 аз ислоҳоти ҷузъии низоми андозӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳанд. Дар солҳои 2014-2016 вазни қиёсии андозҳо аз даромади корхонаҳо якбора аз 17,61 то ба 20,68% зиёд шуд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 201 миллион сомонӣ ё 3% зиёд мебошад.

***Shamsiddin Fayzulloevich Samiev*** - Institute of Agricultural Economics, TASKhN, applicant, researcher; Tajik Technical University named after MS Osimi, Senior Lecturer, Production Management. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti Nav street 306. Phone: **(+992) 935-31-10-73**. E-mail**: shamsiddin1073@mail.ru**

**УДК: 338: 327 (575.3)**

## ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ШАРИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО БОНКИ ИСЛОМИИ РУШД

***Шукуров Б.У., Тагоев М.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон - Аврупо, Амрико, Осиё ва минтақаи уқёнуси Ором ва Африқо раванди дигаре суръати баланд касб кардаааст, ки ба истилоҳи коршиносон «минтақагароӣ» номгузорӣ мешавад. Раванди тезутунди ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ бетаъсир нест. Ҳамин буд, ки ҳанӯз аз чоряки чоруми асри XX бо тасмими давлатҳои ин минтақа дар сатҳи байналмилалӣ институти иқтисодию молиявӣ бо номи Созмони Ҳамкории Исломӣ **- Organization of Islamic Cooperation (СҲИ)** муаррифӣ гардид. Аслан, **СҲИ** аз ҷониби давлатҳои исломӣ ва мусулмоннишини осиёӣ ва африқоӣ 25.09.1969с. таъсис ёфта, то 28.06.2011с. (ш.Остона) бо номи Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) фаъолият мекард. Қароргоҳаш дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ буда, айни ҳол 57-давлати минтақаҳои Осиё ва Африқо ба узвияти он пазируфта шудаанд. Ин минтақаест, ки дар он 1,5 миллиард нафар аҳолии кураи Замин умр ба сар мебаранд [3,с.3].

Ҳадафи асосии ташкили СҲИ дастгирии рушди устувори давлатҳои узв, густариши ҳамкориҳои судманди байни давлатҳои мусулмоннишин ва иштироки фаъолонаашон дар ҳалли масъалаҳои мубрами сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, лозим омад, ки дар назди СҲИ ҷиҳати амалисозии ин аҳдоф бо қарори комиссияи СҲИ якчанд ниҳодҳои мустақил таъсис ёбанд ва бевосита зери назорати Котиботи Генералии СҲИ қарор гиранд ва фаъолияташон пайваста ҳамоҳанг карда шавад.

Ҳамин буд, ки дар назди СҲИ бо мақсади рушди низоми молиявӣ дар самти татбиқи барномаҳои иқтисодию иҷтимоии давлатҳои аъзои СҲИ **Бонки Исломии Рушд (БИР)** (Islamic Development Bank) бо мавқеи ҷойгиршавӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ таъсис дода шуд. БИР ҳамчун институти молиявӣ 18.12.1973с. дар нахустконференсияи вазирони молияи давлатҳои узви СҲИ таъсис ёфта, фаъолияташро ҳамчун институти

худмухтор танҳо аз 20.12.1975с. оғоз бахшидааст. Барои узвият ба БИР ҳар як давлат, қабл аз ҳама, бояд узви СҲИ бошад. Яквақта БИР дар СММ ба сифати нозир пазируфта шудааст.

Сармояи бонк дар асоси ҳиссагузорӣ ё худ пардохти аъзоҳакии 10 давлати муассиси узв фароҳам оварда шуда, ба ҳолати 01.01.2018с. ҳаҷми умумии сармояи хусусиаш 15 миллиард динори исломӣ ва бо назардошти сармояи ҷалбкардашуда сармояи умумӣ беш аз 50 млрд динори исломиро ташкил мекунад. Ҳангоми ҳисобҳо 1 динори исломӣ ба 1 СДР (ҳуқуқи махсуси қарзҷудонамоӣ) баробар карда мешавад.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи давлатҳои узв дар сармояи БИР (ба ҳолати 1-уми январи соли 2018)**
**Table 1. The share of member countries in the total capital of the IDB (as of 01/01/2018)**

| **№** | **Давлатҳо** | **Ҳисса дар сармояи умумии бонк ба ҳисоби млн** | **Ҳисса ба ҳисоби фоиз дар сармоя** |
|---|---|---|---|
| **1.** | Арабистони Саудӣ | 11,896.80 | 23.50% |
| **45.** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **18.16** | **0.04%** |
| **46.** | Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 13.44 | 0.03% |
| **57.** | Гайана (Амрикои Марказӣ) | 2.50 | 0.01% |
| **Ҳамагӣ: 57 давлат** | | **50624,68** | **100%** |

Сарчашма: маълумот аз сомонаи расмии http:www.isdb.org (санаи муроҷиат: 23.10.2018с.)

Асоси ҳуқуқии фаъолияти бонкро қонунҳо ва меъёрҳои шариати исломӣ ташкил менамоянд. Дар фаъолияти тақвимии бонк маълумотҳо ҳам бо соли ҳиҷрӣ ва ҳам бо соли масеҳӣ (григорианӣ) пешкаш карда мешаванд. То охири соли масеҳӣ Шӯрои директорон ҳадди ақали пардохти ибтидоии сармояро то дараҷаи панҷум муқаррар месозад.

Тайи солҳои фаъолият БИР вазифаҳо ва ваколатҳои худро дар самти молиякунонии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии давлатҳои узв, ба воситаи гурӯҳи институтҳои ҳайати он, аз қабили Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ *(Islamic Corporation for the Development of the Private Sector);* Корпоратсияи исломии суғуртанамоии маблағгузориҳо ва қарзҳои содиротӣ *(Islamic Corporation for the Insurance of Investment & Export Credit);* Институти исломии тадқиқотӣ ва таълимӣ *(Islamic Research and Training Institute);* Корпоратсияи байналмилалии исломии тиҷоратию молиявӣ *(International Islamic Trade Finance Corporation)* роҳандозӣ менамояд.

БИР бо мақсади афзуннамоии рақобатнокиаш дар бозори молиявии минтақавӣ, шаклҳои гуногуни пешниҳоди хизматрасониҳоро роҳандозӣ менамояд. Дар ҷараёни маблағгузориҳояш БИР аз амалиётҳои музорабаъа (ҳаммаблағгузорӣ), мушорака (маблағгузории муштарак), муробаҳа (шартномаи хариду фурӯш), салом (қарордоди харид барои молҳои муҳлаташон тамдидшуда), истисно (маблағгузории истеҳсолот бо саҳми муштарӣ), иҷора ва иқтино (амалиёти лизингӣ), қарз-ул-ҳасана (қарзи бефоиз), кафила (бо шарти кафолат), закот (андози ҳатмӣ), сукук (қоғазҳои қиматнок) истифода мекунад, ки усулҳо ва хислатҳои алоҳидаи амалиётҳои бонкии исломиро ифода менамоянд.

БИР **(IDB Group)** аз оғози фаъолият то моҳи июни соли 2018 ба андозаи беш 1331,3 млрд доллари ИМА ба давлатҳои узв маблағгузорӣ кардааст. Агар дар даҳсолаи аввали фаъолияташ (1976-1985) ҳаҷми мабалғгузориҳо 4,8 млрд долларро ташкил мекард, ин нишондиҳанда дар даҳсолаи 2008-2018 суръати баланд пайдо карда, мутаносибан то 84,1 млрд доллар расидааст.

Ба самтҳои афзалиятноки мабалғгузории БИР соҳаҳои зерини хоҷагидорӣ мансуб дониста мешаванд:

- *Илм, технология ва фановарӣ.* Илм, технология ва фановарӣ ҳамчун таҳмилдиҳандагони стратегии рушди иқтисодӣ ва иқтидорҳои илмию технологӣ дар коркарди қарорҳои инноватсионии тараққиёт нақш мебозанд. Ҳамин аст, ки аз ҷониби БИР нахустин маротиба барои ҷаҳони рӯ ба инкишоф низоми доимоамалкунандаи Engage ташкил шудааст, ки дар ҳалли масъалаи навовариҳо ва маблағгузориҳо ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ равона карда шудааст. Ҳамзамон, бо мақсади молиякунонии навгониҳои навоварони ба ҳалли мушкилоти глобалӣ равонашуда ва дастрасии васеи онҳо ба маблағҳои пулӣ, БИР дар заминаи Engage Фонди «Transform»-ро бо андозаи 500 миллион доллари ИМА таъсис дод.

- *Инфрасохтор.* Шабакаи устувори инфрасохторӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишоф нақши калидӣ мебозад. Бо сармоягузорӣ ба рушди шаҳрҳо, соҳаи кишоварзӣ, соҳаи энергетика, бахши нақлиётӣ ва инчунин соҳаи инфрасохтории маориф, БИР метавонад дар татбиқи лоиҳаҳои худ барои устуворгардонӣ ва беҳдошти таъсири онҳо дар модели устувор мусоидат намояд.

- *маориф.* Таҳсилот калиди кушодани иқтидори насли ояндаро фароҳам меорад. Барномаҳои идрории БИР ҳадафи баланд бардоштани дараҷаи илмро дар мамлакатҳои аъзои он ва дар байни ҷомеаҳои мусулмонӣ ва инчунин дар мамлакатҳои ғайриаъзо пайгирӣ менамоянд. То соли 2018 аз ҷониби БИР зиёда аз 13000 донишҷӯён ба андозаи 133,7 млн доллари ИМА дастгирӣ ёфта, 90%-и хатмкунандагони муассисаҳои олӣ ба мамлакатҳои худ баргаштанд.

- *Тандурустӣ.* Инсон ва рушди он ҳамчун элементи асосии соҳаи тандурустӣ баромад мекунад ва масъалаи мазкур дар маркази сиёсати молиявии БИР қарор дорад. Сиёсати молиявии бонк барои пешгирӣ ва назорат аз бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ва коҳиш додани монеаҳои молиявӣ барои дастрасии захираҳои мавҷуда нигаронида шудааст.

- *Кумаки башардӯстона.* Бонки исломии рушд бар он назар аст, ки расонидани кумаки башардӯстона дар тамоми ҷаҳон нақши муҳим мебозад. Аз ҷумлаи давлатҳои узви БИР алҳол 26-тояш давлатҳои камбизоати ҷаҳон мебошанд, ки аз офатҳои табиӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим бештар осебпазиранд. Аз ин рӯ, маблағгузории лоиҳаҳои кам кардани таъсири пайомадҳои экзогению экологӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ тақвият меёбанд.

- *Занон ва духтарон.* Барои мубориза бо камбизоатӣ ва ҳавасмандгардонии рушд, муҳим аст, ки иқтидори ҳар як шахс тақвият бахшида шавад. Татбиқи лоиҳаҳои БИР дар ин самт асосан бо роҳи фароҳам овардани дастрасӣ ба маблағгузории фарогири таҳсилоти мактабӣ ва барномаҳои тандурустӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои беҳдошти саломатии модарон ва барҳам додани маҳдудиятҳое, ки, чун анъана, монеаҳои зиёдеро барои озод кардани духтарон пеш меоранд, роҳандозӣ карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 1996 (конференсияи ш.Конакри, Гвинея) аъзои 49-уми БИР гардид ва аз соли 1997 бо шарикии он татбиқи аввалин лоиҳаи муштараки инвеститсионии «Таҷҳизонидани Маркази кардиологии ҷумҳурӣ»-ро ба маблағи 3,2 млн доллари ИМА оғоз кард ва соли 2001 бомуваффақият анҷом ёфт.

Дар маҷмӯъ, бо маблағгузориҳои шарикии БИР аз соли 1997 то 01.01.2013с. дар ҷумҳурӣ 17 лоиҳаи муштараки инвеститсионӣ ба маблағи зиёда аз 226 млн доллари ИМА ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла дар соҳаи маориф - се лоиҳа ба маблағи 30,5 млн доллари ИМА; тандурустӣ - се лоиҳа ба маблағи 19 млн доллари ИМА; нақлиёт ва роҳсозӣ чор лоиҳа ба маблағи 53 млн доллари ИМА; энергетика - се лоиҳа ба маблағи 38 млн доллари ИМА; кишоварзию мелиоратсия - ду лоиҳа ба маблағи 24,0 млн доллари ИМА; инчунин дигар соҳаҳо ба маблағи 11,1 млн доллари ИМА амалӣ шуда буданд. То 01.01.2013с. даҳ лоиҳаи муштараки инвеститсионӣ бо маблағгузорӣ ва ҳаммаблағгузории БИР ба маблағи зиёда аз 99 млн. доллари ИМА бомуваффақият анҷом дода шудаанд [1,с.15].

Аз январи соли 2013 то соли 2015 ҳафт лоиҳаи муштараки инвеститсионӣ ба маблағи зиёда аз 127 млн доллари ИМА бо ҳаммаблағузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бомуваффақият татбиқ шудаанд, ки ба ин қатор дар соҳаи маориф лоиҳаи «Таҷдид ва сохтмони мактабҳои миёна (марҳилаи 2)» бо маблағи 13,5 млн доллари ИМА; соҳаи тандурустӣ - лоиҳаи «Сохтмон ва таҷҳизонидани беморхонаи бисёрсоҳавӣ ва байниноҳиявии вилояти Хатлон» - 15,1 млн доллари ИМА; Лоиҳаи «Обтаъминкунии шаҳри Душанбе» - 10,7 млн доллари ИМА; соҳаи кишоварзӣ – лоиҳаи «Обёрии заминҳои водии Данғара (марҳилаи 2)» - 19,9 млн доллари ИМА; соҳаи энергетика – лоиҳаи «Сохтмони НБО-и хурд барои таъмин намудани деҳот бо қувваи барқ» -11,6 млн доллари ИМА ва лоиҳаи минтақавии «Хатти интиқоли барқ» - 28,1 млн доллари ИМА; соҳаи нақлиёт - ҳаммаблағгузорӣ дар лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб» дар ҳаҷми 27,9 млн долларро мансуб медонанд [4,с.4].

**Ҷадвали 2. Маблағҳои азхудкардаи Тоҷикистон ва давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ барои солҳои 1997-2018 (ба ҳисоби млн.USD)**

**Table 2. Use of resources by Tajikistan and other countries of Central Asia in the period 1997-2018. (in millions of USD)**

| **Давлатхо** | **1997-2007** | **2008-2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 132,3 | 134,2 | 70,0 | 20,4 | 0,0 | 0,0 | 356,8 |
| Осиёи Марказӣ | 564,6 | 1902,6 | 667,5 | 390,9 | 901,5 | 0,0 | 4454,1 |
| **БИР-57** | **11414,3** | **24311,1** | **4190,9** | **5077,8** | **4 104,1** | **187,7** | **52 234,4** |

Махзан: Economic Research and Institutional Learning Department, Country Programs Complex. Dhul-Qada, 1439 hijri, 2018 year

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳаҷми маблағҳои аз тарафи БИР ҷудошудаю азхудкардашуда дар солҳои 1997-2018 ба Тоҷикистон 356,8 млн доллари ИМА рост меояд, ки ин 8%-и ҳаҷми маблағҳои ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон (4454,1 млн доллари ИМА) ҷудошуда ва 0,6%-и ҳаҷми умумии маблағҳои дар давоми солҳои 1997-2018 ба ҳамаи 57 давлати аъзо ҷудокардашударо (52234,4 млн доллари ИМА) ташкил менамояд [5,с.19].

Дар давоми фаъолияти беш аз бистсолаи БИР дар ҷумҳурӣ на камтар аз 80 лоиҳаи инвеститсионии муштарак таҳия шудаанд, ки аз ин шумора то ба ҳолати 30.06.2018с. 57-тояш пурра бо маблағгузории захираҳои худии БИР ба маблағи 356,8 млн доллар аз худ карда шудаанд [6,с.31].

Дар давоми солҳои 1998-2018 шумораи умумии лоиҳаҳои азхудкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31%-и шумораи умумии лоиҳаҳои дар Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон азхудшударо (аз 189 лоиҳа) ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии лоиҳаҳои дар ин муддат барои 57-давлати аъзо татбиқшуда (3093 лоиҳа) бошад, 1,8%-ро ташкил мекунад.

Уҳдадориҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври даврагӣ дар тағйирот қарор доранд. Дар ин миён уҳдадориҳои қарзии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди институтҳои молиявии байналхалқию минтақавӣ ва махсусан, Бонки Исломии Рушд, дар соли 2015 - 110,77 млн долл. ИМА, дар соли 2016 - 109,52 млн долл. ИМА ва дар соли 2017 - мутаносибан 112,3 млн доллари ИМА-ро ташкил карда буд [7,с.11].

**Диаграммаи 1. Таносуби маблағҳои қарзии БИР дар давоми солҳои 2015-2017**
**Chart 1. The ratio of credit resources of the IDB in the period 2015-2017**




Сарчашма: Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.minfin.tj

Аксари созишномаҳои қарзии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои муҳимми сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба имзо расонида мешаванд. Дар ин росто, қарзҳои БИР характери дарозмуддат дошта, бо меъёри фоизии аз 1,5% то 2,5% пешниҳод карда мешаванд. То ҳол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби БИР 23 қарз ҷудо карда шудаанд, ки давраи имтиёзии онҳо 7 солро дар бар мегирад. Мӯҳлати пардохти қарзҳо 25 солро дар бар гирифта, мӯҳлати охирини пардохти қарзҳо то 31.12.2041с. пешбинӣ шудааст.

Хусусиятҳои ҷуғрофии мабалғгузории лоиҳаҳои инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ будани онҳо шарҳ дода мешаванд [12,с.86]. Афзалияти асосии татбиқи лоиҳаҳо маҳз дар ҳамин масъала арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷо ёдрас шудан аз имзои 11 созишномаи қарзӣ дар ҳаҷми 285,2 млн доллари ИМА дар соли 2015 бамаврид аст, ки яке аз онҳо Лоиҳаи характери минтақавидоштаи БИР дар татбиқи Лоиҳаи CASA-1000 дар ҳаҷми 70 млн доллари ИМА мебошад.

Лоиҳаи дигар, ки маблағҳои қарзии БИР то соли 2018 дар он дар гардиш буданд, сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Қалъаихумб, қитъаҳои A ва F дар ҳаҷми 20 млн доллари ИМА мебошад, ки дар доираи 13 шартномаи қарзии соли 2017 (дар ҳаҷми 474,9 млн доллари ИМА) баимзорасида ба тавсиб расида буд. Тибқи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки ҳиссаи қарзҳои БИР дар сохтори қарзҳои бисёрҷониба дар соли 2017 мутаносибан 12%-ро ташкил медиҳад.

Дар ин замина, ҳамкорию муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари БИР бо Фонди Саудии Рушд, Фонди рушди Абу-Дабӣ, Фонди рушди байналмилалии (СДСН) ОПЕК, Фонди рушди Кувайт дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст ва давра ба давра тавсеа меёбанд.

Феълан, фаъолияти БИР характери бисёрсоҳавӣ дошта, маълумотҳои амалиётиаш ҳар семоҳа нашр мегарданд. Тибқи гурӯҳбандии дохилӣ, давлатҳои узв ба се гурӯҳи амалиётӣ: Хадамот ва муносибатҳои давлатии Шарқи Наздик ва Аврупо (CRS ME); Хадамот ва муносибатҳои давлатии Осиё (CRS Asia); Хадамот ва муносибатҳои давлатии Африқо ва Амрикои Лотинӣ (CRS ALA) ҷудо мешаванд.

Аз таҳлилҳои оморӣ бармеояд, ки дар минтақаи CRSME шумораи бештарини лоиҳаҳо (80) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, лекин ҳаҷми камтарини маблағгузориро (490,9 млн доллар) дар бар мегиранд. Дар дигар давлатҳои минтақаи CRSME ҳаҷми мабалғгузориҳои бештарро дар Қазоқистон (67 лоиҳа дар ҳаҷми 2020,6 млн доллар), дар Ӯзбекистон (75 лоиҳа дар ҳаҷми 1858,6 млн доллар) ва дар Туркманистон (18 лоиҳа дар ҳаҷми 1102 млн. доллар) мушоҳида кардан мумкин аст [8,с.3]. Дар ин росто БИР соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти давлатҳои узв, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро маблағгузорӣ менамояд ва маҳз аз рӯйи принсипҳои зикршуда низ дар бисёр мавридҳо кор мебарад. Аз ҷадвали 3 бармеояд, ки маблағгузориҳои БИР қариб аксари соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд [1,с.2].

Портфели қарзии БИР дар давраи солҳои 2018-2020, ки бо Қарори МН МО Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми ноябри соли 2017, таҳти №935 тасдиқ шудааст, фарогири 29 созишномаи қарзӣ мебошад ва аз онҳо 21 созишномаи қарзӣ мавриди баррасӣ ва амал қарор доранд. Татбиқи лоиҳаҳои мазкур бо Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, таҳти №486 тасдиқ гардидааст, ҳамоҳанг мебошад [12,с.87].

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми маблағгузориҳои соҳавии БИР ба лоиҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 1995-2018 (ба ҳисоби миллион доллари ИМА)**

**Table 3. The total volume of sectoral investments by the IDB in the projects of the Republic of Tajikistan for 1995-2018 (in millions of USD)**

| **Солҳо** | **Хоҷагии деҳот** | **Маориф** | **Энергетика** | **Молия** | **Тандурустӣ** | **Саноат ва соҳаи коркарди кӯҳӣ** | **Иттилоот ва алоқа** | **Моликияти воқеӣ** | **Нақлиёт** | **Обу корез ва хизматҳои шаҳрӣ** | **Дигар хадамоти иҷтимоӣ** | **Дигар соҳаҳо** | **Дар маҷмӯъ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1995-2000** | 0,3 | 10,0 | 14,4 | - | 5,5 | - | - | - | 19,2 | - | 0,3 | - | **49,7** |
| **2001-2005** | 8,1 | 10,5 | 11,2 | 1,2 | 12,5 | - | - | - | 13,8 | 11,3 | 0,3 | 0,5 | **69,6** |
| **2006-2017** | 98,0 | 27,6 | 97,5 | 40,3 | 9,5 | - | - | 10,0 | 58,7 | - | 0,2 | - | **341,8** |
| **2018** | 10,0 | - | 10,0 | - | 10,0 | - | - | - | - | - | - | - | **30,0** |
| **ҲАМАГИ** | **116,4** | **48,2** | **133,0** | **41,5** | **37,5** | **-** | **-** | **10,0** | **91,6** | **11,3** | **0,8** | **0,5** | **491,1** |

Сарчашма: Economic Research and Institutional Learning Complex, Country Programs Complex, Date of Issue: Dhul-Qada 18, 1439H, 30-июня 2018 г.

Соҳабандии маблағгузориҳои БИР дар давраи солҳои 1998-2018 ба соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 80 лоиҳаи инвеститсионии муштарак (аз шумораи умумии 6600 лоиҳаҳои БИР) чунин шакл доштанд: ба соҳаи кишоварзӣ 12-то (аз 832); ба соҳаи маориф 10-то (аз 637); ба соҳаи энергетика 15-то (аз 580); ба соҳаи молия 16-то (аз 972); ба соҳаи тандурустӣ 9-то (аз 436); ба соҳаи амволи ҳақиқӣ 1-то (аз 27); ба бахши нақлиётӣ 8-то (аз 457); ба соҳаи обу корез 2-то (аз 316); ба хадамоти иҷтимоӣ 4-то (аз 307) ва ба дигар соҳаҳо 3-то (аз 1731 лоиҳаи БИР) рост меояд. Аз таҳлили маълумотҳо бармеояд, ки ба баъзе соҳаҳо, масалан ба соҳаи саноат ва коркарди захираҳои табиӣ ва бахши иттилооту коммуникатсия ягон лоиҳаи инвеститсионӣ татбиқ нагардидааст [11,с.14].

Нақши БИР дар татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар асноди ҳуқуқии шарикӣ назаррас буда, бо мабалғгузориҳои минбаъда ва мониторинги дурусти истифодаи самараноки маблағҳо - таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ; ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт роҳи ҳалли худро пайдо карда метавонанд.

Яке аз лоиҳаҳои ҷадиди аз тарафи БИР маблағгузоришаванда, чун пешина, беҳдошти вазъи инфрасохтори нақлиётӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки бо

**Ҷадвали 4. Маҷмӯи амалиётҳои гурӯҳи БИР аз рӯйи режимҳои асосии оғози молиякунонӣ (аз 01.01.1998с. то 30.06.2018с.)**
**Table 3. The set of operations of the IDB Group, depending on the main regimes, the beginning of financing (from January 1, 1998 to June 30, 2017)**

| | Молиякунонии лоиҳавӣ Project Financing | | Ёрии техникӣ Technical Assistance (TA) | | Молиякунонии тиҷоратӣ Trade Financing | | Амалиётҳои махсуси ёридиҳанда Special Assistance Operations | | Ҳаҷми умумӣ Grand Total | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давлатҳо** | **No.** | **USD** | **No.** | **USD** | **No.** | **USD** | **No.** | **USD** | **No** | **USD** |
| Қазоқистон | 26 | 1 246,5 | 14 | 2,6 | 22 | 769,5 | 5 | 1,9 | 67 | 2020,6 |
| Қирғизистон | 35 | 312,3 | 16 | 4,2 | 3 | 22,0 | 7 | 2,4 | 61 | 340,9 |
| ***Тоҷикистон*** | 41 | 360,5 | 19 | 4,8 | 11 | 124,0 | 9 | 1,5 | 80 | 490,9 |
| Туркманистон | 13 | 1 100,6 | 4 | 1,1 | 0 | 0,0 | 1 | 0,3 | 18 | 1102,0 |
| Узбекистон | 38 | 1 520,1 | 5 | 1,1 | 24 | 335,6 | 8 | 1,9 | 75 | 1858,6 |
| ***Осиёи Марказӣ*** | ***153*** | ***4540*** | ***58*** | ***13,8*** | ***60*** | ***1251,1*** | ***30*** | ***8*** | ***301*** | ***5813*** |
| **IDB-57** | **2552** | **56557** | **998** | **284** | **2675** | **71784** | **468** | **388** | **6693** | **129011** |

Махзан: Econom.Research and Institutional Learning Depart., CPC. Date of Issue: July 31, 2018

ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари тозаинтихоби БИР Бандар Ҳамза Ҳадҷар моҳи сентябри соли 2017 ба оғози татбиқи лоиҳаи инвеститсионии «Шоҳроҳи Кӯлоб - Қалъаихумб» қитъаи «Кӯлоб - Шамсиддини Шоҳин» ҳусни оғоз бахшиданд. Дарозии роҳи мазкур 32 километрро ташкил карда, барои азнавсозии он беш аз 52 миллион доллари ИМА масраф мешавад. Лоиҳаи мазкур ҳамворкунӣ, хобондани 39 қубури обпарто, хобондани беш аз 40 км сангҳои пахлуии шоҳроҳ, сохтмони 2 кӯпруки нави мошингард ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Азнавсозии қитъаи мазкур идомаи лоиҳаи қаблии қитъаи «Шӯрообод - Шоҳон» аст, ки дар масофаи 40 км аз ҷониби БИТ ва дигар институтҳои донори арабӣ мабалғузорӣ шуда буд. Дар рафти татбиқи ин лоиҳа ҳамчунин беш аз 50 км паҳлуҳои роҳ бетон хобонида шуда, 10 кӯпрук ба масофаи беш аз 1121 метр ба истифода дода шуданд. Дар ин ҷо, дарозтарин кӯпрукҳои Шӯробак бо дарозии 306 метр, Ҳутхам бо дарозии 297 метр ва Оби Ниёб бо дарозии 265 метр сохта шудаанд, ки барои афзоиши минбаъдаи гирдгардиши молу хадамоти байни минтақаҳои Тоҷикистон таъсир мерасонад ва бо ташкили нуқтаҳои хизматрасонии сарироҳӣ дар дарёфти маблағҳои иловагӣ аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ мусоидат менамоянд.

Дар асоси Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 номгӯйи қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [9,с.2] барои давраи мазкур бо ҷудо намудани маблағи қарз ба қарздиҳандаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт ва бо дарназардошти қарзгириҳои нави банақшагирифташуда, инчунин маълумоти муқоисавӣ оид ба азхудкунии маблағҳои қарзии ҷорӣ ва банақшагирифташуда, дарёфти маблағҳои қарзӣ аз сарчашмаҳои қарзии БИР ба инобат гирифта шудааст. Гирифтани маблағҳои қарзии БИР мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» амалӣ шуда, ҷиҳати татбиқи сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки афзалиятҳои асосии дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ноилшавӣ [10,с.21] ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равонашударо инъикос менамояд, равона карда мешаванд. Дар ҳошияи барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дастрас кардани маблағҳои грантӣ ва қарзӣ аз гурӯҳи БИР барои рушди соҳаи саноат ва тақвияти саноати маҳаллӣ дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти назариявию амалӣ холӣ нест.

**АДАБИЁТ**


1. Оиди қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 / Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014. -27 с.
2. Scott F.Abramson. The Economic Origins of the Territorial State. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.cambridge.org/core/journals/international-organization/information/instructions-contributors (санаи муроҷиат: 25.10.2018с.)
3. Charter of the Organisation of Islamic Cooperation (OIC) [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.oic-oci.org/upload/documents/charter/en/oic charter 2018 en.pdf (санаи муроҷиат: 01.11.2018с.)
4. Бонки Исломии Рушд - шарики стратегӣ ва сармоягузори иқтисодиёти Тоҷикистон / Садои мардум. - Душанбе: Нашрияи МО ҶТ, 2013, - 5-уми апрел. - №42-43 (3027-3028).
5. Together we build a better future. An essential guide to the IDB Annual Report 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.isdb.org/sites/default/files/media /documents/2018-12/IsDB-AnnualReport-1438H%282017%29-Digest.pdf (санаи муроҷиат: 29-10-2018с.)

6. Фаъолияти соҳавии БИТ барои давлатҳои узв. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.isdb.org/what-we-do/sectors / ER and ILD, CPC / Dhul-Qada, 1439h, 2018y. (санаи муроҷиат: 2-юми ноябри соли 2018)
7. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2017, №486 тасдиқ шудааст. 22 с.
8. Маълумотномаи "Институти тадқиқотҳои иқтисодии омӯзиши сохторӣ ва Барномаҳои маҷмӯии Бонки Исломии Рушд" // Dhul-Qada. Таърихи чоп: 18-уми муҳаррами соли 1439 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 30.06. 2018с.м.
9. Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020. Аз 15-ноябри соли 2017, №935 бо Қарори Маҷлиси намояндагони МО Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. -Душанбе, 2018.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016с., тахти №636 тасдиқ шудааст. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 127 с.
11. Economic Research and Institutional Learning Department, Country Programs Complex. [Манбаи электронӣ]. URL: http:www.isdb.org // Date of Issue: July 31, 2018 (санаи муроҷиат: 15-уми октябри соли 2018)
12. Тагоев М.Р. Предпосылки, горизонты и перспективы сотрудничества Республики Таджикистан с Азиатским банком развития / М.Р. Тагоев / Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2017. -№2/7. –С.85-88.

## ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ШАРИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО БОНКИ ИСЛОМИИ РУШД

Тавсеаи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ яке аз роҳҳои асосии таъмини талаботи бахшҳои иқтисодиёти миллӣ бо захираҳои молиявӣ ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки дар давоми даврони соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои Тоҷикистон чи бо созмонҳои байналмилалӣ ва чи бо созмонҳои минтақавӣ аз қабили Бонки Исломии Рушд (БИР) суръат пайдо менамоянд. Дар мақола самаранокии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо БИР таҳлил карда шудааст. Муайян карда шуд, ки дар раванди ҳамкориҳои мутақобилан судманд таваҷҷуҳи БИР ба тамоми бахшҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон: инфрасохтори иқтисодиёт; беҳдошти вазъи соҳаи маориф; пешгирии вайроншавии вазъи экологӣ; рушди соҳаи энергетика; таъмини баробарии занону духтарон равон карда шудаанд. Ҳамзамон, дар мақола заминаҳо ва мақсадҳои асосии таъсиси ин созмони молиявии минтақавӣ дар доираи Созмони Ҳамкории Исломӣ ҳаматарафа баҳогузорӣ карда шудаанд. Муайян гардид, ки созмони мазкур бо мақсади рушди иқтисоди мамлакатҳои узв, ки мусулмоннишин мебошанд, бо принсипҳои қабулгардида маблағгузорӣ менамояд. Дар давоми узвияташ дар Бонки Исломии Рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи чандин лоиҳаҳои аҳамияти миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқидошта аз маблағҳои қарзии имтиёзнок ба таври афзалиятнок истифода кардааст. Дар ин росто, ҳамкории ҳозира ва минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Исломии Рушд ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Дар навиштани мақола инчунин диққати асосӣ ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи ҳамкориҳои байни БИР ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Ба сифати чунин ҳуҷҷат Шартномаи шарикии байни Бонк ва Тоҷикистонро дохил кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, муайян карда шудааст, ки дар давоми ҳамкориҳои бисёрсола аз ҷониби БИР беш аз 80 лоиҳаи инвеститсионии давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 490 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ карда шудаанд. Вижагии маблағгузории БИР дар он зоҳир мешавад, ки баъзе аз лоиҳаҳо пурра аз ҳисоби маблағҳои худӣ бо принсипҳои барои фаъолияти БИР хос буда маблағгузорӣ карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** рушди иқтисодӣ, созмонҳои минтақавии молиявию иқтисодӣ, Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, Бонки Исломии рушд, инфрасохтори нақлиётӣ, марказҳои логистикӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ, иқтисодиёти рӯ ба инкишоф, музарабаъа, мушорака, қарзҳои имтиёзнок, молиякунонӣ аз рӯйи меъёрҳои шариат, лоиҳаҳои инвеститсионии муштарак.

## СОСТОЯНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИСЛАМСКИМ БАНКОМ РАЗВИТИЯ

Расширение взаимоотношений с международными и региональными финансовыми организациями остаётся важным направлением в решение нехватки внутренних финансовых ресурсов национальной экономики Таджикистана. Это также четко сформулировано и указано в Концепции внешней политики страны. С учётом этого в годы независимости, приобретает дополнительные импульсы сотрудничество Республики Таджикистан как с международными организациями, так и с региональными организациями к которым можно отнести Исламский банк развития. В данной научной статье изложены и проанализированы основные текущие направления сотрудничества Республики Таджикистан с Исламским банком развития. По результатам анализа выявлено, что горизонты сотрудничества Республики Таджикистан с ИБР охватывают все отрасли народного хозяйства: гидроэнергетику, частный сектор хозяйствования, предотвращение экологических проблем, экономичекую инфраструктуру; обеспечение гендерного равенства в обществе и т.д. Между тем, в статье рассматривается и оцениваются предпосылки и цели создания Исламского банка развития как отдельного института Организации Исламского Сотрудничества. В статье автором чётко указано, что цель создания этой организации заключается в предоставлении финансовой помощи и льготных кредитов мусульманским странам по определённым общепринятым принципам в обеспечении экономического роста. В период членства Республики Таджикистан со стороны ИБР финансировались несколько стратегических проектов, имеющих национальный, региональный и международный характер. Автором также проанализирована деятельность ИБР в долгосрочной перспективе. В статье расматривается количество реализованных (более 80) и действующих проектов и объёмы вложенных средств (более 490 млн.долл.США). В научной статье также доказана важность стратегического партнёрства Республики Таджикистан с Исламским банком развития и его отражение в Стратегических документах Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** экономический рост, региональные финансово-экономические организации, Стратегия управления государственным долгом, Исламский банк развития, транспортная инфраструктура, логистические

центры, Организация Исламского Сотрудничества, развивающаяся экономика, мударраба, мушаракка, льготные кредиты, финансирование по принципам исламского шариата, совместные инвестиционные проекты.

**CONDITIONS AND PROSPECTS COOPERATION OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN WITH ISLAMIC DEVELOPMENT BANK**

Expanding relations with international and regional financial organizations remains an important direction in addressing the lack of domestic financial resources of the national economy of Tajikistan. This is also clearly formulated and indicated in the Concept of the country's foreign policy. Taking this into account in the years of independence, cooperation of the Republic of Tajikistan with both international organizations and regional organizations acquires additional impulses, including the Islamic Development Bank. This scientific article outlines and analyzes the main current areas of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Development Bank. According to the results of the analyzes, it was revealed that the horizons of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Development Bank cover the entire sector of the national economy: - hydropower, - the private business sector, - prevention of environmental problems, - economic infrastructure; - ensuring gender equality in society, etc. Meanwhile, the article examines and assesses the prerequisites and goals of the creation of the Islamic Development Bank as a separate institution of the Organization of Islamic Cooperation. In the article, the author clearly states that the purpose of creating this organization is to provide financial assistance and preferential loans to Muslim countries on certain generally accepted principles to ensure economic growth. In the period of membership of the Republic of Tajikistan by the Islamic Development Bank, several strategic projects of national, regional and international nature were financed. The author also analyzed the activities of the Islamic Development Bank in the long term. The article considers the number of implemented and operating projects and the volume of invested funds. The scientific article also proved the importance of the strategic partnership of the Republic of Tajikistan with the Islamic Development Bank and their reflection in the Strategic Documents of the Republic of Tajikistan. Thus, in the course of multilateral cooperation with the Islamic Development Bank, more than 80 public investment projects were financed in the amount exceeding 490 million USD.

**Key words:** economic growth, regional financial and economic organizations, Public debt management strategy, Islamic Development Bank, transport infrastructure, logistics centers, Organization of Islamic Cooperation, developing economy, mudarraba, Musharakka, soft loans, financing according to the principles of the Islamic Sharia, joint investment projects.

**Сведения об авторах:** ***Шукуров Бури Уракович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Shukurov-b@mail.ru**. Телефон: **918-24-80-85**
***Тагоев Махадмумин Рахимович*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mahadjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-74-44-65**

**Information about authors:** ***Shukurov Buri Urakovich*** - Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of World Economy and International Economic Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Shukurov-b@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-24-80-85**
***Tagoev Mahadmumin Rakhimovich*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of World Economy and International Economic Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **mahadjon@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-74-44-65**

**УДК 332.012**

## БАНАҚШАГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

***Ашуров К.Р., Кайюмов С.Т., Миров Ф.Т.***
**Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

Омӯзиши молияи корхонаҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, чунки мақсади асосии ҳар як корхона, пеш аз ҳама, ба даст овардани фоида мебошад. Ин мақсад бо таъмини молиявии ҷараёни истеҳсолот, интихоби тарафҳои истифодабарии захираҳои молиявӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ амалӣ мегардад. Муваффақиятҳои кори корхонаҳои тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, аз захираҳои молиявии онҳо вобастагии зиёд доранд [1,с.313].

Молияи корхона маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар гардиши маблағҳои пулӣ оид ба ташкил, тақсим ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд.

Гардиши маблағҳои пулӣ ҷараёни иқтисодиест, ки арзишро ба вуҷуд меорад ва силсилаи пардохти маблағҳои пулӣ ва ҳисобу китоби онро ба танзим медарорад.

Субъекти асосие, ки қарори молиявии асосиро қабул менамояд, соҳиби моликият мебошад. Шахси асосие, ки ин қарорҳоро иҷро менамояд ва вазифаҳои тактикиро иҷро менамояд, кормандони молияи корхона мебошанд.

Моҳияти молияи корхонаҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ, дар иҷрои вазифаҳояшон зоҳир мегарданд.

Оиди вазифаҳои молияи корхонаҳо дар адабиётҳои иқтисодӣ ду равияи (мавқеи) асосӣ мавҷуд аст.

Мувофиқи мавқеи якум молияи корхонаҳо ду вазифаро иҷро менамояд: тақсимкунӣ ва назоратӣ;

Мавқеи дуюм, вазифаи иловагиро ба ғайр аз ин вазифаҳо пешниҳод менамояд, ки ин вазифаи таъминкунӣ ё захиракунӣ мебошад. Ба андешаи иқтисодшиносон, мавқеи дуюм асосноктар ва пурратар мебошад, чунки мувофиқи он молияи корхонаҳо се вазифаро иҷро менамояд:

1. таъминкунӣ;
2. тақсимкунӣ;
3. назораткунӣ.

Вазифаи таъминкунӣ, ташкили системаи маблағҳои пулии заруриро аз ҳар гуна сарчашмаҳо, барои таъмини фаъолияти ҷории корхонаҳо ва амаликунонии мақсадҳои стратегӣ дар бар мегирад [2].

Вазифаи тақсими молияи корхона, пеш аз ҳама, ҳангоми тақсимнамоии маблағҳои мавҷуда истифода бурда мешавад. Корхонаҳо аз маблағҳои пулии худ истифода бурда, ашёи хом ба даст меоранд ва онро коркард намуда, маҳсулоти тайёрро ба бозор пешниҳод менамоянд. Ҳангоми фурӯши маҳсулот даромад ба даст меоранд ва аз он хароҷотҳои истеҳсолотро тарҳ намуда, маблағи зиёдатиро ҳамчун андоз ба буҷет, ба фондҳои захиравӣ, ба фонди истеҳсолот ба фонди ҳавасмандгардонии кормандон ва ғайраҳо тақсим менамояд [4].

Вазифаи назоратӣ дар корхона вазифаи муҳим ба шумор рафта, назоратро аз рӯйи захираҳои худӣ ва қарзӣ, истифодаи онҳо, барқароркунии онҳо, умуман аз рӯйи тамоми фаъолияти молиявии корхона амалӣ мегардонад. Вазифаи назоратии корхона барои ба натиҷаҳои дилхоҳ, аз рӯйи нақшаҳои молиявӣ расидан ба роҳ монда мешаванд.

Молияи корхона ва ташкилотҳои тиҷоратӣ муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар ҷараёни ташкилкунии фондҳои истеҳсолӣ, аз фурӯши маҳсулот, ташкилкунии захираҳои молиявии худӣ, ҷалб намудани сарчашмаҳои молиякунонии берунӣ, тақсимкунӣ ва истифодабарии онҳо ба амал меоянд. Чунин муносибатҳои иқтисодиро дар бисёр мавридҳо муносибатҳои воситаҳои пулӣ ё муносибатҳои молиявӣ низ меноманд [3,с.179].

Муносибатҳои молиявии корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

Муносибатҳои молиявие, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани даромадҳо, ташкилёбӣ ва истифодабарии фондҳои мақсадноки истеҳсолоти моддӣ дар дохили хоҷагӣ ба вуҷуд меоянд, қисме аз ин фондҳо барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот истифода бурда мешаванд. Қисми дигараш бошад, барои фондҳо иистеъмолӣ ба кор бурда мешаванд.

Муносибатҳои молиявие, ки дар байни корхонаҳо ва ташкилотҳо ба вуҷуд меоянд ва ин муносибатҳо хусусиятҳои тақсимкунӣ ва додугирифтро дошта бошанд.

Муносибатҳои молиявии байни корхонаҳо ва мақомотҳои суғурта, ҳангоми ба вуҷуд овардан ва истифодабарии намудҳои гуногуни фондҳои суғуртавӣ ба роҳ монда мешаванд.

Муносибатҳои молиявии байни корхона ва давлат ҳангоми пардохтҳои андоз ба буҷет ва фондҳои марказонидаи ғайрибуҷетӣ ба роҳ монда мешаванд.

Муносибатҳои молиявии корхонаҳо бо бонкҳо дар вақти гирифтани қарзи бонкӣ, пӯшонидани қарзҳо, кушодани суратҳисоб ва ғайраҳо ба амал меоянд.

Муносибатҳои молиявии корхонаҳо бо бонк ҳангоми истифодабарии маблағҳои озоди пулӣ, яъне аз фонди гардиши худи корхонаҳо ба роҳ монда мешаванд.

Муносибатҳои молиявии байни корхонаҳо ва аҳолӣ ҳангоми пардохти музди меҳнат ва дигар шаклҳои муносибатҳои пулӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

Муносибатҳои молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси принсипҳои зерин ташкил карда мешаванд: мустақилияти хоҷагидорӣ, худмолиякунонӣ, ҳавасмандии моддӣ, ҷавобгарии моддӣ ва таъминкунӣ бо захираҳои молиявӣ.

Моҳияти принсипи мустақилият дар он мебошад, ки субъектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликияташон хароҷотҳои худро муайян месозанд ва сарчашмаҳои молиякунонияшонро дар кадом самте ки набошад, худашон муайян менамоянд.

Моҳияти принсипи худмолиякунонӣ дар он мебошад, ки корхона метавонад аз ҳисоби худ, яъне аз даромади худ ҳамаи хароҷотҳояшро пӯшонад ва илова бар ин фоидаи зиёдатӣ гирад ва ба рақобатҳо тобовар бошанд.

Худмаблағгузорӣ ҳамон маъноро дорад, ки рӯйпӯшкунонии ҳамаи хароҷотҳо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, маблағгузорӣ дар истеҳсолот аз ҳисоби воситаҳои худии корхонаҳо ва ҳангоми зарур будани маблағҳои пулӣ аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ ва корхонаҳои тиҷоратӣ рӯйпӯш карда мешаванд. Зарурияти ҳавасмандгардонии моддӣ бошад, ин пеш аз ҳама, ба даст овардани фоида мебошад.

Ҷавобгарии моддӣ, вуҷуд доштани низоми муайяни масъулият мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти молиявии хоҷагидорӣ муайян карда мешавад.

Усулҳои молиявии паҳнкунӣ ва иҷрои ин принсип барои субъектҳои хоҷагидорӣ, роҳбарон ва коргарони алоҳида хос мебошанд. Дар тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ ин принсипҳо ба воситаи ҷаримаи аҳдшиканӣ, ҷаримаҳое, ки ҳангоми вайронкунии иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, саривақт барнагардонидани қарзҳои гирифташуда, вайронкунии қонунгузории андоз пешбинӣ шудаанд.

Таъминкунии захираҳои молиявӣ, пеш аз ҳама, ба ташкилкунии захираҳои молиявӣ ва дигар фондҳое, ки дар вақти фаъолияти корхонаҳо ҳама вақт ба таваккал пайваст мебошанд, алоқаманд мебошад.

Қарзи пардохти муҳлатдор талаб менамояд, ки фоизҳо ва маблағҳои асосии қарз ҳар моҳ ба бонк пардохта шаванд. Вақте ки маблағи қарз ба ҳадди муайян (камтар) мерасад, корхона ва ё ширкат имконият пайдо менамояд, ки бо фоизи нисбатан камтар аз бонк такроран маблағҳои молиявӣ ба даст орад. Бартарии ин намуди қарз аз он иборат мебошад, ки он одатан ба эҳтиёҷоти мавсимии молиявии корхона мувофиқат менамояд. Фоизи қарз дар ин ҳолат мумкин аст дар вақти расидани муҳлати пардохт (фоизи муқаррарӣ) ва ё дар сурати пешпардохт (қарзҳои ба арзиши ҳозира андозагиришуда - дисконтӣ) дода шаванд. Ҳангоми пешпардохт шудани фоизи қарз, маблағи қарзҳо кам мешавад ва маблағи ҳақиқии (воқеии) фоизи қарз меафзоянд.

Факторинг яке аз сарчашмаҳои аз ҳама гарони таъмини молиявӣ мебошад. Мазмуни ин аз он иборат мебошад, ки фурӯши маблағҳои қарзии корхона бо гузаштҳои калон, ки аз тарафи бонк анҷом дода мешаванд ва ин гузаштҳо ба давомоти муҳлати қарздориҳо (қарзҳои пардохтнашуда) вобаста мебошанд.

Таъмини молиявии дарозмуддат, чун қоида, барои хариди воситаҳои асосӣ ё васеъ кардани истеҳсолот ба кор бурда мешаванд. Сарчашмаҳои он, пеш аз ҳама, иҷора (лизинг), фоидаи тақсимнашуда, андӯхтҳои истеҳлокӣ ба шумор мераванд.

Иҷора ба шакли лизинг шакли махсуси таъмини молиявии корхона мебошад. Одатан, ин объект ба шохаи амалиётӣ ва молиявӣ ҷудо карда мешавад. Аввалан, дар ин ҳолат унсури сармояи асосиро ба иҷора медиҳанд ва баъдан иҷорасупор вазифаи хизматрасонии техникӣ ва таъмири объекти муомиларо ба уҳдаи худ мегирад. Дувум, замоне мерасад, ки қарордоди иҷора, лизинг байни фурӯшандаи маблағҳои пулӣ ва корхона, ки ин ё он объектро мавриди истифода қарор медиҳад, шартнома баста мешавад, то ин ки харидор ин объектро бо мол таъмин кунад. Дар ин ҳолат иҷорагир ҳамаи хароҷотҳои хизматрасониҳои техникӣ, таъмири объект ва масъулияти онро ба души худ мегирад.

Фоидаи тақсимнашуда (байни сармоягузорон) сарчашмаҳои аз ҳама афзалиятдори таъмини молиявии корхона ба шумор меравад. Аммо ин маблағ дар аксар мавридҳо нокифоя мебошад, аз ҳамин сабаб эҳтиёҷоти молиявии дарозмуддати корхона аз ҳисоби сармояи ҷалбшаванда таъмин карда мешаванд. Сармояи ҷалбшаванда, чунон ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, маблағҳое мебошанд, ки ба корхона аз ҳисоби вомбарги ташкилотҳои қарздиҳанда, ё аз тариқи ба фурӯш мондани уҳдадориҳои қарзӣ ворид мешаванд.

Қарзҳои дарозмуддат одатан ба як муҳлати муайян (амволи ғайриманқул, таҷҳизот, қоғазҳои қиматнок) дода мешаванд. Агар корхона ва ё ширкат барои гирифтани пул аз ташкилотҳои молиявӣ қодир набошад, он гоҳ онҳо метавонад вомбаргҳоро барои фурӯш содир намояд. Ин вомбаргҳо ба ҳайси баёноти қарздории корхона ва ё ширкатҳо ҳастанд.

**Даромадҳои корхонаҳо ва ҷараёни истифодаи онҳо.** Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ барои ҳар як корхона ва ё соҳибкор ба даст овардани даромад ва фоидаи торафт афзоянда шарту вазифаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаҳо ва сатҳи фоиданокии он одатан дар маблағи муайяни фоида ифода меёбад. Фоида нишондиҳандаи асосии самаранокии истеҳсолот ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар як корхона ба чи зиёд шудани даромад ҳавасманд мебошад.

Фоида яке аз нишондиҳандаҳои асосие мебошад, ки натиҷаи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаро инъикос менамояд.

Фоида яке аз амалҳои асосии самаранокии истеҳсолот дар корхона ба ҳисоб меравад.

Дар корхона намудҳои зерини фоидаро аз ҳамдигар фарқ кардан лозим меояд:

- фоидаи (балансӣ) тавозунӣ;
- фоидаи умумӣ;
- даромад аз амалиётҳои берун ва аз фурӯши маҳсулот.

Фоидаи балансӣ = фоидаи аз фурӯши маҳсулот +_ (даромад аз фаъолияти ғайрихоҷагидорӣ–хароҷотҳои ғайрихоҷагидорӣ) иборат мебошад.

Фоида аз фурӯш = даромад аз фурӯш-хароҷотҳои истеҳсолот.

Даромад аз амалиётҳои беруна, аз фурӯш-саҳмҳо дар дигар корхонаҳо, аз иҷора, дивидендҳо, фоизҳо иборат мебошад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ асосан намудҳои зерини фоидаро фарқ менамоянд:




Ҳамин тавр, фоида як қисмати даромади умумии корхона мебошад, ки ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши мол ва хароҷоти истеҳсолии корхона, баъд аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, андозҳои иҷтимоӣ ва дигар ҳисса ҷудокуниҳои ҳатмӣ аз маблағи фурӯши мол ба фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ муайян карда мешаванд. Даромади корхона аз ҳисоби фурӯши як миқдори муайяни маҳсулот тавассути нархи озоди як воҳиди он муайян карда мешавад. Барзиёдии даромад назар ба хароҷоти истеҳсолот, нишонаи пайдо шудани фоида мебошад. Баръакс, агар хароҷот аз маблағи даромад зиёд бошад, он гоҳ ба ҷойи фоида, танҳо зарари иқтисодӣ ҳосил мегардад, ки ин бар хилофи манфиати корхона мебошад.

Фоида ҳамчун натиҷаи молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳалли вазифаҳои гуногун нақши муайян дорад. Дар навбати аввал, як қисмати муайяни фоидаи тавозунии корхонаю ташкилот дар шакли андоз ва ҳиссаҷудокуниҳои ҳатмӣ аз рӯйи тартиботи муқарраргардида ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад. Бо ин амал андоз аз фоида ва дигар намудҳои саҳмгирӣ дар пурра кардани қисмати дохилшавӣ ба буҷет, яке аз манбаъҳои боэътимод ва доимии ташкилёбии молияи давлат буда, аз ҳисоби ин воситаҳои пулӣ минбаъд вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба таври марказонидашуда баррасӣ ва ҳаллу фасл карда мешаванд.

Пас аз ҷудо кардани як қисмати фоидаи тавозунӣ дар шакли андоз аз фоида ва ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин баровардани андозҳою ҳар гуна имтиёзҳои қонунӣ аз фоидаи умумии корхона, фоидаи соф ба як қатор фондҳои мақсадноки дорои аҳамияти дохиликорхонавӣ, тақсим ва истифода бурда мешаванд.

Фоидаи софе, ки комилан дар ихтиёри худи корхона мемонад, барои ҳавасмандгардонии кормандон барои натиҷаҳои меҳнаташон ва нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона, пурра намудани ҳолати фондҳои гардони худи муассиса, пардохти ҷаримаҳои иқтисодӣ, додани дивидендҳо ба саҳомон ва дигар мақсадҳои мушаххас равона карда мешаванд.

Андоз маблағҳои ҳатман пардохтшавандаи андозсупорандагон ба буҷет ва ба фондҳои мақсадноки давлатӣ мебошад, ки дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қонун ва дар мӯҳлатҳои муайяншуда супорида мешавад.

Фоидаи андозбанд фоидаест, ки тибқи қонунҳои мавҷудбудаи мамлакат аз андозаи тавозунии он, маблағи имтиёзҳои андоз, аз фоидаи корхонаҳо тарҳ ё бароварда мешавад.

Низоми (системаи) андоз - маҷмӯи андозҳои муқарраршуда аз тарафи давлат мебошад, ки дар асоси тартиботи муайян ва усулҳои ҳисобкунии онҳо, принсипҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- ҳатмӣ будани андозсупорӣ, яъне як маблағи андоз, ки танҳо як маротиба ситонида шавад, вале дар амал дар бисёр мавридҳо мухолифи ин принсип рафтор карда мешавад. Мисоли равшани андозбандии дукарата мавриди ба саҳмдорон пардохтани ҳаққи саҳмияҳо (дивиденд) мебошад;
- муайян будани низоми андозсупорӣ, яъне муайян будани тартиби андозбандӣ (миқдор, мӯҳлат, асоси ҳисобкунии андозҳо), ки қаблан муқаррар карда мешавад;
-ивазнашавандагии андоз, яъне давлат ба андозсупорандагон дар бадали маблағҳои ба буҷет супоридашаванда ҳеҷ гуна воситаи дигареро ба ивази он намегирад.

Тафовут дар низоми (миқдори) андозҳо дар кишварҳои гуногун хеле назаррас мебошанд. Аммо дар аксар мавридҳо тафовутҳои боз ҳам бештар нисбати афзоиши иловагии андозбандишаванда ба назар мерасад.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ.

Андозҳои умумидавлатие, ки корхонаҳо ҳатман ба буҷет пардохт мекунанд, инҳо мебошанд:

1) андоз аз фоида;
2) андоз аз арзиши иловашуда;
3) аксизҳо;
4) пардохтҳои иҷтимоӣ;
5) андози замин;
6) андоз барои истифодаи захираҳои табиӣ;
7) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ;
8) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард.

Андозҳои маҳаллӣ инҳоянд:

1) андоз аз фурӯши чакана;
2) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт;
3) андоз аз амволи ғайриманқул.

Ҳангоми ситонидани андозҳо аз тарафи давлат ба корхонаҳо имтиёзҳои гуногун дода мешаванд, масалан:

- элементи андозбандишаванда;
- аз андозбандӣ хориҷ кардани баъзе унсурҳо;
- аз андоз озод намудани қисми алоҳидаи андозсупорандагон;
- кам кардани меъёри андоз ва ғайраҳо.

**Банақшагирии молиявӣ дар корхонаҳо.** Корхона дар шароити муосир тавассути нақшаи молиявӣ роҳҳои истифодабариро аз фоидае, ки баъди пардохти андозҳо дар ихтиёраш боқӣ мемонад, муайян менамояд.

Ҳадаф аз таҳия намудани нақшаи молиявӣ, аз муайян намудани ҳаҷми муносибатҳои молиявии имкондоштаи корхона мебошад. Нуқтаи муҳимми банақшагирии молиявӣ ба роҳ мондани стратегияи асосии он - яъне, мушаххас муайян намудани марказҳои даромад (фоида) ва марказҳои харҷи субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Марказҳои даромадҳои субъектҳои хоҷагидорӣ воҳидҳое мебошанд, ки фоидаро пешакӣ муайян менамоянд. Марказҳои харҷ воҳиди субъектҳои хоҷагидорие мебошанд, ки нафъи кам доранд, ё куллан воҳидҳои тиҷоратӣ нестанд, аммо дар раванди умумии тавлиди фоида - нақши муҳим мебозанд.

Банақшагирии молиявӣ дар корхона барои 5 сол таоҳрезӣ карда мешавад ва ҳар семоҳа, шашмоҳа ва солона ҳисобот дар назди мақомоти давлати супорида мешавад. Мутобиқ ба ин, нақшаҳои ояндабинӣ (стратегӣ ва аз ҷумла панҷсола), ҷорӣ ва амалӣ мешаванд. Нақшаи молиявии ояндабинӣ нишондиҳандаҳои асоситарин, таносуб ва суръати тавлиди доимии васеъро талаб менамояд. Нақшаи панҷсола шакли асосии ба амал баровардани ҳадаф ва вазифаҳои рушди корхона, стратегияи маблағгузориҳо ва андӯхтҳои пешбинишаванда мебошад.

Нақшаи молиявии ояндабинӣ, одатан сирри тиҷоратии корхонаро дар бар мегирад.

Банақшагирии молиявии ҷорӣ, пеш аз ҳама, аз даромаду хароҷотҳои солона ва сохтани сметаи харҷкунии фондҳои маблағҳои пулӣ, фонди музди меҳнат, фондҳои маблағҳои ба рушди ва такмили истеҳсолот равонашаванда (фонди андӯхт), фонди таъйиноти иҷтимоӣ, фонди захираҳо ва аз фондҳои гардиш дар бар мегирад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ». -Душанбе, 2010.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи қарзи давлатӣ ва кафолатҳое, ки аз тарафи давлат дода мешавад». -Душанбе, 2011.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ». –Душанбе, 2002.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ». –Душанбе, 2012.
5. Кодекси андози ҶТ. –Душанбе, 2014.
6. Молияи Тоҷикистон маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе, 2017.
7. Рахимов. Формирование и развитие финансового рынка в условиях рыночной экономики Республики Таджикистан. Уебник / Рахимов, С. Зубайдов. –Душанбе: Ирфон, 2015.
8. Пряничков С.Б. Финансовый менеджмент. Учебник / С.Б. Пряничков. -Нижний Новгород: НОВО, 2015.
9. Шахов В.В. Введение в страхование. Учебник / В.В. Шахов. -М: Финансы и статистика, 2010.
10. Пакудов А. Личные финансы. Учебник / А. Пакудов. –М: Вершина, 2006.
11. Попова Р.Г. Финансы предприятий. Учебник / Р.Г. Попова, И.Н. Самонова, И.И. Добросердова. –М., 2015.
12. Лихачева О.Н. Финансовое планирование на предприятии. Учебное пособие / О.Н. Лихачева. –М: Проспект, 2005.
13. Ковалева А.М. Финансы фирмы. Учебное пособие / А.М. Ковалева, М.Г. Лапуста, Л.Г. Скамай. -М: ИНФРА-М, 2005.
14. Дробозиной Л.А. Общая теория финансов. Учебное пособие / Л.А. Дробозиной. -М: «Банки и биржи» «ЮНИТИ», 1995.


## БАНАҚШАГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ


Таҷриба нишон медиҳад, ки корхонаҳо дар нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Сарчашмаҳои асосии пайдо кардани онҳо маблағҳои худии корхона ва қарзҳо буда метавонанд. Ба маблағҳои худии корхонаҳо сармояи оинномавӣ; сармояи изофа; сармояи захиравӣ; фонди захиравӣ; фондҳои андухт; маблағгузориҳои воридотии ҳадафманд; маблағҳо аз ташкилот ва ашхоси хусусии дигар; уҳдадориҳои иҷоравӣ, фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта; фоида аз соли ҳисоботӣ, истифодашуда ва тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ ва ғайра дохил мешаванд. Бояд чунин натиҷае ба даст ояд, ки фаъолияти корхона даромаднокии баланд дошта бошад ва маблағҳои пулиро дар чунин ҳаҷм таъмин намояд, ки талаботи нафарони ба натиҷаи фаъолияти корхона манфиатдорро қонеъ гардонад. Тафсири натиҷаҳои интизоршавандаи фаъолияти иқтисодӣ дар давраи оянда дар ҳолати таҳияи буҷети корхона ҷой дорад. Қоидаҳои умумие вуҷуд надоранд, ки дараҷаи мушаххассозии буҷети корхонаро муқаррар намоянд. Дар навбати аввал, он ба андозаи устувории дараҷаи ҳисобҳои таҳияшаванда вобаста аст. Ғайр аз ин, дар ҳар як корхона дараҷаи зарурии мушаххасгардонии буҷа барои таъмини ҳамоҳангии амалиётҳои банақшагирифташудаи алоҳида бояд баҳо дода шавад.



**Калидвожаҳо:** сармояи оинномавӣ, сармояи изофа, сармояи захиравӣ, фонди захиравӣ, фондҳои андухт, маблағгузориҳои воридоти ҳадафманд, фоидаи тақсимнашуда, маблағгузориҳои воридотӣ.


## ПЛАНИРОВАНИЕ ФИНАНСИРОВАНИЯ НА ПРОИЗВОДСТВЕННИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ


Оценки экспертов говорят о том, что лишь малая часть, имеющейся потребности в кредитах для малого бизнеса удовлетворяется сегодня в части микрокредитов. Очень тяжело получить кредит начинающему предпринимателю. Большая часть предпринимателей не пользуются заёмными и кредитными средствами из-за отсутствия у малых предприятий необходимого обеспечения. Следовательно, дополнительной причиной являются высокие риски, связанные с кредитованием небольших предприятий, и накладные расходы банков, которые почти одни и те же для больших и малых ссуд. Однако, нужно отметить, что банки, накапливая опыт работы в данной сфере, идут по дороге упрощения процедур кредитования, смягчения условий. В частности, к ним можно отнести процентные ставки, сроки погашения кредитов, комиссий. Следующим фактором, вызывающим серьёзное возмущение со стороны предпринимателей, является избыточное государственное регулирование деловой активности, это так называемые административные барьеры. Существует значительное число проверок предприятий со стороны органов надзора и контроля, а также продолжительные по времени процедуры получения необходимых разрешений и согласований во всевозможных инстанциях.



**Ключевые слова:** финансирование, предпринимательство, риск, деятельность, связь, конкуренция, потребители, потребности, эффективность, оценка, информация, интернет.


## PLANNING FINANCING FOR MANUFACTURING ENTERPRISES


The article narrates the role of microfinancing in the development of national economysectors, the problems that small and medium-sizedenterprises are facing. It is noted that microfinancing is an activity aimed at providing services to small and medium-sized enterprises. Nowadays, microfinancing services have been formed simultaneously with the recognition of a private entrepreneurial initiative. The main direction of microfinancing is the issuance of small loans to not strengthened entrepreneurs who do not always have the opportunity to receive them in banks. The sphere of microfinance organizations is extensive and covers all sectors of the national economy. The article narrates the main reasons why commercial banks deprive with loans small enterprises and also analyzes the balance of unrecovered loans by sectors of the national economy. As ways to improve loan repayments it is proposed to diversify the loan portfolio, disburse loans to enterprises of various sectors of the national economy in small amounts and in short terms with coverage of a larger number of lenders. An additional condition for the risk reduction is the usage of various types of loan repayments, including guarantees, collateral, guarantors, insurance, etc. It is noted, that compliance with the proposed methods of loan repayments will provide an opportunity to compensate possible losses under one agreement by others. The article narrates

the main reasons why commercial banks deprive with loans small enterprises and also analyzes the balance of unrecovered loans by sectors of the national economy.

**Key words:** microfinancing, small and medium-sized enterprises, services role, sector development, microfinance organizations, support of entrepreneurs, smallunrecovered loans, sectors of the national economy,insurance.

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **–** Таджикский технических университет им. М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент, заведеющий кафедрой экономики и управления в производстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: (**+992) 919-16-57-41**
***Кайюмов Сухроб Тухтабоевич*** **-** Таджикский технических университет им. М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент, кафедры экономики и управления в производстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **900-24-00-55.** E-mail: **kayumov_s.t@mail.ru**
***Миров Фирдас Туйчиевич*** **-** Таджикский технических университет им. М.С. Осими, старший преподаватель кафедрыэкономики и управления в производстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **934-14-21-11**

**Information about the author:** ***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economics and Management in Production. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. Phone: (**+ 992) 919-16-57-41**
***Kayutmov Suhrob Tukhtaboevich*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Economics and Management in Production. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. Phone: **900-24-00-55**. E-mail: **kayumov_s.t@mail.ru**
***Mirov Firdas Tuychievich*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi, Senior Lecturer, Department of Economics and Production Management. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. Phone: **934-14-21-11**

**УДК 338.24(575.3)**

# ТАВСИФИ ИҚТИСОДӢ -ТАШКИЛИИ ҶСП«КОМБИНАТИ ШИР»-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ

***Сафарзода Гулбегим, Қараева Ҷ.Ғ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Самаранокии иқтисодиикорхона ин муқоиса кардани натиҷаҳои истеҳсолӣ бо хароҷоти захираҳои моддӣ ва молӣ мебошад. Тавсифи иқтисодӣ-ташкилии ҶСП «Комбинати шир»-и шаҳри Душанбе хусусиятҳои баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ, аудит ва таҳлили истифодабарии самараноки онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ-молиявии корхона мебошад. Барои расидан ба мақсади хеш дар кори пешниҳодшуда масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

- асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирӣ ва аудити захираҳои моддию молӣ;
- таснифи моҳияти иқтисодӣ ва вазифаҳои баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ;
- баҳодиҳии захираҳои моддию молӣ ва усули баҳисобгирии онҳо;
- баҳисобгирии ҳаракати захираҳои моддию молӣ;
- таҳлили ҳолати истифодабарии захираҳои моддию молӣ.

Истеҳсоли ҳар гуна маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) бо истифодаи захираҳои моддию молӣ алоқаманд аст. Захираҳои моддию молӣ асос ва шароити зарурӣ барои татбиқи барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ), кам кардани хароҷот мебошанд. Истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳо, истеъмоли оқилонаи онҳо, истифодаи арзон ва арзонтарини маводҳо самти муҳимми афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва беҳтар намудани шароити молиявӣ мебошад.

***Захираҳо дороиҳое мебошанд, ки:***

- *барои фурӯш дар раванди фаъолияти муқаррарӣ;*
- *дар раванди истеҳсолот барои фурӯш;*
- *дар шакли ашёи хом ё масолеҳ барои истифодабарӣ дар раванди истеҳсолот ё хизматрасонӣ таъйин шудаанд.*

**Масъалаҳои баҳодиҳӣ** ва баҳисобгирии ҳаракати захираҳои моддиро олимон ва муҳаққиқони соҳа мавриди омӯзиш қарор дода, дар давоми 25 соли охир зиёда аз 500 асари илмӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ навишта шудаанд.

Захираҳои моддию молӣ унсурҳои гуногуни истеҳсолӣ буда, дар ҷараёни истеҳсолот ба сифати предметҳои меҳнат баромад мекунанд. Онҳо дар як давраи истеҳсоли пурра истеъмол карда шуда, арзиши худро пурра ба арзиши маҳсулоти тайёр мегузаронанд.

Ҳосил аз истифодабарии масолеҳ дар ҷараёни истеҳсолот ба таъсири дигар воситаҳои хоҷагӣ, ин ба даст омадани маҳсулоти тайёр – шакли муҳимтарини захираҳои моддию молӣ мебошад.

Аз рӯйи дараҷаи тайёрӣ маҳсулоти саноатӣ ба се гурӯҳ тақсим мешавад: маҳсулоти тайёр, нимфабрикат ё нимтайёр ва истеҳсолоти нотамом.

Маҳсулоти тайёр маҳсулотест, ки пурра тайёр шудааст ва ба талаботи стандарт ҷавобгӯ аст.

Нимфабрикат-маҳсулотест, ки дар сех коркардаш ба охир расидааст ва коркарди минбаъдааш дар дигар корхона мегузарад.

Истеҳсолоти нотамом - маҳсулоте, ки коркардаш дар як корхона ба охир нарасидааст ва дар дигар корхона ба охир расонида мешаванд.

Дар шароити имрӯза барои баҳодиҳии маҳсулоти тайёр нишондиҳандаҳои зерин истифода бурда мешавад:

**Арзиши аслии истеҳсолӣ** чунин арзише мебошад, ки аз рӯйи хароҷоти истеҳсолии ҳақиқӣ муайян карда мешавад.

**Арзиши аслии нопурраи истеҳсолӣ** бо ҷамъи хароҷоти истеҳсолӣ ба ғайр аз хароҷотҳои умумихоҷагӣ ҳисоб карда мешавад.

**Нархи яхлухти фурӯш-** нархи яклухт ба сифати нархҳои устувор истифода бурда мешавад.

**Аз рӯйи арзиши истеҳсолии нақшавӣ-** ин ҳам ба сифати нархҳои устувор баромад мекунад. Арзиши итеҳсолии нақшавӣ барои баҳисобгирии майлкунӣ байни арзиши нақшавӣ ва арзиши аслии ҳақиқӣ хизмат мекунад.

**Аз рӯйи нархҳои озоди бозорӣ-** ин гуна нарх ҳангоми фурӯши чаканаи мол истифода бурда мешавад.

Ба фурӯши маҳсулот илова ба хароҷоти асосӣ инчунин хароҷоти зерин низ ҳамроҳ карда мешавад:

1) хароҷотҳои меҳнатӣ, олотҳо ва ашёҳои меҳнат барои истеҳсоли маҳсулот равонкардашуда;

2) хароҷот вобаста ба фурӯши маҳсулот (бандубасти маҳсулот, нигоҳдорӣ, интиқол додан, боркунӣ, борфарорӣ, хароҷоти комиссионӣ ва ғайра);

3) хароҷот ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот алоқаманд набуда, вале ҷуброн кардани он бо роҳи ба арзиши аслии маҳсулот ҳамроҳ кардан, амалӣ карда мешавад (ба инҳо дохил карда мешавад: хароҷоти кофтуковӣ, ҷустуҷӯйӣ-геологӣ, хароҷоти беҳтарсозии замин, пардохт барои захираҳои табиӣ ва ғайра).

**Баҳодиҳии захираҳои моддию молӣ.** Дигар масъалаи муҳимтарин ин дуруст муайян кардани арзиши ҳақиқии молу масолеҳ ҳангоми дохилшавӣ ва бавуҷудории он мебошад.

Мувофиқи СБХМ – 2 «Захираҳо», захираҳо аз рӯйи қимати хурдтарин аз ду бузургии зерин баҳо дода мешаванд арзиши аслӣ ва арзиши холиси фурӯш (нархи софи фурӯши имконпазир) [8].

Арзиши аслии захираҳои молу масолеҳи корхонаҳои истеҳсолӣ иборат аст аз:

- хароҷоти хариди ЗММ, ки аз арзиши харид (маблағи счет – фактура бо нархи тахфифи харид), боҷи гумрукии воридот ва дигар андозҳо (бо тарзи андози барқароршаванда) хароҷоти нақлиётӣ (бо назардошти боркунӣ, борфарорӣ ва суғуртаи мол дар роҳ), дигар хароҷоти бевоситаи бо харид вобаста буда;
- хароҷот барои коркард, хароҷоти бевосита ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр алоқаманд буда;
- хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо аз фонди музди меҳнати коргарони бевосита дар дастгоҳ ва таҷҳизот бо коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр машғулбуда;
- тақсимкунии даврии хароҷоти иловагии доимӣ ва тағйирёбанда ҳангоми коркарди ашёи хом ва масолеҳ.

Ба арзиши захираҳои молу масолеҳӣ дохил намешаванд:

- талафоти аз меъёр зиёди ашёи хом, меҳнати сарфшуда, ё дигар хароҷоти истеҳсолӣ;
- хароҷоти нигоҳдории захираҳои молу масолеҳӣ, байни давраҳои алоҳидаи раванди истеҳсолӣ, ба ғайр аз хароҷоте, ки дар ҷараёни истеҳсолот зарур аст;
- хароҷоти маъмурӣ – идоракунӣ;
- хароҷоти тиҷорати (фурӯш).

Арзиши аслии захираҳои молу масолеҳии корхонаҳои хизматрасонӣ иборат аст аз:

- хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳои ба суғуртаи иҷтимоӣ;
- хароҷоти масолеҳи ёрирасон;
- хароҷоти иловагии бевосита дар раванди хизматрасонӣ баамаломада.

Музди меҳнат ва дигар хароҷоти тиҷоратӣ ва маъмурӣ ба арзиши аслии ЗММ дохил карда нашуда, ҳамчун хароҷоти давраи аз ҳисоби фурӯш пӯшонида мешавад.

Пеш аз дида баромадани баҳои ЗММ, арзиши аслии ЗММ-ро барои соҳаҳои гуногун муайян мекунем.

Арзиши аслии ЗММ корхонаҳои истеҳсолӣ иборат аст аз:

А) ***хароҷоти харид***и ЗММ, ки аз арзиши харид (маблағи ҳисоб –фактура бо тарҳи тахфифи харид), боҷи гумрукии воридот ва дигар андозҳо (бо тарҳи андози барқароршаванда), хароҷоти нақлиётӣ (бо назардошти боркунӣ, борфарорӣ ва суғуртаи мол дар роҳ), дигар хароҷоти бевоситаи бо харид вобаста;

**В) *хароҷот барои коркард*,** хароҷоти бевосита бо истеҳсоли маҳсулоти тайёр алоқаманд буда, аз ҷумла:

1) хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо аз фонди музди меҳнати коргарони бевосита дар дастгоҳ ва таҷҳизот бо коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр машғулбуда;

2) тақсимкунии даврии хароҷоти иловагии доимӣ ва тағйирёбанда ҳангоми коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр баамаломада;

**С) *дигар хароҷот*** ҳангоми ба ҷойгиркунии ЗММ кашондан ё ба ҳолати лозима овардан (ба анбор кашонидани маҳсулоти тайёр, хароҷот барои мол аз рӯйи фармоишҳои мушаххас ва ғайра), иборат аст.

**Ҳангоми баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ усулҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст:**

-идентификатсияи махсус (specific identification method);

-арзиши миёнаи баркашида (average- cost method);

-ФИФО (First – In, First – Out – method FIFO);

-ЛИФО (Last – in, First – Out – method LIFO);[8]

Ҳамин тариқ, ҶСП «Комбинати шир»-и шаҳри Душанбе пурра сиёсати баҳисобгириашро дар асоси нақшаи нави ҳисобҳо ба роҳ мондааст, вале ҳоло ҳам пурра ба стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) нагузаштааст.

**АДАБЁИТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Азия-Плюс. - 22.12.2017.
2. Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011, № 702. [Манбаи электронӣ]. http:// www.minfin.tj
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 1992.
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, к-1, К-2, к-3, 1999.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо 5 сентябри соли 2013, №902.
6. Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андози даромад аз шахсони воқеӣ, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта нашудааст. Душанбе - 2005. [Манбаи электронӣ]. http:// www.minfin.tj
7. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методи баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2011. [Манбаи электронӣ]. http:// www.minfin.tj
8. Дастурамал оиди низоми пур намудани Шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки тибқи талаботи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2011. [Манбаи электронӣ]. http:// www.minfin.tj
9. Баҳисобгирии молиявӣ. –Душанбе: ИҶБАК ҶТ, 2017 с.
10. Селезнова Н.Н. Финансовый анализ / Н.Н. Селезнова, А.Ф. Ионова. - М., 2001 - 479 с.
11. Чегодаева А.Н. Бухгалтерская финансовая отчетность: учебный курс. МИЭМП: «Центр дистанционных образовательных технологий» / А.Н. Чегодаева. - 2010. - 329с.
12. Анализ финансовой отчетности: учеб. пособие для студентов, обучающихся по специальностям «Финансы и кредит», «Бухгалт. учет, анализ и аудит» / под ред. О.В. Ефимовой, М.В. Мельник. - 2-е изд., испр. и доп. -М.: Изд-во ОМЕГА-Л, 2006. - 408 с.
13. Положение по калькулированные себестоимости продукции (работ, услуг) на предприятиях и в организациях Республики Таджикистан. Утверждено постановлением Правительства РТ от 12 мая 1999года, №210.
11. Положение по бухгалтерскому учету «Учёт материально - производственных запасов» УПП 3/2002, Приказ Минфина РТ от01.2002, №5.
14. Баҳисобгирии молиявӣ Дастури таълимӣ дар асоси СБҲМ. –Душанбе: ИҶБАК ҶТ, 2011.
15. Управленческий учет. Учебное пособие. –Душанбе: ОИПБА РТ, 2003. - 327с.
16. Кутер М.И. Теория и принципы бухгалтерского учета / М.И. Кутер. –М, 2000.
17. Кондраков Н.П. Бухгалтерский учет. Учебное пособие / Н.П. Кондраков. –М: ИНФРА – М, 2003. -640 с.


## ТАВСИФИ ИҚТИСОДӢ-ТАШКИЛИИ ҶСП«КОМБИНАТИ ШИР»- И ШАҲРИ ДУШАНБЕ


Дар мақола муаллиф тавсифоти иқтисодӣ – ташкилии ҶСШП «Комбинати шир»-и шаҳри Душанберо овардааст. Комбинати шири Душанбе аз соли 1965 ташкил ёфтааст. Навбати якуми Комбинати шири Душанбе бо иқтидори 110 тонна коркарди шир дар як баста ва 10 тонна яхмос дар шабонарӯз сохта ва ба истифода дода шуда буд. Навбати дуюми корхона соли 1976 сохта шуда, дар натиҷа иқтидори он 228 тонна коркарди шир дар як баста расид. Дар иқтисоди бозоргонӣ бошад омили ҳалкунандаи муваффақияти тиҷоратӣ рақобатпазирӣ мебошад ва он ба корхонаҳое ҳамроҳӣ мекунад, ки имконияти пешниҳоди молҳое мебошанд, ки ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ мебошад. Рақобатпазирии олӣ кафолати бадастории даромад дар шароитҳои бозоргонӣ мебошад. Дар ин шароитҳо барои ҳар як истеҳсолкунанда

омили асосии муваффақият рақобатпазирӣ мегардад. Сохтори истеҳсолии корхона тақсимоти меҳнатро байни сехҳои он ва хоҷагиҳои хизматрасон муайян месозад. Шир, ҷурғот, сметана, фаллаи шир, равғани маска – маҳсулоти асосии ҳаёти солим мебошанд, ки якчанд сол аст, ки онҳоро Комбинати шири Душанбе истеҳсол менамояд ва онҳо дар байни аҳолӣ хеле серхаридортаринанд.

**Калидвожаҳо:** маҳсулот, захираҳои молиявӣ, истеҳсолот, харид, фуруш, хароҷот, арзи, иқтисодиёти миллӣ.

**ЭКОНОМИКО-ОРГАНИЗАЦИОННАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЗАО «МОЛОЧНЫЙ КОМБИНАТ» ГОРОДА ДУШАНБЕ**

В статье автор приводит экономико- организационную харктеристику ЗАО «Молочный комбинат» города Душанбе. Душанбинский молочный комбинат ведет свою историю с 1965 года. Первая очередь Душанбинского молочного комбината мощностью 110 тн. переработки молока в смену и 10 тн. мороженого в сутки была построена и введена в эксплуатация в 1965 году. Вторая очередь предприятия была построена в 1976 году и в результате мощность предприятия возросла до 228 тн. переработки молока в смену.В рыночной экономике решающим фактором коммерческого успеха является конкурентоспособность и он сопутствует предприятиям, способным предложить товары, наиболее соответствующие нуждам потребителя. Высокая конкурентоспособность предприятия является гарантом получения высокой прибыли в рыночных условиях. В этих условиях для любого производителя главным фактором успеха становится конкурентоспособность. Производственная структура предприятия определяет разделение труда между его цехами и обслуживающими хозяйствами. Молоко, кефир, сметана, творог, масло - базовые продукты здоровой жизни, которые вот уже несколько лет выпускает ЗАО «Молочный комбинат» города Душанбе и которые пользуются большой популярностью у населения.

**Ключевые слова:** продукты, финансовые ресурсы, производство, закупки, продажи, расходы, задолженность, национальная экономика.

**ECONOMIC AND ORGANIZATIONAL CHARACTERISTICS OF JSC "DAIRY COMBINE" CITY DUSHANBE**

In the article, the author cites the economic and organizational characteristics of Dairy Combine CJSC of the city of Dushanbe. The Dushanbe Dairy Plant has been leading its history since 1965. The first stage of the Dushanbe dairy plant with a capacity of 110 tons. milk processing in a shift and 10 tons. ice cream per day was built and put into operation in 1965. The second phase of the enterprise was built in 1976 and as a result, the capacity of the enterprise increased to 228 tons. milk processing in shifts. In a market economy, competitiveness is a decisive factor in commercial success and it accompanies enterprises that are able to offer products that best meet the needs of the consumer. High competitiveness of the enterprise is a guarantor of obtaining high profits in market conditions. Under these conditions, for any manufacturer, competitiveness becomes the main success factor. The production structure of an enterprise determines the division of labor between its workshops and service farms. Milk, kefir, sour cream, cottage cheese, butter are the basic products of healthy life that Dairy Milk Combine JSC has been producing for several years now and which are very popular among the population.

**Key words:** products, financial resources, production, purchases, sales, expenses, debt, national economy.

**Сведения об авторах:** ***Сафарзода Гулбегим*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, аспирант кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 121

***Караева Джонона Гафоровна*** – Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, заведующая кафедрой финансового менеджмента. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Information about the authors:** ***Safarzoda Gulbegim*** - Tajik State Pedagogical University S. Aini, graduate student of the Department of Financial Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121 Aini Street

***Karaeva, Jonona Gaforovna*** - Tajik State Pedagogical University S. Aini, head of the department of financial management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 121. Phone: **931-01-86-86**

**УДК 336.7(575.3)**

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

***Пирназарзода Д.М.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар мамлакати мо трансформатсияи бозор ва устувории иқтисодиёти миллӣ бо такмили муносибатҳои бозоргонӣ алоқаманд карда мешавад, ки ин маънои рушди ҳаматарафаи ташаббусҳои иқтисодӣ ва соҳибкориро ифода менамояд. Фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, ҳадафи муҳимтарин ва ташкилкунандаи сиёсати иқтисодӣ барои ҳама гуна иқтисодиёти давраи гузариш ба шумор меравад. Соҳибкориро дар баробари се омил: замин, меҳнат ва сармоя, омили чоруми истеҳсолот ном мебаранд.

Асоси рушди соҳибкорӣ мавҷудияти низоми ҳуқуқии муътадил ба ҳисоб меравад. Таъминоти ҳуқуқии соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, қабули қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкориро фаро мегирад.

Ба асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ инҳо тааллуқ доранд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (АМО ҶТ, соли 2014, №7, қисми 2). Субъектони соҳибкории хурд ва миёна метавонанд фаъолияти худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ё ҷисмонӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) ба амал бароранд. Мутобиқи қонуни нав ба субъектони соҳибкории хурд ва миёна соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол то 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, №1194).

Ба субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғуланд, мансуб нестанд:

– истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
– таҳвили алюминийи аввалия;
– фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ;
– фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ;
– фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.

Ба субъектҳои соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ то 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомонӣ аст.

Ба субъектҳои соҳибкории калон шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол аз 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомонӣ зиёд аст[1].

Муқаррарот оид ба дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчунин дар оинномa ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии мақомоти идоракунии маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст. Дар асоси муқаррароти мазкур, аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия дар доираи салоҳияташон санадҳои батанзимдарорандаи фаъолияти соҳибкорӣ қабул карда мешаванд.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти муосир омили хосси истеҳсолот маҳсуб меёбад, ки омилҳои дигари истеҳсолотро дар доираи воҳиди иқтисодӣ муттаҳид месозад. Дар натиҷа омилҳои парокандаи истеҳсолот низоми иқтисодиро ташкил дода, моҳияти нав - қобилияти истеҳсоли самараноки маҳсулот ва таъсиси захираҳои навро соҳиб мегарданд.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ҳаллу фасли масоили муайяни пайдошуда, ба монанди ташкил ва рушди соҳибкорӣ, бахусус дар соҳаи хизматрасониро муқаррар менамояд, зеро соҳаи мазкур дар мамлакатҳои рушдкарда зиёда аз 70% ММД-ро ташкил медиҳад.

Соҳибкории хурд ва миёна имкон медиҳад, ки вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ оид ба фароҳам овардани муҳити рақобатпазир, қонеъгардонии талабот оид ба маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳаллу фасл гардида, бо ҳамин сатҳи бекорӣ, болоравии пардохтҳои андозӣ бо мақсади ташаккули буҷа дар ҳама гуна сатҳ паст карда шавад. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки ҳаллу фасли вазифаҳо оид ба ташкил ва рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ, барои иқтисодиёти ҳар як мамлакат аҳамиятнок мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки мушкилоти мавҷуда, омилҳо ва сабабҳое, ки аз онҳо нишондиҳандаи рушди соҳибкории хурд ва миёнаи соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошанд, ошкор ва муайян карда шаванд.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки ба рушди соҳибкории хурд ва миёна чи омилҳои дохилӣ ва чи омилҳои беруна таъсир мерасонанд. Ба ҷумлаи омилҳои дохилӣ метавонанд қобилият, дараҷаи дахлдори ихтисосмандии кормандон, идоракунии бомаҳорат ва ғ., ки ба фаъолияти дохилии корхонаҳо дар алоҳидагӣ таъсир мерасонанд, шомил гарданд. Чи гунае ки тадқиқот нишон доданд, сифати асосии муҳити дохилӣ маҳсуб меёбанд:

– сифатҳои шахсии соҳибкор (касбият, қобилият, муошират, чандирӣ ва маҳорати амал дар ҳолатҳои таваккалӣ, қобилияти қабули қарори дуруст, қобилияти кор бо коллектив ва доштани фарҳанги муошират);
– доштани воситаҳои пулӣ, сармоя ва захираҳои моддии зарурӣ ва дастрас;
– имконияти ташкили истеҳсолот;
– доштани имконияти гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ [2].

Муҳити беруна ин ҳамон омилҳое мебошанд, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд. Қобили қайд аст, ки аксар олимон дар мавриди интихоб, таҳлили омилҳо, инчунин арзёбии онҳо дар таносуб бо амали якҷоя, фаъолияти хоҷагидории корхона нуқтаи назари гуногун доранд[3].

Дар ин маврид таснифоти муҳити дохилӣ ва беруна ҷой доранд, ки, дар навбати худ, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) имконияти ташкил ва таъсиррасонанда ба раванди фаъолият (қонун ва санадҳои меъёрӣ, заминаҳои андозӣ, захираҳои мавҷуда);

2) сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ, муқаррарот, инфрасохтори бозор, шарикии иҷтимоӣ, худташкилии корхона;

3) омилҳои дохилӣ (омодагии касбӣ ва равонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ).

Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба таснифоти муҳити дохилӣ ва берунаи фаъолияти соҳибкорӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таснифотимуҳити дохилӣ ва берунаи фаъолияти соҳибкорӣ**
**Table 1. Classification of internal and external economic activity**

| Олимони иқтисодшинос | Мазмуни таснифот |
|---|---|
| И. Герчикова | Омилҳои берунаро бо чунин тарз тасниф мекунанд: якум, омилҳои таъсиррасонандаи бевосита, ки ба сифати онҳо талабот ва таклифот, вазъи муносибатҳои бозорӣ, шароити тиҷорат дар бозор ва ғ. баромад менамоянд, дуюм, омилҳои таъсиррасонандаи бавосита, ки ба сифати онҳо омилҳои иқтисодӣ, сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ, табиати соҳибкорӣ ва ғ. баромад мекунанд [4]. |
| А. Хоскинг | Таснифоти муҳити дохилӣ ва берунаро ба макро ва микромуҳити соҳибкорӣ ҷудо менамояд. Тибқи андешаи А. Хоскинг, макромуҳит аз омилҳои зерин: иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, технологӣ, шароити ҷисмонии (ҷуғрофии) фаъолият, иҷтимоӣ-фарҳангӣ иборат аст. Микромуҳит, дар навбати худ, низоми институтсионалии соҳибкориро муайян менамояд [5]. |
| М.В. Солодков | Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии гузаронидашуда муқаррар кард, ки омилҳои бештар паҳнгардидаи муайянкунанда - ин зичии аҳолии дар ҳудуд истиқоматкунанда (коэффитсиенти коррелятсия 0,28), вазни қиёсии истиқоматкунандагони деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ (коэффитсиенти коррелятсия 0,36), маҳсулнокии мавҷудбудаи меҳнат (коэффитсиенти коррелятсия аз 0,34 то 0,41), иқтидори зеҳнӣ (коэффитсиенти коррелятсия 0,35) мебошад[6]. |
| В.Г. Басарева | Дар кор исбот карда мешавад, ки талабот ба меҳнат дар сегменти соҳибкории хурд ва миёна аз фарқияти мавҷудбудаи минтақа ва сатҳи таваккалӣ, ки метавонанд аз сатҳи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар минтақа пайдо шаванд, вобаста аст. Чунин ҳолат сатҳи дахлдори боварии одамонро ба тартиби пешбурди соҳибкорӣ ва м.и. муайян менамояд[7]. |

Аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда омилҳои зерин фарқ карда шудаанд, ки муҳити соҳибкориро ташаккул медиҳанд (расми 1):

**Расми 1. Таснифоти омилҳое, ки ба рушди соҳибкории хурд ва миёна таъсир мерасонанд**
**Figure 1. Identification of factors affecting the development of small and medium business**




Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

1. Дастгирии тиҷорати хурд ва миёна. Омили мазкур воқеиятҳоеро алоқаманд менамояд, ки онҳо чораҳоро оиди дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ дар бар мегиранд. Зиёда аз нисфи соҳибкорон бар он андешаанд, ки ҳокимияти давлатӣ, бахусус минтақавӣ чорабиниҳоро оид ба дастгирии тиҷорати хурд ва миёна ба амал намебароранд.

2. Ҳимояи ҳуқуқӣ. Ин омил воқеияти алоқаманд ба омодагии соҳибкорро оид ба муроҷиат ба суд, ҳамчунин арзёбии имконияти онҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои худ дар судро фаро мегирад, агар ба сифати тарафи дигар мақомоти ҳокимияти сатҳи гуногун баромад намояд.

3. Бехатарӣ. Воқеиятҳои зерин чун тағйирёбандаҳои бо суиистифодаи ваколат аз ҷониби мақомоти гуногуни ҳокимият ва Вазорати корҳои дохилӣ, ҳамчунин бо арзёбии ҳолатҳои алоқаманд ба тамаъҷӯиро муттаҳид мегардонад.

4. Сиёсати ҳокимиятдорон. Омили мазкур воқеиятеро фаро мегирад, ки онҳо таъсири тамоми сатҳи ҳокимият, инчунин назорати соҳибкории

хурд ва миёнаро аз ҷониби онҳо хусусиятнок менамояд.

5. Дастрасии молиякунонӣ. Дар ин омил воқеияти зерин чун дастрас будани молиякунонӣ, яъне сарчашмаҳои бонкӣ ва ғайрибонкӣ мавриди амал қарор дода шудаанд.

6. Сифати рақобат. Ин омил нишондиҳандаҳои арзёбии махфияти соҳаҳои алоҳида, додани афзалият аз ҷониби мақомоти ҳокимият, инчунин ҳамгироӣ аз корхонаҳои калонро дар бар мегирад. Рақобати соҳибкории хурд ва миёна дар шароити болоравӣ ва поёнравии якбораи нарх ва тарофа нисбати маҳсулот ва хизматрасонӣ ғайриимкон аст.

7. Таъсири тиҷорати калон. Ҳамагӣ як воқеият - «таъсири тиҷорати калон ба соҳибкории хурд ва миёна»-ро бо гаронии баланди омилҳо дар бар мегирад.

Тибқи тадқиқоти гузаронидашуда тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар бозорҳои мамлакат новобаста аз сиёсати давлатӣ бо мақсади дастгирии тиҷорати хурд ва миёна, вазъи бе ин ҳам мураккаби соҳибкории хурд ва миёна боз ҳам пурзӯр гардида истодааст. Соҳибкории хурд ва миёна ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, яъне ташаккули рақобат, шуғлмандии аҳолӣ, ғанигардонии бозор бо маҳсулот ва хизматрасонӣ, болоравии сатҳи некуаҳволии зиндагӣ, афзоиши даромадҳои андозӣ ба буҷети тамоми сатҳ ва ғ. таъмин менамояд.

Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ бахши нисбатан ҷолиби диққати соҳибкории хурд ва миёна мебошад, ки барои коҳиш додани оқибатҳои бекорӣ, ҷойивазкунии маркази даромаднокии болоравии воқеии иқтисодии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сатҳи минтақа имконият медиҳад.

Дар шароити муосир ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии фаъолияти давлат таъсиси низоми маҷмӯии рушди чунин ҷанбаи муҳимми ҳаётпазирӣ, ба монанди вазифаҳои иҷтимоии корхонаҳо ва чорабиниҳо оид ба рушди устувори низоми дастгирии давлатии ташаббусҳои иҷтимоии тиҷорати хурд ва миёнаро пешбинӣ менамояд. Амалисозии вазифаҳои шаклҳои хурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои хизматрасонӣ асоси иқтисодиеро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо омилҳои барои рушди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ зарурӣ, омили рушди шахсияти инсон, фаъолияти муътадили ҷомеа ва пастравии сатҳи камбизоатии аҳолиро ҳавасманд мегардонанд.

Дар сохтори таркибии иқтисодиёти миллӣ соҳаи хизматрасонӣ яке аз бахшҳои ояндадортарин ва зудрушдкунандатарин ба шумор меравад. Олимони рус, ба монанди И.А. Иванюк, Е.А. Карпенко, В.А. Ларионова, Л.А. Олхова, Е.А. Падалка, Т.А. Пешкова иброз менамоянд, ки соҳаи хизматрасонӣ дар худ маҷмӯи соҳаҳо, зерсоҳаҳо ва ҳама намуди фаъолиятро инъикос менамояд, ки функсия ва таъйиноти онҳо дар низоми истеҳсолот дар истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонӣ ва неъматҳои моддӣ барои аҳолӣ ифода меёбад [8].

Бояд қайд намуд, ки соҳаи хизматрасонӣ то садаи XX ба бахши истеҳсолот шомил намегардид. А. Смит навишта буд, ки бойигарии ҷомеа дар натиҷаи маҳсулнокии меҳнат пайдо мегардад, яъне танҳо ҳамон кор ба инобат гирифта мешавад, ки барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ оварда мерасонад. Ӯ хизматрасонии чунин ихтисосҳо, ба монанди «ҳуқуқшиносон, роҳибон, духтурон, нависандагон, актёрҳо, мусиқачиён, сарояндагони опера, раққосаҳо ва ғ.»-ро ба ҷумлаи меҳнати ғайриистеҳсолӣ дохил карда буд, яъне ихтисосҳои мазкур чизеро истеҳсол намекунанд [9]. Чунин нуқтаи назар дар хусуси соҳаи ғайриистеҳсолии хизматрасонӣ сараввал аз ҷониби иқтисодиёти сиёсии марксистӣ ва баъдтар дар омори шӯравӣ қабул шуда буд.

Новобаста аз оне, ки соҳаи хизматрасонӣ неъматҳои моддиро бевосита истеҳсол намекунад, лекин барои рушди истеҳсолот шароити зарурииро фароҳам меорад, рушди илмҳои иқтисодӣ барои фаҳмиши махсусиятҳои фаъолияти соҳаи мазкур оварда расонид. Бинобар ин, дар омори муосир бахшҳои махсус ҷорӣ гардидаанд, ки дар онҳо соҳаи хизматрасонӣ (бахши сеюм) ҳамчун ҷузъи истеҳсолот баррасӣ мешавад. Дар омор бахши аввалияро хоҷагии қишлоқ ишғол менамояд, ки соҳаи саноат дар бахши дуюмӣ баррасӣ мегардад [10].

Вобаста ба самтҳои истифодаи хизматрасонӣ, онро мумкин аст шартан ба бахшҳои зерин тасниф намоем [11]:

– истеҳсоли хизматрасониҳои моддӣ, ки ба ҷумлаи онҳо чунин намуди хизматрасониҳо, ба монанди нақлиёт, тиҷорат, хизматрасонии маишӣ-манзилӣ ва ғ. шомил мегарданд;

– истеҳсоли неъматҳои ғайримоддӣ, ки ба ҷумлаи онҳо чунин намудҳо, ба монанди идоракунӣ, фаъолияти артиш ва мақомоти амният, илм, маориф, ҳифзи тандурустӣ,

санъат, шоу-бизнес, хизматрасонии иҷтимоӣ, маркетинг, аудит, кредитикунонӣ, суғурта ва ғ. дохил мешаванд.

Баробари гурӯҳбандии мазкури соҳаи хизматрасонӣ ба зерсоҳаҳои истеҳсолоти моддӣ/ғайримоддӣ, ҳамчунин имконияти истифодаи таснифоти дигар аз рӯйи омилҳои иловагӣ ҷой дорад:

Соҳаи хизматрасонӣ инчунин мумкин аст ба се бахши дигар тасниф гардад[12]:

– сеюмӣ, ки ба инфрасохтор дахл дошта, соҳаҳои мазкур ба монанди нақлиёт, алоқа, интиқоли неруи барқ ва гармӣ ва ғ.-ро фаро мегирад;

– чорумӣ, ки инчунин соҳаи фаъолият, ба монанди тақсимотӣ-ивазнамоӣ (яъне савдо, суғурта, молия ва ғ.)-ро дар бар мегирад;

– панҷумӣ - бахше, ки ба он функсияҳои иҷтимоӣ-идоракунӣ, яъне идоракунӣ, илм, маориф, ҳифзи тандурустӣ, санъат ва ғ. дохил мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи хизматрасонӣ, аз як тараф, нақши асосиро мукаммалгардонӣ ва беҳтарсозии тарзи ҳаёт, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии моддӣ ва фарҳангии аҳолӣ иҷро менамояд. Он имконият медиҳад, ки захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ба таври назаррас сарфа карда шаванд, вақти озоди корманд зиёд гардад, меҳнати эҷодии онҳо боло бардошта шавад, хароҷоти ғайрисамари вақти корӣ ихтисор гардад, ҳаёти одамон нисбатан боҳаловат ва гуворо бошад, барои рушди мутаносиби шахсият мусоидат намояд.

Соҳаи хизматрасонӣ, аз тарафи дигар, функсияи ҷалбсозии захираҳои меҳнатии аз соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ озодшударо иҷро намуда, барои тавозуни ҷойҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ муосидат менамояд [13]. Раванди баррасишуда, инчунин ба Тоҷикистон низ хос аст, ки дар он айни вақт суръати рушди соҳаи хизматрасонӣ, суръати рушди соҳаи истеҳсолотро чи аз рӯйи миқдори намудҳои нави хизматрасонии фаъолияткунанда ва чи аз рӯйи тарзи мутобиқгардии онҳо ба талаботи бозор ва истеъмолкунанда пеш мегузарад.

Вобаста ба ин, дар навбати аввал аҳамияти соҳибкории хурд ва миёнаро дар соҳаи хизматрасонӣ қайд кардан зарур аст, ки дар муътадилгардонии вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба таври васеъ ширкат варзида, барои ташаккули симои позитивӣ ва муҳити кории мамлакат заминаи асосӣ ба шумор меравад, ки ҷиҳати амалисозии ташаббусҳои кории шаҳрвандон бағоят муҳим аст. Фаъолияти устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бидуни рушди муайянкунандаи соҳибкорӣ ғайриимкон аст. Нишондиҳандаҳои оморӣ далели онанд, ки дар низоми соҳибкории хурд ва миёна як нафар соҳибкор на камтар аз панҷ нафар аъзои оиларо дар баробари таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, сатҳи арзандаи зисту зиндагонӣ, бо ҷойи кор таъмин мекунад [10]. Ин ҳамчунин муҳиммияти фаъолияти соҳибкориро ба сифати воситаи пасткунандаи сатҳи бекорӣ, камбизоатӣ ва болоравии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ифода месозад. Бояд гуфт, ки ташаккул ва рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ яке аз соҳаҳои дорои таваккалҳои зиёд ба шумор меравад, зеро он танҳо ба имконияти ночизи молиявӣ дастрасӣ дорад, ки ин зарурияти коркарди сиёсати иқтисодии давлатро оид ба идоракунӣ ва батанзимдарории рушди корхонаҳои хурд ва миёна муайян менамояд.

Равандҳои асосии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ нишон медиҳанд, ки онҳо аз рӯйи як самт, бо роҳи молиякунонии фаъолияти хадамотӣ, ки ихтисосмандиҳои гуногун ва тафриқасозии истеҳсоли хизматрасониҳоро инъикос мекунанд, ба вуқӯъ мепайванданд. Самти дигар бошад, бо нақши афзояндаи кооператсия алоқаманд аст, ки тамоюл ба ҳамгироиро нишон медиҳад. Самтҳои мазкур дар муқаррарнамоии вобастагии функсионалии баъзе намудҳои хизматрасонӣ аз намудҳои дигар зоҳир мегарданд. Масалан, пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба тиҷорат, аксаран хизматрасониҳои иловагӣ оид ба борпеч кардан, нигоҳ доштан, тайёр кардани мол барои фурӯш, реклама ва ғ.-ро талаб менамояд. Чунин вобастагии хизматрасонии пешниҳодшаванда, ба муаллиф имкон доданд, ки бо назардошти як қатор омилҳо, таснифоти нисбатан функсионалии фаъолияти соҳаи хизматрасониро пешниҳод намояд.

Тадқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки дар ҷумҳурӣ новобаста аз рушди бомайлони соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ, барои рушди комили онҳо баъзе монеаҳо вуҷуд доранд. Таҳлили омилҳо нишон доданд, ки самти асосии ҳавасмандгардонии ин қисмати иқтисодиёти бозоргонӣ таҳияи барномаи давлатӣ оид ба рушди тиҷорати хурд ва миёна, инчунин рушди механизми муносибат оид ба фаъолияти мутақобилаи соҳибкорӣ ва сохтори давлатӣ ба шумор меравад (расми 2).

**Расми 2. Алоқамандии макро ва микромуҳит оид ба рушди тиҷорати хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ**
**Photo 2. Micro and Microeconomic Connections for Small and Medium Commercial Development in the Service**




Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Ҳамин тавр, фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи хизматрасонӣ аз нигоҳи мавқеъ ва усулҳои гуногун муайян кардан мумкин аст (расми 3), ба монанди:

– фаъолияте, ки барои ба даст овардани фоида равона шудааст; фаъолияти ташаббусноки шаҳрвандон, ки дар истеҳсолоти мол ва хизматрасонӣ зоҳир гардида, барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст;

**Расми 3. Принсипҳои асосии иқтисодии соҳибкорӣ**
**Figure 3. Basic economic principles of business**




Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

– вазифаи бевоситаи татбиқи амвол, вазифаи асосии истеҳсолии он;
– раванди инноватсионии ташкилӣ бо мақсади ба даст овардани фоида;
– амале, ки барои афзоиши сармоя, рушди истеҳсолот ва азхудкунии фоида равона карда шудааст;
– намуди махсуси фаъолият, ки ба ҷустуҷӯи пайвастаи навгониҳо, амалигардонии бомароми тағйирот нигаронида шудааст.

Аксар муҳаққиқон ба гирифтани даромад таваҷҷуҳ намуда, онро ба сифати ҳадафи ниҳоии соҳибкорӣ баррасӣ менамоянд.

Мутобиқан, тадқиқоти мафҳуми соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ шакли махсуси фаъолнокии иқтисодӣ мебошад, ки ба нигоҳи мустақилона ба истеҳсол ва ба бозор баровардани мол ва хизматрасонӣ асос ёфта, ба соҳибкор даромад меорад. Ҳангоми тадқиқи махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ объекти нисбатан қулай маҳз корхонаҳои хурд ва миёна ба шумор меравад, зеро фаъолияти соҳибкор дар онҳо ба таври маҷмӯӣ зоҳир мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"(АМО ҶТ, соли 2014, №7 қ. 2, мод. 404; соли 2015, №3, мод.216; соли 2017, №5 қ. 1, мод.293)
2. Боумэн К. Основы стратегического менеджмента / К. Боумэн; пер. с англ. под. ред. Л.Г. Зайцевой, М.И. Соколовой. -М.: Банки и биржи: ЮНИТИ, 1997. -175 с.
3. Бобоев О. Экономические основы предпринимательства / О.Бобоев, М. Оймахмадов. -Душанбе, 1997. –416 с.; Дустбоев Ш. Основные направления экономической политики Республики Таджикистан на переходном этапе рыночных отношений / Ш. Дустбоев //Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2001. -№3. -С.19-57.; Забиров Н.Х. Проблемы развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан / Н.Х. Забиров // «Бизнес и политика. -М., 2001. -№17. -С.2-3.; Катаев А.Х. Инфраструктурные проблемы повышения качества и конкурентоспособности продукции / А.Х. Катаев, В.И. Ветров. -Душанбе: Ирфон, 2001. -350 с.
4. Герчикова И.Н. Менеджмент. Учебник / И.Н Герчикова: -М.: ЮНИТИ, 2003. -104 с.
5. Хоскинг, А. Курс предпринимательства / А. Хоскинг. -М., 1993. - 284 с. (пер. с англ.)
6. Стеклов, Ф. М. Анализ современного малого и среднего бизнеса России / Ф. М. Стеклов // Аудит и фин. анализ. -М.: Издательский дом "Компьютерный аудит", 2008. -№5. -С.394-396.
7. Басарева В.Г. Институциональные особенности возникновения малого и среднего бизнеса в регионах России / В.Г. Басарева. -М.: EERC, 2002. -61 с.
8. Особенности учета, аудита и анализа предприятий ресторанного бизнеса: учебное пособие для студентов специальности «Бухгалтерский учет, анализ и аудит» / О.И Васильчук [и др.]. -Тольятти: ПВГУС, 2008. -168 с.
9. Аблатыпов Т.Г. Система менеджмента предпринимательской структуры как средство внедрения инноваций / Т.Г. Аблатыпов // Ресурсоэффективность и энергосбережение: материалы V международного симпозиума. -Казань: Изд-во ЦЭТ РТ при КМ РТ, 2007. -С.25-29. (0,3 п.л)
10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. -Душанбе: АСПРТ, 2017. -480 с.
11. Раджабов Р.К. Региональные особенности развития сферы платных услуг / Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон, 2014. -234 с.
12. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития / Р.К. Раджабов, Х.Н.Факеров, М.Нурмахмадов [и др.]. - Душанбе: Дониш, 2007. -544 с.
13. Иванюк И.А. Структурный капитал предприятия: проблемы идентификации и изменения / И.А. Иванюк. -М.: Наука, 2002. - 202 с.
14. Комилов С.Д. Стратегия движения к рыночной экономике/ С.Д. Комилов, Н.К. Каюмов, М. Нурмахмадов. - Душанбе, 1998. -148 с.


## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ


Дар мамлакати мо трансформатсияи бозор ва устувории иқтисодиёти миллӣ бо такмили муносибатҳои бозоргонӣ алоқаманд карда мешавад, ки ин маънои рушди ҳаматарафаи ташаббусҳои иқтисодӣ ва соҳибкориро ифода менамояд. Фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, ҳадафи муҳимтарин ва ташкилкунандаи сиёсати иқтисодӣ барои ҳама гуна иқтисодиёти давраи гузариш ба шумор меравад. Соҳибкориро дар баробари се омил: замин, меҳнат ва сармоя, омили чоруми истеҳсолот ном мебаранд. Асоси рушди соҳибкорӣ мавҷудияти низоми ҳуқуқии муътадил ба ҳисоб меравад. Таъминоти ҳуқуқии соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, қабули қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкориро фаро мегирад. Дар мақолаи мазкур омилҳое, ки ба ташакулли бизнеси хурд ва миёнаи соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд, дида баромада шудаанд. Дар асоси нуқтаи назари якчанд муаллифон ва таҳлили гузаронидашуда, муайян шудааст, ки ба рушди соҳибкории хурд ва миёна омилҳои дохилӣ ва беруна таъсир мерасонанд. Ҳар як омили овардашуда ба таври худ ба фаъолияти ин ё он корхона таъсир мерасонад. Аммо дар мақолаи мазкур гуфта мешавад, ки омилҳои беруна, ҳамчун иқтисодиёти давлат ва корхонаҳои калон, ба фаъолияти корхонаҳо фишор оварда метавонанд.



**Калидвожаҳо:** тиҷорати хурд ва миёна, соҳибкорӣ, омилҳо, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои молӣ, макро ва микромуҳит, соҳаи хизматрасонӣ, рақобат ва рақобатпазирӣ, мол ва хизмат, сиёсати давлат.


## ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В СФЕРЕ УСЛУГ


В нашей стране трансформация рынка и устойчивость национальной экономики взаимосвязаны с совершенствованием рыночных отношений, которое означает всестороннее развитие экономических и предпринимательских инициатив. Создание условий для развития предпринимательства, особенно в сфере материального производства, считается важнейшей целью формирования экономической политики для всех экономик переходного периода. Предпринимательство наряду с тремя факторами: землей, трудом и капиталом, считается четвертым фактором производства. Основу развития цивилизованного предпринимательства составляет нормально действующая правовая система. Правовое обеспечение предпринимательства, прежде всего, охватывает принятие законов и других правовых документов, регулирующих предпринимательскую деятельность. В данной статье рассматриваются и исследуются факторы, влияющие на развитие малого и среднего бизнеса в сфере услуг. По мнению многих авторов и на основе проведенного анализа, выявлено, что на развитие малого и среднего

предпринимательства влияют внешние и внутренние факторы. Каждый из приведенных факторов по-своему влияет на деятельность того или иного предприятия. Но в статье больше говорится о том, что внешние факторы, такие как экономика страны и крупные предприятия, могут оказывать большое давление на функционирование предприятия.

**Ключевые слова:** малый и средний бизнес, предпринимательство, факторы, трудовые ресурсы, финансовые и материальные ресурсы, макро- и микросреда, сфера услуг, конкуренция и конкурентоспособность, товары и услуги, государственная политика.

**FACTORS INFLUENCING THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM BUSINESS IN THE SPHERE OF SERVICES**

In our country, market transformation and the sustainability of the national economy are interconnected with the improvement of market relations, which means the comprehensive development of economic and entrepreneurial initiatives. Creating conditions for the development of entrepreneurship, especially in the sphere of material production, is considered the most important goal of forming economic policies for all economies in transition. Entrepreneurship, along with three factors: land, labor and capital, is considered the fourth factor of production. The basis of the development of civilized entrepreneurship is a normal legal system. Legal support of entrepreneurship, first of all, covers the adoption of laws and other legal documents regulating entrepreneurial activity. This article discusses and explores the factors affecting the development of small and medium-sized businesses in the services sector. According to many authors, and on the basis of the analysis performed, it was revealed that external and internal factors influence the development of small and medium-sized businesses. Each of these factors in their own influence on the activities of an enterprise. But the article says more that external factors like the economy of a country and large enterprises can put a lot of pressure on the functioning of an enterprise.

**Key words:** small and medium businesses, entrepreneurship, factors, labor resources, financial and material resources, macro and microenvironment, services, competition and competitiveness, goods and services, government policy.

**Сведения об авторе:** ***Пирназарзода Д.М.*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Pirnazarzoda D.M.*** - Tajik National University, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17

**УДК 33.338.1**

# ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПРИОРИТЕТОВ РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ КОРПОРАТИВНЫХ ОТНОШЕНИЙ

***Шамсиев Ф.К. Азизова Н.Х.***

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

Устойчивое развитие и оптимизация структуры региональной промышленной системы (РПС) во многом зависят от эффективности механизмов ее управления, которые позволяют создавать предпосылки для роста эффективности функционирования отдельных предприятий в стартовых условиях формирования корпоративных отношений. Следовательно, одним из факторов, обусловливающих развитие региональной промышленной системы Согдийской области выступает формование благоприятных условий развития корпоративных отношений, которое обеспечивает взаимовыгодные взаимодействия субъектов экономики, на основе наличия разных экономических интересов.

Паҳлуи дигари иштироки кӯдак дар муносибатҳои меросӣ ин ба сифати ворис баромад намудани ӯ мебошад.

Дар қисми 1 моддаи 1144 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми расмии ворис пешбинӣ шудааст. Тибқи он ворисон тибқи васиятнома ва бо қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда буда метавонанд. Аз ин мафҳум бармеояд, ки қонунгузор ду категорияи кӯдаконро ба сифати ворис фарқ мегузорад:

а) кӯдаконе, ки то кушода шудани мерос таваллуд шуда, баъд аз кушодани мерос дар қайди ҳаёт мебошанд;

б) кӯдаконе, ки баъди кушода шудани мерос зинда таваллуд шудаанд.

Категорияи якуми кӯдакон дар асосҳои умумӣ мерос мегиранд. Тибқи моддаи 1166 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати аввал мероси қонуниро бо ҳиссаи баробар фарзандон (аз ҷумла фарзандхоншудагон), ҳамсарон ва падару модар, фарзандхондагони меросгузор ва ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд, мегиранд. Дар навбати аввал будани кӯдак ва баробар будани ҳиссаи ӯ бо падару модар ва ҳамсари шахси фавтида (падар ё модари кӯдак) кафолати муҳимми ҳуқуқи молумулкии кӯдак мебошад. Кӯдак дар ин маврид ҳам аз падар ва ҳам аз модар метавонад мерос гирад. Қайди нуқтаи дигар низ муҳим мебошад, ки кӯдак сарфи назар аз мавҷудияти ақди никоҳ байни падару модар меросро дар навбати аввал мегирад.

Хусусияти меросдиҳиву меросгирии кӯдакони фарзандхонда фарқ мекунад. Мувофиқи қисми 2 моддаи 1165 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми меросгирии қонунӣ фарзандхондшуда ва наслҳои он, аз як тараф ва фарзандхонда ва хешовандони ӯ аз тарафи дигар, бо хешони хунӣ баробар ҳисоб карда мешаванд. Фарзандхондашудагон ва наслҳои онҳо баъди вафоти падару модари фарзандхоншуда ва хешони дигари ҳамхуни ӯ мутобиқи қонун мерос намегиранд. Падару модари фарзандхондшуда ва дигар хешони ҳамхуни аждодии ӯ тибқи қонун баъди вафоти фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ мерос намегиранд.

Аз ин муқаррароти кодекс бармеояд, ки кӯдаки фарзандхондшуда аз падару модари аслии (биологии) худ мерос гирифта наметавонад. Вале дар ҳалли ин масъала бояд ба ду хусусият таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

1) дар сурати то ба эътибори қонунӣ даромадани ҳалномаи суд оид ба фарзандхондии кӯдак кушода шудани мерос ӯ ҳуқуқи гирифтани меросро дорад. Сабаб дар он аст, ки аз лаҳзаи фарзандхондӣ кӯдак ҳуқуқи гирифтани меросро аз падару модари аслии худ аз даст медиҳад [6,с.64];

2) моддаи 137 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак аз тарафи як шахс, агар фарзандхондкунанда мард бошад, ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ ва молумулкии шахсӣ ва уҳдадориҳо бо хоҳиши модар ва агар фарзандхондкунанда зан бошад, бо хоҳиши падар нигоҳ дошта шуда метавонад. Дар ин ҳолат мувофиқан кӯдак ҳуқуқи меросгириро дорад. Мутаассифона, ҳолати мазкур дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор танзим нашудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳолати мазкур дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи таҳрири зерини қисми 2 моддаи 1165 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шавад:

«2. Ҳангоми меросгирии қонунӣ фарзандхондшуда ва наслҳои он, аз як тараф ва фарзандхонда ва хешовандони ӯ, аз тарафи дигар бо хешони хунӣ баробар ҳисоб карда мешаванд.

Фарзандхондшудагон ва наслҳои онҳо баъди вафоти падару модари фарзандхоншуда ва хешони дигари ҳамхуни ӯ мутобиқи қонун мерос намегиранд, агар муносибати фарзандхондшуда бо яке аз падару модар ё бо хешовандони падар ё модари вафоткарда нигоҳ дошта нашуда бошад.

Падару модари фарзандхондшуда ва дигар хешони ҳамхуни аждодии ӯ тибқи қонун баъди вафоти фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ мерос намегиранд, агар муносибати фарзандхондшуда бо яке аз падару модар ё бо хешовандони падар ё модари вафоткарда нигоҳ дошта нашуда бошад».

Таҳрири зикршуда имкон медиҳад, ки яке аз ҳуқуқҳои муҳимми кӯдакон – ҳуқуқи меросгирӣ таҳким ёбад.

Масъалаи дигар марбут ба ҳимояи ҳуқуки кӯдак ин вазъи категорияи дуюми кӯдакон мебошад. Солҳои охир масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар батни модар, лаҳзаи

пайдоиши қобилияти ҳуқуқдории кӯдак ва умуман вазъи ҳуқуқии кӯдак ба таври хеле васеъ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дорад [7]. Дар масъалаи қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ будани кӯдак мо ба ақидаи М.Н. Малеина таваҷҷуҳ дорем, ки ҳуқуқҳои субъективиро субъекти воқеан мавҷуда дошта метавонад [8,с.51]. Масъалаҳои дигари марбут ба ҳифзи манфиатҳои кӯдаки таваллуднашударо бояд дар доираи дигар институту механизмҳои ҳуқуқӣ дарк ва таҳлил намуд.

Вобаста ба масъалаҳои меросии ҳуқуқи меросгирии кӯдаконе, ки баъди кушода шудани мерос таваллуд шудаанд, байни моддаҳои 1144 ва 1166 (инчунин дар натиҷа бо дигар моддаҳои дахлдори) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифати ниҳонӣ ҷой дорад.

Бояд қайд намуд, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки таваллуднашударо ҳанӯз Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС (соли 1961) пешбинӣ намуда буд. Тибқи моддаи 118 он фарзанди меросгузор, ки баъди кушода шудани мерос зинда таваллуд шудааст, ҳуқуқи меросгириро дошт.

Дар масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ норозигӣ зоҳир шуда буд. Масалан, Я.Р. Веберс қайд намудааст, ки қонунгузории граждании сари ин масъала ба такмил ниёз дорад, зеро танҳо кӯдакони меросгузорро пешбинӣ намуда, набера ва наслҳои онҳоро аз мадди назар берун мондааст [9].

Дар моддаи 1144 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳиран ин мушкилот бартараф карда шуд, зеро тибқи он «кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда» ворис буда метавонанд (яъне ин ҷо ҳатмӣ нест, ки ворис фарзанди меросгузор бошад, ӯ метавонад набера ва ҳатто абераи ӯ бошад). Дар қисми 1 моддаи 1166 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд» махсус ҷудо карда шуда, ин категорияи кӯдаконро аз фарзандон алоҳида нишон додааст, ҳол он ки ин кӯдакон низ фарзандони меросгузор мебошанд. Азбаски дар дигар моддаҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба навбати меросгирӣ ва ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос вазъи кӯдакони баъди кушода шудани мерос таваллудшуда танзим нашудааст, зоҳиран чунин бармеояд, ки онҳо ҳуқуқи меросгириро надоранд. Вале, ба андешаи мо, қонунгузор чунин мақсаду хадафро надорад, дар ин масъала ба камбудии техникӣ роҳ дода шудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки аз қисми 1 моддаи 1166 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои «ва ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд» хориҷ карда шаванд.

Ба ҷумлаи ворисон, тибқи қонун, инчунин кӯдаконе иштирок карда метавонанд, ки муҳтоҷи корношоям мебошанд. Мувофиқан кӯдакони корношояме, ки дар муҳлати на камтар аз як соли то фавти меросгузор таҳти таъминоти ӯ қарор дошта, бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекарданд, ҳуқуқи меросгириро доранд. Ҳангоми тибқи қонун мавҷуд будани ворисони дигари онҳо якҷоя бо ворисони ҳамон навбате, ки ба меросгирӣ даъват шудаанд, мерос мегиранд. Дар ин ҳолат муносибати хешии кӯдак бо меросгузор шарт нест. Агар чунин кӯдак ба шумораи ворисони қонунии дар моддаҳои 1167-1168 зикршудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, вале ба доираи ҳамон ворисони навбати ба меросгирӣ даъватшуда шомил набошад, агар на камтар аз як соли то фавти меросгузор дар таъминоти ӯ қарор дошта бошад, якҷоя бо ҳамин навбат мерос мегирад. Яъне, дар ин ҳолат зиндагии якҷоя бо меросгузор шарт намебошад (моддаи 1170 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ба ақидаи Н.М. Ершова, кӯдаке, ки таҳти васоят ва парасторӣ қарор дорад, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории гражданӣ вобаста ба меросгирии муҳтоҷони корношоям ҳуқуқи меросгирӣ надорад [10,с.67]. Ин ақидаи худро ӯ чунин асоснок намудааст, ки дар ин ҳолат ҳуқуқу манфиатҳои ворисони васиёни парасторон поймол мешаванд. Вале бо ақидаи мазкур розӣ шудан душвор аст, ҳатто бо як асоси одие, ки аз қонунгузории гражданӣ мазмуни ин ақида барнамеояд.

Самти дигари муҳиме, ки дар қонунгузории Тоҷикистон, ба андешаи мо, танзими муфассали худро наёфтааст, ин меросгирии кӯдак аз васиён ва парасторон мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ин масъала ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Масалан, В.М.Серебровский қайд менамояд, ки васиён ба падару модар баробар нашудаанд, аз ин рӯ шахси таҳти васоят ворисӣ васӣ шуда наметавонад [3,с.116].

Н.М. Ершова ақидаи мазкурро тақвият бахшида, чунин асос овардааст, ки васоят ва парасторӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобиларо ба вуҷуд намеорад, мувофиқан ҳуқуқу ӯҳдадориҳои меросӣ байни васиёну парасторон ва кӯдакон ба миён намеоянд [10,с.67].

Ба андешаи мо, масъалаи мазкур на танҳо паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодӣ, балки ахлоқию маънавӣ низ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари васиёну парасторон

хешовандони наздики кӯдак мебошанд. Онҳо ихтиёрӣ таъминоти кӯдакро ба зимма гирифтаанд, мувофиқан зимни таъминоти кӯдак ба меросгузории молу мулки худ ба ӯ зид нестанд. Ҷанбаҳои ахлоқию маънавӣ ва иҷтимоию иқтисодии масъаларо ба инобат гирифта, мо таклиф менамоем, ки шахсони таҳти васият ва парасторӣ ҳамчун ворисони қонунии васиёну парасторон дар навбати аввал пешбинӣ карда шаванд.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории гражданӣ институти ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос (моддаи 1171 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешбинӣ шудааст. Тибқи он кӯдакони ба балоғат нарасида ва ғайриқобили меҳнати васиятгар, сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми мероси қонунӣ тааллуқ дошт, мерос мегиранд. Муқаррароти мазкур кафолати муҳимми ҳуқуқи меросгирии кӯдак ҳангоми мавҷуд будани васиятнома буда, бори дигар нишон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқи мерос бештар ба робитаҳои ҳуқуқии оилавӣ, ки дар байни иштирокчиёни муносибатҳои меросӣ ҷой доранд, нигаронида шудаанд [11,с.214-215].

Ҳамин тавр, дар муносибатҳои меросӣ вазъи хоссаи кӯдак ҷой дошта, қонунгузор мувофиқан масъалаҳои мазкурро зимни муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ба инобат гирифтааст, ки дар натиҷа дар қонунгузории гражданӣ вобаста ба масъалаҳои мерос осори онро мушоҳида кардан мумкин аст. Бо мақсади ҳифзи беҳтару хубтари ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва таҳкими вазъи ҳуқуқии ӯ такмили қонунгузории Тоҷикистон дар масъалаҳои ҷузъӣ ҷой дорад.

## АДАБИЁТ


1. Оид ба ҳолати махсуси кӯдак нисбат ба дигар субъектҳо ниг.: Летова Н.В. Правовой статус ребенка в гражданском и семейном праве: дисс.докт.юрид. наук / Н.В. Летова. -М., 2013. -С. 185-186.
2. Лунькова О.В. Имущественные права несовершеннолетних: дисс.канд.юрид.наук / О.В. Лунькова. -Санкт-Петербург, 2006. -С.116.
3. Серебровский В.И. Очерки советского наследственного права / В.И. Серебровский. -М.: Академии наук СССР, 1953. -С. 118.
4. Никитюк П.С. Наследственное право и наследственный процесс. Кишинев, 1973. С.119.
5. Барщевский М.Ю. Наследственное право / М.Ю. Барщевский. -М., 1996. -С.66.
6. Касаткина А.Ю. Осуществление наследственных прав ребенка в Российской Федерации: дисс.канд.юрид. наук / А.Ю. Касаткина. -М., 2014. -С. 64.
7. Бабаджанов И.Х. Правовой статус человеческого эмбриона: несколько подходов к анализу / И.Х. Бабаджанов // Юридическая наука: история и современность. - 2012. -№9; Васильева М.А. Право на жизнь и правовой статус эмбриона / М.А. Васильева // Молодой ученый. - 2017. -№33. -С.24-27; Капитонова Е.А. Ребенок как правовой модус существования человека в современном мире / Е.А. Капитонова // Надежность и качество: труды Международного симпозиума: в 2-х тт.; под ред. Н.К. Юркова. -Пенза, 2009. -С.354-356; Беседкина Н.И. Права неродившегося ребенка / Н.И. Беседкина // Государство и право. - 2006. -№4. -С.54-60; Летова Н.В. Правовой статус ребенка в гражданском и семейном праве: автореф. дис.д.ю.н. / Н.В. Летова. -М., 2013; Скоробогатова В.В. Правосубъектность граждан в российском гражданском праве. Монография / В.В. Скоробогатова. -Иркутск, 2011. -С. 153.
8. Малеина М.Н. О праве на жизнь / М.Н. Малеина // Сов.государство и право. -1992. -№2. -С.51.
9. Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве / Я.Р. Веберс. -Рига, 1976. -С.109.
10. Ершова Н.М. Охрана прав несовершеннолетних по советскому гражданскому и семейному праву / Н.М. Ершова. -М., 1965. -С.67.
11. Летова Н.В. Правовой статус ребенка в гражданском и семейном праве: дисс.докт.юрид. наук / Н.В. Летова. -М., 2013. -С. 214-215.


## ТАЗОҲУРИ ХУСУСИЯТҲОИ ИШТИРОКИ КӮДАК ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф хусусиятҳои танзими ҳуқуқии иштироки кӯдакро дар муносибатҳои меросӣ, инчунин масоилҳои назариявӣ ва амалиеро, ки бо мақоми ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи меросӣ дар мисоли қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҷаҳони муосир ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин беҳбудии модии он маънии афзалиятнок ба худ касб менамояд. Танзими ҳуқуқии иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ нақши муҳимро дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебозад, чунки он дар дараҷаи муайян масъалаи таъминоти модии шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ озордидаро ҳал менамояд. Кӯдак наметавонад мустақилона қобилияти ҳуқуқии меросии худро татбиқ намояд ва ба таваҷҷуҳи беандоза ва ҳифзи давлат эҳтиёҷ дорад. Татбиқи самараноки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ба кӯдак таалуқдошта вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб мерасад.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, кӯдак, муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ, ҳифз, таъминоти моддӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, некуаҳволии иҷтимоӣ ва моддӣ.


## ПРОЯВЛЕНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ УЧАСТИЯ РЕБЕНКА В НАСЛЕДСТВЕННЫХ ПРАВООТНОШЕНИЯХ


В данной статье автором рассмотрены особенности правового регулирования участия ребенка в наследственных правоотношениях, а также теоретические и практические проблемы, связанные с правовым статусом ребенка в наследственном праве на примере законодательства Республики Таджикистан. В современном мире приоритетное значение пробретает защита прав и свобод человека, а также его социальное и материальное

благополучие. Правовое регулирование участия ребенка в наследственных правоотношениях играет важную роль в формировании гражданского общества, так как оно в определенной степени решает задачу материального обеспечения наименее социально защищенных лиц. Ребенок неспособен самостоятельно реализовывать свою наследственную правоспособность и нуждается в повышенном внимании и защите со стороны государства. Эффективная реализация принадлежащих ребенку прав и законных интересов является первостепенной задачей государства.

**Ключевые слова:**право, ребенок, наследственные правоотношения, защита, материальное обеспечение, защита прав и свобод ребенка, социальное и материальное благополучие.

**MANIFESTATION OF PECULIARITIES OF LEGAL REGULATION OF THE CHILD'S PARTICIPATION IN THE HERITARY RELATIONSHIPS**

In this article, the author considers the peculiarities of the legal regulation of the child's participation in inheritance legal relations, as well as theoretical and practical problems related to the legal status of the child in the law of succession on the example of legislation of the Republic of Tajikistan. In the modern world, protection of human rights and freedoms, as well as its social and material well-being, assumes priority importance. Legal regulation of the child's participation in inheritance legal relations plays an important role in the formation of a civil society, since it to a certain extent solves the problem of material security of the least socially protected persons. The child is unable to independently exercise his hereditary legal capacity and needs increased attention and protection from the state. Effective implementation of the rights and legitimate interests of the child is the primary task of the state.

**Key words:** law, child, hereditary legal relations, protection, material security, protection of the rights and freedoms of the child, social and material well-being.

**Сведения об авторе:** ***Гаффорзода Илёс Гаффор*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **987-78-88-88**

**Information about the author:** ***Gaforzoda Iles Hoes Gaffor*** **-** Tajik National University, PhD in Law, Associate Professor of the Department of Civil Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **987-78-88-88**

**УДК: 347.73(575.5)(045)**

# ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ АДВОКАТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ

***Гафуров А.Д., Курманалиева А.А.***
**Таджикский национальный университет,**
**Международный университет Кыргызской Республики**

Рассматривая правовые вопросы, связанные с налогообложением адвокатской деятельности, отметим, что данная сфера является предметом активных дискуссий в профессиональном сообществе Кыргызской Республики. Налогообложение как таковое всегда вызывает вопросы у налогооблагаемого субъекта, а в случае с адвокатской деятельностью проблема усугубляется отсутствием единого понимания правовой природы адвокатской деятельности.

Рассмотрение научных трудов и отдельных публикаций по вопросам налогообложения адвокатуры свидетельствует о том, что на сегодняшний день единообразное понимание действующего налогового законодательства адвокатами и налоговыми органами отсутствует [1,с.651]. В Кыргызской Республике это осложняется тем, что сравнительно недавно в практику адвокатской деятельности были внедрены различные организационно-правовые формы ее осуществления.

Так, в действующий Закон Кыргызской Республики «Об Адвокатуре Кыргызской Республики и адвокатской деятельности» в 2016 году были внесены дополнения, опосредующие формы осуществления адвокатской деятельности [2].

Согласно актуальной редакции закона адвокатская деятельность в Кыргызской Республике может осуществляться в трех формах - адвокатский кабинет, адвокатское бюро и коллегия адвокатов.

Адвокатский кабинет, как форма осуществления адвокатской деятельности, необходим для адвоката, принявшего решение осуществлять адвокатскую деятельность индивидуально.

Об учреждении адвокатского кабинета адвокат направляет в Министерство юстиции Кыргызской Республики и Адвокатуру письменное уведомление, в котором указываются сведения об адвокате, место нахождения адвокатского кабинета, номера телефонов, факсов, адреса электронной почты. В данном случае важным аспектов для целей налогообложения и определения правового статуса адвокатского кабинета является то, что адвокатский кабинет не является юридическим лицом.

Что касается адвокатского бюро, то оно может быть учреждено двумя и более адвокатами и представляет собой самостоятельную организационно-правовую форму некоммерческой организации. Адвокатское бюро осуществляет свою деятельность на базе партнерского договора, в котором в обязательном порядке должны быть указаны срок действия договора, порядок принятия решений партнерами бюро, а также порядок избрания управляющего партнера. Адвокатское бюро не может быть преобразовано в коммерческую организацию или любую иную некоммерческую организацию, за исключением случаев преобразования адвокатского бюро в коллегию адвокатов.

Наиболее крупной единицей адвокатских образований является коллегия адвокатов. Несмотря на то, что для учреждения коллегии, так же, как и для адвокатского бюро, достаточно решения двух адвокатов, тем не менее, она является более крупным образованием, так как подразумевает наличие членства, устава коллегии, и учредительного договора между учредителями коллегии. Коллегия адвокатов считается учрежденной со дня ее государственной регистрации в органах юстиции. Государственная регистрация коллегии адвокатов, а также внесение в единый государственный реестр юридических лиц, филиалов (представительств) записи о прекращении ее деятельности осуществляются в порядке, установленном законом о государственной регистрации юридических лиц.

Режим имущества коллеги адвокатов схож с режимом, характерным для большинства некоммерческих организаций. Так, имущество, внесенное учредителями коллегии адвокатов в качестве вкладов, принадлежит ей по праву собственности. Члены коллегии адвокатов не отвечают по ее обязательствам, а коллегия адвокатов не отвечает по обязательствам своих членов.

Интерес, с точки зрения налогообложения, представляет для нас норма о том, что коллегия адвокатов, в соответствии с законодательством Кыргызской Республики, является налоговым агентом адвокатов, являющихся ее членами, по доходам, полученным ими в связи с осуществлением адвокатской деятельности, а также их представителем по расчетам с доверителями, третьими лицами и другим вопросам, предусмотренным учредительными документами коллегии адвокатов.

Основные вопросы, связанные с налогообложением адвокатской деятельности, лежат в сфере отнесения адвокатской деятельности и соответствующих ей организационно-правовых форм к коммерческой или некоммерческой деятельности. Часть 3 статьи 16 Закона Кыргызской Республики «Об Адвокатуре Кыргызской Республики и адвокатской деятельности» прямо определяет, что юридическая помощь, оказываемая адвокатами в рамках осуществляемой ими адвокатской деятельности, не является предпринимательской (коммерческой) деятельностью. Таким образом, адвокатская деятельность, с точки зрения закона, есть деятельность социальная, и все три организационно-правовых формы, в которых она может осуществляться, признаются некоммерческими, даже в случае с адвокатским кабинетом, который по форме очень напоминает деятельность в качестве индивидуального предпринимателя.

Среди адвокатов всегда существовало мнение о недопустимости объединения в одной группе налогоплательщиков адвокатов и предпринимателей, о необходимости особого режима налогообложения адвокатов и их объединений (адвокатских палат и адвокатских образований) [3,с.8]. Представители же налоговых органов всегда склонны возражать против особого режима налогообложения адвокатов, указывая на сходство деятельности адвокатов и индивидуальных предпринимателей, и, как правило, не готовы отказаться от унифицированного режима их налогообложения [4,с.67].

Нужно отметить, что в Кыргызской Республике вопросы налогообложения адвокатов стали предметом активных дискуссий в 2018 году, когда на общественное обсуждение был вынесен законопроект, которым фактически предусматривалось отнесение адвокатской и нотариальной деятельности к категории предпринимательской деятельности, подпадающей под специальный налоговый режим, ее перечень закреплен в Налоговом кодексе Кыргызской Республики [5].

Данная инициатива породила самые различные общественные мнения. Некоторые адвокаты выступили категорически против введения специального налогового режима, указывая, что налоговые обязательства фактически лишают адвоката его независимого статуса, а их несвоевременное выполнение может привести к отзыву лицензии на осуществление адвокатской деятельности. Отдельные практикующие юристы увидели в такой инициативе положительные моменты, способные упорядочить доходообразующий компонент адвокатской и нотариальной деятельности [6].

Адвокатура Кыргызской Республики также выразила свою позицию по данному вопросу, указав, что «адвокатская деятельность не является коммерческой, а адвокаты оказывают населению правовую помощь. Так как адвокатская деятельность не монополизирована, появилось много юристов и неправительственных организаций, занимающихся гражданско-административными делами. Представители неправительственного сектора участвуют в процессах безо всякого юридического образования, а адвокаты остаются без работы. По закону квалифицированную помощь населению, гарантированную государством, оказывают адвокаты. Но теперь их хотят обложить налогами» [6].

На сегодняшний день какие-либо изменения в налоговое законодательство относительно налогообложения адвокатов так и не были внесены, и вопрос о выборе корректного режима налогообложения адвокатской деятельности остался открытым. Следовательно, в настоящее время организационно-правовые формы адвокатской деятельности оплачивают налоги в соответствии с правилами, установленными для индивидуального лица и некоммерческой организации, соответственно. На сегодняшний день в Кыргызстане насчитывается более 2500 адвокатов, работающих на основе лицензии. Для каждого из них вопрос налогообложения является более чем актуальным. Со своей стороны, мы также поддерживаем введение специального налогового режима для адвокатской деятельности, так как полагаем, что это позволит упорядочить деятельность адвокатов, привести ее к единообразию и повысить прозрачность деятельности адвокатских образований.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Поспелов О.В. Налогообложение адвокатов и адвокатских образований / О.В. Поспелов // Актуальные проблемы российского права. – 2007. – №1. – С. 651-658.
2. Закон Кыргызской Республики «Об Адвокатуре Кыргызской Республики и адвокатской деятельности» от 14 июля 2014 года №135.
3. Рассказывают адвокаты / Отв. ред. Г.М. Резник. – М.: Ин-т гос. и права РАН; Президиум МГКА, 2000. – С. 7-17.
4. Барщевский М.Ю. Адвокат, адвокатская фирма, адвокатура / М.Ю. Барщевский. – М., 1995. – С. 67-81.
5. Налоговый кодекс Кыргызской Республики от 17 октября 2008 года № 230.
6. В Кыргызстане адвокатов и нотариусов хотят обложить налогами. [Электронный ресурс]. URL: https://rus.azattyk.org/a/kyrgyzstan-taxes-law/29406291.html.


## МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН


Дар мақола масъалаи барои Ҷумҳурии Қирғизистон хеле масоилнок, масъала дар бораи андозбандии фаъолияти адвокатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ба мухолифати дохилӣ байни шакл ва мазмуни фаъолияти адвокатӣ диққат дода, инчунин ақидаҳои гурӯҳҳои гуногуни касбиро оид ба масъалаи мувофиқгардонии режими андозӣ овардааст. То имрӯз ягон гуна тағйирот ба қонунгузории андозӣ доир ба андозбандии адвокатҳо ворид карда нашудааст ва масъалаи интихоби режими муносиби андозбандии фаъолияти адвокатӣ кушода мондааст. Бинобар ин, имрӯз шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ андозҳоро дар мувофиқа бо қоидаҳое, ки барои шахси инфиродӣ ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ муайян намудааст, пардохт менамоянд. То имрӯз дар Қирғизистон зиёда аз 2500 адвокат ба ҳисоб гирифта шудааст, ки дар асоси литсензия фаъолият менамоянд. Барои ҳар яки он масъалаи андозбандӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад. Аз ҷониби худ мо инчунин ворид намудани режими махсуси андозбандиро барои фаъолияти адвокатӣ дастгирӣ менамоем, чунки чунин тахмин менамоем, ки ин имконият медиҳад фаъолияти адвокатӣ ба тартиб даровarда шуда, ба як шакл даровarда мешавад ва шаффофияти фаъолияти иттиҳодияҳои адвокатӣ таъмин хоҳад шуд.



**Калидвожаҳо**: адвокат, фаъолияти адвокатӣ, андоз, режими андозӣ, бюро, кабинет, коллегия.


## ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ АДВОКАТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ


В статье рассматривается весьма проблемный на сегодняшний день для Кыргызской Республики вопрос о налогообложении адвокатской деятельности. Автор обращает внимание на внутреннее противоречие между формой и содержанием адвокатской деятельности, а также приводит мнения различных профессиональных групп по вопросу об оптимизации налогового режима. На сегодняшний день какие-либо изменения в налоговое законодательство относительно налогообложения адвокатов так и не были внесены, и вопрос о выборе корректного режима налогообложения адвокатской деятельности остался открытым. Следовательно, в настоящее время организационно-правовые формы адвокатской деятельности оплачивают налоги в соответствии с правилами, установленными для индивидуального лица и некоммерческой организации, соответственно. На сегодняшний день в Кыргызстане насчитывается более 2500 адвокатов, работающих на основе лицензии. Для каждого из них вопрос налогообложения является более чем актуальным. Со своей стороны, мы также поддерживаем введение специального налогового режима для адвокатской деятельности, так как полагаем, что это позволит упорядочить деятельность адвокатов, привести ее к единообразию и повысить прозрачность деятельности адвокатских образований.



**Ключевые слова**: адвокат, адвокатская деятельность, налог, налоговый режим, бюро, кабинет, коллегия


## LEGAL ISSUES OF TAX LAWYERS IN THE KYRGYZ REPUBLIC


The article deals with the very problematic today for the Kyrgyz Republic issue of taxation of advocacy. The author draws attention to the internal contradiction between the form and content of advocacy, and also cites the views of various

professional groups on the issue of optimizing the tax regime. To date, no changes in tax legislation regarding the taxation of lawyers have ever been made, and the question of choosing the correct tax regime for lawyers remains open. Consequently, at present, the organizational-legal forms of advocacy pay taxes in accordance with the rules established for an individual and a non-profit organization, respectively. Today in Kyrgyzstan there are more than 2500 lawyers working on the basis of a license. For each of them the question of taxation is more than relevant. For our part, we also support the introduction of a special tax regime for lawyers, since we believe that this will help streamline the activities of lawyers, bring it to a uniformity and increase the transparency of the activities of law firms.

**Key words**: lawyer, lawyer activity, tax, tax regime, bureau, office, board

**Сведения об авторах:** ***Гафуров Абдухалил Давляталиевич*** **–** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **halil-77@ mail.ru**
***Курманалиева Асель Абылкановна*** - Международный университет Кыргызской Республики, кандидат юридических наук, и.о. доцента кафедры международного и предпринимательского права и политологии. **Адрес:** 720001, Кыргызская Республика, г. Бишкек, пр. Чуй, 255. E-mail: **kaselki@ mail.ru**

**Information about the authors:** ***Abdukhalil Davlyatalievich Gafurov*** **-** Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Business and Commercial Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **halil-77 @ mail.ru**
***Kurmanalieva Assel Abylkanovna*** **-** International University of the Kyrgyz Republic, Ph.D. in Law, acting Associate Professor of International and Business Law and Political Science. **Address:** 25000, Kyrgyz Republic, Bishkek, 255, Chui Avenue. E-mail: **kaselki @ mail.ru**

**УДК: 347.963 (575.3)**

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ОИД БА ИҶРОИ ҚОНУНҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

***Маҳмудов И.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Касби Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ як гардиши куллӣ ва таҳаввулоти ҷиддиеро дар самти таҳким ва густариши давлатдории миллӣ, низоми ҳуқуқӣ, фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён овsecurities. Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифт ва таъмини реҷаи ягонаи қонуният, волоияти қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии худ эътироф намуд.

Мусаллам аст, ки ҳар як давлат новобаста аз сохти давлатӣ, режими сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳои миллиеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини адолати иҷтимоӣ, қонуният, волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом мақомоти прокуратура дар самти таъмини қонуният ва волоияти қонун дар ҷомеа мавқеи марказиро ишғол менамоянд.

Прокуратура аз рӯйи ваколатҳои конститутсионии худ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссаеро ишғол менамояд. Шаҳодати он, ин дар боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби нуҳум, моддаҳои 93-97) мустаҳкам намудани ҳолати ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ ба амал мебароранд. Бо мақсади таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва инчунин манфиатҳои ҷомеаву давлат бо дарназардошти объектҳои назоратӣ ва гурӯҳи қонунҳое, ки муносибатҳои сифатан монанд ва якхелаи ҷамъиятиро танзим менамоянд, мақомоти прокуратура фаъолияти худро дар соҳаҳои алоҳидаи назоратӣ ба роҳ мемонад. Прокуратура яке аз механизмҳои муҳимми амалишавии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад пурзӯр бошад ва самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти мақомоти прокуратура низ фароҳам оварда шуданд. Давоми солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо дарназардошти зарурат ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ се маротиба (солҳои 1992, 1996 ва 2005) оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура қонунҳои алоҳида қабул карда шуданд. Рушд ва пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ногузир ба пайдоиши самт ва соҳаҳои

нави назорати прокурорӣ дар кишвар мусоидат намуданд. Аз ҷумла, иштироки прокурор дар суд мавриди баррасии парвандаҳо; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятkорӣ; назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; назорат аз болои риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятнок; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ; назорат аз болои риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ месозанд ва ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии прокуратура аз он самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура ба ҳисоб меравaнд, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ пайдо шудаанд.

Тибқи талаботи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, давлат эътироф, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст. Ҳамзамон бояд ёдрас намуд, ки тибқи муқаррароти банди 3-и моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Бо дарназардошти он ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун шакли фаъолияти давлатӣ қисман ба таври ғайриошкоро амалӣ карда мешавад, то андозае барои маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд таҳдид менамояд. Дар иртибот ба ин масъала, дар ҳоле ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эътироф шудаанд, зарур аст, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ (м. 18), ҳимояи судӣ (м. 19), дахлнопазирии манзил (м. 22), маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (м. 23) ба таври дахлдор ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъмин карда шуда, дар умум дар ин самти фаъолияти сохторҳои дахлдори давлатӣ реҷаи қонуният таъмин карда шавад.

Ба андешаи мутахассисон, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз усулҳои муҳими мубориза бо ҷиноятkорӣ ба ҳисоб меравад [1,с.22]. Ба назари олими рус М.А. Шматов, инсоният то ҳанӯз аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дида усули самарабахши мубориза бо ҷиноятkориро кашф накардааст [2,с.79]. Нақши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти ошкор ва кушодани ҷиноятҳо беназир буда, бино ба андешаи донишмандон ҳамасола тавассути амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷаҳон зиёда аз 80-85 фисади ҷиноятҳо кушода мешаванд. Аз тарафи дигар, тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ, гузашта ва имрӯзи давлатдорӣ нишон медиҳанд, он воқеан ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳдид мекунад [3].

Аз ин рӯ, бо дарназардошти эҳтимолияти зиёди маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зарур аст, ки аз ҷониби фишангҳои муайян масъалаи қонунӣ, асоснокӣ ва мақсаднокии амалӣ шудани ин намуди фаъолият мавриди назорат қарор дода шаванд. Яке аз кафолатҳои муҳимми таъмини қонуният ва риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти оперативӣ-ҷустӯҷуӣ, ба амал баровардани назорати прокурорӣ мебошад. Назорати прокурорӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамқадами Истиқлолияти давлатӣ ва фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрӣ аст. Маҳз бори нахуст дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавриди танзими қонунӣ қарор гирифт. Аввалин маротиба 28 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ” қабул карда шуд, ки заминаҳои устувори ҳуқуқиро барои амалӣ намудани назорати прокурорӣ дар ин соҳа ба миён овард. Зимнан бояд қайд намуд, ки то андозае қаблан назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танзими ҳуқуқии худро соли 1992 баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёфта буд [4]. Ҳарчанд дар моддаи 3-и қонуни мазкур масъалаи самти мустақили назорати прокурорӣ ба ҳисоб рафтани назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ёдовар нашуда бошад ҳам, лекин омӯзиш ва таҳлили боби 4-уми ин қонун, ки «Назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоте, ки бар зидди ҷиноятkорӣ мубориза мебаранд» номгузорӣ шуда буд, аз он шаҳодат медод, ки назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ амалӣ карда мешуд. Масалан, дар моддаи 30-юми қонун ваколати прокурор оид ба санҷиши қонуни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, қонуни татбиқ намудани воситаҳои илмӣ-техникӣ мустаҳкам шуда буданд. Аз ин бармеояд, ки қонунгузор дар қатори мақомоте, ки бар зидди ҷиноятkорӣ мубориза мебурданд, ҳамчунин мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар назар дошт. Ҳамчунин, дар қонуни мазкур дигар меъёрҳои ҳуқуқиеро дарёфт кардан мумкин буд, ки то

андозае ба таври маҳдуд ваколатҳои прокурорро дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ мекарданд.

Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 зарурати қабул намудани қонунҳое, ки ба рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар мувофиқат мекарданд, ба миён омаданд. Қабули Конститутсия боис гашт, ки 11 марти соли 1996 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5] ва 22 майи соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" дар таҳрири нав қабул карда шаванд. Қонунҳои зикршуда заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ-ташкилиро дар самти ҷоннок кардани назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фароҳам оварданд. Аз ҷумла, бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 22 майи соли 1998 муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки то ин вақт бо санадҳои меъёрии соҳавии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танзим мегардиданд, ба сатҳи баландтари танзими худ, яъне танзими қонунӣ расиданд.

Гузашта аз ин, бори нахуст дар сатҳи қонуни конститутсионӣ назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифт. Зеро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» аз 11-марти соли 1996 дар моддаи 3 - назорат оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура пешбинӣ мекард.

Бо сабаби рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар 25 июли соли 2005 таҳти № 107 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Точикистон» [6] дар таҳрири нав қабул карда шуд. Қонуни амалкунанда аз бисёр ҷиҳат барои вусъат ёфтан ва самарабахш гаштани назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ боис гашта, дурнамои рушди ин соҳаи назоратиро нек тарҳрезӣ намуд. Зеро миёни дигар самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура моддаи 5-и қонуни мазкур назорат оид ба риоя ва иҷрои қонунҳоро аз ҷониби мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба амал мебароранд, пешбинӣ намудааст. Ҳамзамон, дар моддаҳои 30 ва 31 қонуни мазкур мавзӯи назорат ва ваколатҳои прокурор дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мустаҳкам шудаанд. Дар ин замина фаъолияти методии мақомоти прокуратура низ таҳким ёфта, бори нахуст соли 2008 ва баъдан 21 октябри соли 2015 таҳти №5-219 фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» қабул карда шуданд.

Ҳамин тариқ, зикр кардан бамаврид аст, ки назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба амал мебароранд, нисбатан соҳаи нави назорати прокурорӣ ба ҳисоб рафта, пайдоиши он бевосита ба касби Истиқлолияти давлатии кишварамон иртибот дорад.

Эътироф намудани он ба сифати самти мустақили назорати прокурорӣ аз мавқеи муҳим доштани он дар фаъолияти назоратии прокуратура шаҳодат медиҳад.

Моҳияти ин соҳаи назорати прокурорӣ ба таври хело дақиқ дар фармони соҳавии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Мувофиқи фармони мазкур назорати прокурорӣ дар ин самти муносибатҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таъмини қабули қарорҳои асоснок ва қонунӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муайян ва бартараф кардани қонунвайронкуниҳо дар ин самт ва андешидани чораҳои самарбахш равона карда шудааст [7].

Гузашта аз ин, дар фармони мазкур ишора меравад, ки ҳолати дар амалия татбиқ намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин самти муносибатҳои ҳуқуқиро батанзимдароранда аз тарафи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда нашуда, назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҳанӯз ҷавобгӯи талабот нест ва дар ин самт камбудиву нуқсонҳои зиёд ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати пурзӯр ва самаранок гардонидани назорати прокурорӣ дар ин соҳа ба прокурорҳои ваколатдор дастуру супоришҳои муфиди амалӣ ва методӣ дода шудааст.

Эътирофи назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳайси соҳаи мустақили назорати прокурорӣ тасодуфӣ набуд. Бояд қайд намуд, ки дар давоми 70-соли фаъолияти Давлати Шӯравӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо аз тарафи санадҳои меъёрии идоравии махфӣ ба танзим дароварда мешуд. Мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқии танзими он ақидаҳои мухталифро дар бораи ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён овард. Табиист, ки дар аҳди давлатдории Шуравӣ давоми чандин даҳсолаҳо миёни ҳам кормандони амалӣ ва ҳам олимон доир ба ин масъала баҳсҳои доманадор ҷой доштанд. Адабиётҳои зиёдеро дар ин давра метавон вохӯрд, ки мувофиқи таълимоти андешаи ба предмети назорати прокурорӣ дохил шудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста ба танзими истисноии худ инкор карда мешуданд. Асосан ин масъала дар солҳои 60-уми қарни гузашта баръало ба чашм мерасид. Масалан, соли 1956 В.С. Тадевосян навишта буд, ки прокуратура наметавонад аз болои фаъолияти оперативӣ ва тактикии милитсия оид ба ошкор намудани ҷиноятҳо назорат барад [8].

Лекин, чи хеле ки А.Ф. Козусев [9,с.24] бамаврид қайд мекунад, баъдтар ақидаҳое ҳукмфармо шуданд, ки мувофиқи онҳо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба предмети назорати прокурорӣ дохил мешавад. Чунин ақидаро на танҳо назариячиёни илми назорати прокурорӣ, балки олимоне, ки дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳқиқот анҷом медоданд, низ дастгирӣ менамуданд. Яке аз аввалинҳо шуда масъалаи ба амал баровардани назорати прокурориро дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ олимон В.К Звирбул ва А.И. Жуков ба миён гузоштанд [10,с.80-82]. Вале ҳудуди ба амал баровардани назорати прокурориро маҳдуд пешбинӣ мекарданд. Баъдтар ин равияро А. Бакрадзе ҷонибдорӣ карда, чунин ақидаеро пешниҳод кард, ки назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд ҳамаррӯза бошад ва ташаббуси ба амал баровардани назорат бояд аз прокурори назоратбарандаи тафтишот ба миён биояд [11,с.41-43]. Дар ҳамин росто А. Балашов андеша дошт, ки прокурор метавонад фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти таҳқиқро назорат барад, лекин назоратро на шахсан худи прокурор, балки бо талаби ӯ бояд мақомоти таҳқиқ бояд гузаронад [12, 59]. Ба ақидаи В.Г. Даев ва М.Н. Маршунов, аз масъалаҳое, ки дар соҳаи назорати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ на он қадар тадқиқ шудааст, ин масъалаи таъмини қонуният дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад. Ҳол он ки таҷрибаи солҳои охир онро тақозо мекунад, ки назорати прокурорӣ дар ин соҳа пурзӯр карда шавад [13,с.101]. Дар ин бора ҳамзамон баромадҳои кормандони амалӣ низ дар матбуот шаҳодат медоданд [14,с.58]. Ақидаи мазкурро ҳамчунин Д.В. Гребелский ҷонибдорӣ мекард [15,с.55].

Дар воқеъ, дар шароите, ки бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷинояткорӣ хусусияти мураккаб, муташаккилона ва фаромиллиро ба худ касб намудааст, бе ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо онҳо мубориза бурдан имконнопазир аст. Чун қоида, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на дар ҳама ҳолатҳо ошкоро амалӣ карда мешавад, ки он имконияти назоратро аз ҷониби аҳли ҷомеа душвор мегардонад. Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ набояд, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон дар бобати дахлнопазирии шахсият ва манзил, ҳифзи хаёти шахсӣ, маҳрамияти мукотиба ва сухбатхои телефонӣ поймол шаванд. Бинобар ин, яке аз кафолатҳои асосии таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ назорати прокурорӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳолатҳои болозикр асос гаштаанд, ки назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танзими қонунии худро ёбад.

Хурсандибахш аст, ки дар даврони соҳибихтиёрии кишвар баррасии паҳлуҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши назорати прокурорӣ дар таъмини қонуният дар ин ҷода ба мавзӯъҳои маркази таҳқиқотии илмии олимони тоҷик табдил ёфтааст. Аз ҷумла, ба андешаи Раҳимзода Р.Ҳ., маҳз мақомоти прокуратура ҳангоми ба амал баровардани назорати прокурорӣ уҳдадор аст барои бартараф намудани тамоми ҳолатҳои поймол ва вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни баамалбарории сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат намояд [16,с.142]. Ҳамзамон, аз ҷониби як зумра олимону муҳаққиқони дигари тоҷик низ саҳми бевоситаи назорати прокурорӣ ҳамчун кафолати муҳимми таъмини қонуният дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии он махсусан таъкид шудаанд [17].

Ба андешаи А. Бойков, К. Скворсов ва В. Рябсев, ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаи ҳамчун соҳаи мустақили назорати прокурорӣ эътироф шудани назорат дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба миён гузорем [18,с.20].

Барои эътирофи ин ақидаҳо зарур аст ба саволе ҷавоб диҳем, ки оё назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ соҳиби тамоми нишонаҳои эътироф намудани он ба ҳайси соҳаи мустақили назорати прокурорӣ ҳаст ё не?

Ба ақидаи Мелкумов В.Г., ҷудо намудани назорати прокурорӣ ба соҳаҳои алоҳидаи назоратӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати таъминоти методии соҳаҳо вобаста аст [19,с.20-21]. Кормандони амалӣ ва назариявӣ онро вобаста ба мақсаднок будани он ба соҳаҳо тақсим намудаанд. В.К. Звирбул соҳаи назорати прокурориро аз маҷмӯи меъёрҳое иборат медонад, ки вазифаҳои муайян ва ҳуқуқу уҳдадориҳои прокурорҳоро дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ба танзим медарорад [20,с.41]. Профессор А.Ф. Козусев чунин таърифи соҳаи мустақили назоратиро пешбинӣ менамояд: «Соҳаи назорати прокурорӣ-ин зерфунксияи мустақили функсияи назорат оид ба риояи Конститутсияи Федератсияи Россия ва иҷрои конунҳо буда, соҳиби объект ва предмети махсуси назоратӣ, самти фаъолият, вазифаҳои умумӣ ва махсус ва ҳамчунин соҳиби ваколатҳои муайян бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои махсус мебошад» [21,с.112]. Мувофиқи ақидаи С.Г. Березовская, «соҳаи назорати прокурорӣ - самти махсусгардонидашудаи ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти прокуратураро меноманд, ки соҳиби объект ва предмети муайяни назоратӣ, ҳамчунин ваколату вазифаҳои махсуси назоратӣ мебошад» [22,с.38]. Айнан ба ҳамин монанд таърифи соҳаи назорати прокурориро пештар Б.М. Спиридонов пешниҳод намуда буд. Ба ақидаи ӯ, соҳаи назорати прокурорӣ, ин «аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқ танзим намудани фаъолияти махсусгардонидашудаи мақомоти прокуратура мебошад, ки соҳиби объект ва предмети муайяни назоратӣ, ҳамчунин вазифаҳо ва ваколатҳои муайян мебошад» [23,с.86].

Дар шароити муосир низ аксари кулли таҳқиқотчиён ҳамин мафҳуми соҳаи назорати прокурориро дастгирӣ менамоянд. Аз ҷумла, олимони рус Винокуров Ю.Е ва Винокуров А.Е. дар робита ба ҳамин масъала менависанд, ки соҳаи назорати прокурорӣ - ин қисмати нисбатан мустақили функсияи ягонаи назорати прокурорӣ буда, дорои предмет, ваколат, вазифаву мақсадҳои ягонаест, ки аз ҷониби прокурорҳо бояд ҳал карда шаванд [23,с.53].

Маҳз бо дарназардошти таърифҳои дар боло зикршуда кӯшиш мекунем, ки соҳаи мустақили назорати прокурорӣ будани назорат дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро баррасӣ намоем. Ҳамин тариқ, аз мазмуни қариб ҳамаи мафҳумҳои овардаи олимон ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои эътирофи назорати прокурорӣ ҳамчун соҳаи мустақили назорати прокурорӣ мавҷудияти нишонаҳои зерин ҳатмӣ аст:

- *предмети назорат;*
- *вазифаҳои муайян;*
- *ваколатҳои назоратӣ;*
- *объекти назорат.*

Результаты исследования подтвердили, что между принципами правового статуса личности и принципами конституционно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина существует определенное соотношение, которое проявляется в отношениях между человеком и государством исходя из его положение в обществе. К примеру, это подтверждено Европейской конвенцией о защите прав человека и основных свобод (Рим, 1950г.) [14,с.213]. Данный акт закрепляет положения об уважении, признании, обеспечении, осуществлении, охране прав и свобод человека. В аналогичных случаях без учета принципов правового статуса человека не обойтись.

Немаловажное значение имеет в системе конституционных принципов правозащитная роль самой Конституции Республики Таджикистан. Например, в ч.1 ст.17 предусмотрено, что принцип «все равны перед законом и судом» подразумевает распространение одинаковых правовых условий на самые различные категории людей; неотчуждаемости прав и свобод человека и гражданина (означает характер ее происхождения естественным путем и вне воли кого-либо по установлению прав человека); в качестве права человека выступают ее атрибуты, способные предусмотреть рамки правозащитной деятельности, а не какие-либо государственные поощрения или привилегии); принцип непосредственного осуществления прав

и свобод человека (характеризуется отсутствием особого порядка введения их в действие (ч.2 ст.14) Конституции Республики Таджикистан; принцип о недопустимости ограничения прав и свобод человека (права и свободы человека могут быть ограничены только в рамках действующего законодательства, что и в целом сказывается на правозащитный процесс) (ч.3 ст.14) Конституции Республики Таджикистан; принцип недопустимости дискриминации (по всем основаниям: пол, раса, религиозная принадлежность и т.д.) ч.2 ст.17 Конституции Республики Таджикистан; принцип гарантированности (основные средства и условия, призванные обеспечить права и свободы человека) ч.1 ст.14 Конституции Республики Таджикистан и т.д. Рассмотренные принципы, означая сущность конституционно правового института защиты прав и свобод человека, устанавливаются в виде конституционных норм, обеспечиваются мерами принуждения. Применения указанных принципов в различных областях политических, социальных, экономических, личных, культурных и т.д. по защите прав и свобод человека в масштабе страны, подчеркивает степень их универсальности.

Также в качестве одного из важных конституционно-правовых элементов можно назвать «принцип приоритетности». Сущность данного принципа также отражается в конституционных нормах многих государств, в том числе и Таджикистана. Например, ч.1 ст.16 Конституции Республики Молдова сказано, что уважение и защита личности составляют «первостепенную обязанность государства» [12,с.56]; в Конституции Греции уважение и защита достоинства человека выступают «первоочередной обязанностью государства»; [6,с.43] в ч.1 ст.2 Конституции Кыргызстана семья представлена в качестве предмета «преимущественной охраны закона» [11,с.255]; в Конституции Беларусь говорится о «приоритете общепризнанных принципов международного права» [9,с.84]; в ч.1 ст.8 Конституции ФРГ брак и семья находятся «под особой защитой государства».

Несмотря на то, что многие исследователи под конституционным определением прав и свобод понимают его статус как основного и общепризнанного, на наш взгляд, это еще недостаточно для формирования полноценного действенного конституционно-правового института защиты прав и свобод человека (несмотря на то, что авторитетные ученые предостерегают от их упрощенного понимания [16,с.20]). Права и свободы также могут быть не основные и не общепризнанные, тогда встает вопрос о том, кем они установлены и кому адресованы, каким путем урегулированы и чем? Конституционные нормы должны подходить дифференцированно к упорядочению и защите основных (не основных) и общепризнанных (необщепризнанных) прав и свобод человека. По нашему мнению, наиболее конструктивное определение заложено в понятие «конституционные права и свободы», способное отразить их правозащитный смысл.

Происхождение принципов конституционно-правового института защиты прав и свобод человека тесно связано с классификацией прав и свобод человека. Соответственно, специфика принципов конституционно-правового института защиты прав и свобод человека обусловлена особенностями правового регулирования политических, экономических, социальных и др. прав человека. К примеру, исследование международно-правовых актов показывает, что принцип безусловности в защите прав и свобод человека играет немаловажную роль, это значит, что правозащитное бездействие властей не может быть оправдано отсутствием соответствующих условий или механизмов их защиты [15].

При рассмотрении принципов конституционно-правового института защиты прав и свобод человека следует обратить внимание на три поколения прав человека. В основу защиты прав и свобод человека в рамках «первого поколения прав человека» в период буржуазной революции была положена обязанность государственной власти воздерживаться от вмешательства в сферу традиционных либеральных ценностей, которые постепенно были внедрены в жизнедеятельность демократических государств. Для второго поколения прав человека «социально-экономические и социально-культурные права» характерна организационная и координирующая роль государства в их обеспечении и реализации. Принцип защиты данных прав и свобод обусловлен их позитивной природой и принципом «ресурсной возможности» государства.

Особенность права человека третьего поколения заключается в принципах их коллективной защиты, поскольку они принадлежат не отдельному лицу, а общности, коллективу. Это один из важных для исследования подходов, поскольку природа прав третьего поколения составляет предмет дискуссии. Например, право на мир обладает особой спецификой, где его особая значимость выступает гарантом защиты других прав и свобод человека. Право на мир как право человека впервые было закреплено Генеральной Ассамблеей ООН в 1978 г. в Декларации о воспитании народов в духе мира, преамбула которой указывает,

что поскольку войны зарождаются в сознании людей, то именно в сознание людей необходимо внедрить идею защиты мира. Согласно ст.1 Декларации «Все народы и все люди, независимо от расы, убеждений, языка и пола, обладают неотъемлемым правом на жизнь в мире». Право на мир прямо или косвенно закреплено в ряде источников международного права - в Уставе ООН, в международных договорах, в резолюциях Генеральной Ассамблеи ООН и подтверждено обычной практикой государств.

Таким образом, подводя итоги, следует отметить, что реальное применение совокупность норм в структуре конституционно-правовой защиты прав и свобод человека логично взаимосвязаны и тесно переплетены между собой. Их взаимообусловленность порождает различную юридическую силу установленную разными по статусу и полномочиям органами, исходными началами которых стали основные принципы и нормы национального и международного права.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Байниязов Р.С. Мировоззренческие основы общероссийской правовой идеологии / Р.С. Байниязов // Журнал российского права. - 2001. -№11. -С.65-69.
2. Богданова Н.А. Система науки конституционного права / Н.А. Богданова. -М.: Юристъ, 2001. -430 с.
3. Бошно С.В. Доктринальные и другие нетрадиционные формы права / С.В. Бошно //Журнал российского права. - М., 2003. -№1. -С.32-38.
4. Джильберт Дж.М. Морально-этические основы государственного управления в России на пороге XXI века / Дж.М. Джильберт // Кентавр. - 2003. -№3. -С.93-97.
5. Евменов Л. Актуальные проблемы становления науки прав человека / Л. Евменов // Белорусский журнал международного и национального права. - 2012. -№2. -С.74-76.
6. Конституция Греции //Конституции государств Европейского Союза. -М: НОРМА, I999.- 520 с.
7. Конституция Ирландии //Конституции государств Европейского Союза. -М.: НОРМА, 2010. -435 с.
8. Конституция Италии //Конституции зарубежных государств. -М.: Изд-во «БЕК», 2014. -360 с.
9. Конституция Республики Беларусь //Конституции стран СНГ и Балтии. -М: Юристь, 2013. - С.84-87.
10. Конституция Республики Казахстан // Конституции стран СНГ и Балтии. –М:Юристь, 2013.-С.205-235.
11. Конституция Республики Кыргызстан. –Бишкек. 2015. – 36 с.
12. Конституция Республики Молдова // Конституции стран СНГ и Балтии. -М.: Юристь, 2013. -С.56-59.
13. Мальцев Г.В. Понимание права. Подходы и проблемы / Г.В. Мальцев. -М.: Прометей, 2009. -265 с.
14. Международное право в документах. -Душанбе: Изд-во «Контраст», 2011. -389 с.
15. Международный пакт о гражданских и политических правах от 19 декабря 1966г. //Библиотечка Российской газеты. -2013. -Вып. №22-23.
16. Общая теория прав человека //под ред. Е.А. Лукашева. -М., 2014. – 450 с.
17. Основной закон Федеративной Республики Германии // Конституции зарубежных государств. -М.: Изд-во «БЕК», 2012. -С.154-159.
18. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы / Под общ. ред. Е.А. Лукашевой. -М.: НОРМА, 2014. -С.8.
19. Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. д-ра юрид. наук / Б.А. Сафаров. -Душанбе, 2015. –С.15.
20. Холиков А.Г. Краткое изложение истории прав человека (на тадж. яз.)/ А.Г. Холиков. -Душанбе, 2007. -С.52-53.
21. Чеботарев Г.Н. Защищать права граждан – нравственный долг юристов / Г.Н. Чеботарев // Российский юридический журнал. - 2015. -№1. –С. 55-58.


## МЕЪЁРҲО В ПРИНСИПҲО ҲАМЧУН УНСУРҲОИ АСОСИИ ИНСТИТУТИ ҲИФЗИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои меъёрҳо ва принсипҳо ҳамчун унсурҳои сохтории институти ҳифзи конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таҳқиқоти ин унсурҳо ба муайян кардани ҷузъ ва асосҳои муназзам, шакл ва хусусиятҳои ҳамбастагии онҳо ва мантиқи рушдашон дар заминаи ташаккули қонунгузории давлатӣ дар замони муосир мусоидат мекунанд.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, меъёрҳои ҳифзиҳуқуқӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо.


## НОРМЫ И ПРИНЦИПЫ КАК ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ СОДЕРЖАНИЯ ИНСТИТУТА КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА


В статье рассматриваются особенности норм и принципов как структурных элементов института конституционно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина. Исследование указанных элементов способствует определению состава и содержательной основы, форм и особенностей их взаимодействия и логики развития в контексте формирования современного отечественного законодательства.



**Ключевые слова:** права и свободы человека и гражданина, правозащитные нормы, правозащитные гарантии, принципы.


## NORMS AND PRINCIPLES AS THE MAIN ELEMENTS OF THE CONTENT OF THE INSTITUTE OF CONSTITUTIONAL AND LEGAL PROTECTION OF THE RIGHTS AND FREEDOMS OF MAN AND CITIZEN


The article discusses the features of the norms and principles as structural elements of the institution of constitutional and legal protection of the rights and freedoms of man and citizen. Studies of these elements contribute to the definition of the composition and substantive basis, the shape and characteristics of their interaction and the logic of development in the context of the formation of modern domestic legislation.

**Key words:** human and civil rights and freedoms, human rights standards, human rights guarantees, principles.

**Сведения об авторе:** ***Эльназаров Давлатшо Ходжаевич*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой государственно-правовых дисциплин юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица М.Турсунзаде, 30. Телефон: **(+992) 227-86-48; 918-61-19-15.** E-mail: **sabkar@list.ru**

**Information about the author:** ***Elnazarov Davlatsho Khodjaevich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, PhD in Law, Associate Professor, Head of the Department of State and Legal Disciplines of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade Street, 30. Phone: **227-86-48; 918-61-19-15.** E-mail: **sabkar@list.ru**

**УДК 343 (575.3)**

## ИСБОТКУНӢ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ МУХТАЛИФИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

***Хоҷаева Н.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 ба институти исботкунии мурофиаи судии ҷиноятӣ такони ҷиддӣ бахшид. Аз ҷумла, ворид намудани баъзе тағйиротҳо, ба монанди мукаммал шудани предмети исботкунӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ, дақиқ шудани мафҳуми далелҳо, васеъ шудани намудҳои сарчашмаҳои далелҳо ва ғайраҳо [14,с.210]. Мавқеъ гирифтани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ба институти исботкунӣ диққати хосса дода шудааст [15,с.165]. Дар қатори дигаргуниҳои куллие, ки дар меъёрҳои кодекси номбурда ба назар мерасанд, қоидаҳои мурофиавии исботнамоӣ ҷойи марказиро ишғол мекунанд [14,с.210]. Чунки худи исботкунӣ зуҳуроти нозук аст. Таърихи ҳуқуқи исботкунии мурофиавӣ имконият медиҳад, ки самти инкишофи ҳуқуқи исботкунӣ муайян карда шавад. Исботкунӣ мазмуни асосии фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро ташкил медиҳад. Яъне, исботкунӣ фаъолияти асосии ҳифзи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Он дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад ва ҳамчунин фаъолияти асосии тамоми субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [10]. Ба масъалаи институти исботкунӣ олимону муҳаққиқон дар ҳама давру замон диққати махсус зоҳир менамуданд. Проблемаи институти исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ предмети омӯзиши як зумра муҳаққиқон гаштааст. Ба монанди: А.О. Бестаев, А.Л. Арипов, В.А. Пономаренков, Костенко Роман Валеревич, Духовски М.В, Р.С. Белкин ва дигарон. Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содиркарда, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷрою риояи онҳо барои мақомоти судӣ, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд [3]. Вобаста ба масъалаи исботкунӣ олимони зиёд таҳқиқот анҷом додаанд ва байни онҳо фикри ягона вуҷуд надорад ва ҳар кадоми онҳоо ақидаҳои мухталифро пешниҳод намудаанд. Исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ чун воситаи махсуси таъмини ҳифзи шахс аз айбдоркунии беасос, маҳкумкунии ғайриқонунӣ, маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои ӯ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ баромад мекунад [15,с.165]. Агарчи дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳуми умумии исботкунӣ муайян карда нашуда бошад ҳам, аммо гуфтан мумкин аст, ки мақсади исботкунӣ муқаррар намудани ҳақиқат бо парванда мебошад [15,с.164]. Вале масъалаи исботкунӣ новобаста аз фикру андешаҳои олимон ҳамоно ҳалли худро наёфтааст. Бо ҳамин сабаб, сарфи назар аз он ки дар таҳқиқотҳои эшон андешаҳои зиёд дарҷ гардидаанд, вале қисми зиёди онҳо баҳсноку доманадор боқӣ мондаанд ва интизори ҳалли худ ҳастанд. Дар зинаи болоӣ, аниқтараш дар давраи пешбурди тафтишоти пешакӣ ва баррасии муҳокимаи судӣ, исботкунӣ дар ин марҳила ба таври возеҳу муфассал ва кофӣ амалӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар, боиси нигаронист, ки масъалаи исботкунӣ ва махсусиятҳои он дар дигар марҳилаҳо баъзан вақт ба таври муфассалу кофӣ амалӣ гардонида намешавад. Дар амалӣ намудани фаъолияти корӣ кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки ин камбудихо бартараф карда шаванд. Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳқиқи маводҳои нашрӣ ва ғайринашрии амалияи судӣ гувоҳи онанд, ки сатҳу сифати фаъолияти исботкунии мақомотӣ тафтишоти ва судӣ на ҳама вақт ба талаботи замони муосир

ҷавобгӯ мебошанд. Сабаби ин зуҳурот на танҳо аз иҷрои номатлуби фаъолияти субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар назар аст, балки баъзан камбудии худи қонунгузории мазкур низ аз эҳтимол дур нест ва ба чашм мерасад. Бояд қайд намуд, ки ин зуҳурот дар қонунгузориҳои мурофиавии қаблии собиқ ИҶШС бештар ба чашм мерасид ва аз онҳо тибқи назарияҳои мухталиф дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Федератсия Русия ва ҳамчунин бо он алоқаманд дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ назаррас буд. Ба ин васила, махсусияти падидаи исботкунӣ дар баробари дигар омилҳо шаҳодати он аст, падидаи мазкур ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷиноятӯ ҷинояткорӣ равона гардидааст. Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки коркарди нуқсону камбудиҳо дар назарияи исботкунӣ масъалаи умумии падидаи исботкунӣ ба ҳисоб рафта, махсусиятҳои зуҳуроти мазкур дар меъёрҳои ҷудогонаву мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ дарҷ гардидаанд ва дар баробари ин иштибоҳу камбудиҳо дар фаъолияти амалии исботкунии мақомотҳои тафтишотӣ ва судӣ ба чашм мерасанд. Бо ин мақсад зарур аст, ки масъалаи исботкунӣ низ муфассалтар коркард гардида, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мукаммал гардонида шавад. Ҳамин тариқ, мафҳуми исботкунӣ дар моддаи 85-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст. Лекин аз адабиётҳои ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст, ки "исботкунӣ" фаъолияти танзимнамудаи қонун мебошад, ки барои ҷамъ овардан, тафтиш кардан ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муайян намудани ҳолати мушаххас оид ба парванда равона карда шудааст" [15,с.166].

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳимми таъқиботи ҷиноятӣ, аз як тараф, масъалаи исботкунӣ ва алоқамандии зичу вобастагии он бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷиноятӯ ҷинояткорӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи дигар, ҳуқуқу озодиҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Ҷузъҳои таркибии исботнамоӣ дар давраҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ аз инҳо иборатанд: пешниҳоди фарзияҳои тафтишотӣ, ҷамъ овардани далелҳо, тафтиши далелҳо, баҳодиҳии далелҳо ва преюдитсия. Доир ба унсурҳои фаъолияти исботнамоӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногуни илмиву назариявиро вохӯрдан мумкин аст [5,с.287]. Белкин Р.С. ҳар як зинаи исботкуниро мавриди омӯзиш қарор дода, вобаста аз пайдарҳамӣ ва амалӣ гаштани онҳо, зинаи чоруми исботнамоӣ-зинаи истифодаи далелҳоро пешниҳод намудааст [1,с.287]. Аммо, бояд қайд кард, ки пайдарҳамии зинаҳои исботкунӣ доимӣ нестанд, ҷараён ва натиҷаҳои исботкунӣ дар бисёр маврид зарурияти аз як зина ба зинаи аввалаи исботкунӣ баргаштанро ба миён меоранд. Фаткулин Ф.Н. бошад, пешбарӣ кардан ва санҷиши фарзияҳои тафтишотиро ҳамчун унсурҳои иловагии ҷараёни исботкунӣ асоснок кардааст [13,с.16]. Белкин А.Р. бошад, қайду мустаҳкам кардани маълумотҳоро, [2,с.12]. Жогин Н.В. асоснок кардани хулосаҳо доир ба парвандаи ҷиноятиро ба сифати унсури иловагии фаъолияти исботкунӣ шарҳ медиҳад [2,с.28-29]. Аз нуқтаи назари Страгович М.С. бошад, исботкунӣ фаъолиятест, ки ба дарки зуҳуротҳои олами моддӣ равона мешавад [8,с.99-100]. Мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни исботкунӣ ба се зина тақсим мешавад: ҷамъоварии далелҳо, тафтиши далелҳо, баҳо додан ба далелҳо. Дигар унсурҳои иловагие, ки олимон қайд кардаанд, аз қабили санҷиши фарзияҳо, даркнамоӣ, тасдиқнамоӣ,асоснокнамоӣ, тасвир, андозагирӣ, мушоҳида, муқоиса, муқаррар кардан, таҳлил ва ғайраҳо унсурҳои сохтори дохилии ҳамин зинаҳоро ташкил медиҳанд [16,с.214]. Баъзе аз онҳо ба сифати тарзу услубҳои тактикӣ ва таъминкунандаи исботкунӣ дониста мешаванд. Ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ҷараёни исботкуниро ташкил медиҳанд, ки мақсад аз он муайян намудани ҳақиқат мебошад.

Ҷараёни исботкунӣ аз ҷамъ овардани далелҳо шурӯъ мешавад [7,с.190]. Ҷамъ овардану баҳодиҳии далелҳо дар раванди таҳқиқу тафтишоти пешакӣ барои исбот намудани дараҷаи гунаҳкорию бегуноҳии ашхоси таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарордошта ва дар ин замина ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бевосита аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Зеро таҳқиқу тафтиши ҳамаҷониба, холисона ва одилона дар раванди тафтишоти пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ барои принсипи эҳтимолияти бегуноҳии инсон заминаи устувори ҳуқуқиро фароҳам меорад [9,с.12]. Ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳогузорӣ ба далелҳо, чун анъана, дар қонунгузории мурофиавии аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ яке аз се элементи раванди исботкунӣ эътироф карда мешаванд [17,с.99-106]. Баъзе муаллифон дар адабиётҳои мурофиавӣ истифодабарии далелҳо ва асоснокkунии далелро барои қабули қарори ниҳоии мурофиавӣ низ аз яке қисматҳои мустақили раванди исботкунӣ меҳисобанд [16,с.214]. Бояд қайд намуд, ки масъалаи ҷамъ кардани далелҳо дар моддаи 86

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст. Мутобиқи моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи асосии ҷамъ кардани далелҳо ҳаракатҳои тафтишотӣ ва судӣ мебошанд, ки бо тартиби муқарраркарда аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд гузаронида мешаванд [11,с.45]. Қонун тартиби ҷамъ намудани далелҳо ва ба шакли мурофиави даровардани онҳоро муқаррар намудааст (мисол пурсиши шоҳид, кофтуков ва ғайра ) [21,с.21]. Ҷамъоварии далелҳо унсури аввалин ва асосии ҷараёни исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала аз ҷониби олимони криминалист ва соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст [17,с.101]. Аксарияти олимони соҳа дар зери мафҳуми ҷамъоварии далелҳо ошкор намудан ва ба таври дахлдор ба расмият даровардани ҳолатҳоеро меноманд, ки барои ҳалли дурусти парвандаҳо аҳамият доранд [12,с.32]. А.М. Ларин мафҳуми ҷамъ овардани далелҳоро чунин шарҳ додааст: «Марҳилаи мустақилонае, ки ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва мустаҳкамкунии далелҳо робита дорад». Мувофиқи ақидаи М.С. Строгович, дар зери мафҳуми ҷамъ овардани далелҳо - дарёфт, ҳаллу фасл ва мустаҳкамкунии далелҳо фаҳмида мешавад [2,с.23]. Ҳамчунин, гурӯҳи дигари олимон дар зери мафҳуми ҷамъоварии далелҳо, ин аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ иҷро намудани амалҳои муайянеро оид ба ошкор намудан, ҷамъ овардан ва мустаҳкам намудани далелҳо меноманд [6,с.612].Чи тавре ки дар боло қайд кардем, ҷамъ овардани далелҳо марҳилаи якуми ҷараёни исботкунӣ ба ҳисоб меравconfigured. Дар ин марҳила далелҳо ҷамъ оварда шуда, барои муайян намудани ҳақиқат лозим меоянд. Дар ҳама гуна ҳолат ҳангоми баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳақиқат бояд муайян ва муқаррар карда шавад. Дар ҷамъ овардан ва тафтиши далелҳо коршинос (эксперт), мутахассис, шахсони холис ва дигар шахсоне, ки тартиби онро қонун муайян намудааст, иштирок менамоянд. Ҳар яки онҳо функсияи мурофиавии худро иҷро мекунад. Ҷамъ овардан ва тафтиши далелҳо тавассути пурсишҳо, рӯбарӯкунӣ, шинохтан, кофтуков, ёфта гирифтан, азназаргузаронӣ, гузаронидани озмоиши (эксперименти) тафтишӣ, таъйин кардани экспертиза ва дигар ҳаракатҳои тафтишотӣ ба амал бароварда мешаванд [14,с.212]. Лекин, далелҳои ҷамъовардашуда бояд ба таври дақиқ тафтиш карда шаванд.

Ҷамъ овардани далелҳо. Рафти исбот аз ҷамъ овардани далел оғоз меёбад, ки онро моддаи 86-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Ин модда ваколатҳои субъектони мурофиаи ҷиноятиро вобаста ба ҷамъ овардани далел муқаррар менамояд. Ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаҳои онҳоро, барои ҷамъ овардан ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва ашёҳо барои ҳамроҳ намудан ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далел пешбини менамояд. Ҳуқуқҳои ҳимоятгарро барои ҷамъ овардани далел ва амалигардонии он пешбинӣ мекунад. Дар банди 1 моддаи 86-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъ овардани далелҳо дар ҷараёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, гузаронида мешавад. Аз ин бармеояд, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд танҳо дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ (бо парвандаи ҷиноятии дар истеҳсолоташон қарордошта) метавонанд далелҳоро ҷамъ оваранд. Онҳо то кушодани парвандаи ҷиноятӣ, амалҳоро вобаста ба ҷамъ овардани далел гузаронида наметавонанд (ғайр аз: азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, шаҳодаткунонӣ, таъмини экспертизаи тиббӣ). Маълумотҳое, ки дар рафти амалҳои тафтишотӣ, бе оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ оварда шудаанд, далел эътироф карда намешаванд. Ҷамъ овардани далелҳо аз ҷониби субъектони номбаршуда, танҳо бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ гардонида мешавад. Далелҳое, ки дар рафти гузаронидани амали тафтишотӣ аз ҷониби субъектони номувофиқ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста мешаванд. Чунин вазъият дар он маврид ҷой дошта метавонад, ки агар муфаттиш, ки дар рухсатии меҳнатӣ ё бинобар вазъи саломатиаш таҳти муолиҷа қарор дорад, амалҳои тафтишотӣ гузаронад. Онҳо далелҳое шуморида мешаванд, ки дар натиҷаи амали пешбининагардидаи меъёрҳои мурофиавӣ, ба даст оварда шудаанд. Вазифаҳо вобаста ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ оиди ҷамъ овардани далел ба ӯҳдаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда шудаанд. Ҳамзамон, ташаббускорони гузаронидани амалҳои номбурда айбдоршаванда (гумонбаршуда), ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, ки ҳуқуқи изҳори дархост кардан вобаста ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки барои ҷамъ овардани далелҳо равона карда шудаанд, буда метавонанд. Дархостҳои

номбурда ҳатман баррасӣ гардида, дар сурати асоснок будан қонеъ гардонида мешаванд. Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ, ки ваколати қарор қабул кардан надоранд, барои ҷамъ овардани далелҳо бо роҳи иштироки бевоситаашон дар рафти амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, таъсири ҷиддӣ расонида метавонанд. Онҳо метавонанд ба пурсишшаванда савол диҳанд, диққати муфаттиш ва судро ба ҳолати ашёҳое, ки аз назар гузаронида мешаванд, ҷалб намоянд, эрод гиранд, ба протокол қайд намоянд, ба протоколи маҷлиси судӣ эрод гиранд. Вобаста ба намуди амали тафтишотие ки гузаронида мешавад, ҳангоми гузаронидани он гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, ҷавобгари граждани, айбдоркунандаи хусусӣ, шахсе, ки дар бинои ба ӯ тааллуқдошта амали тафтишотӣ гузаронида мешавад, мутахассис, тарҷумон, ҷалб карда мешаванд. Иштирокчиёни ҳатмии амали тафтишотӣ оид ба ҷамъ овардани далел, шахсони холис мебошанд (моддаҳои 183, 184, 188-191, қисми 5 моддаи 195, қисми 7 моддаи 196, моддаҳои 205 ва 207 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҷамъ овардани далелҳо бо роҳи гузаронидани амали тафтишотӣ танҳо рӯзона иҷозат дода мешавад. Пешбурди амали тафтишотӣ, ба истиснои ҳолатҳои таъхирнопазир, шабона манъ аст (қисми 2 моддаи 171 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Риояи талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он хусус, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд, дар таҷриба барои ҷамъ овардани далелҳо бояд давомнокии гузаронидани амалҳои тафтишотӣ, муайян бошанд. Қонунгузор дар қисми 7 моддаи 199 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пурсиш давомнокиро муқаррар намудааст. Яъне, пурсиши бефосила аз 4 соат ва давомнокии он дар 1 рӯз аз 8 соат зиёд шуда наметавонад [11, моддаи 199 КМҶ ҶТ]. Ин маънои онро дорад, ки пурсиши бефосиларо аз 4 соат зиёда давом додан мумкин нест. Яъне, он пас аз танаффус барои хӯрок хӯрдан ва истироҳат кардан давом дода мешавад. Дар давоми 1 рӯз, пурсиш аз 8 соат зиёд гузаронида намешавад. Дар мавриди нишондоди тиббӣ, давомнокии пурсиш бо хулосаи духтур муайян карда мешавад. Бо таҳлил намудани моддаи 199 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи моддаи 10 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст. Ҷойи гузаронидани амали тафтишотӣ бевосита аз ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ сарчашма мегирад (масалан, ҷойи ҳодиса). Дигар гурӯҳи амали тафтишотӣ, бо ба инобат гирифтани ҳолатҳои гуногуни парвандаи ҷиноятӣ, имконияти муайян кардани ҷойи гузаронидани амали тафтишотиро иҷозат медиҳад. Ба ин гурӯҳ, пурсиши шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, шаҳодаткунонӣ дохил мешаванд. Амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки тарзҳои ҷамъ овардани далел мебошанд ва дар қонуни мурофиавӣ пешбинӣ шудаанд, аз амалҳои тайёрӣ ва таъмин кардан, ки ба парванда алоқамананд, баррасӣ ва дарҷ гардидани онҳо дар протоколи амали тафтишотӣ, қайд карда мешаванд. Амалҳои хусусиятҳои тайёрӣ ва таъминотидошта (ҷамъ овардан, пайдарҳамӣ ва мафҳуми онҳо) аз намуди далелҳо вобастагӣ доранд, ки онҳоро бояд ҷамъ намоянд; амали тафтишотӣ, ки онро гузаронидан лозим аст ва хусусиятҳои хосси парвандаи ҷиноятии мушаххас. Иҷро накардани амалҳои хусусияти тайёрӣ ва таъминотидошта, ба он оварда мерасонад, ки маълумотҳои ба парванда тааллуқдошта ошкор карда намешаванд. Аз ҷумла амалҳои зерин: муайян кардани мавҷудияти асосҳо барои гузаронидани амали тафтишотӣ; интихоби ҷойи гузаронидани амали тафтишотӣ; интихоб ва тайёр намудани воситаҳои техникӣ, ки барои гузаронидани амали тафтишӣ заруранд, огоҳ намудани иштирокчиёни амали тафтишотӣ оиди татбиқи воситаҳои техникӣ (банди 4 моддаи 172 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); ба иштирокчиён (иштирокчӣ) фаҳмонидани хусусияти амали тафтишотӣ, вазифа ва ҳуқуқи онҳо, ҷавобгарӣ; шинос намудани иштирокчиёни амали тафтишӣ бо тартиби гузаронидани он. Пас аз иҷро намудани амалҳои омодакунӣ ва таъминотӣ, муфаттиш, таҳқиқбаранда ба иҷрои амале, ки барои ошкор намудани маълумотҳои ба парванда алоқамандбуда ва баррасии онҳо кумак мерасонанд, шурӯъ менамояд. Масалан, ба пурсишшаванда таклиф карда мешавад, ки оиди ҳолати ба парванда алоқамандбуда маълумотҳои медонистагиашро хабар диҳад, ба саволҳои додашуда ҷавоб диҳад. Ба шахсе, ки дар бинои зист ва ҷойи кораш кофтуков гузаронида мешавад, таклиф карда мешавад, ки ашё ва ҳуҷҷатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро пешниҳод намоянд. Ошкор кардани маълумотҳо ё ҳолатҳои ба парвандаи ҷинояти аҳамиятдошта, тахмини дарк намудани маълумот ё дарки ҳолат ва воқеа дар доираи амали тафтишотӣ анҷом дода мешавад. Пас аз ошкор намудани маълумотҳо дар рафти гузаронидани амали тафтишотӣ, ки аз нишондоди шоҳид, ё дар рафти азназаргузаронӣ пайдо карда шуданд ва баҳо додани алоқамандии онҳо бо ҳолати кор, субъекти қарорқабулкунанда ба тартиб додани протокол шурӯъ намуда, дар он рафт

ва натиҷаи амали тафтишотиро дарҷ мекунад. Дар протокол, инчунин дархости иштирокчиёни амали тафтишоти нишон дода мешавад. Протокол ҳангоми гузаронидани амали тафтишотӣ ё пас аз ба охир расидани он тартиб дода мешавад (қисми 1 моддаи 172 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҷамъ овардани далелҳо (маълумотҳои ба парванда алоқамандбуда), метавонанд баъди тартиб додани протокол идома ёбад. Масалан, шоҳид пас аз шинос шудан бо протоколи пурсиш, ба он илова ва тағйирот ворид менамояд, ё ин ки иштирокчиёни азназаргузаронӣ бо протоколи тартибдодашуда шинос шуда, ба мазмуни он эрод мегиранд, ки он ҳатман ба протокол дохил карда мешавад. Шакли асосии инъикоси далелҳое, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ оварда мешаванд, протокол мебошад. Оиди талаботҳои мафҳум ва шакли протоколи маҷлиси судӣ (моддаи 293 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва протоколи амали тафтишотӣ дар моддаи 172 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон),. мувофиқи қисми 1 моддаи 175 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш вазифадор аст, тамоми дархостҳои оид ба парванда арзшударо баррасӣ кунад. Дар айни замон ӯ ҳуқуқ надорад дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро дар хусуси пурсиши шоҳидон, пешбурди экспертиза ва дигар амалҳои тафтишотӣ рад намояд, агар ҳолатҳое, ки барои муқаррар намуданашон онҳо дархост додаанд, барои парванда аҳамиятнок бошанд. Барои баамалбарории талаботи моддаи 175 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 2 моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Дар банди 3 қисми 2 моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидааст, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя ҳуқуқ доранд бо дархости тарафҳо аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯиро анҷом додаанд, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳамиятдоштаро талаб намоянд. Дар таҷриба чунин ваколатҳоро ҳангоми ҷамъ овардани далелҳои зерин истифода менамоянд: далелҳои шайъӣ; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ, сабти видеоӣ ва магнитофонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо. Ашё ва ҳуҷҷатҳои, ки вобаста ба ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта дар оянда ҳамчун далели шайъӣ эътироф карда мешаванд, бояд бо роҳи кофтуков ёфта гирифта шаванд, (агар муайян бошад, он дар куҷо ва дар дасти кӣ мавҷуд аст). Аз эҳтимол дур нест, ки таркиб ва ҳолати ин ашё ва ҳуҷҷатҳо, ки асоси далели шайъӣ мебошанд, метавонанд гум шаванд, ё то пешниҳод намудан ба субъектони қарорбарорандаи мурофиаи ҷиноятӣ тағйир ёбанд [3]. Мувофиқи қисми 3 моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимоятгаре, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои иштирок дар баррасии парванда роҳ дода шудааст, ҳуқуқ дорад харакатҳои зеринро иҷро кунад: далелҳоро пешниҳод кунад; маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад; маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, талаб кунад; бо ризоияти ҳимояшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад. Дар асоси онҳо тибқи муқаррароти қонун далелҳои мувофиқ ҷамъ оварда мешаванд. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки ашёҳои номбурда, ҳуҷҷатҳо, маълумотҳое, ки ҳангоми пурсидани шахс гирифта шудаанд, ҳамчун далел баррасӣ карда намешаванд. Дар асоси онҳо, тибқи тартиби қонун (бо истифодаи тарзи пешбининамуда барои ҷамъ овардани далел), далелҳои мувофиқ ҷамъ овардан мумкин аст. Дар асоси ашёҳои пешниҳоднамудаи ҳимоятгар, далелҳои шайъӣ (моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда (маълумотнома, тавсифнома ва ғайра), ҳуҷҷатҳои дигар (моддаи 82 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Чумҳурии Тоҷикистон) ба шакли муайян даровarda мешаванд. Маълумотҳое, ки бо роҳи пурсидани шахс ва ба тариқи хаттӣ тартиб додан гирифта шудаанд, ҳамчун нишондоди шоҳид (ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда) эътироф карда намешаванд, чунки онҳо бе риояи талаботи Кодекси мурофиавии чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо ҳамчун асос барои даъват намудан ва пурсиши шахс ба сифати шоҳид ё гузаронидани дигар амали тафтишотӣ барои ҷамъ овардани далел баррасӣ карда мешаванд. Дар рафти маҷлиси судӣ низ, далелҳоро ҷамъ намудан мумкин аст (моддаҳои 272, 309-327 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).Ҷамъ овардани далелҳо дар суд (дар муқоиса бо пешбурди тафтиш) хусусиятҳои хосси худро доро мебошад, ки онро дар таҷриба ба назар гирифтан зарур аст. Онҳо дар чунин

мавридҳо ифода мегарданд: ҷамъ овардани далел дар суд дар шароити амали ҳаматарафаи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба амал меоянд; аз ҷониби суд, ки субъекти мустақил ва танҳо ба қонун итоаткунанда мебошад, амалӣ гардонида мешавад; бо иштироки ҳама субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ва дар ҳузури онҳо гузаронида мешавад; аз рӯйи қоида сарчашмаи эҳтимолии далел муайян буда, барои кофтукови он вақт сарф намешавад; ҷамъ овардани далел дар суд бо ҳудуди мурофиаи судии ҷиноятӣ маҳдуд мебошад; суд метавонад натиҷаҳои пешбурди тафтишро вобаста ба ҷамъ овардани далел ба назар гирад; дар ҳолатҳое, ки суд имконияти дар баъзе мавридҳо бевосита ҷамъ овардани далелҳоро надорад, дар асоси қонун метавонад далелҳоеро, ки дар рафти пешбурди тафтиш ба даст оварда шудаанд, тафтиш ва эълон намояд. Оиди тартиби ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокуророн, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ, бо мақсади ҷамъ овардани далелҳо ба моддаҳои 470-473, 482 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаред. Аз қисми 4-и моддаи 86-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудио ва видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод кунанд. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи ҳуҷҷатҳо ва ашёҳои хаттӣ меравад, ки аз ҷониби субъектони номбурда ба тариқи расмӣ аз мақомотҳои давлатӣ, шахсони мансабдор, корхонаву ташкилотҳо, идораҳо гирифта шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳолати баррасишаванда сухан дар бораи пешниҳоди далелҳо нею, дар бораи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва ашёҳое меравад, ки аз нуқтаи назари шахсони онро пешниҳоднамуда барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд. Пешниҳоди онҳоро ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, ҳамчун изҳори дархост аз ҷониби субъектони дар боло номбурда ҳисобидан лозим аст. Дар ҳолати қонеъ гардонидани он, шакли муайяни далел – ҳуҷҷатҳои дигар, далелҳои шайъиро, ки бояд ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд, ташкил медиҳанд. Агар муайян гардад, ки ин ҳуҷҷатҳо ва ашёҳо ба талаботи мансубият мувофиқ нестанд, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда намешаванд. Дар ин хусус қарори асоснок (таъйинот) қабул гардида, ба шахси ҳуҷҷат ё ашёро пешниҳоднамуда, хабар дода мешавад.

Фарзияҳои тафтишотӣ. Бо мақсади пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян намудани ҳамаи ҳолатҳои бо парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд, пешниҳоди фарзияҳои тафтишотӣ зарур мебошад. Фарзия, ин баён намудани эҳтимолияти маълумотҳои мавҷуда доир ба ин ё он ҳолатҳои содиршуда мебошад. Дақиқ пешниҳод намудани фарзияҳо ва тафтиши дурустии онҳо аксаран ба кушодани ҷиноятҳо мусоидат менамоянд. Фарзияҳоро прокуророн, муфаттишон ҳангоми тартиб додани нақшаи тафтишотӣ ва инчунин дар рафти пешбурди тафтишоти пешакӣ пешниҳод менамоянд. Баъзан айбдоршавандагон ва ҳимоятгарони онҳо дар дархостҳояшон дар шакли ваҷҳҳо фарзияҳо пешниҳод менамоянд, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тафтиши онҳоро ҳатмӣ мешуморад. Ҳар як фарзияи пешниҳодгардида то пурра ошкор кардани шахси ҷиноят содиркарда, бояд мавриди тафтиши хамаҷониба карор гирад [20,с.103].

Тафтиши далелҳо марҳилаи дуюми ҷараёни исботкуниро ташкил медиҳад. Ба сифати далел дилхоҳ маълумотҳое баромад карда метавонанд, ки барои муайян кардани ҳақиқат хизмат мекунанд ва бо роҳи қонунӣ ба даст оварда шудаанд. Далелҳо метавонанд ҳама он маълумотҳои воқеиеро дар бар гиранд, ки барои муайян кардани ҳақиқат хизмат намуда, ҳангоми ҷамъ овардани онҳо талаботҳои муқаррарнамудаи қонун риоя шуда бошанд [18,с.93].

Мувофиқи моддаи 87-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шаванд. Тафтиш аз таҳлили далелҳои бадастовардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, манбаъҳои ба даст овардани далелҳо иборат аст. Барои тафтиши далелҳо роҳҳои мантиқӣ, ё ин ки ба амал баровардани ҳаракатҳои тафтишотӣ истифода бурда мешаванд. Масалан: рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан, таъйин кардани экспертизаи такрорӣ ё иловагӣ ва ғайраҳо. Агар дар ҷараёни муқоисакунӣ маълум гардад, ки далелҳои мавҷуда бо далелҳои дигар мухолифанд, шахси масъулро (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) зарур аст, ки ин норасоиҳоро бартараф намояд. Далелҳои иловагие, ки баъдан дар натиҷаи бурдани амалиётҳои мурофиавӣ ба даст оварда шудаанд, онҳо низ бояд бо дигар далелҳо муқоиса карда шаванд. Бояд тазаккур дод, ки тафтиши далелҳо дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ рӯйи кор меояд. Тафтиши далелҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатии дахлдор ва шахсони мансабдор ба амал бароварда мешавад.

Дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҷараёни тафтиши далелҳо иштирок менамоянду халос [16,с.217]. Ҳарчанд дар кодекс ибораи тафтиши далелҳо истифода шуда бошад ҳам, лекин омӯзишу таҳлили адабиётҳои мурофиавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба ҷойи тафтиш асосан ибораи санҷидани далелҳо истифода мешавад [19,с.38-48].

Мақсади асосии санҷидани далелҳоро дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, муайян намудани сифат ва хусусиятҳои далел, аз қабили саҳеҳӣ, имконпазирӣ, боэътимодӣ ва кифоя будани далелҳо ташкил медиҳад [17,с.99-106]. Ҳамин тариқ, тафтиши далелҳо гуфта - фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд дар самти моҳирона, ҳамаҷониба ва объективона муайян кардани саҳеҳияти далелҳо дар назар дошта мешавад, ки ҳалли дурусти парвандаро таъмин менамояд.

Тафтиши далелҳо дар моддаи 87-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Ҳар як далел дар рафти исботкунӣ бояд пурра, ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шавад. Маълумотҳои дар далелҳо мавҷудбуда, танҳо пас аз тафтиши ҳамаҷонибаи тарафаи онҳо, асоси хулоса баровардан шуда метавонанд. Мувофиқи моддаи тафсиршаванда, вазифаҳои вобаста ба тафтиши далелҳо, ба уҳдаи субъектони мурофиаи ҷиноятӣ – таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд вогузор карда мешаванд. Ҳамзамон, ба инобат гирифтан лозим аст, ки хусусият, мақсад ва ҳаҷми тафтиши далелҳо, усулҳои истифодашаванда на танҳо аз нигоҳи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вобастагӣ доранд, балки бо омилҳои холисона муайян карда мешаванд, ки инҳоянд: хусусиятҳои ҷиноятe, ки тафтиш мешаванд; намуди далели тафтишшаванда; сифати он – пуррагӣ (нопуррагӣ); мухолифати (номухолифати) ботинӣ; мувофиқаткунӣ (номувофиқат) бо дигар далелҳои ҷамъоварда; миқдор ва сифати далелҳои ҷамъоварда, ки бо ҳолатҳои дарҷгардида тафтиш карда шудаанд; муқоисаи воқеаи муайян ва тахминӣ. Вазифаи асосиро дар тафтиши далелҳо дигар субъектони фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мебозанд (ки салоҳияти қабул кардани қарор надоранд), ки дар исботкунӣ чи аз тарафи ҳимоя ва чи аз тарафи абдоркунӣ иштирок менамоянд,. Онҳо метавонанд бо роҳҳои зерин онро амалӣ гардонанд: изҳори ҳар гуна дархостҳо, ки бевосита ва бавосита бо тафтиши далелҳои ҷамъовардашуда ё ҷамъмешуда алоқаманд мебошанд; гузоштани саволҳо ба пурсишшавандагон (шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда; ба протоколи амалҳои тафтишотӣ ва судӣ (дар рафти пешбурди онҳо иштирок доштанд) дохил кардани илова, тағйирот ва эрод; иштирок дар музокироти судӣ; овардани шикоят ба амал (беамали)-и таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд; шикоят овардан аз болои ҳукм, таъйинот, қарори суд. Дархости субъектони номбурда оиди гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки бо тафтиши далелҳо вобаста мебошанд, ҳатман баррасӣ ва ҳал карда мешаванд. Суд ҳуқуқ надорад дархости судшавандаро, ки оид ба тафтиши ҳолати ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта изҳор намудааст, рад намояд. Ҳангоми гузаронидани тафтиши далелҳо, субъектони мурофиаи ҷиноятӣ хусусиятҳои хосси ба он дар ҳама давраҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ тааллуқдоштаро бояд ба инобат гиранд. Тафтиши далелҳо аз рӯйи ченаки ҷамъ оварда шуданашон оғоз меёбад. Ҳамзамон, ҷамъ овардани далел ба охир нарасида бошад (амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки тарзи ҷамъ овардани далелҳо мебошанд), тафтиши онро анҷом додан мумкин нест. Тафтиши далелҳо дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хусусиятҳои хосси худро дорад, ки инҳоянд: тафтиши далелҳо дар он ҳолат амали гардонида мешавад, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд оиди ҷинояти содиршуда тасаввуроти пурра надоранд, он дар шароити маҳдуд будани амали як қатор принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ (муҳокимаи бевосита, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будан) гузаронида мешавад; аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, гузаронида мешавад; он аз ҷониби мақомотҳои асосӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор), ки вазифаҳои онҳо таъқиби ҷиноятӣ мебошад, амалӣ гардонида мешавад; мазмун ва натиҷаи фаъолият вобаста ба тафтиши далелҳо барои суд охирин ва ҳатмӣ нестанд. Тафтиши далелҳо ҳанӯз дар рафти ҷамъ овардан – ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ оғоз меёбанд. Аз рӯйи қоида, тафтиши далелҳо дар оғози тафтишот душвортар аст. Чунки танҳо қисмҳои алоҳидаи воқеа, ки аломатҳои чиноятро нишон медиҳанд, муайян карда шудаанд. Ҳоло он ки ҳолатҳои асосии ҷиноят, масалан, ҷой, вақти содиршавӣ, шахси ҷиноятро содирнамуда муайян нестанд. Дар ин маврид тафтиши далелҳо, метавонад муддати тӯлонӣ идома ёбад. Баъзан он то ба охир расидани тафтишоти пешакӣ идома меёбад. Таҳқиқбаранда, муфаттиш метавонанд ҳангоми пайдо намудани дигар далелҳо ба он баргарданд. Ҳангоми оғози тафтиши далелҳо, дар мадди аввал боварӣ ҳосил кардан зарур аст, ки он баъд аз оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби субъекти мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси қонун ба даст оварда шудааст. Далелҳое, ки то оғози парвандаи ҷинояти ва аз ҷониби субъекти бесалоҳият, ё ҳангоми амали пешбининагардидаи қонун ба даст оварда шудаанд,

беэътибор ҳисобида мешаванд. Дар рафти тафтиши далелҳо боварӣ ҳосил кардан зарур аст, ки ҳангоми ба даст овардани далелҳо шарт ва тартиби гузаронидани амали тафтишотӣ, ки қонун муқаррар кардааст вайрон карда нашудаанд. Қонунвайронкуниҳои ошкоршуда (масалан гузаронидани кофтуков бо иштироки як шахси холис, ба иштирокчиёни амали тафтишотӣ нафаҳмонидани ҳуқуқҳояшон, вазифаҳо, ҷавобгарӣ ва тартиби гузаронидани он, вайрон намудани пайдарҳамии гузаронидани он ва ғайра) ҳамчун асос барои ғайриимконпазир донистани далел хизмат мекунанд. Қонун пешбинӣ менамояд, ки тафтиши далелҳо бо роҳи муқоиса кардани онҳо бо далелҳои дигар, ки дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуданд, муайян намудани сарчашмаи далелҳо, ба даст овардани далелҳои дигар, ки далели тафтишшавандаро тасдиқ ва ё рад менамояд, амалӣ гардонида мешавад. Инчунин, далелҳо мавриди таҳлил қарор мегиранд. Дар як вакт, маълумотҳо оиди шахсе, ки онро пешниҳод намудааст, таҳлил карда мешаванд. Таҳқиқот ва муайян намудани алоқаҳо, муносибатҳо ва вобастагӣ байни тарафҳо, таркиб ва сифати далелҳои тафтишшаванда ба субъекти тафтиш имконият медиҳанд, ки шубҳанок, баҳснок ё саҳеҳ будани далелҳо, мухолиф ё мутобиқати далелҳо, мушаххас ё тахминӣ будани хусусиятҳои маълумотҳои мавҷударо баҳо диҳад. Таҳлили ҳолатҳои номбурда, имконияти муайян намудани пуррагӣ ва ҷобаҷогузории онҳоро медиҳад. Дар натиҷаи таҳлили далелҳои тафтишшаванда, барои ҳаракати оянда ва шакли тафтиши далелҳо, дигар тарафҳои алоқамандии онҳо, ки бо дигар далелҳои муайян муқоиса карда мешаванд, имконият пайдо мешавад. Далелҳо инъикоскунандаи ҳолат мебошанд, ки бояд исбот карда шаванд ва дар худ маълумотҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо дар дигар далелҳо мавҷуданд. Аз ин рӯ, далелҳо байни худ мувофиқ, пурра ё қисман мухолиф буда метавонанд, ки онҳо бо роҳи муқоиса, ҷамъ овардани далелҳои нав тафтиш карда мешаванд. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, далелҳоро бо дигар далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда муқоиса карда, таркибҳои дигари онро муайян месозад. Сухан дар бораи аниқ кардани хусусият ва ҳудуди таъсири хислатҳое меравад, ки ба тарафҳои гуногуни далелҳо, ба мазмуни он, мансубият ва саҳеҳ будани онҳо, тааллуқ доранд. Масалан, дар натиҷаи муқоиса, муайян кардан мумкин аст, ки муносибати ғаразноки шоҳид ва ҷабрдида бо айбдоршаванда ба ҳақиқати нишондодҳо таъсир нарасонидааст, шароити номусоиди дарки ҳолат ва воқеа, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дорад, сабаби нопуррагии он гаштааст. Муқоиса кардани далелҳои нави бадастоварда бо далелҳои дигари дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда, ба аз нав тафтиш намудани онҳо оварда мерасонад. Дар асоси мувофиқ будани якчанд далелҳо ба ҳолати воқеа, субъектони тафтиш ба тахмини асоснок меоянд, ки маълумотҳо оиди ҷиноят ба ҳақиқат мувофиқанд. Дар хусуси мавриди муқоиса қарор додани далелҳо, дар таҷрибаи судӣ низ далелҳо зиёдан. Тафтиши далелҳо бо роҳи муқоиса намудан на ҳамеша оиди сифат ва таркиби онҳо маълумот дода метавонад. Дар ин маврид тафтиш бо роҳи ҷамъ овардани далелҳои нав мумкин аст. Ин роҳҳо, хусусиятҳои тафтиши далелҳо дар маҷмӯъ, тарзи исботи ҳолати ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро ташаккул медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд маълумотҳоро оиди тарзи исбот бо парвандаи ҷиноятӣ аз худи далелҳо ҳангоми ҷамъ овардан ва тафтиши онҳо, дар рафти кори худ бо роҳи исбот ба даст меоранд. Ҷамъ овардани далелҳои нав ҳамчун тарзи тафтиши далелҳо, пас аз таҳлили ин далелҳо, муқоисаи далелҳо бо далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда татбиқ карда мешавад. Дар натиҷаи ин амалҳо субъекти тафтиш маълумотҳои зеринро пайдо мекунад: кадом тарафҳои далели тафтишшаванда тафтиши ояндаро талаб менамоянд; маълумотҳо дар хусуси ҳолат ва воқеаҳое, ки бо парвандаи ҷиноятӣ алоқаманданд, бо роҳи ҷамъ овардани далелҳои нав бояд ба даст оварда шаванд; кадом намуди амалҳои тафтишотӣ ва судӣ барои ҷамъ овардани далелҳои нав, кай ва дар кадом пайдарҳами бояд гузаронида шаванд. Ҳар як далели нав ҷамъоварда, дар навбати худ, бояд аз рӯйи қоида тафтиш карда шуда, сипас мафҳуми он бо далеле, ки барои исботи он тафтиш гузаронида шудааст, муқоиса карда мешавад. Мансубияти далел ба ибтидоӣ, ҳосилшуда, бевосита ва бавосита будани далелҳо, ба тафтиши он таъсири худро мерасонад. Сабабаш дар он аст, ки асосҳои ин тақсимкунӣ, муносибати онҳоро бо сарчашма ва воқеаи асосӣ ва муқобил баён менамояд. Хусусиятҳои асосии далелҳои ҳосилшуда дар он дида мешавад, ки аз ҷониби сарчашмаи ояндаи далелҳо шахсан нею бевосита, яъне аз суханони шахсони дигар гирифта мешаванд. Ин хусусият пешакӣ муайян мекунад, ки яке аз тарзҳои асосии тафтиш муқоиса бо далелҳои ибтидоӣ мебошад. Аз ин рӯ, кӯшиш кардан зарур аст, ки сарчашмаи далелҳо пайдо карда шавад (масалан, шахсеро, ки шоҳиди воқеа мебошад ваё шахсе, ки ҳолати корро аз ӯ шунидааст). Дар далелҳои ҳосилшуда мавҷуд набудани сарчашмаи хабар субъекти тафтишотиро аз имконияти пурра, холисона гузаронидани тафтиш, таҳқиқоти сифатноки сарчашмаи далел,

шароитҳои қабули маълумот оиди воқеа ва ҳодиса маҳрум месозад. Далелҳои ҳосилшударо дар рафти исботкунӣ бе далелҳои ибтидоӣ истифода бурдан мумкин аст. Қонунгузор эҳтимолияти истифодаи нишондодҳои шоҳидро бо мавҷудияти нишондодҳои аввала нею, муайян будани сарчашмаи хабардории шоҳидро алоқаманд мекунад (моддаи 73 ва қисми 2 моддаи 74 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз ин лиҳоз, нишондодҳои ҳосилшуда дар мавриди гирифта натавонистани нишондодҳои ибтидоӣ, воситаи мустақили исбот шуда метавонанд. Дар ин ҳолат нишондодҳои ҳосилшуда мавриди тафтиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, диққати махсус ба аз ҷониби шоҳид, дарк намудани воқеа ва ҳолати ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта дода шавад. Ҳангоми тафтиши далелҳои бевосита истифодаи муқоисаи далелҳо ва ҷамъ овардани далелҳои нав аҳамияти махсус доранд. Татбиқи онҳо имконияти ба даст овардани маҷмӯи далелҳо, таҳқиқоти таркиби онҳо ва хулосабарорӣ кардан оиди мансубият ва саҳеҳ будани далелҳои бевоситаро, ба амал меорад. Шароитҳои мусоид барои тафтиши далелҳо дар рафти мурофиаи суди ҷиноятӣ пайдо мешаванд. Онҳо шароитҳои зеринанд: тафтиши далелҳо аз ҷониби суд субъекти мустақили мурофиаи судӣ, ки ба вазифаҳои ӯ таъқиби ҷиноятӣ ва ҳимоя дохил намешаванд; баамалбарории тафтиши далелҳо дар суд дар шароитҳои амали пурраи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ (мустақилият, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо); дар ихтиёри суд ва тарафҳо мавҷуд будани маҷмӯи далелҳо, ки дар рафти пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, тафтиш ва баҳо дода шудаанд; имконияти иштироки яквақтаи ҳама иштирокчиёни мурофиаи суди ҳангоми гузаронидани мурофиаи судӣ ҷиноятӣ, дар тафтиши далелҳо. Рафт ва натиҷаи тафтиши далелҳо дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ бояд дарҷ карда шаванд, аз ҷумла дар ҳукм. Ҳамзамон, танҳо бо нишон додани сарчашмаи далелҳо маҳдуд шудан лозим нест, бояд мазмуни далелҳо, натиҷаҳои тафтиш баён карда шаванд.

Баҳодиҳии далелҳо: Баҳодиҳии далелҳо дар ҷараёни исботкунӣ раванди мантиқӣ ва фикрие мебошад, ки нақши далелҳоро дар пойдор намудани ҳақиқат муайян месозад [16,с.217].

Мақсади баҳодиҳии далелҳо муайян намудани мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳият ва кифоя будани ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои қабул намудани қарори дахлдор оиди парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [22,с.83-84].

Ҷараёни исботкунӣ бо баҳодиҳӣ бо далелҳо ба охир мерасад, ки дар асоси он парвандаи ҷиноятӣ ҳалли худро меёбад. Баҳодиҳӣ ба далелҳо давраи ҷамъбастии исботкунӣ мебошад.

Баҳодиҳии далелҳо дар моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Мувофиқи қисми 1 моддаи мазкур баҳодиҳии далелҳо ин хулосабарорӣ намудан оиди мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ будан ва ҳамаи далелҳои ҷамъоваришуда дар маҷмӯъ аз ҷиҳати кифоя будан барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Дар таҷриба ба он диққат дода мешавад, ки ҳама далелҳои мавҷудбуда бояд дар маҷмӯъ баҳо дода шаванд. Хулосаи суд оиди гунаҳгории маҳкумшуда бошад, бо далелҳои дар маҷмӯъ танқидан баҳодода асоснок карда мешавад. Баҳодиҳии далелҳо бо назардошти оғози мурофиаи ҷиноятӣ ба уҳдаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд вогузошта шудааст, ки дар қонун баён карда шудааст. Дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ бо роҳи изҳори дархост оиди ғайриимконпазирии далел, шикоят овардан аз болои амал ва қарорҳои субъектоне, ки ҳуқуқи қарор қабул кардан доранд ва далелҳоро баҳо дода метавонанд, дар баҳо додани далел иштирок карда метавонанд. Баҳодиҳии далелҳо фаъолияти фикрӣ ва мантиқӣ оиди амалиёти маҷмӯи далелҳо бо мақсади ба даст овардани маълумотҳо доир ба ҷиноят ва таъйини ҷазо мебошад. Далелҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд озодона баҳо дода мешаванд. Озодона баҳо додани далелҳо яке аз принсипҳои мурофиаи судӣ ба шумор меравад. Дар таҷрибаи судӣ, ба он диққат дода мешавад, ки баҳодиҳии далелҳо ва муайян кардани ҳодисаи ҷиноят, аз ҷониби суд новобаста аз нишондоди дигар шоҳидон амалӣ гардонида мешавад. Далелҳо аз ҷониби субъектони қарорқабулкунанда баҳо дода мешаванд. Дар ин маврид онҳо бояд аз рӯйи қонун ва виҷдон амал намоянд. Баҳодиҳии далелҳо маънои бартарӣ надоштани як далел дар назди далели дигарро дорад. Ягон далел, аз ҷумла нишондоди ҷабрдида, аҳамияти пешакии худро доро нестанд ва бо далелҳои боқимондае, ки бо воситаи маълумотҳои холисона ҷамъ оварда шудаанд, тафтиш карда мешаванд. Ҳама далелҳое, ки хулосаҳои муфаттиш ва судро тасдиқ мекунанд ва ё мухолифи онҳоянд, бояд баҳо дода шаванд. Дар ҳуҷҷатҳои мурофиавии хулосадиҳанда бояд қайд карда шавад, ки чаро яке аз далелҳо саҳеҳ ҳисобида шудаасту, дигаре далел эътироф карда нашудааст. Инчунин, бояд нишон дода шавад, ки ҳама ангезаҳо тафтиш шуда, мухолифатҳо муайян гардида, баҳо дода шудаанд. Дар ҳукм таҳлили ҳаматарафаи далелҳо, ки суд хулосаҳои худро бо он

асоснок кардааст, бояд нишон дода шавад. Масалан, агар дар парванда якчанд хулосаи коршинос, ки оиди як масъала хулосаҳои гуногун додаанд, мавҷуд бошад, суд дар ҳукм ба ҳар яктои он дар маҷмӯи далелҳои дигар, розӣ будан ё рад намуданро бояд баҳо диҳад. Суд ҳангоми рад намудани нишондодҳои шоҳид ва ҷабрдида, ки аз натиҷаи парванда манфиатдор мебошанд, вазифадор аст дар ҳукм баён намояд, ки манфиатдории ин нафарон дар чист ва носаҳеҳ будани нишондодҳояшон дар муқоиса бо тафтиши кадом далелҳо муайян карда шудааст. Ҳангоми тағйир додани нишондодҳо, суд ҳамчун асоси хулосаи худ метавонад нишондодҳои дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гирифташударо ба инобат гирад. Агар судшаванда нишондодҳои худро, ки дар рафти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ дода буд, тағйир диҳад, суд вазифадор аст, нишондодҳои пешина ва ҳозираро тафтиш намуда, сабабҳои тағйир додани онҳоро муайян намуда, дар маҷмӯи дигар далелҳои бо парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоварда баҳо диҳад. Агар дар суд тағйири нишондодҳо асоснок карда шуда бошанд, фаҳмонидани сабаби тағйир додани онҳо бе тафтиш ва баҳодиҳӣ мононда намешаванд. Ҳукми айбдоркунӣ бо эҳтимолиятҳо асоснок карда намешавад. Дар рафти мурофиаи суди ҷиноятӣ ҳангоми тасдиқ шудани гуноҳи айбдоршаванда қарор қабул карда мешавад. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд, ки ҳукми айбдоркунӣ бояд бо далелҳои саҳеҳ, бартараф намудани мухолифатҳо ва баҳо додани онҳо бароварда шавад. Қисми 4 моддаи 15 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда ба фоидаи айбдоршаванда, судшаванда маънидод карда мешаванд. Ҳангоми баҳодиҳии далелҳо ба фоидаи судшаванда шубҳаҳои бартарафнашаванда на фақат ба гунаҳгории умумӣ, балки ба қисмҳои ҷудогонаи айби эълоншуда, шакли гуноҳ, ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд ва ғайра, маънидод карда мешаванд. Хулосаҳои ҳукми айбдоркунӣ, вобаста ба ҳолатҳое, ки бо парвандаи ҷиноятӣ исбот карда мешаванд, дар асоси маҷмӯи далелҳои ҷамъоварда, тафтишшуда ва баҳододашуда бароварда шуда, бояд бебаҳс ва якмаъно бошанд. Таҳлили таҷрибаи судӣ имконият медиҳад, ки вобаста ба талаботҳое, ки далелҳо бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд ва хатогиҳое, ки роҳ дода мешаванд, ҷамъбаст карда шаванд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 88 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор донисташуда, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд. Суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои мувофиқ вазифадоранд бо ташаббуси худ далелро ғайриимконпазир шуморанд. Онҳо ҳуқуқ доранд далелҳоро бо дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҳимоятгари онҳо беэътибор ҳисобанд. Ҳар чи зудтар далел ғайриимконпазир эътироф гардад, ҳамон қадар он ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва муайян намудани ҳақиқати кор таъсир мерасонад. Дар рафти пешбурди тафтиш изҳори дархост намудан оиди беэътибор донистани далелҳо танҳо ҳуқуқи гумонбаршуда ва айбдоршаванда намебошад. Ҳуқуқҳои ҷабрдида, ҳимоятгар, даъвогари гражданӣ ва дигар намояндагони онҳо низ, барои изҳори дархост маҳдуд карда нашудаанд. (моддаи 47, банди 8 қисми 2 моддаи 53, банди 3 қисми 4 моддаи 44, банди 6 қисми 3 моддаи 54 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра). Дар рафти мурофиаи суди ҷиноятӣ чунин ҳуқуқҳои тарафҳо маҳдуд карда нашудаанд (моддаи 306 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дархост оиди беэътибор донистани далелҳо метавонад ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ изҳор карда шавад. Дархости хаттӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад, шифоҳӣ бошад, дар протоколи амали тафтишотӣ ва маҷлиси судӣ дарҷ карда мешавад. Дар дархост далелҳое, ки бояд бекор шаванд, асосҳои бекор намудан ва ҳолатҳои асосноккунии дархост бояд нишон дода шаванд (маълумотҳо оиди воқеа ва ҳолатҳое, ки ғайриимконпазирии далелҳоро тасдиқ мекунанд). Дархост оиди беэътибор донистани далелҳо пас аз изҳор намудани онҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Агар фавран баррасӣ ва ҳал намудани дархост, ки дар рафти пешбурди тафтиш изҳор гардидааст, имконият надошта бошад, он дар муҳлати на дертар аз 5 шабонарӯз пас аз изҳори он бояд баррасӣ шавад. Аз болои қарор оиди баррасии дархост ба прокурор ё суд шикоят овардан мумкин аст. Дар қонун шакли муайяни қабули қарор аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда вобаста ба беэътибор донистани далелҳо муқаррар карда нашудааст. Аз банди 6 моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ба тарзи баровардани қарори асоснок амалӣ гардонида мешавад. Дар мавриди рад намудани дархост шахс ҳуқуқ дорад боз дархост пешниҳод намояд. Хусусиятҳои баррасии дархостҳои изҳоргардида ҳангоми пешбурди тафтиш дар моддаи 175 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд. Дар қисми 3 моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи далелҳои

беэътибор дар айбдоркунӣ ва ҳукм манъ карда шудааст. Тибқи қисми 3 моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, далелҳое, ки беэътибор дониста шудаанд, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд. Инчунин, барои исботи ҳолатҳои дигар татбиқ карда намешаванд, яъне чунин далелҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Мафҳуми баррасишаванда дар моддаи 333 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва мутобиқи он ҳукми суд бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад. Яъне, далеле, ки беэътибор дониста шудааст, эътибори ҳуқуқии худро гум карда, дар мурофиаи суди ҷиноятӣ истифода намешавад ва асоси ҳукм ё дигар қарори суд шуда наметавонад. Қонун пешбинӣ намудааст, ки суд бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси худ далелҳоро беэътибор ҳисобида метавонад. Ҳангоми ҳалли масъалаи беэътибор донистани далел, суд бо қарори радди тафтиши пешакӣ пайваст нест. Суд ҳамчун субъекти мустақили мурофиаи ҷиноятӣ, метавонад дархости пеш раднамудаи мақомоти тафтишотиро, ки дар суд низ дархост карда шудааст, баррасӣ намуда, қонунӣ ва асоснок ҳисобида, дархостро қонеъ гардонад. Далелҳое, ки беэътибор дониста шудаанд, дар парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Далелҳои ғайриимконпазир (беэътибор). Далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор донисташуда, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд. Талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ғайриимконпазир будани далелҳое, ки ғайриконунӣ ба даст оварда шудаанд, чунин маъно дорад, ки чунин далелҳо бояд беэътибор дониста шаванд, агар дар рафти ҷамъ овардани онҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, ки Конститутсия кафолат додааст, вайрон шуда бошанд. Ё ин ки тартиби ба даст овардан ва мустаҳкам намудани ин далелҳо бар хилофи муқаррароте, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, анҷом дода шуда бошанд. Имконпазирии далелҳо талаботи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба шакли далелҳо – қонунӣ будани сарчашмаи далел ва тарзи ба даст овардани он, амалҳои тафтишотӣ ва судии мувофиқ равона карда шудааст (моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Қонунгузор далелҳоеро, ки бар хилофи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, далелҳои беэътибор меҳисобад. Аз ҷумла, далелҳое, ки то оғози парвандаи ҷиноятӣ бо роҳи гузаронидани амали тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд, агар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ин амалҳоро пешбинӣ накарда бошад, дар натиҷаи амали тафтишотие, ки асоси қонунӣ надорад, бе тартиб додани шакли қарор ва агар дар моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад. Яке аз шартҳои ҷамъ овардани далелҳои имконпазир, муайян будани сарчашмаи далел мебошад. Маълумотҳое, ки сарчашмаҳояшон муайян нест, онҳо ба талаботи имконпазирӣ ҷавобгӯ набуда, далел ҳисобида намешаванд. Нишондодҳои шоҳид, ҷабрдида, ки тахминианд, аз овозаҳо шунидаанд ва онҳо сарчашмаи маълумотро намедонанд, далелҳои ғайриимконпазиранд. Агар дар парвандаи ҷиноятӣ маълумотҳое вуҷуд дошта бошанд, ки онҳо далели шайъӣ эътироф шудаанд, аммо сарчашмаи онҳо муайян нест, онҳо беэътибор дониста мешаванд. Хулосаи коршинос низ беэътибор дониста мешавад, агар муайян гардад, ки экспертизаро мутахассиси манфиатдор гузаронида бошад. Манфиатдор будани муфаттиш, прокурор, судя ба парвандаӣ ҷинояти низ асоси ғайриимконпазир донистани ҳама далелҳои ҷамъоварда мегардад. Асосҳои ғайриимконпазир донистани далелҳо, инчунин вайрон кардани шарт ва тартиби гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ҳамчун тарзи ҷамъ овардани далелҳо шуда метавонад, аз ҷумла: гузаронидани амали тафтишотӣ бе иштироки як ё якчанд нафар, ки иштироки онҳо ҳатмӣ мебошад (гузаронидани кофтуков бо 1 нафар холис, пурсиши шоҳиди ба синни 14 нарасида бе иштироки омӯзгор ва ғайра); шабона гузаронидани амали тафтишотӣ, вақте ки маълумотҳо оиди таъхирнопазир будани гузаронидани он мавҷуд нестанд; саривақт нафаҳмонидан, нафаҳмонидан ва нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳо,ба иштирокчиёни амалҳои тафтишотӣ ва судӣ; истифодаи воситаҳои техникӣ бе огоҳонидани иштирокчии амали тафтишотӣ, вайрон намудани тартиби гузаронидани амали тафтишотӣ (дар пурсиши аввала, ба ҷойи он ки аз айбдоршаванда пурсида шавад, ки худро гунаҳгор мешуморад, ба ӯ пешниҳод карда мешавад, ки вобаста ба айби эълоншуда нишондод диҳад); вайрон кардани тартиби шинос намудани иштирокчиёни амали тафтишӣ бо протокол ва ба он эрод гирифтан, илова ва тағйирот даровардан; вайрон кардани тартиби навиштани протоколи амали тафтишотӣ; дар протокол мавҷуд набудани имзои иштирокчиёни амали тафтишотӣ бе қайди зарурият дар ин хусус. Далелҳое, ки бо вайрон намудани шарт ва тартиби гузаронидани амали тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд, бояд беэътибор дониста шаванд. Мувофиқи қонун далелҳои беэътибор қувваи ҳуқуқӣ надоранд

ва асоси айбдоркунӣ шуда наметавонанд ва барои исботкунии ҳолатҳои дигаре, ки дар моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, истифода бурда намешаванд. Аз ин лиҳоз, далелҳое, ки беэътибор дониста шудаанд, дар қабули қарорҳои мурофиавӣ оиди парванда, ки он бо далелҳо бояд асоснок карда шавад, истифода намешаванд. Ба гурӯҳи далелҳои ғайриимконпазир пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, ки дар рафти пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки ҳимоятгар (агар ҳимоятгар пештар ба парванда шурӯъ кардааст, ё ин ки агар гумонбаршуда, айбдоршаванда, оиди иштироки ҳимоятгар дархост дар рафти пешбурди тафтишиот изҳор карда бошад) гузаронида шудаанд, инчунин дар ҳолати рад намудани ҳимоятгар ва дар суд тасдиқи худро наёфтани он, дохил кардан мумкин аст. Ба ҳолати мазкур равшанӣ андохтан зарур аст, чунки он на танҳо ба талаботҳои имконпазирӣ, ки қонун ба далелҳо муносиб донистааст мувофиқ нест (қисми 1 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки ба як қатор принсипҳои мурофиаи суди ҷиноятӣ–қонуният, ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба ҳимоя, озодона баҳодиҳии далелҳо, мустақилияти судҳо ва танҳо тобеи қонун будан ва ғайра низ, мувофиқат намекунад. Алоқамандии ҳалли масъала дар бораи сифати далел вобаста аз иштироки ҳимоятгар ҳангоми гузаронидани амали тафтишотӣ дар қонун асоснок карда нашудааст. Чунки он иштироки ҳатмии ҳимоятгарро ҳангоми пурсишҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда муайян нанамудааст. Зиёда аз ин, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бе иштироки ҳимоятгар гузаронидани пурсишро ва дигар амалҳои тафтишотӣ ва судиро иҷозат медиҳад (банди 1, қисми 1 моддаи 51 ва моддаи 52 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз ин бармеояд, ки гирифтани нишондоди айбдоршаванда (гумонбаршуда) ҳангоми пурсиш, ки бе иштироки ҳимоятгар гузаронида шудааст, на ҳамеша шаҳодати вайрон кардани қоидаҳои протсессуалӣ дар рафти гузаронидани ин амали тафтишотӣ мебошад. Бар хилофи принсипи озодона баҳодиҳии далел (моддаи 21 қисми 1 ва моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), агар иштирок надоштани ҳимоятгарро дар ҳолатҳои зикргардида ҳамчун ғайриимконпазир будани нишондодҳои айбдоршаванда (гумонбаршуда), агар ӯ онҳоро (нишондодро) дар суд тасдиқ накунад. Инчунин, бо қоидаи озодона баҳодиҳии далел, қисми 3 моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ нестанд. Ин қисми моддаи тафсиршаванда далелҳоро аз нишондоди айбдоршаванда, ки пештар дар суд додааст, вобаста мегардонад (моддаҳои 21, 76 қисми 1 ва м. 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Хулоса оиди сифатнокии нишондоди айбдоршаванда дар он маврид баровардан мумкин аст, ки агар онҳоро бо дигар далелҳо муқоиса намуда, сабабҳои иштирок надоштани ҳимоятгар ҳангоми гузаронидани пурсиши айбдоршаванда (гумонбаршуда), розигии айбдоршаванда ба ин ва озодона баён кардани хоҳишаш муайян карда шавад. Бо ин роҳ инчунин муайян кардан мумкин аст, ки бе иштироки ҳимоятгар гузаронидани амали тафтишотӣ ва рад намудани ҳимоятгар, маҷбурӣ буд ё бо хоҳиши айбдоршаванда. Ҳамин тариқ, дар ҳолати баррасишаванда беэътибор донистани нишондоди айбдоршаванда (гумонбаршуда) аз эҳтимол дур нест, аммо на дар ҳама ҳолатҳо. Дар ҳар як ҳолати мушаххас, сабабҳои иштирок накардани ҳимоятгар ҳангоми пурсиши айбдоршаванда бояд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ба назар гирифтан лозим аст, ки айбдоршаванда (гумонбаршуда) вазифадор нест, ки нишондод диҳад. Ин танҳо ҳуқуқи ӯст ва онро ҳамчун воситаи додани маълумот, баррасӣ кардан мумкин нест. Чунки он яке аз воситаҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои айбдоршаванда ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, қонун ба ӯ кафолат медиҳад, ки дар ҳама ҳолат интихоби худро дошта бошад, ин ҳуқуқро шахсан ё бо ёрии ҳимоятгар амалӣ гардонад. Айбдоршаванда ҳуқуқ дорад бе маслиҳат бо ҳимоятгар талаби пурсишро кунад. Муфаттиш (таҳқиқбаранда) ҳуқуқи рад намудани хоҳиши айбдоршавандаро надорад, аммо фаҳмонда медиҳад, ки ҳангоми пурсиш ҳимоятгар ҳуқуқи иштирок карданро дорад. Айбдоршаванда (гумонбаршуда) ҳимоятгари худро рад накарда, бе иштироки ҳимоятгар мехоҳад нишондод диҳад, дар ин маврид низ хоҳиши ӯ бояд иҷро карда, дар ин хусус дар протокол ҳатман қайд карда мешавад. Ҳангоми беэътибор донистани ин нишондодҳо, ҳама амалҳои тафтишотӣ ва қарорҳои қабулнамуда бо истифода аз ин далелҳо қувваи ҳуқуқии худро гум мекунанд. Дар натиҷа ҳама маводҳои пешбурди тафтишоти ва қарорҳои судя оиди таъйини муҳокимаи пешакӣ ва таъйини маҷлиси судӣ бояд ғайриимконпазир эътироф карда шаванд ва бо ин ҳеҷ розӣ шудан мумкин нест. Талаб оиди беэътибор донистани далелҳое, ки ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, маънои ба ҳама намуди далелҳо паҳн намудани талаботи имконпазириро дорад. Ҳангоми ҳалли масъала оиди беэътибор донистани далелҳо, суд дар ҳама ҳолат бояд мушаххас вайронкунии қонунро муайян намояд. Дар мавриди муайян намудани он, ки

далел бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудааст, суд бояд қарори худро оиди аз маҷмӯи далелҳо хориҷ кардани онҳо, асоснок карда, вайронкунии қонунро баён намояд. Преюдитсия дар моддаи 89-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Моддаи мазкур, преюдитсияро ҳамчун вазифаи ҳама судҳо, ки парвандаро баррасӣ менамоянд, инчунин прокуророн, муфаттишон, таҳқиқбарандагон, ки дар истеҳсолоти онҳо парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, бидуни тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ҳолатҳоеро, ки пештар бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ, агар онҳо барои суд шубҳанок набошанд, қабул кунанд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки чунин ҳукм наметавонад пешакӣ гунаҳгории шахсеро, ки пештар дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ иштирок надошт, ҳал намояд. Ба таври дигар маънидод кардани ин меъёр ба он оварда мерасонад, ки шахсро бе гузаронидани тафтиш ва суд маҳкум кардан мумкин аст. Ҳолатҳои қувваи преюдитсия, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудаанд, ба суде, ки дар истеҳсолоташ парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, шубҳа пайдо кунадпаҳн намешаванд. Ҳамроҳ кардани қувваи преюдитсия ба ҳолатҳое, ки бо ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба хориҷ намудани мухолифатҳо байни санадҳои адолати судӣ равона шуда, ба сарфи қувва ва воситаҳои мақомоти тафтишотӣ ва суд мусоидат мекунанд. Мухолифатҳои эҳтимолие, ки дар таҷриба байни аҳамияти преюдитсиалии ҳолатҳои муайянкардашуда бо як парванда ва ақидаи шахсии прокуророн, муфаттишон, таҳқиқбарандагон вобаста ба ин ҳолатҳо ҳангоми истеҳсолоти дигар парвандаи ҷиноятӣ бояд ба фоидаи преюдитсия ҳал карда шаванд, агар онҳо ба гунаҳгории дигар шахс, ки дар баррасии парвандаи ҷиноятии пешина, иштирок надошта бошад, таъсир нарасонанд. Ба ибораи дигар, то бекор кардани ҳукме, ки аҳамияти преюдитсиалӣ дорад, аммо аз нуқтаи назари прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, ки бо дигар парванда истеҳсолот мебурд, нодуруст аст, онҳо ҳуқуқи баровардани қарор надоранд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки исбот яке аз намудҳои ҷараёни дарк намудан мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ равона карда шудааст. Ҷамъ овардани далел, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо асоси ҷараёни исбот ба шумор мераванд. Мақсади исбот - дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар кардани воқеан ҷой доштани танҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта мебошад, ки барои баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунад [15,с.167]. Маълумотҳо оиди ҳолатҳои муайян, ки дар натиҷаи ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ба даст оварда шудаанд, бояд ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят мувофиқ бошанд. Ҳукми айбдоркунӣ дар асоси далелҳои саҳеҳ, бо дида баромадани ҳама ҳолатҳо, бо муайянкунӣ ва баҳодиҳии мухолифатҳо, бароварда мешавад. Чунки ҳукми айбдоркуниро бо тахминҳо асоснок кардан мумкин нест. Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки рафти исбот ҷараёни муайянкунии ҳақиқат бо парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолоти судӣ равона шудаст. Таҷрибаи судии ҷаҳонӣ шоҳиди он аст, ки камбудӣ ва нуқсонҳо дар исботкунӣ, яке аз асосҳои аз ҷониби судҳои болоӣ бекор кардани ҳукмҳои суд ва ба баррасии нави судӣ фиристодан, ё қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ мегардад. Рафти исботкуниро қонун муқаррар намудааст. Қонунгузор ҳолатҳоеро, ки барои исбот намудан далелҳои парвандаи ҷиноятӣ зарур мебошад, муайян менамояд. Чунончи, воситаҳои исботкунӣ, субъектони мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба уҳдаи онҳо вазифаи исботкунӣ вогузор шудааст, иштироки дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ барои исботкунӣ, мазмун ва тарзи исботкунӣ ва ғайра. Ҳолатҳое, ки дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, субъектони исботкунандаро ба нишонаи охирини исботкунӣ равона намуда, муҳлатҳои тафтиш, баррасӣ ва ҳал намудани онро дар суд кам мекунад. Ҳамчунин, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содир кар-да, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷрою риояи онҳо барои мақомоти суд, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ хатмӣ мебошанд. Дар рафти тафтиши пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми ҷамъ овардан ва баҳодиҳии далелҳо, бандубасти кирдори айбдоршавандаҳо, баъзан аз ҷониби прокуророн, муфаттишон, шахсони таҳқиқбаранда риоя карда намешавад, ки чунин амалҳо боиси қабули қарорҳои ғайриқонунӣ, нобуд шудани далелҳо, беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва баръакс,

аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дур кардани шахсони гунаҳгор, бандубасти нодурусти кирдори онҳо, батафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ ва риоя накардани муҳлатҳои тафтиши пешакӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои зикршуда, таъмини пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи тафтиши пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ Дастурамал оид ба назарияи исботкунӣ, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо, бандубасти кирдори айбдоршавандагон таҳия гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. Дар рафти тафтиши пешакӣ ҳолатҳои дар боло зикргардида бояд дақиқ ва ҳамаҷониба исбот карда шаванд. Ба инобат гирифта шавад, ки исботкунӣ ҳадду ҳудуд дорад. Яъне, дар қонуни ҷиноятӣ ва таҷрибаи назариявию амалӣ бо мақсади рӯякӣ таҳқиқ накардани ҳолатҳои воқеии исботкарда шаванда ва пешгирии исботкунии беохир мафҳуми ҳадди исботкунии мурофавӣ ҷойдорад. Ҳадди исботкунии мурофиавӣ гуфта, ҳадди фаъолиятеро меноманд, ки дар тафтиши пурраи фарзияҳои тафтишотӣ, тафтиш ва тадқиқи ҳамаҷонибаи ҳолатҳои воқеии муайяншаванда, маҷмӯи далелҳо ва манбаи ба даст овардани онҳо, ки барои исботи мавҷуд будан ё набудани ин ҳолатҳо кофӣ мебошанд, ифода меёбад. Бо баъзе аз парвандаҳои ҷиноятӣ муфаттишон аз ҳадди исботкунии гуноҳ баромада, ба кашолакорӣ ва вайронкунии муҳлати тафтиши пешакӣ, дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандаҳо роҳ медиҳанд. Чунончи, агар вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ 100 ё 200 нафар шоҳид бошад, кӯшиш менамоянд, ки новобаста ба нишондоди якхела доданашон ҳамаи онҳоро мавриди пурсиш қарор диҳанд, санҷиши нишондоди ҳамаи онҳоро гузаронанд. Гарчанде дар байни нишондоди шоҳидон ва гумонбаршудагон ё айбдоршавандагон мухолифати ҷиддӣ набошад ҳам, вале дар байни онҳо амалиёти тафтишотии рӯбарукӯнӣ мегузаронанд. Ё амалиётҳои тафтишотиеро мегузаронанд, ки гузаронидани онҳо зарурат надорад. Дар назар бояд дошт, ки бо парвандаи ҷиноятӣ ҳамаи ҷабрдидаҳо новобаста аз шумораашон бояд пурсида, шахсияташон муайян ва ҳамчун чабрдида шинохта шаванд. Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти худ, бояд оиди ҳадду ҳудуди исботкунӣ маълумот дошта бошанд [14,с.214]. Ҷамъ овардани далелҳо ба вазифаи субъектони мурофиаи ҷиноятӣ вогузор карда шудааст. Маҳз таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вазифадоранд далелҳоро ҷамъ оваранд, онҳоро тафтиш намуда, баҳо диҳанд. Тибқи муқарраротѝ қисми 3 моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин субъектони мурофиаи ҷиноятӣ вазифадоранд далелҳоро беэътибор ҳисобанд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки агар далелҳо аз ҷониби субъектонӣ бесалоҳият, ё ин ки бо амалҳое, ки дар меъёрҳои мурофиави-ҷиноятӣ пешбинӣ нашудаанд, ҷамъ оварда шуда бошанд, онҳо бояд беэътибор ҳисобида шаванд. Бо роҳи ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо барои исбот намудани ҳолати кор, суд вазифадор нест, ки гуноҳи судшавандаро исбот намояд. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди вазифаҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судро оид ба исбот намудани ҳолати кор ба пуррагӣ ба танзим медарорад. Ба уҳдаи онҳо вазифаҳо оиди ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо вогузор карда мешавад. Инчунин, қонуни мазкур номгӯйи амалҳои тафтишотӣ ва судиро муқаррар менамояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баҳодиҳии далелҳо, субъектони исбот метавонанд ба хатогӣ роҳ диҳанд. Бинобар ин, онҳо ҳар як хулоса ва қарори худро бо роҳи муқоисаи далелҳои дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда ва тафтишшуда қабул менамоянд. Танҳо бо роҳи баҳодиҳии далелҳо ҳолати ба парвандаи ҷиноятӣ алоқамандбударо исбот кардан мумкин аст. Бояд гуфт, ки ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо ҳам алоқамандии зич доранд. Агар ҳангоми ҷамъ овардани далелҳо ба хатогӣ ва вайрон кардани қонун роҳ дода шавад, он ба тафтиши далелҳо таъсири манфӣ расонида, ҳангоми баҳодиҳӣ ба душвориҳо оварда мерасонад. Дар натиҷа ҳангоми қабул намудани қарор онҳо ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд ва шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданаш аз эҳтимол дур нест. Аз ин бармеояд, ки ҷавҳари асосии мурофиаи ҷиноятӣ, падидаи исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Чунки далел ва исбот дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ нақши калидӣ дошта, бе мавҷудияти он пешбурди парвандаи ҷинояти ғайриимкон аст.

**АДАБИЁТ**


1. Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств / Р.С. Белкин. - М.,1966. -С.44.
2. Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве / Р.С. Белкин. - М.: Норма, 2007. -С.78.
3. Дастурамал оид ба назорати исботкунӣ, ҷамъоварӣ, баҳодиҳии далелҳо, банду басти кирдори айбдоршавандагон. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2011.
4. Жогин Н.В. Теория доказательств в советском уголовном процессе / Н.В. Жогин. - Изд.2-е. -М.: Юридическая литература, 1973.-С.300.
5. Ковтун Н.Н. Спорные вопросы в теории доказательств (об устранении действительных и мнимых противоречий в уголовном процессе) / Н.Н. Ковтун // Государство и право. -1997. -№6; Жогин Н.В. Теория доказательств в

советском уголовном процессе / Н.В. Жогин. - Изд.2-е.,-М.: Юридическая литература, 1973. -С.287; Зажицкий В. О допустимости доказательств / В. Зажицкий // Российская юстиции. -1999. -№ 3.
6. Курс советского уголовного процесса. Общая часть. -М., 1989. -С.612.
7. Рыжаков А.П. Уголовный процесс. Учебник / А.П. Рыжаков. - М., 2004. -С.190.
8. Строгович М.С. Материальная истина и судебные доказательства в советском уголовном процессе / М.С. Строгович. -М.,1955. -С.99-100.
9. Салимзода Шерхон Одина Приветственное слова и выступление в республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции РТ на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года // Законность Теоретической и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры РТ, 2014. -№5. -С.126. (специальный выпуск) (на тадж.язык).
10. Республики Таджикистан. Конститутсия. Конститутсия (Основной Закон) Республики Таджикистан 6-ноябр 1994г. (на таджикском, русском и английском языках).- Душанбе: Ирфон, 2003. -С.82.
11. Уголовный процессуальный кодекс Республики Таджикистан. Закон Республики от 3.12.2009 г. №564. (Программы развития ООН (UNDP), Швейцарской управления по развитию и сотрудничеству, Швейцарской Ассоциации по международному сотрудничеству) “Хелветас”-С.449.
12. Уголовный процесс России: Общая часть: Учебник для студентов юридических вузов и факультетов Под. Ред. В.З. Лукашевчика. СПБ., 2004.-С 324.
13. Фаткуллин Ф.Н. Общие проблемы процессуального доказывания / Ф.Н. Фаткуллин. -Казань, 1976.-С.16.
14. Ходжаева Н.Б. Доказывание: понятие и предел / Н.Б. Ходжаева //Материалы международной научно-практической конференции (Душанбе, 27-ноября 2015) // Актуальные проблемы реформирования органов внутренних Республики Таджикистан.- С.371. (на тадж.язык).
15. Ходжаева Н.Б Развите института доказательства и доказывание по уголовно- процессуальному кодексу Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева // Материалы научно-практической конференции на тему: Место право Республики Таджикистан в правовой системе мира. Душанбе, 27 мая 2015 года.- С.396. ( на тадж. языке).
16. Ходжаева Н.Б. Процесс доказывания в уголовном судопроизводстве: пониятие и его элементы / Н.Б. Ходжаева Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) №2/6 (210).-Душанбе: Сино, 2016.-С. 335 (на тадж.яз.)
17. Ходжаева Н.Б. Проблемы правового регулирования собирание, проверка и оценка вещественных доказательств в уголовном процессе Актуальные вопросы судебного права, прокурорской деятельности и пресечения преступности в Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева // материалы научно-теоретических конференций. - Душанбе: Маориф ва фарханг, 2013. -С.319. (на тадж.язык)..
18. Ходжаева Н.Б. Источники доказательства в уголовно-процессуальном законодательстве Республики Таджикистан и Федерации России / Н.Б. Ходжаева //Вестник ТНУ(научный журнал). -Душанбе: Сино, 2015. -№3/1 (158). - С.320. (на тадж.язык).
19. Ходжаева Н.Б. “Собирание и оценка доказательств в уголовном судопроизводстве: “теории и практика” / Н.Б. Ходжаева // Законодательство. – 2015. -№3. -С. 150. (на тадж.язык).
20. Халим Салим. Криминалистика. – Душанбе, 2009. -С.698.
21. Шейфер С.А. Сущность и способы собирания доказательств в советском уголовном процессе / С.А. Шейфер. – М., 1972. - 46
22. Шахидуллозода Мухаммадвали “Представление и оценка доказательство государственным обвинителем в судебном процессе” в республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции РТ на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года // Законность Теоретической и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры РТ, №5 2014г С.126.(специальный выпуск) (на тадж.язык).

## ИСБОТКУНӢ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ МУХТАЛИФИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола муаллифон махсусият ва паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи исботкуниро дар асоси таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, истифодаи адабиётҳои илмии соҳавӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар давраҳои мухталифи мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бо мақсади такмили қонунгузории амалкунанда таклифу тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, бамаврид ишора карда шудааст, ки бори нахуст дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи исбот боби алоҳида бахшида шудааст. Боби 10-уми Кодекс «Исбот» ном дошта, моддаҳои 85-90-ро фаро мегирад. Дар боби мазкур мавзӯъ ва ҳудуди исботкунӣ, элементҳои раванди исботкунӣ, аз қабили ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, асосҳои ғайри қобили қабул эътироф кардани далелҳо, преюдитсия ва дигар паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи исботкунӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд. Пешниҳод мешавад, ки дар боби мазкур мафҳуми исботкунӣ бо мазмуни иловаи зайл оварда шавад: «Исботкунӣ фаъолияти мурофиавии шахсони мансабдори давлатӣ - таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҷамъ овардан, тафтиш кардан ва баҳодиҳии далелҳо, инчунин муайян кардани дигар ҳолатҳои муҳимми барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдошта амалӣ карда мешавад». Муаллифон қайд менамоянд, ки мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ анҷом дода мешавад.
**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ, исботкунӣ, далелҳо, давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҷамъ овардани далелҳо, санҷидани далелҳо, баҳо додан ба далелҳо, предмет ва ҳудуди исботкунӣ.

## ДОКАЗЫВАНИЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ НА РАЗЛИЧНЫХ СТАДИЯХ УГОЛОВНОГО СУДОПРОИЗВОДСТВА

В статье авторы на основе анализа уголовно-процессуального законодательства, широкого использования отраслевой юридической литературы и правоприменительной практики рассматривают особенности и отдельные аспекты института доказывания на различных стадиях уголовного судопроизводства. Сформулированы ряд научно обоснованных предложений по дальнейшему совершенствованию действующего уголовно-процесуального

законодательства. В частности, своевременно отметили, что впервые в Уголовно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан вопросам доказывания посвящена отдельная глава. Глава десятая кодекса называется «Доказывание» и охватывает статьи кодекса85-90. В данной главе урегулированы предмет и пределы доказывания, элементы процесса доказыания, в том числе собирание, проверка и оценка доказательств, основание признания доказательств недопустимыми, преюдиция и другие стороны института доказывания. Авторами предложено дополнить десятую главу следующей формулировкой понятия доказывания: «Доказывание - это процессуальная деятельность государственных должностных лиц – дознавателя, следователя, прокурора, судьи и суда, направленная на собирание, проверку и оценку доказательств, а также установление иных важных обстоятельств, значимых для правильного решения уголовного дела». Они также отмечают, что согласно Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан собирание доказательств производится в процессе дознания, предварительного следствия и судебного разбирательства.

**Ключевые слова:** уголовный процесс; доказывание; доказательство; стадии уголовного процесса; собирание доказательств; проверка доказательств; оценка доказательств; предмет и пределы доказывания.

**PROOF AND ITS FEATURES IN VARIENS STAGES OF CRIMINAL PROCEEDINGS**

In the article the authors on the bases of analysis criminal – proccedural, extensive use of legal literatural and law enforcement practice consider the feature of the insleture and indindual aspect of the proving in various stages of criminal proceedengs.Formulated a number of scientilic justified proposals for the further improvement of current criminal procedural lelar it was noted that the problem of proving in the cjde of the criminal- procceding devated for the first tine.Chapyer 10 is named «Proving and cover the articles 85-90 of the Code.In the chapter regulating of the subject and bounds of proving, the elements of the process of proving,including collection,checking and evaluation of the evidence, the basis for recognizing evidence unaiceptable. The authors offered to add chapter 10 with following formulation notion of proof: «Proving- procedural activing of state auxheaauthorities – investegator, prosecutor, judes and the court and aims to collect, checr and the rvaluation of proof, and establishment of other important civcumstances, important for the correct salution of the criminal case «The also note that according to the criminal case». They also note that accjrding to the criminal procedure Code of Republic of Tajikistan the collection of evidence is carried out in the process of ingiry, preliminary investigation and trial.

**Key word:** Legal procceding, evidence, legal procceding sfage collecting evidence, to check evidence, evaluation of evidence, subject and bounds of evidence.

**Сведения об авторе:** ***Ходжаева Н.Б.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 988-93-99-55**

**Information about the authors:** ***Khodjaeva N.B.*** - Tajik National University, senior Iecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutors Supervision of the Faculty of Law. **Address:** 734025, RepubIic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 988-93-99-55**

**УДК-342.2 (575,3)**

# ПРИНЦИПЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕСТНЫХ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АСПЕКТ

***Маджидзода С.Ш.***

**Институт философии, политологии и права им.А.Баховаддинова АН РТ**

Общеизвестно, что местная власть берет свое начало от государственной власти, источником которой в свою очередь является народ. Это конституционное закрепление, которое присуще большинству стран отражено и в Конституции Таджикистана. В статье 6 Конституции вышеназванная категория отражена следующим образом:

В Таджикистане народ является носителем суверенитета и единственным источником государственной власти, которую осуществляет непосредственно или через своих представителей.

Высшим непосредственным выражением власти народа являются всенародный референдум и выборы.

Народ Таджикистана составляют граждане Таджикистана, независимо от национальности.

Ни одно общественное объединение, политическая партия, группа людей или отдельная личность не вправе узурпировать государственную власть.

Узурпация власти или присвоение её полномочий запрещается.

Право выступать от имени всего народа Таджикистана принадлежит только Президенту, Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан на их совместном заседании.

По мнению Б.Х. Раззокова, государственная власть - категория, прежде всего, юридическая и прямо закреплена в конституционных нормах. Однако законодательство Таджикистана не содержит ее легального определения, она используется исходя из различного её восприятия. Преимущественное понимание государственной власти в Конституции

Таджикистана заключается в осмыслении ее как совокупности полномочий и правовых возможностей государства оказывать влияние на общественные отношения с целью их упорядочения и развития. Поэтому опора лишь на «силовую» трактовку последнего не охватывает всю палитру проявлений столь многогранного общественного явления. Несмотря на то, что конституционные нормы [например, ст. 14 Конституции Таджикистана] расширяют горизонты теоретико-правовых изысканий рассматриваемого понятия, в современных исследованиях внимание в основном сосредоточено на обосновании механизмов реализации и устройства государственной власти. Нам представляется, что государственная власть, сохраняя в своей основе силовую составляющую, с учетом уровня развития гражданского общества все более выступает средством мобилизации человеческого потенциала, консолидации социальных сил, регулирования общественных отношений, важнейшим фактором обеспечения порядка и процветания, реализуемых посредством механизмов управления [5,ст.19]. В любом случае, формируясь в качестве народной воли, опосредованно через представителей, государственная власть обретает свои конкретные формы проявления и реализовывается через представителей народа. Те в свою очередь формируют единицы власти на всей территории государства, которые более известны как местная государственная власть.

В Конституции Таджикистана определен конституционно-правовой статус местных органов государственной власти и самоуправления. В одноименной шестой главе Конституции эти уровни власти регулируются.

В статье 76 отражено, что местные органы государственной власти состоят из представительных и исполнительных органов, которые действуют в пределах своих компетенций. Они обеспечивают исполнение Конституции, законов, совместных постановлений Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, постановлений Маджлиси милли, постановлений Маджлиси намояндагон, актов Президента и Правительства Республики Таджикистан. В статье 77 определяется статус местного представительного органа. В частности, в данном статье закреплено, что местным представительным органом в областях, городах и районах является Маджлис народных депутатов, которым руководит председатель. Срок полномочий Маджлиса народных депутатов 5 лет.

Маджлис народных депутатов утверждает местный бюджет и отчет по его исполнению, определяет пути социально-экономического развития местности, местные налоги и платежи, в соответствии с законом, определяет способы управления и владения коммунальной собственностью, осуществляет другие полномочия, определяемые Конституцией и законами.

Из этих двух положений Конституции страны явствует, что местные органы государственной власти состоят из представительных и исполнительных органов. Согласно статье 78, местным исполнительным органом государственной власти руководит председатель области, города и района.

Представительную и исполнительную власть соответствующих административно-территориальных единиц возглавляет председатель.

Председателей Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов назначает и освобождает Президент, представляя их на утверждение соответствующих Маджлисов народных депутатов.

Председатель ответственен перед вышестоящим исполнительным органом и соответствующим Маджлисом народных депутатов.

Порядок образования, полномочия и деятельность местных органов государственной власти регулируются конституционным законом.

Органом самоуправления поселка и сел является Джамоат, порядок образования, полномочия и деятельность которого регулируются законом.

В статье 79 речь идет о местном нормотворчестве. В частности, закреплено, что представительные органы и председатель в пределах своей компетенции принимают правовые акты, обязательные для исполнения на соответствующих территориях.

В случае несоответствия Конституции и законам актов представительных органов и председателя, они отменяются вышестоящими органами, самими органами, председателем или судом.

В статье 80 мы видим конституционно-правовые основы реагирования центральной власти в лице Маджлиси милли на неисполнения требований Конституций и законов. В частности, отмечается, что в случае систематического неисполнения Маджлисом народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов требований Конституции и законов Маджлиси милли вправе распустить его.

В целом, Конституция Таджикистана в отдельной главе если не подробно, то достаточно четко определяет конституционно-правовой статус местных органов государственной власти и самоуправления.

В Конституционном законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти»,в статье 2 дается общее определение местных органов государственной власти.

– местные органы государственной власти - местные представительные органы государственной власти и местные исполнительные органы государственной власти действуют в рамках своих полномочий;

– местный представительный орган государственной власти - Маджлис народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района, который избирается избирателями Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района и в пределах своих полномочий решает вопросы местного значения;

– сессия Маджлиса народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района - основная форма деятельности местных представительных органов государственной власти, посредством которой осуществляются полномочия этих органов;

– местный исполнительный орган государственной власти – орган, который в пределах соответствующих административно-территориальных единиц обеспечивает исполнение Конституции, законов и других нормативных правовых актов Республики Таджикистан и соответствующих нормативных правовых актов местных органов государственной власти;

– председатель Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района орган, который осуществляет исполнительную власть в пределах соответствующих административно-территориальных единиц и руководит местным представительным органом государственной власти и местным исполнительным органом государственной власти;

– аппарат председателя Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района - вспомогательная структура, обеспечивающая деятельность председателя;

– структуры местных исполнительных органов государственной власти, подчинённые председателю Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района – структуры местных исполнительных органов, не входящих в структуру и схему управления центральных органов исполнительной власти, руководители которых непосредственно назначаются на должность или освобождаются от должности председателем Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района;

– местная структура центрального органа исполнительной власти - единица центральных органов исполнительной власти, которая в соответствующих административно-территориальных единицах в пределах своих полномочий выполняет функции центрального исполнительного органа;

–совещание при председателе Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района - совещательный орган по организации работы местного исполнительного органа государственной власти, созывается для рассмотрения соответствующих вопросов;

–функция - сфера ответственности местного представительного органа государственной власти и местного исполнительного органа государственной власти;

–возлагаемые полномочия - полномочия Правительства Республики Таджикистан, других центральных органов исполнительной власти, вышестоящих местных исполнительных органов государственной власти, которые в соответствии с нормативными правовыми актами Республики Таджикистан или на основе договора сторон возложены на соответствующие местные исполнительные органы государственной власти;

–совместные полномочия - полномочия, для выполнения которых Правительство Республики Таджикистан или другие центральные органы исполнительной власти, или местные исполнительные органы государственной власти, с одной стороны, и соответствующие местные исполнительные органы государственной власти, с другой стороны, несут совместную ответственность;

–исключительные полномочия - полномочия, которые в соответствии с законом возлагаются на местные представительные органы государственной власти и местные

исполнительные органы государственной власти, и только эти органы ответственны за их исполнение.

В статье 5 данного Конституционного закона непосредственно отражены принципы деятельности местных органов государственной власти. В частности, в данной статье закреплено, что деятельность местных органов государственной власти основывается на следующих принципах:

- законность и социальная справедливость;
- охрана прав и свобод человека и гражданина;
- соответствие местных и общегосударственных интересов;
- решение проблем на основе демократии и гласности, с учетом политического плюрализма;
- ответственность за результаты своей деятельности перед населением;
- волеизъявление населения через соответствующий Маджлис народных депутатов;
- самостоятельность местных органов государственной власти при решении вопросов своих полномочий;
- обязательность исполнения актов местных органов государственной власти, принятых в пределах своих полномочий;
- коллегиальность деятельности местных представительных органов государственной власти;
- единоначалие в деятельности местных исполнительных органов государственной власти (2). Здесь же отмечается, что местные органы государственной власти осуществляют свою деятельность путем создания благоприятных условий для осуществления гражданами своих конституционных прав в управлении государственными и общественными делами.

Следует подчеркнуть, что данные принципы, будучи неотъемлемой частью данного закона, призваны не только регулировать деятельность местных органов государственной власти, но и стать руководящей идеей деятельности этих органов.

Первый принцип, отраженный в указанной статье, а именно: законность и справедливость фактически отражают соответствующие статьи Конституции Таджикистана и вводят в ранг обязательства местной власти руководствоваться этими важнейшими категориями. Сохранение режима законности, и что более важно, социальной справедливости всегда было актуальным для любого общества, но с учетом современных реалий для Таджикистана эти категории являются вдвойне актуальными. Мы солидарны с О.К. Биктасовым, который пишет, что проблема обеспечения справедливости и **законности**, будучи всегда актуальной, приобретает в настоящее время особое значение. Переход к рыночной экономике сопровождается разрывом существовавших ранее связей во всех сферах жизни общества, политической, экономической и социальной нестабильностью, пересмотром ставшей для многих привычной системы ценностей. В этих условиях особенно необходим стабилизирующий фактор, и эту роль могут успешно выполнять правовые законы и **законность**, которые и должны стать основой государственной и общественной жизни, отвечать идеалам справедливости. Не случайно так много внимания уделяется вопросам теории правового государства и гражданского общества, созданию нового, отвечающего изменившимся условиям законодательства, обеспечению его строгого, неуклонного **исполнения**. Важное практическое значение имеет укрепление законности в деятельности государственного аппарата… [4,ст.3]. Безусловно, эффективная реализация данного принципа в деятельности местных органов государственной власти является важнейшим фактором обеспечения социальной стабильности на местах. Или же такой важнейший принцип как охрана прав и свобод человека и гражданина. Очевидно, что этот принцип, также является отражением духа статьи 5 Конституции Таджикистана, где закреплено, что человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Местные органы исполнительной власти должны руководствоваться этим принципом не только как нравственным ориентиром или же как рекомендацией. Как пишет В.В. Щебляков, правозащитная деятельность органов исполнительной власти рассматривается как свойство, внутренний атрибут государственной власти, как совокупность таких изменений взаимодействующих органов власти, которые направлены на сохранение, поддержание целостности и устойчивости правозащитных мер, осуществляемых органами исполнительной власти [6,ст.11]. Он же отмечет, что функциональной основой правозащитной деятельности данной системы является взаимодействие ее элементов, которое, в свою очередь, есть не что иное, как деятельность каждого из них в своем содержании воспроизводящим содержание всей правозащитной системы [6,ст.11]. Исходя из этого, следует подчеркнуть, что местные исполнительные органы государственной власти фактически осуществляют местную власть и

одной из важнейших составляющих их деятельности, без сомнения, должна быть, в том числе и правозащитная. Принцип соответствия местных и общегосударственных интересов, пожалуй, обозначает тот непреложный факт, что местные интересы должны всегда идти в фарватере общегосударственных интересов, никоим образом местные интересы не должны противопоставляться общегосударственным интересам, и наоборот, общегосударственные интересы не исключают существования местных интересов. Между этими двумя категориями должно быть всегда гармоничное существование.

Принцип решения проблем на основе демократии и гласности, с учетом политического плюрализма фактически означает доведение сущности местной политики до сведения избирателей и заинтересованных лиц и участия граждан в делах местного управления в целом. Мы согласны с точкой зрения Д.Ф. Абдуллоевой, которая пишет, что обеспечение свободного доступа граждан на сессии местных представительных органов государственной власти служило бы гарантией соблюдения принципов, указанных в Конституционном законе «О местных органах государственной власти», - открытость и гласность в деятельности Маджлисов народных депутатов. Также информацию о ходе проведения сессии, обсуждаемых на сессии проблемах и принятие решений по итогам заседания можно распространять для народа не только посредством средств массовой информации, но и по электронным сайтам, открываемым для каждого областного Маджлиса народных депутатов [3,ст.72]. Также к сказанному добавим, что в этих целях можно использовать и просторы социальных сетей, можно практиковать обсуждение проектов местных нормативных правовых актов в данной сфере. Конечно же, мнения и взгляды на ту или иную тематику у граждан могут быть разными и плюрализм вовсе не означает включение всех и вся. Необходим сам факт обеспечения доступа и гласность, и, соответственно, в конечном итоге будут учитываться те рекомендации, которые отражают наиболее реальные и эффективные пути решения вопросов местного значения.

Одним словом, принципы, как руководящие идеи для местных органов государственной власти, призваны стать ориентиром для их прогрессивной и демократической деятельности. Никоим образом они не должны рассматриваться как нравственные категории. Безусловно, наравне с нравственной нагрузкой они содержат в себя и нормативную правовую компоненту, т.е. они непременно должны быть применены на практике со стороны местных органов государственной власти, т.е. отношения к принципам должны быть как к нормам закона, при нарушении которых наступает обязательная ответственность конкретного субъекта.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Конституция Республики Таджикистан. -Душанбе, 2016. -83 с.
2. Конституционный закон «О местных органах государственной власти» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004 г., №5, ст. 339; 2006 г., №11, ст. 472; 2009 г., №12, ст. 814; 2010 г., №12, ч. 1, ст. 800; 2010 г., №3, ст. 179, №7, ст. 500; Закон РТ от 30.05.2017 г., №1411).
3. Абдуллоева Д.Ф. Сессионная форма деятельности местных представительных органов государственной власти (Маджлисов народных депутатов) областей в Таджикистане / Д.Ф. Абдуллоева // Matters of Russian and International Law. - 2016. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://publishing-vak.ru/file/archive-law-2016-12/6-abdulloeva.pdf (дата обращения: 23.12 2018).
4. Биктасов, О.К. Справедливость и законность в деятельности органов внутренних дел (теоретические проблемы): автореф. дисс. на соиск. уч. степ.к.ю.н. по специальности 12.00.01 / О.К. Биктасов. -Санкт-Петербург, 1994.
5. Раззоков Б.Х. Природа государственного управления Таджикистана: в поиске новой парадигмы / Б.Х. Раззоков // Правоведение. -Душанбе, 2011. –С.87-95.
6. Щебляков, В.В. Деятельность органов исполнительной власти по соблюдению и защите прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. специальность 12.00.02 / В.В. Щебляков. -М., 2001.


## ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚӢ


Дар мақолаи мазкур принсипҳои фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мақомоти маҳаллӣ, ҳамчун ниҳодҳои муҳимми амаликунандаи ҳокимият дар маҳал, дар навбати худ, ба ду шоха - намояндагӣ ва иҷроия тақсим мешаванд ва дар фаъолияти худ принсипҳои муайянро ба роҳбарӣ мегиранд. Принсипи ҳалли масъалаҳо дар асоси демократия ва ошкорбаёнӣ бо назардошти гуногунандешии сиёсӣ маънои онро дорад, ки моҳияти сиёсати маҳаллӣ ба самъи интихобкунандагон, шахсони манфиатдор расонида мешавад ва иштироки шаҳрвандонро дар корҳои идораи маҳаллӣ дар маҷмӯъ боло мебарад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалан ҳокимияти маҳаллиро татбиқ намуда, яке аз принсипи фаъолияти онҳо ҳимояи ҳуқуқ низ ҳаст. Принсипи мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ, маънои онро дорад, ки манфиатҳои маҳаллӣ ҳама вақт бояд дар меҳвари манфиатҳои умумидавлатӣ чарх зананд, ягон вақт манфиатҳои маҳаллӣ набояд ба манфиатҳои умумимиллӣ зид гузошта шаванд ва баръакс, мавҷудияти манфиатҳои умумидавлатӣ мавҷудияти манфиатҳои маҳаллиро истисно намекунанд. Қайд карда мешавад, ки принсипҳо ҳамчун ғояи

роҳбарикунанда ва фаъолияти демократӣ барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нақши тамоюлиро доро мебошанд. Принсипҳое, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мустаҳкам гардидаанд, ҳамчун қисми таркибии қонуни мазкур на танҳо танзимкунандаи фаъолият, балки ҳамчун ғояи роҳбарикунанда бояд баромад кунанд.

**Калидвожаҳо:** ҳокимияти маҳаллӣ, мақомот, принсипҳо, давлат, ҳуқуқ, қонун, фаъолият.

**ПРИНЦИПЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕСТНЫХ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АСПЕКТ**

В данной статье рассматриваются принципы деятельности местных органов государственной власти в Таджикистане. Являясь важнейшими субъектами осуществления власти на местах, местные органы государственные власти, в свою очередь, разделяются на представительные и исполнительные. Принцип решения проблем на основе демократии и гласности, с учетом политического плюрализма фактически означает доведения сущности местной политики до сведения избирателей и заинтересованных лиц и участия граждан в делах местного управления в целом. Местные исполнительные органы государственной власти фактически осуществляют местную власть и одной из важнейших составляющих их деятельности, без сомнения, должна быть, в том числе и правозащитная. Принцип соответствия местных и общегосударственных интересов, пожалуй, обозначает тот непреложный факт, что местные интересы должны всегда идти в фарватере общегосударственных интересов, никоим образом местные интересы не должны противопоставляться общегосударственным интересам, и наоборот, общегосударственные интересы не исключают существования местных интересов. Отмечается, что принципы, как руководящие идеи для местных органов государственной власти, призваны стать ориентиром для их прогрессивной и демократической деятельности. Принципы, отраженные в Конституционном законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти», будучи неотъемлемой частью данного закона, призваны не только регулировать деятельность местных органов государственной власти, но и стать руководящей идеей в деятельности этих органов.

**Ключевые слова:** местная власть, органы, принципы, государство, право, закон, деятельность.

**PRINCIPLES OF ACTIVITY OF LOCAL GOVERNMENT BODIES IN TAJIKISTAN: THEORETICAL AND LEGAL ASPECTS**

This article discusses the principles of local government in Tajikistan. Being the most important subjects of local power are local authorities, which in turn are divided into representative and executive. The principle of solving problems on the basis of democracy and publicity, taking into account political pluralism, in fact means bringing the essence of local politics to the notice of voters and interested parties and citizen participation in the affairs of local government as a whole. Local executive bodies of state power are actually exercising local power, and one of the most important components of their activities should be, including human rights protection. The principle of consistency between local and national interests, perhaps, means that it is an indisputable fact that local interests should always be in the wake of national interests, local interests should not be opposed to national interests and, conversely, national interests do not exclude the existence of local interests. It is noted that the principles as guiding ideas for local government bodies are designed to become a guide for their progressive and democratic activities. The principles reflected in the Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On Local Government Bodies” being, being an integral part of this law, are intended not only to regulate the activities of local government bodies, but also to become the guiding idea in the activities of these bodies.

**Key words:** local government, organs, principles, state, law, law, activity.

**Сведения об авторе:** ***Маджидзода Саидумар Шамсудин*** - Институт философии, политологии и права им.А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, соискатель, юрист аппарата председателя района Фирдоуси города Душанбе. **Адрес:** 734018, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева, 40. Телефон: **933-90-98-54.** E-mail: **mssh6773@mail.ru**

**Information about the author:** ***Majidzoda Saidumar Shamsudin*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law im.A. Bakhovaddinova of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, applicant, lawyer of the office of the chairman of the Firdousidistrict of Dushanbe. **Address**: 734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 40 N. Karabaev Street. Phone: **933-90-98-54**. E-mail: **mssh6773@mail.ru**

**УДК: 347.1 (581)**

# МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ХУШУНАТИ ХОНАВОДАГӢ ДАР КОДЕКСИ ҶАЗОИИ ҶАДИДИ АФҒОНИСТОН

***Муҳаммад Ориф Ҳофиз***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Кодекси ҷазоии Афғонистон тайи фармони 256 муваррихи 14.12.1395 ҳ. ш. нофиз гардида ва дар ҷаридаи расмӣ 1260 муваррихи 25. 02. 1396 ҳ. ш. аз тарафи Вазорати адлияи Афғонистон ба нашр расидааст. Ин қонун то кунун ба тасвиби Шӯрои миллӣ нарасида ва мебоист, ки тибқи ҳукми моддаи 79 ва банди 1 моддаи 90 Қонуни асосӣ, қонуни мазкур ҷиҳати тасвиб ба Шӯрои миллӣ ирсол мегардид. Кодекси ҷазоии Афғонистон аъмолеро, ки қонунгузор ҷурм талаққӣ намудааст, ҷурмангорӣ ва барои онҳо муҷозот таъйин намудааст. Ин қонун дар ду китоб, 15 боб ва ҳар боб дорои фусул мебошад ва дар 916 модда тадвин гардидааст. Кодекси ҷазоии ҷадид ҳар ҷурмро таъриф ва муҷозоти онро мушаххас намудааст.

Мутаассифона, қазоёи хушунати хонаводагӣ нисбати мудохилоти сиёсӣ ва эътирозоти ҷомеаи маданӣ аз Кодекси ҷазоии Афғонистон канор гузошта шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар аввалин мусаввадаи ин қонун мавзӯи хушунатҳои хонаводагӣ дарҷ гардида буд. Ин мавзӯъ яке аз халоҳои бузурги ин қонун мебошад. Ба ҳамин манзур Қонуни манъи хушунат ба ҳолати худ камо фи алсобиқ нофиз боқӣ мондааст ва маҳоким ва додситониҳо дар қазоёи хушунати хонаводагӣ тибқи ҳукми Қонуни манъи хушунат рафтор мекунанд. Дар сурате, ки ҳукме дар қонуни мазкур сароҳат надошта бошад, ба Кодекси ҷазо муроҷиат сурат мегирад.

Дар ин бахш баъзе маводеро, ки Кодекси ҷазоии ҷадиди Афғонистон дар мавриди ҷароим тасреҳ намудааст, ки ба наҳве ба қазоёи хушунат иртибот мегирад, тазаккур медиҳем:

Моддаи 16 Кодекси ҷазо соҳаи татбиқи қонун аз ҳайси макон, замон ва ашхосро таъйин намудааст. Моддаи мазкур чунин сароҳат дорад: «Аҳкоми ин қонун бар ҳар табааи Афғонистон, шахси бидуни тобеият ё ҳар табааи хориҷие, ки дар қаламрави кишвар муртакиби ҷурм шавад, татбиқ мегардад». Табъан, қазоёи хушунатҳои хонаводагӣ низ аз ин ҳукм берун буда наметавонанд ва аз лиҳоз макон, замон ва ашхоси ин ҳукм болои қазоёи хушунати хонаводагӣ низ қобили татбиқ мебошад.

Ҳамчунин, боби ҳафтуми Кодекси ҷазоии ҷадид, ҷароими марбута ба ҳаёт, тамомияти ҷисмӣ ва маънавии ашхосро мавриди баррасӣ қарор додааст. Фасл аввали боби мазкур қатли амд ва муҷозоти онро пешбинӣ намудааст. Ба таври мисол, моддаи 546 Кодекси ҷазо чунин сароҳат дорад: «1) қатли амд иборат аст аз байн бурдани ҳаёти шахси зиндаи дигар бо доштани қасди қатл. 2) Ҳар гоҳ дар қатли амд, қасд ба яке аз асбоби маската ё адами такмили шароит, соқит ё мутаъзар шавад, муртакиби ҳасби аҳвол мутобиқ ба аҳкоми ин фасл муҷозот мегардад».

Моддаи 547 Кодекси ҷазо тасреҳ медорад: «Муртакиби қатли амд дар яке аз ҳолоти зайл ба эъдом ё ҳабси давоми дараҷаи 1 маҳкум мегардад: 1- дар ҳолате, ки қатл бо барномарезии қаблӣ ва тарассуд ҳамроҳ бошад». Ин ҳукм низ болои қазоёи хушунати хонаводагие, ки мунҷар ба қатли амд бошад, қобили татбиқ аст.

Фасли дувуми боби ҳафтуми қазоё зарбу ҷарҳи мунҷар ба марг ва муҷозоти онро баён намудааст. Моддаи 551 Кодекси ҷазо чунин сароҳат дорад: «Шахсе, ки бидуни доштани қасди қатл алайҳи шахси дигаре бо ворид намудани зарб, ҷарҳ ё додани маводи музира ва ё бо иртикоби ҳар навъ амали мухолифи қонун амдан таҷовуз намояд, ба наҳве ки феъли ӯ мунҷар ба марги муҷниилайҳ гардад, муртакиби зарб ё ҷарҳ мунҷар ба марг шинохта шуда, мутобиқи аҳкоми ин фасл муҷозот мегардад». Дар моддаи 552 тасреҳ медорад: «Муртакиби ҷурми зарб ва ё ҷарҳи мунҷар ба марг ба ҳабси тавил маҳкум мегардад». Ҳабси тавил ба мисдоқи Кодекси ҷазоии Афғонистон аз 5 то 15 сол мебошад.

Фасли севуми боби ҳафтуми қонуни мазкур қатли хато ва муҷозоти онро пешбинӣ намудааст. Моддаи 554 Кодекси ҷазо дар ин маврид тасреҳ менамояд: «Шахсе, ки ба асари хатои ношӣ аз эҳмол, ғафлат, беэҳтиётӣ, бепарвоӣ ё адами муроотӣ қонун, муқаррарот ё авомир, дигареро ба қатл бирасонад ё бидуни амд сабаби қатл гардад, муртакиби қатли хато шуда, мутобиқ ба аҳкоми ин фасл муҷозот мегардад».

Он чи ки бештар ба қазоёи хушунатҳои хонаводагӣ иртибот мегирад, аҳкоми фасли панҷум дар мавриди исқоти ҷанин ва муҷозоти он ва боби ҳаштум мебошад. Моддаи 569 Кодекси ҷазо тасреҳ намудааст: «Шахсе, ки амдан ҷанини зани ҳомиларо аз байн бибарад, ё онро қабл аз мавъиди табиии таваллуд берун оварад, муртакиби ҷурми исқоти ҷанин мегардад». Ҳамчунон, моддаи 579 Кодекси ҷазо сароҳат дорад, ки «шахсе, ки амдан ҷанини зани ҳомиларо аз тариқи зарб ё ҳар хел азияти дигар исқот намояд, ба ҳабси тавил то ҳафт сол маҳкум мегардад».

Баъзан қазоёе воқеъ мегардад, ки аз тариқи хушунатҳои хонаводагӣ ҷанини хонум ё зани бордор сақат мегардад, дар чунин ҳолат, агар ҳукме дар Қонуни манъи хушунат ёфт нашавад, ба аҳкоми Кодекси ҷазо муроҷиат мегардад. Инчунин, дар фасли шашуми боби ҳафтуми Кодекси ҷазо аҳкоми зарб ва ҷарҳ ва муҷозоти он пешбинӣ гардидааст.

Дар фасли шашуми боби ҳаштуми Кодекси ҷазо аҳкоми озору азияти зан ва тифл дарҷ гардидаанд. Моддаи 668 Кодекси ҷазо дар ин маврид чунин ҳукм мекунад: «Шахсе, ки ба василаи гуфтор, ҳаракот, навишта, ё хостаҳои номашрӯъ муҷиби садама ба шахсият ва каромати зан ё тифл ё сабаби тарс ва ноамнӣ ё фишорҳои равонӣ ё коҳиши мушорикати иҷтимоии зан ё тифл гардад, муртакиби ҷурми озор ва азияти зан ва тифл шинохта шуда, мутобиқи аҳкоми ин фасл муҷозот мегардад».

Ин модда бо вуҷуди ҷурмангории озор ва азияти зан (аам аз аъзои хонавода ё зани бегона), ба анвои хушунат ишора намудааст. Хушунат метавонад ба василаи навиштор,

гуфтор, ҳаракот ва ғайра воқеъ гардад. Тақсимбандии ин ҳукм дарбаргирандаи хушунатҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад.

Иловатан ба Қонуни иҷрооти ҷазоӣ ишораи мухтасар мекунем. Қонуни иҷрооти ҷазоӣ ҷаридаи расмии 1132 мунташираи мувваррихи 15.02.1393, ки ба дохил 4 боб, 48 фасл ва 382 модда аз тарафи парлумон тасвиб ва баъд аз тавшеҳи раиси ҷумҳур нофиз гардидааст, наҳваи расидагӣ ба ҷароимро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Усул ва қавоиди қонуни мазкур ҳоким бар иҷроот ва расидагии омми қазоёи ҷиноӣ аз оғози кашфи ҷурм, гирифтории муҷримин, расидагӣ дар марҳалаи таҳқиқ, иттиҳомнома, сурати даъвии иқомаи даъвӣ ва тариқи расидагии қазоӣ дар маҳокими марбута ва билохира ило таҷдиди назархоҳӣ ва танфизи ҳукмро мавриди расидагӣ қарор медиҳад.

Дар қонуни мазкур ҳукми хосе мабнӣ бар расидагии қазоёи хушунати хонаводагӣ ба назар намерасад. Бар асоси мусоҳибаҳое, ки бо қузот ва додситонҳо сурат гирифтааст, қузот ва додситонҳо қавоиди омми Қонуни иҷрооти ҷазоиро дар қазоёи хушунати хонаводагӣ татбиқ мекунанд. Ин дар ҳолест, ки Қонуни манъи хушунат алайҳи занон аз лиҳози шаклӣ ва матнӣ қазоёи хушунатро мавриди расидагӣ қарор медиҳад. Яъне, дорои аҳкоми шаклӣ ва моҳуӣ мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Берг Л.В. Основные начала мусульманского права / Л.В. Берг. -СПб., 1882.
2. Елаян Г.Ф. Основы мусульманского уголовного права / Г.Ф. Елаян. –Махачкала, 2002.
3. Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила // Маводи мизи мудаввар. -Душанбе, 2013.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии Қонунгузории назди Президенти ҶТ / Низоми дохилшавӣ: [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj.
5. Колпакова Л.А. Насилие в семье (виктимологический аспект, вопросы диференциации ответственности и законодательной техники) / Л.А. Колпакова. -М.: Изд-во ООО “Юрлитинформ”, 2009.
6. Отабоева Л.О. Охрана личных прав и свобод женщин в семейно-бытовой сфере: уголовно-правовой и криминологический аспект (по матириалам Республики Таджикистан). автореф. на соис. ... к.ю.н. / Л.О. Отабоева. -М., 2008.
7. Тартаковский А.Д. Преступления в сфере семейно-бытовых отношений и борьба с ними / А.Д. Тартаковский, Н.А. Абдуллаев. -Душанбе: Дониш, 1989.
8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Т.Ш. Шарипов, Ғ.С. Сатторов, Г.М. Юлдошева [ва дигарон.]. -Душанбе, 2011.


## МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ХУШУНАТИ ХОНАВОДАГӢ ДАР КОДЕКСИ ҶАЗОИИ ҶАДИДИ АФҒОНИСТОН


Мақолаи мазкур ба масоили танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои хушунати хонаводагӣ дар Кодекси ҷазоии ҷадиди Афғонистон бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои хушунати хонаводагӣ дар Кодекси ҷиноятии Афғонистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** танзим, ҷиноят, хушунати хонаводагӣ, кирдори ба ҷамъият хавфнок, оқибати ба ҷамъият хавфнок, ҷавобгарии ҷиноятӣ.


## ПРОБЛЕМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА НАСИЛИЕ В СЕМЬЕ ПО УГОЛОВНОМУ КОДЕКСУ АФГАНИСТАНА


Данная статья посвящена проблемам регулирования уголовной ответственности за насилие в семье по уголовному кодексу Афганистана . На основе изучения научной литературы и действующего уголовного законодательства Исламской Республики Афганистан освещаются проблемы регулирования уголовной ответственности за насилие в семье по уголовному кодексу Афганистана.



**Ключевые слова:** регулирование, преступление, насилие в семье, общественно опасное деяние, общественно опасное последствие, уголовная ответственность.


## PROBLEMS OF REGULATION OF CRIMINAL LIABILITY FOR DOMESTIC VIOLENCE UNDER THE CRIMINAL CODE OF AFGHANISTAN


This article is devoted to the problems of regulating criminal liability for domestic violence under the criminal code of Afghanistan. Based on the study of scientific literature and the current criminal law of the Islamic Republic of Afghanistan, the problems of regulating criminal responsibility for domestic violence under the Afghan criminal code are covered.



**Key words:** regulation, crime, domestic violence, socially dangerous act, socially dangerous consequence, criminal liability.Сведения об авторе:



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Ориф Хофиз*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Muhammad Orif Hofiz*** - Tajik National University, PhD of the Department of Criminal Law and the fight against corruption of the law faculty of Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 342: 379.85 (575.3)

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ САЙЁҲӢ БАЪД АЗ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ

*Санигинов Д.Ш., Имонзода Ҳ.Г.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соли 1999-ро давраи дуюми рушди қонунгузории соҳаи сайёҳӣ меноманд, ки ба он нишонаҳои комплексӣ вобастагӣ доранд, зеро ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ умуман хусусияти хусусӣ-оммавӣ хос аст. Ин ба амиқтар ворид гардидани асосҳои оммавият ба танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ вобаста аст. Маҳз ягонагии манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ мебошад, ки имрӯз муайянкунандаи хусусияти он маҳсуб меёбад [1,12]. Аммо, дар ин давра нақши маҳз асоси хусусию ҳуқуқӣ дар танзими фаъолияти сайёҳӣ пурзӯр мегардад.

Дар ин давра Тоҷикистон қонунгузории махсусро дар соҳаи сайёҳӣ қабул намуда, бо роҳҳои бисёре аз давлатҳои хориҷӣ, ки дорои қонунгузории дохилӣ (миллӣ) оид ба сайёҳӣ мебошанд, рафта истодааст.

Аломатҳои хосси давраи мазкур инҳо мебошанд:

- фавран таъсис додани заминаи маҷмуии асосҳои нави меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба қабул намудани қисми якум (30.06.1999с.)[2], дуюм (11.12.1999с.)[3] ва сеюми (01.03.2005с.)[4] КГ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» вобаста аст, ки унсурҳои ҳам хусусию ҳуқуқӣ (м. 1,11,13 ва диг.), ҳам оммавию ҳуқуқиро (м. 3,4,5,7 ва диг.) дар бар мегирад. Дар ин қонун аз ҷониби қонунгузор бори нахуст мафҳумҳои сайёҳӣ, сайёҳ, маҳсулоти сайёҳӣ ва ғайра пешниҳод шудаанд.

Дар ин давра қонунгузорӣ оид ба сертификаткунонии хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ рушд ёфта, санадҳои меъёрию ҳуқуқии кӯҳна оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бекор карда шуда, санадҳои нав оиди ин қабул гардидаанд (09.12.2004 с). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии инкишофи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2004-2009»-ро тасдиқ мекунад (29.12.2003 с.), қарор «Оид ба масъалаҳои дастгирии давлатии инкишофи сайёҳии экологӣ, сайёҳии кӯҳию варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст (4.03.2005 с.);

- афзалияти Қонун нисбати дигар санадҳои ҳуқуқӣ, инчунин эътирофи зарурии мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар дигар қонунҳои дарҷ гардидаанд, ба меъёрҳои КГ ҶТ (б.1м.2 КГ ҶТ);

- пайдоиши тамоюл ба якхелкунии қонунгузории граждании Тоҷикистон бо мақсади мувофиқати он ба талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ, ки фаъолияти сайёҳиро ба танзим медароранд.

Дар ин давраи инкишофи қонунгузории сайёҳӣ дар ҶТ, Ҳукумати ҶТ Консепсияи рушди сайёҳӣ дар ҶТ дар солҳои 2009-2019[5] ва Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар ҶТ дар солҳои 2010-2014-ро қабул намудааст[6].

Асоси ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар ҶТ дар сатҳи миллӣ ба муқаррароти дахлдори Конститутсияи ҶТ асос меёбад: Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (м.1 Конститутсияи ҶТ). Мутобиқи Конститутсияи ҶТ ба ҳар кас ҳуқуқи истироҳат кафолат дода шудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст (м.37). Кафолати ҳуқуқии амалигардонии фаъолияти сайёҳӣ дар моддаи 12 Конститутсияи ҶТ дарҷ гардидааст, ки тибқи он «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад». Ҳамин тавр, ба ҳар як шахс ҳуқуқ ба истифодаи озоди имкониятҳо ва молу мулки худ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии бо қонун манънагардида кафолат дода мешавад. Муқаррароти конститутсионии мазкур асоси ибтидоии ҳуқуқиро барои амалигардонии фаъолияти сайёҳӣ чун намуди фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад.

Сарчашмаи дигари қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ Кодекси граждании ҶТ мебошад. Дар он, аз ҷумла мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ (қ.3 м.1), соҳибкори инфиродӣ бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ (м.24), шахси ҳуқуқӣ (м.48), ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо (м.50) дода шудааст. Хизматрасониҳо дар КГ ҶТ чун яке аз объектҳои ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ мегарданд (м. 140). Дар КГ ҶТ муқаррароти умумӣ оид ба шартнома (м.452-487) таҳия гардидааст, низоми меъёрҳои

муқаррароти умумӣ оид ба ухдадориҳо дода шудааст (м.328-451). Дар фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ ҷойи муҳимро муносибатҳои шартномавӣ ишғол менамоянд, ки асоси онҳо низ дар қонунгузории гражданӣ дарҷ гардидааст (м.452-487 КГ ҶТ). Умуман, КГ ҶТ барои азнавкунӣ ва такмили қонунгузории Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар соҳаи соҳибкорӣ, чун асоси муносибатҳои бозаргонӣ, аз ҷумла ба фаъолияти соҳибкории субъектони сайёҳӣ такон дод. Вобаста ба соҳаи фаъолияти сайёҳӣ ҷойи махсусро шартномаи хизматрасонии пулакӣ ишғол менамояд. Дар КГ ҶТ аз ҷумла нишон дода шудааст, ки «Мавзӯи шартнома аз хизматрасонии алоқа, тиббӣ, байторӣ (ветеринарӣ), аудиторӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ, туристӣ ва ғайра иборат аст» (м. 798).

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» истилоҳи «маҳсулоти сайёҳӣ» дода шудааст. Дар моддаи 2 қонуни зикргардида «маҳсулоти сайёҳӣ» чунин муайян карда шудааст: «Маҳсулоти туристӣ – маҷмӯи хизматрасониҳои туристӣ, ки бо назардошти вазъи бозори туристӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботи турист дар асоси шартнома дастрас мебошанд». Дар ҳамин ҷо мафҳуми саёҳат дода шудааст: «Саёҳат (тур) - сафари туристӣ бо хатсайрҳои муайян дар муҳлатҳои муайян бо таъмини маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба ҷобаҷокунӣ, ҳамлу нақл, озуқа, хизматрасониҳои экскурсионӣ, инчунин хизмати роҳбаладону тарҷумонҳо ва дигар хизматрасониҳо, ки вобаста ба мақсади саёҳат дар мавриди таъмини кафолати амнияти онҳо, ҳимоя ва ҳифзи тандурустии туристон пешниҳод карда мешаванд». Фарҳанги истилоҳотҳои сайёҳӣ мафҳумҳои зеринро чунин муайян намудааст: маҳсулоти сайёҳӣ – ин маҷмӯи арзишҳои ашёӣ (ашёҳои истеъмолӣ), ғайриашёии истеъмолӣ барои қонеъ намудани талаботи сайёҳон мебошад, ки дар давраи саёҳати ӯ пайдо шудааст [7,8].

Дар Дастури Шӯрои Ҷомеаи иқтисодии Аврупо аз 13 июни 1990 с. №90/314/ЕЕС «Дар бораи саёҳатҳо, рухсатиҳо ва саёҳатҳо, ки ҳамаашро дар бар мегирад», дар зери мафҳуми маҳсулоти сайёҳӣ (саёҳат, хизматрасониҳоеро, ки ҳамаашро дар бар мегирад), қаблан якҷоякунии пешбинишудаи на кам аз ду унсури дар поён зикргардида, ки барои фурӯш бо нархи ҷаҳонӣ пешниҳод мешавад, фаҳмида мешавад, агар давраи хизматрасонӣ аз 24 соат зиёд шавад, ё шабро дар бар гирад:

- хизматрасонии сайёҳӣ;
- хизматрасонии истиқомат;
- дигар хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ, ки ба нақлиёт ё ба истиқомат дохил намешаванд, ки қисми муҳимми «хизматрасонӣ, ки ҳамаашро дар бар мегирад»-ро ташкил медиҳад. Мафҳуми мазкур дар як вақт мафҳуми «сайёҳӣ», «сайёҳ»-ро дар бар мегирад, ки дар санадҳои байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки маҳсулоти сайёҳӣ ҳуқуқ ба хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Ин мафҳум ба мантиқ мувофиқ набуд ва ба мафҳумҳои маъмули қаблӣ низ ягон мувофиқат намекард.

Албатта, маҳсулоти сайёҳӣ наметавонад танҳо ҳуқуқ ба саёҳат бошад, ин қисми ками муносибатҳо аз бастаи мураккаби ташкилшуда мебошад. Дар зери маҳсулоти сайёҳӣ маҷмӯи бонизоми мақсадноки хизматрасонӣ, кор ва моли сайёҳиро фаҳмидан лозим аст, ки на кам аз ду ё зиёда хизматрасонии якдафъаина ё бисёри сайёҳӣ иборат мебошад [8,15]. Маҳсулоти сайёҳӣ зиёда 24 соат амал мекунад ва дар худ вақти шабона (ҷойгиркунӣ) ва хизматрасонии ҷойивазкуниро (кашонданро) дар бар мегирад. Маҳсулоти сайёҳӣ бо нархи умумӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳама хизматрасониҳо ва ҳама хароҷотҳоро дар бар мегирад, хосияти истеъмолии он бошад, ба шартҳои шартнома мувофиқат мекунад. Хизматрасонии сайёҳӣ маҷмӯи амалҳои мақсаднок дар соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки ба таъминкунӣ ва қонеъгардонии талаботи сайёҳ ё экскурсант равона аст, ки ба мақсади сайёҳӣ ҷавобгӯ аст. Ба таркиби хизматрасонии сайёҳӣ дохил мешавад: бандкунии хизматрасонӣ, бо кашондан ва ҷойгиркунӣ, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои иҷозатӣ, кашондан, вохӯрӣ, интиқол, ҷойгиркунӣ, озуқа, экскурсия, аттраксияҳо, ҳамроҳикунии тиббӣ, суғуртаи хизматрасонии роҳбаладон-тарҷумонҳо ва ғ. Ба категорияи корҳо ҳама намудҳои корҳои корхонаи саноати сайёҳӣ ва соҳаҳои омехтаро ворид мекунанд: соҳаи бонкӣ, молиявӣ, низоми алоқа, кирои автомашина, низоми муҳофизатӣ ва ғ. Молҳои сайёҳӣ – ашёҳои моддии истеъмолӣ, маҳсулоти армуғонӣ ва дигари молҳоро дар бар мегиранд, ки бевосита ё бавосита ба сайёҳ дар ҷараёни истеъмоли хизматрасонии сайёҳӣ зарур мебошанд.

Ҳамин тавр, робитаи мутақобилаи ин се таркиби маҳсулоти сайёҳӣ – хизматрасонӣ, кор ва моли сайёҳӣ, аз мақсади сайёҳӣ ва сатҳи омодагӣ ва сарватмандии ташкилкунандагон вобаста аст. Маҳсулоти сайёҳӣ асоси саёҳатро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти сайёҳӣ аз хизматрасонии сайёҳӣ бо он фарқ мекунад, ки агар хизматрасонии сайёҳӣ танҳо дар якҷоягӣ бо истеҳсоли он харидорӣ ё истеъмол карда

шавад, пас маҳсулоти сайёҳӣ метавонад дар макони истиқомат истеъмол гардад, лекин танҳо дар ҷойи истеҳсоли хизматрасонии сайёҳӣ истеъмол гардидааст [9,с.105].

Пеш аз ҳама, мафҳуми маҳсулоти сайёҳӣ аз муқаррароте бармеояд, ки на оператори сайёҳӣ ва на агентони сайёҳӣ бевосита иҷро намекарданд, балки дар байни сайёҳон ва воқеан иҷрокунандагони хизматрасонӣ чун миёнарав баромад мекунанд. Аммо дар он вақт аз иштирокчиёни фаъолияти сайёҳӣ - намояндагони ҳамлу нақл, саноати меҳмоннавозӣ, озуқа ва ғайра хориҷ мешаванд. Ба ғайр аз ин, аз муқаррароти қонуни фурӯши «ҳуқуқ ба саёҳат» уҳдадорӣ ва ҷавобгарии фурӯшанда барои иҷроиши он барнамеояд. Баъзе аз олимон, аз ҷумла М.Б. Биржаков, ҷудо намудани ду моҳияти чунин мафҳумро пешниҳод мекунанд, ба монанди «маҳсулоти сайёҳӣ», иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ. Инак, нуқтаи назари мазкур дар қонуни намунавӣ барои давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ «Дар бораи фаъолияти сайёҳӣ» ифода ёфтааст. Дар зери мафҳуми табиати иқтисодии маҳсулоти сайёҳӣ маҷмӯи бонизом ва ба ҳам пайвастаи хизматрасонӣ, кор ва молҳои сайёҳӣ фаҳмида мешавад. Он вақт маҳсулоти сайёҳиро мумкин аст ба минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ тасниф кунем. Дар зери мафҳуми табиати ҳуқуқии маҳсулоти сайёҳӣ ҳуқуқи сайёҳ ба дар оянда гирифтани хизматрасонии сайёҳии алоҳида ё маҷмӯӣ дар назар дошта мешавад.

Баъзан вақт мафҳуми маҳсулоти сайёҳиро бо мафҳуми «бастаи сайёҳӣ» якҷоя мекунанд – маҷмӯи асосии хизматрасониҳо, ки дар саёҳат аз рӯйи нақшаи инфиродӣ, гурӯҳӣ расонида мешавад, ки хусусияти якранг дорад, ба фурӯши васеъ пешниҳод мегардад. Бастаи сайёҳӣ чор унсури ҳатмиро дар бар мегирад: маркази сайёҳӣ, нақлиёт, хизматрасонии ҷойгиркунӣ, гузаронидан [10,с.501].

Танзими ҳуқуқии соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо меъёрҳои хеле зиёди шумораи қонунҳо амалӣ карда мншавад. Дар миёни қонунҳои асосии ҶТ, ки фаъолияти сайёҳиро ба танзим медароранд, аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар ҶТ»[11], «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»[12], «Дар бораи литсензиякунонии намудҳои алоҳидаи фаъолият»[13], «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти монополӣ ба бозори молӣ»[14], «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»[15] ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Бо дарназардошти он ки қонунҳои дар боло зикргардидаи ҶТ стандартҳои байналмилалиро дар соҳаи сайёҳӣ ба инобат нагирифтаанд, қонунгузори ҶТ оид ба таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» қарор қабул намуд. Бо санади меъёрию ҳуқуқии мазкур принсипҳои сиёсати давлатӣ муайян карда шудаанд, ки ба муқарраркунии асосҳои ҳуқуқии бозори ягонаи хизматрасониҳои сайёҳӣ дар ҶТ равона шудааст. Он муносибатҳоеро танзим менамояд, ки дар вақти амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба истироҳат, озодии ҷойивазкунӣ ва дигар ҳуқуқҳо дар вақти саёҳат намудан пайдо мешаванд, инчунин тартиби истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳии ҶТ муайян карда шудааст. Ин санад бори аввал фаъолияти сайёҳиро дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намудааст.

Дар ин самт дар баробари санадҳои қонунгузории дар боло зикргардидаи ҶТ, инчунин амрҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, инчунин санадҳои идоравӣ қабул мегарданд. Чунин ҳуҷҷатҳо хеле зиёданд, онҳо масъалаҳои алоҳидаи соҳаи сайёҳиро ба танзим медароранд.

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 майи соли 2000 «Низомнома оид ба кадастри давлатии захираҳои сайёҳии ҶТ» тасдиқ гардидааст [16]. Низомнома номгӯйи объектҳоро муқаррар намудааст, ки самти фарҳангӣ, таърихӣ ва илмӣ доранд, таъиноти сайёҳӣ ва санаторию курортӣ доранд, инчунин ҳудудҳои табиию табобатӣ, ки асоси маҳсулоти сайёҳии ҶТ-ро ташкил мекунанд, муайян карда шудаанд.

Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 марти соли 2005 «Дар бораи масъалаҳои дастгирии рушди сайёҳии экологӣ, сайёҳии кӯҳию варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар ҶТ», аз 6 июни соли 2005 таҳти №209 «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаи хизматрасонии озуқаи ҷамъиятӣ», «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаи пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо», «Дар бораи тасдиқ намудани хизматрасонии маишӣ», аз 27 феврали соли 2009 таҳти №122 «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаҳои тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди ҶТ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» [17].

Барои амалӣ гардонидани қонунҳо ва санадҳои дар боло зикргардида бо Амри Президенти ҶТ аз 30 ноябри соли 2006, таҳти №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомотҳои марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ» ва дар асоси он – Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006 таҳти № 609 «Дар бораи Кумита оид ба корҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ»[18] Кумита оид ба корҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ таъсис дода шуд.

Амнияти сайёҳӣ ин амнияти сайёҳон (экскурсантҳо), амнияти молу мулки онҳо, инчунин нарасонидани зарар дар вақти саёҳат намудан ба муҳити зист, ба арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, амнияти давлат мебошад.

Ҳамин тавр, якчанд таркиби амнияти сайёҳиро ҷудо намудан мумкин аст:

• амнияти сайёҳон (экскурсантҳо);
• амнияти молу мулки сайёҳон (экскурсантҳо);
• нарасонидани зарар ба муҳити зист;
• нарасонидани зарар ба арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;
• нарасонидани зарар ба амнияти давлат.

Дар ҳудуди ҶТ масъалаҳои умумии амният бо Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 таҳти №721 танзим карда мешаванд [19]. Мутобиқи қонуни мазкур ба объектҳои асосии амният чунин объектҳо дохил мешаванд:

• шахсият (ҳуқуқу озодиҳои онҳо);
• ҷамъият (арзишҳои моддию маънавии он);
• давлат (сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он).

Амният бо роҳи гузаронидани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи мазкур, низоми чораҳои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ дошта, ба таҳдидҳои ҳаётан муҳимми манфиатҳо ба шахсият, ҷамъият ва давлат ба даст меояд.

Барои ташкил ва дастгирии сатҳи зарурии ҳифзи объектҳои амният дар ҶТ низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия мегардад, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният танзим менамояд, самтҳои асосии фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи мазкурро муайян мекунад, мақомотҳои таъмини амният ва дастгоҳи назорати фаъолияти онҳо ташкил ва ё аз нав ташкил мегарданд. Барои бевосита иҷро намудани функсияи таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат дар низоми ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунҳо мақомотҳои давлатии таъминоти амният ташкил мешаванд.

Ҳамин тариқ, солҳои 1999-2019 барои рушди қонунгузории сайёҳӣ заминаи устувор гузошта шуд. Маҳз бо ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсуси соҳавӣ соли 2017 таъсис ёфт, Қонун «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» қабул гардид, соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ эълон шуд, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқи кишвар дарҷ ёфт. Омилҳои зикршуда боиси пешрафти соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон гардиданд ва шумораи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ афзун шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Бублик В.А. Публичные и частноправовые начала в гражданско-правовом регулировании внешнеэкономической деятельности: автореф. дис. … д.ю.н. -Екатеринбург, 2000. -12 с.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 30.06.1999// Ахбори Маджлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1999. №6. Мод. 153; 2001. № 7. Мод. 508; 2002. №4. Қ. 1. Мод. 170; 2005. №3. Мод. 125; 2006. №4. Мод. 193; 2007. №5. Мод.356.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми дуюм) аз 11.12.1999// Ахбори Маджиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1999. №12. Мод. 323; 2002. № 4. Ч. 1. Мод. 170; 2006. №4. Мод.194.
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми сеюм) Маҷлиси Олии ҶТ аз 01.03.2005// Ахбори Маджлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2005. №3. Мод. 123.
5. Концепция развития туризма в Республике Таджикистан на 2009-2019 годы от 2 апреля 2009 г. № 202// Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан . ADLIA. Версия 6.00.
6. Государственная программа развития туризма в Республике Таджикистан на период 2010-2014 годов от 28 мая 2009 г. №299 //Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан . ADLIA. Версия 6.00.
7. Биржаков М.Б. Введение в туризм. СПб., 1999.
8. Викулова О.Н. Комментарий к Федеральному закону «Об основах туристской деятельности в Российской Федерации». М., 2008.
9. Туризм как вид деятельности: Учебник для вузов /Под ред. И.В. Зорина, Т.П. Каверина. М., 2001.
10. Организационно-правовые основы туристского и гостиничного бизнеса: Нормативно-правовые документы /Под ред. В.Н. Акишина, И.В. Гончаровой, А.И. Клебанова, Н.Д. Малахаткиной. М., 1988.
11. Закон Республики Таджикистан от 10 мая 2002 г. №46 "О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан" //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2002. №4. Ч. 1. Ст. 293.
12. Закон Республики Таджикистан от 9 декабря 2004 г. №72 "О защите прав потребителей"//Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №12. Ч. 1. Ст. 699.
13. Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. №37 «О лицензировании отдельных видов деятельности» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №5. Ст. 348.
14. Закон Республики Таджикистан от 28 июля 2006 г. №198 "О конкуренции и ограничении монополистической деятельности на товарных рынках" //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2006. №7. Ст. 346.
15. Закон Республики Таджикистан от 5 марта 2007 г. №237 "Об акционерных обществах" //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2007. №3. Ст.170.

16. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 9 ноября 2000 г. №460 "Об утверждении государственного кадастра туристских ресурсов Республики Таджикистан" //Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 6.00.
17. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 4 марта 2005 г., "О вопросах государственной поддержки развития экотуризма, горно-спортивного туризма и альпинизма в Республике Таджикистан"; Постановление Правительства Республики Таджикистан от 6 июня 2005 г., №209 «Об утверждении правил оказания услуг общественного питания»; Постановление Правительства Республики Таджикистан от 6 июня 2005 г., №209 «Об утверждении правил предоставления гостиничных услуг»; Постановление Правительства Республики Таджикистан от 6 июня 2005 г., №209 «Об утверждении правил бытового обслуживания»; Постановление Правительства Республики Таджикистан от 27 февраля 2009 г., №122 «Об утверждении правил о порядке оформления и выдачи виз Республики Таджикистан иностранным гражданам и лицам без гражданства»//Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан . ADLIA. Версия 6.00.
18. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 г. №609 "О Комитете по делам молодежи, спорту и туризму при Правительстве Республики Таджикистан" //Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан . ADLIA. Версия 6.00.
19. Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, тахти №721// Ахбори Маҷлиси Олии Љумњурии Тољикистон, 2011г., №6, мод.434.

## РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ САЙЁҲӢ БАЪД АЗ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ

Муаллифон дар мақолаи мазкур рушди қонунгузории сайёҳиро баъд аз қабули Кодекси гражданӣ дар Тоҷикистон таҳлил намуда, баён мекунанд, ки солҳои 1999-2019 барои рушди қонунгузории сайёҳӣ заминаи устувор гузошта шуд ва таваҷҷуҳи хоссаи давлат ба ин соҳа равона гардид. Маҳз бо ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсуси соҳавӣ соли 2017 таъсис ёфт, Қонун «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» қабул гардид, соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ эълон шуд, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқи кишвар дарҷ ёфт. Омилҳои зикршуда боиси пешрафти соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон гардиданд ва шумораи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ афзун шуд.

**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, танзими сайёҳӣ, сайёҳ.

## РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ТУРИЗМЕ ПОСЛЕ ПРИНЯТИЯ ГРАЖДАНСКОГО КОДЕКСА

Авторы проанализировали развитие законодательства о туризме после принятия Гражданского кодекса в Таджикистане и отмечают, что в 1999-2019 годах была заложена основа для устойчивого развития туризма, и особое внимание государства было направлено на эту отрасль. По инициативе Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в 2017 году был создан Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан в качестве специального отраслевого органа, принят Закон «О внутреннем туризме», 2018 год объявлен Годом развития туризма, в Концепции правовой политики Республики Таджикистан в качестве отдельной отрасли предусмотрен туризм. Вышеперечисленные факторы привели к развитию туризма в Таджикистане, и увеличилось количество внутренних и иностранных туристов.

**Ключевые слова:** законодательство, туризм, развитие туризма, регулирование туризма, турист.

## DEVELOPMENT OF LEGISLATION ON TOURISM AFTER THE ACCEPTANCE OF THE CIVIL CODE

The authors analyzed the development of legislation on tourism after the adoption of the Civil Code in Tajikistan and note that the basis for the sustainable development of tourism was laid in 1999-2019, and special attention of the state was directed to this industry. At the initiative of the Leader of the Nation, dear Emomali Rakhmon, in 2017, the Committee on Tourism Development under the Government of the Republic of Tajikistan was created as a special branch body, adopted the Law on Domestic Tourism, declared the Year of Tourism Development, as a separate otrosli provided tourism. The above factors have led to the development of tourism in Tajikistan, and the number of domestic and foreign tourists has increased.

**Key words:** legislation, tourism, tourism development, tourism regulation, tourist.

**Сведения об авторах:** ***Сангинов Дониёр Шомахмадович*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **doniyor_sanginov@mail.ru**. Телефон: **550-355-005**
***Имонзодех Хусейн Гучали*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры предпринимательского и коммерческого права. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17

**Information about the authors:** ***Sanginov Doniyor Shomakhmadovich*** - Tajik National University, PhD in Law, Associate Professor Head of the Department of Business and Commercial Law. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki 17. E-mail: **doniyor_sanginov@mail.ru**. Phone: **550-355-005**
***Imonzodeh Hussein Guchali*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Business and Commercial Law. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki 17

**УДК 327.56**

# ТАҲДИД, ХАТАР, ИЗТИРОБ ВА ХАВФ: ТАФОВУТҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРӢ

***Сафарализода Х.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳдид, хатар, изтироб ва хавф яке аз категорияҳои муҳимтарини назарияи умумии амният ва ҳам назарияи амнияти миллӣ ба шумор мераванд. Аксари олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мафҳумҳои мазкурро дар як маъно истифода менамоянд. Дар таҳқиқоти онҳо ибораҳои «хавфу хатар», «таҳдиду хатар», «таҳдидҳои хатарнок» ва монанди инҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Мутахассисони касбу кори гуногун, аз ҷумла рӯзноманигорон, хизматчиёни давлатӣ, таҳлилгарон, коршиносон ва ғ. аз чунин анъана пайравӣ намуда, таҳдиду хатар ва хавфу хатарро дар як маъно истифода менамоянд. Аммо омӯзиши назарияи амнияти миллӣ ва махсусан таҳлилу баррасии унсурҳои таркибии системаи амнияти миллӣ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои мазкур чи аз лиҳози мазмун ва чи аз лиҳози мундариҷа аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Мутаассифона, вобаста ба мазмуну моҳияти категорияҳои мазкур то ҳанӯз андешаи ягона ва методологияи мувофиқ ба вуҷуд оварда нашудааст. Бинобар ин, омӯзиши моҳияти категорияҳои «таҳдид», «хатар», «изтироб» ва «хавф» хеле муҳим ба шумор рафта, дар заминаи он муайян намудани тафовутҳои байниҳамдигарии онҳо таҳқиқоти саривақтӣ мебошад. Бояд гуфт, ки муайян намудани тафовутҳои байниҳамдигарии категорияҳои мазкур имкон медиҳад, ки, пеш аз ҳама, моҳияти таҳдид муайян карда шавад ва сипас дар заминаи онҳо оқибатҳои ногувор, зарару зиёнҳои имконпазир, монеаҳои мавҷуда низ баҳогузорӣ гарданд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар аксар маврид категорияи таҳдид дар маркази диққати олимону мутахассисон қарор дода шуда, ба категорияҳои хавфу хатар ва изтироб кам таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моҳияти на танҳо таҳдидҳо, балки ба моҳияти хавфу хатарҳо низ умуман таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст. Танҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ба масъалаи таҳдидҳо диққат дода шуда, онҳо ба таври зерин муайян гардидаанд: «маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд» [6]. Мутаассифона, дар қонуни мазкур моҳияти категорияҳои «хатар», «хавф» ва «изтироб» нишон дода нашудааст.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан» [13,с.326] ифода карда шудааст, ки дар чунин мазмун маънидод намудани моҳияти таҳдид ҳеҷ гоҳ маънои аслии онро дода наметавонад. Тасаввур намудани таҳдид танҳо дар маънои тарсонидан ва дӯғу пӯписа кардан тасаввуроти омиёна нисбат ба ин мафҳум мебошад. Дар фарҳанги тафсирии мазкур мафҳуми «хавф» чунин маънидод гардидааст: «бим, тарс, воҳима, хатар; трас доштан, дар ҳолати ваҳму бим воқеъ шудан, аз касе ва ё чизе тарсидан, дар ҳарос будан» [13,с.417]. Мафҳуми «хатар» бошад, дар маъноҳои зерин ифода гардидааст: «ҳолати хавфнок, хавф, бим» [13,с.430]. Мафҳуми изтироб бошад, дар маъноҳои «ҳаяҷони сахт, беқарорӣ, ошуфтагӣ» [12,с.539] ифода карда шудааст. Чи гунае ки аз маъноҳои ифодагардида бармеояд, ҳамаи категорияҳои номбаргардида бо дарназардошти тарсу ҳарос шарҳ дода мешаванд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки аз лиҳози мазмун дар миёни онҳо тафовути ҷиддиеро эҳсос намудан мушкил аст. Чунин ҳолат дар луғатҳои тафсирии кишварҳои дигар низ ба назар мерасад. Дар аксар маврид таҳдиду хатар ҳаммаъно муаррифӣ мегарданд. Дар баъзе аз мавридҳо ибораҳои «таҳдиди хатарнок» ва «хатари таҳдидкунанда» ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, ки онҳо низ то андозае тафовути байниҳамдигарии мафҳумҳои мазкурро мураккаб мегардонанд. Инчунин, кам нестанд олимоне, ки ба луғату тафсирҳо такя намуда, категорияҳои мазкурро ҳаммаъно тасаввур намудаанд ва дар шакли ҳамвазни якдигар истифода кардаанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар миёни онҳо тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст.

японскими компаниями машин и оборудования в Монголию. См: Грайворонский В.В. Монголия-Япония: от правительственной помощи к стратегическому экономическому партнерству / Япония в Азии: состояние и перспективы региональных связей: мат-лы межинститутской науч. конф. М.: Ин-т востоковедения Российской акад. наук, 2014. С. 182.
8. JICA Volunteers // http://jica.go.jp/mongolia/english/activities/activity16.html (дата обращения: 11.09.18).
9. Сведения приводятся по: Спикер ВГХ Монголии побывал в международном аэропорту Улан-Батора «Хөшигт» // http://asiarussia.ru/news/15613; Минтранс: строительство сооружений нового аэропорта выполнено на 74,7% // http://montsame.mn/ru/read/13447 (дата обращения: 11.09.18).
10. Japan-Mongolia Mid-term Action Plan for a Strategic Partnership (2017-2021) // http://mofa.go.jp/files/000243468.pdf (дата обращения: 28.09.18).
11. Press Releases // http://jica.go.jp/english/news/press/2017/171206_01.html (дата обращения: 28.09.18).
12. Названный факт стал предметом особой благодарности, выраженной монгольским премьер-министром У. Хүрэлсүхом на встрече с вице-президентом JICA К. Кошикава в декабре 2017 г. См.: JICA выражает уверенность в ратификации кредитного соглашения парламентом Монголии в кратчайшие сроки // http://montsame.mn/ru/read/12074 (дата обращения: 28.09.18).
13. Agreement between Mongolia and Japan for an Economic Partnership // http://mfa.gov.mn/wp-content/uploads/2015/01/agreement-between-mongolia-and-japan-for-an-economic-partnership.pdf (дата обращения: 28.09.18).
14. Гольман М. Монголия и Япония: крепнущее экономическое партнерство // http://ru.journal-neo.org/2015/12/15/mongoliya-i-yaponiya-krepnushhee-ekonomicheskoe-partnerstvo/ (дата обращения: 1.10.18).
15. Setting up Operation in Mongolia in 2018 to Develop Talent // http://dentsu.com/news/release/2018/0209-009469.html (дата обращения: 1.10.18).

## АСОСҲОИ СИЁСӢ – ҲУҚУҚИИ РАСОНИДАНИ КУМАКИ РАСМӢ АЗ ҶОНИБИ ҶОПОН БА РУШДИ МУҒУЛИСТОН

Асоси имрӯзаи самти сиёсати хориҷии Ҷопонро дар самти Муғулистон ёрии расмӣ барои рушд ташкил медиҳад, ки ҳам бо воситаи грантҳои бебозгашт ва ҳам пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок расонида мешавад. Мутобиқгардонии нақши пешвои ҳаракати ҷаҳонии донорӣ ба манфиати Муғулистон ва сарчашмаи бузурги дастгирии фардии молиявӣ ба Токио имконият дод, ки бо дарназардошти таҷрибаи андухта, дар соли 2012 ҳуҷҷати барномавиро коркард намояд, ки самтҳои зерини афзалиятнокро мустаҳкам намудааст: 1) рушди босуботи сектори саноати истихроҷи маъдан ва такмили идоракунии ин соҳа; 2) мусоидат ба рушди инклюзивӣ; 3) баландбардории амаликунии Улан-Батор. Дар соли 2016 бо мақсади коркарди муфассали ҳар яки он ва бартарафсозии тамоюлоти манфии бамаломада иловатан нақшаи чорабиниҳо ба имзо расид, ки бояд ҳатман иҷро мешуд. Татбиқи самараноки лоиҳаҳо, ки аз ҷониби як қатор мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, Агентии ҳамкории байналмилалии Ҷопон назорат мешуд, шароитҳои мусоидро барои дар марзҳои Муғулистон фаъол намудани тиҷорати милии Ҷопон мусоидат намуд. Ҳамин тариқ, ҳангоми расонидани кумаки расмӣ барои рушд сабабҳои сиёсӣ (ташаккули образи мусбии хусусӣ) ва иқтисодӣ (бадастории фоидаи моддӣ) ба назар мерасид. Ин ҳолат асоси созишномаҳои Муғулистону Ҷопонро ташкил медод, ки дар солҳои 2015 ва 2017 дар сатҳи байниҳукуматӣ ба имзо расонида шудаанд. Дар мақолаи мазкур таҳлили муқарраротҳои шартномаҳои дар боло ишоратгардида гузаронида шуда, ҷамъбасти татбиқи баъзе аз онҳо ба итмом расонида шудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷопон, Муғулистон, кумаки расмӣ барои рушд, ҳаракати ҷаҳонии донорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ, грантҳои бебозгашт, қарзҳои имтиёзнок.

## ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОКАЗАНИЯ ЯПОНИЕЙ ОФИЦИАЛЬНОЙ ПОМОЩИ РАЗВИТИЮ МОНГОЛИИ

Основу современного внешнеполитического курса Японии на монгольском направлении составляет официальная помощь развитию, оказываемая как посредством предоставления безвозмездных грантов, так и выделения льготных кредитов. Совмещение роли лидера мирового донорского движения в пользу Монголии и крупнейшего источника индивидуальной финансовой поддержки, позволило Токио, исходя из имеющегося опыта, разработать в 2012 г. программный документ, закрепивший следующие приоритетные направления двустороннего сотрудничества: 1) устойчивое развитие горнодобывающего сектора и совершенствование управления в этой сфере; 2) содействие инклюзивному росту; 3) повышение городской функциональности Улан-Батора. В 2016 г. в целях детальной проработки каждого из них и устранения сложившихся негативных тенденций был дополнительно одобрен план мероприятий, подлежащих обязательному выполнению. Эффективная реализация проектов, курируемая рядом государственных органов, прежде всего, Японским агентством международного сотрудничества (JICA), создала благоприятные условия для появления на монгольской территории национального бизнеса Японии. Таким образом, при оказании официальной помощи развитию стали четко прослеживаться политические (формирование собственного позитивного образа) и экономические (получение материальной выгоды) мотивы. Данное обстоятельство легло в основу монголо-японских соглашений, заключенных в 2015 и 2017 гг. на межправительственном уровне. В представленной статье проводится анализ положений вышеуказанных договоров и подводятся некоторые итоги их внедрения на практике.

**Ключевые слова**: Япония, Монголия, официальная помощь развитию, мировое донорское движение, нормативные правовые акты, межправительственные соглашения, безвозмездные гранты, льготные кредиты.

## POLITICAL AND LEGAL BASES OF JAPANESE OFFICIAL ASSISTANCE TO MONGOLIA DEVELOPMENT

The main stream of Japan foreign policy in accordance to Mongolia is the official help to it. It can be done with the help of gratuitous grant or by soft loans. Tokyo is on the one hand the world leader of donor movement towards Mongolia on the other hand the largest center of individual financial support. It helped Tokyo to create a program document in 2012. This document fixed the priority areas of bilateral cooperation. They are: 1. The sustainable development of the mining sector and the improvement of management in this sector. 2. Assisting inclusive growth. 3. Enchantment of the capacity

and function of Ulaanbaatar as urban center. In order to make a detailed study and eliminate negative trends that had formed action plan was approved in 2016. This plan is mandatory. This projects are in charge of number of governmental bodies first of all the Japan International Cooperation Agency (JICA). The effective implementation of the projects created favorable conditions for the Japanese national business on the territory of Mongolia. So the official help for the development of the country get to know the political and economical motives. The political motive is the creation of self positive image and the economical one is the money benefit. This was the base for Japanese-Mongolia agreement that two counties concluded in 2015 and in 2017 on the intergovernmental level. In this article one can read the analysis of the agreements and some results of implementation it on the practice.

**Key words**: Japan, Mongolia, official assistance for development, world donor movement, normative legal act, intergovernmental treatment, gratuitous grant, soft loan.

**Сведения об авторе:** ***Якушев С.Д.*** – кандидат юридических наук, независимый эксперт

**Information about author**: Yakushev S.D. – candidate of Juridical Sciences, independent expert

**УДК 321(575)**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ГЕНДЕРӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Хидирзода М.У., Раҳмонзода Г.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовалдинов,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Сиёсати гендерӣ ва масъалаҳои вобаста бо он дар замони муосир ба қатори афзалиятҳои рушди глобалӣ дохил шуда, дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва баҳодиҳӣ қарор дода мешавад. Ҷиҳати баррасӣ ва баҳогузории шаффофи сиёсати гендерии давлатҳо механизмҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Дар ин раванд таҳқиқотҳо аҳамияти зиёд дошта, баҳри муайян намудани самт ва тамоюли рушди гендерӣ дар кишварҳо ба роҳ монда мешаванд. Намунаи таҳқиқотҳоро дар ин самт метавон ҳамчун таҳқиқотҳои илмӣ бо такя ба омӯзишҳои сотсиологӣ маънидод намуд, ки моҳияти сиёсатҳоро дар сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ ва омӯзишу арзёбӣ қарор медиҳанд.

Таҳқиқотҳои гендерӣ таҷрибаи таҳқиқотии байнисоҳавӣ буда, имконниятҳои маърифатии назарияи ҷинси иҷтимоӣ (гендер)-ро баҳри таҳлили зуҳурот ва дигаргуниҳои ҷамъиятӣ истифода мебарад. Замина барои ташаккули ин равия дар илми муосири гуманитарӣ дар асоси пешниҳоди ворид намудани ҷузъҳои биологӣ ва фарҳангии вобаста ба ҷинс ба миён омадааст.

Вобаста ба мазмун ва моҳияти таҳқиқотҳои гендерии дар давлатҳои Осиёи Марказӣ гузаранда метавон қайд намуд, ки онҳо аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва тариқи супоришҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат тавассути ташкилотҳои ҷамъиятии дохилӣ гузаронида мешаванд.

Омӯзиши моҳияти таҳқиқотҳои гендерии дар Ҷумҳурии Қазоқистон гузаронидашуда дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз он дарак медиҳад, ки онҳо аксаран бо мақсади муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти бартараф намудани стереотипҳои гендерӣ ва беҳтар намудани дастрасии занон ба захираҳои моддӣ гузаронида шудаанд. Масалан таҳқиқоте, ки аз ҷониби Ланшакова Ю.С., Мишукова Е.С., Тунгатарова Д.С., Самсонов Л.В. соли 2006 гузаронида шудааст, ба омӯзиши стереотипи гендерӣ ҳамчун омили асосии мавҷудияти мушкилоти гендерӣ, сатҳи нобаробарӣ дар дастрасии занону мардон дар соҳаи иҷтимоӣ, огоҳии аҳолӣ ҳамчун катализатори ҳалли масъалаҳои гендерӣ, сиёсати воқеӣ вобаста ба риояи баробарии ҳуқуқҳои мардону занон нигаронида шудааст.

Гипотезаҳои таҳқиқот бошад, ба он асос меёфтанд, ки:

1. агар стереотипи гендерӣ омили асосии мавҷудияти мушкилоти гендерӣ бошад, пас рафъ намудани он ба ҳалли мушкилот мусоидат мекунад;
2. агар дастрасии баробари мардону занон дар соҳаҳои иқтисодию сиёсӣ таъмин шавад, пас вазъият дар Қазоқистон ба ҷониби мусбӣ тағйир меёбад;
3. агар аҳолӣ дар бораи мушкилоти мавҷудаи тафриқаи гендерӣ огоҳ шавад, пас ҳалли масъалаҳои мавҷуда осон мегарданд [5,с.32].

Аз мавзӯъ ва гипотезаи пешниҳоднамудаи таҳқиқот маълум мегардад, ки мавҷудияти стереотипҳо дар самти пешбурди сиёсати гендерӣ то соли 2006 ҳамчун мушкилӣ барои татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ боқӣ мемонд ва дар натиҷа дастрасии баробар дар соҳаҳои сиёсату иқтисод татбиқношуда боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, зарурати омӯзиши сатҳи паҳншавӣ ва устувории онҳо дар ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Тамоюли минбаъдаи рушди сиёсати гендерӣ ва устувор гардидани механизми ҳисоботдиҳӣ ба он мусоидат мекунад, ки таҳқиқотҳои гузаронидашаванда на дар доираи

муайян намудани як ё ду мушкилот, балки ба таври маҷмуӣ гузаронида шуда, доираи мушкилоти мавҷударо ба таври васеъ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор медиҳанд. Масалан, таҳқиқоти сотсиологӣ ва омӯзише, ки соли 2014 аз ҷониби Бонки Рушди Осиё гузаронида шуд, ба масъалаҳои фаротар аз стереотипҳои гендерӣ бахшида шуда буд. Аз он ҷумла, ҳамчун афзалияти омӯзиш дар сиёсати гендерӣ масъалаҳои омори гендерӣ, сатҳи иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ, нобаробарӣ дар бозори меҳнат, инчунин масъалаҳои ҳошиявии гендерӣ, ки кулли соҳаҳои иқтисод, аз он ҷумла, занон ва нақлиёт, гендер ва рушди шаҳрҳо, гендер, соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ, буҳрони глобалии иқтисодӣ ва таъсири он ба занону мардон, нишондиҳандаҳои рушди гендер дар Қазоқистонро дар бар мегирифт, арзёбӣ шуданд. Таҳлили қиёсии байни ду таҳқиқот дар масъалаҳои гендерӣ дар Қазоқистон як қатор пешравиҳоро ошкор кард. Аз он ҷумла:

- татбиқи механизмҳои самарабахш дар самти коҳиш додани мавқеи стереотипҳои гендерӣ ошкор кард, ки бо гузашти як даҳсола ин мушкилот ҳалли худро то дараҷае ёфтааст ва он дигар дар сиёсати гендерӣ ҳамчун монеаи рушд баррасӣ намешавад;

- омори гендерӣ, ки дар соли 2004 дар бораи он ҳатто тасаввуротҳо пурра набуданд, акнун яке аз масъалаҳои муҳим баҳри пешбурд ва арзёбии сиёсати гендерӣ дар ин кишвар пазируфта шуда, ба он аз нуқтаи назари таҳқиқотӣ муносибат намуда, вазъи воқеӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи онро баҳогузорӣ мекунанд;

- агар дар соли 2004 масъалаи дастрасии баробари занону мардон дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ шуда бошад, дар соли 2014 масъалаи сатҳи иштироки воқеӣ дар сиёсат ва иқтисодиёт баррасӣ мешуд, ки ин нишонаи амиқи дастрасии устувор пайдо намудани занон ба захираҳои сиёсӣ, аз қабили ҳокимият ва идоракунӣ мебошад;

- баррасии гендер ҳамчун мавзӯи маҷмӯӣ, фарогир ва ҳаматарафа, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла соҳаҳои ғайрианъанавӣ ворид шудааст, нишонаи хусусияти фарогир касб намудани гендер дар сиёсати давлатии Қазоқистон ба шумор меравад. Агар дар ҳуҷҷатҳои гендерии қаблӣ масъалаҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи алоҳида ба ҳисоб гирифта мешуданд, пас дар ҳуҷҷатҳои ҳозира, дар маҷмӯъ, бо дигар соҳаҳо ҷой дода мешавад, ки баҳри боз ҳам фарохтар гардидани масъалаҳои гендерӣ мусоидат мекунанд. Занон ва нақлиёт, гендер ва рушди шаҳрҳо, гендер, соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ, буҳрони глобалии иқтисодӣ ва таъсири он ба занону мардон номгӯйи якчанд соҳа мебошад, ки масъалаҳои гендерӣ дар онҳо ҳамчун ҷузъи таркибӣ ҷойгир карда шудаанд. Ин стратегияро метавон ҳамчун Стратегияи фарогири гендери номгузорӣ намуд, ки баҳри муаррифии мушкилиҳои гендерӣ дар соҳаҳои гуногун дар як вақт ва дар доираи як ҳуҷҷат мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дар мисоли баррасии ду таҳқиқот, ки тафовути замониашон як даҳсола аст, метавон хулоса намуд, ки таҳаввулоти ҷиддӣ дар масъалаҳои гендерӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон рӯйи кор омада, дар самти шикасти стереотипҳо, ташаккули системаи доимоамалкунандаи танзими муносибатҳои гендерӣ, механизмҳои миллии идоракунии раванди рушди сиёсати гендерӣ ва ҳамоҳангсозии он, таҳия ва коркарди Стратегияи фарогири гендерӣ муваффақиятҳо ба даст омаданд, ки ҷиҳати муаррифии сиёсати гендерии ин кишвар аҳамияти зиёд доранд.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккул ва рушди сиёсати гендерӣ ва муайяну ошкор ва бартараф намудани мушкилиҳои гендерӣ дар Қирғизистон низ механизми гузаронидани таҳкиқотҳо васеъ истифода мешавад. Омӯзиши раванди таҳқиқотҳо дар Ҷумҳурии Қиғизистон нишон медиҳад, ки дар асарҳои ҷомеашиносон Эшиев А.К., Тугелбаева Б., Карибаева М.А., Мамитова Ч.Р. [17; 14; 3] ва дигарон, ки аслан солҳои 2001-2009-ро дар бар мегиранд, мушкилоти мавҷудаи гендерӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Хусусияти хосси ин таҳқиқотҳо дар он аст, ки асосан ба масъалаҳои дарки умумии гендер, баробарҳуқуқии мардону занон, нақши стереотипҳои гендерӣ дар татбиқи сиёсати гендерӣ ва сатҳи огаҳии мардум вобаста ба хусусиятҳои гендер дар ҷомеа, дастрасии баробари мардону занон ба сиёсат ва захираҳои иқтисодӣ ва ғайраҳо аз диди таърихӣ, сотсиологӣ, сиёсию иҷтимоӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ин таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки барои ин давраи таҳлилӣ дар ҷомеаи Қирғизистон як қатор мушкилиҳои гендерӣ ҷой доранд. Аз он ҷумла:

- ақида ва мавқеъҳои гуногун асосан дар заминаи консепсия ва назарияҳои мавҷудаи гендерӣ шакл гирифта, дар баъзан мавридҳо ба хусусиятҳои миллию этникӣ ва сиёсии Қирғизистон мутобиқат намекарданд. Дар ҳамин замина татбиқи онҳо хусусияти фрагментарӣ дошта, аз рӯйи ҳудуди паҳншавии худ тафриқаи назаррасро дар шаҳр ва деҳот ба вуҷуд оварда буд;

- стереотипҳои гендерӣ ҳамчун омили устувори шаклгирифта дар ҷомеаи қирғиз ҳаматарафа таъсири манфии худро ба падидаҳои гендерӣ мерасониданд. Аз ҳамин сабаб

масъалаи стереотипҳо ва механизмҳои бартараф намудани онҳо ҳамчун масъалаи асосӣ дар таҳқиқоти олимон ҷо доштанд;

- ташаккули тафаккури мусбӣ вобаста ба масъалаҳои гендер ва баробарии мардону занон дар кӯшишҳои онҳо ҷиҳати иштирокашон дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ бо мушкилӣ мегузашт. Дар ҷомеаи қирғиз агар дар сатҳи элита ба масъалаҳои зикршуда дар доираи принсипи демократикунонии ҷомеа муносибати либералӣ ҷой дошта бошад, пас дар сатҳи ҷомеа огаҳии мардум оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ дар сатҳи нисбатан паст қарор дошт, ки инро таҳқиқоқоти соли 2011 гузаронидашуда собит намуд. Тибқи он Қирғизистон аз рӯйи рушди индекси неруи инсонӣ дар байни 187 давлат дар ҷойи 126, аз рӯйи рейтинги индекси нобаробарии гендерӣ дар байни 146 давлат дар ҷойи 66 қарор дошт [20].

Таҳлили раванди рушди минбаъдаи сиёсати гендерӣ дар Қирғизистон нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои назаррас дар соҳаҳои гуногун вобаста ба татбиқи баробарҳуқуқии мардону занон ба даст оварда мешаванд. Аз он ҷумла, таҳқиқоти минбаъда бо фарогирии доираи васеъи мавзӯот аз он ҷумла дастрасии занони деҳот ба захираҳои обӣ, нақши занон дар идоракунии захираҳои обӣ, занон ва муҳоҷират, занони деҳот ва саҳми онҳо дар хоҷагии қишлоқ анҷом дода мешаванд.

Дар баробари ин, то ба охир иҷро нашудани меъёри квотаҷудокунии 30% дар сатҳи идоракунӣ, интихоби занон ба мансабҳои идорӣ дар сафҳои политсия, номукаммалии низоми иттилоотӣ дар дохили система, ба монеаҳои зиёд дучор шудани занону духтарони ҷавон ҳангоми болоравии мансабӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ ва ақидаҳои паҳншудаи анъанавӣ вобаста ба мавқеи занон дар оила ҷой доранд [13,с.4]. Ин ҳама нишон медиҳанд, ки мушкилиҳо дар самти татбиқи сиёсати гендерӣ, новобаста ба такроран баррасӣ шуданашон боқӣ мемонанд.

Таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар баробари тамоюли рушд, инчунин як қатор мушкилиҳои мавҷударо дар самти татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ нишон медиҳанд. Аз он ҷумла:

- мавқеи стереотипҳо дар раванди татбиқи сиёсати гендерӣ то ҳанӯз устувор боқӣ мемонад. Ин нукта соли 2015 дар тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ба Қирғизистон низ дода шудааст, ки нуқтаҳои асосии он бартараф намудани муносибати қолабӣ нисбат ба мавқеи занон, бартараф намудани таҷрибаи манфии «арӯсрабоӣ» ҳамчун анъанаи хусусияти табъизӣ дошта ва андешидани чораҳои инноватсионӣ оид ба ҷалби воситаҳои ахбори омма баҳри бартараф намудани стереотипҳои гендерӣ мебошад;

- новобаста ба татбиқи механизми квотаҷудокунӣ то ба охир татбиқ нагардидани меъёри 30% муайяннамуда барои занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва намояндагӣ, ки ба кор андохтани механизмҳои иловагиро тақозо менамоянд.

Дар баробари ин, тамоюли мусбие, ки раванди рушди сиёсати гендериро дар Қирғизистон собит месозад, фарогирии масъалаҳои гендерӣ дар самтҳое, ки дар замони муосир вобаста ба хусусияти глобалӣ касб намудани баъзе масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи тоза касб намуда истодаанд, аз он ҷумла вобаста ба масъалаҳои дастрасӣ ба захираҳои обӣ ва идоракунии онҳо, муҳоҷират ва таъсири он ба вазъи гендерӣ.

Сатҳи омӯзиши масъалаҳои гендерӣ дар Ӯзбекистон низ хусусиятҳои хосси худро дошта, умумияти он бо дигар кишварҳои минтақа дар он аст, ки ташаккули сиёсати гендерӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар заминаи анъанаҳои сиёсию фарҳангии шӯравӣ сурат гирифтааст. Дар ин замина таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва сиёсию илмии анҷомдода вобаста ба масъалаҳои гендерӣ дар доираи масъалаҳои мавҷудаи ҷомеа шакл гирифта, олимон ба паҳлуҳои гуногуни масъала дахл кардаанд. Вобаста ба ташаккули афкори ҷомеа дар робита бо масъалаҳои гендерӣ, ба ақидаи Т.С.Инамова, таҳқиқотҳои сотсиологии дар ин самт гузаронидашуда асосан бо назардошти менталитети миллӣ, сохтори махсуси миллию демографӣ, муносибати этногенетикӣ, таъсири омили исломӣ, муносибат ба мавқеи зан дар ҷомеа ва ғайраҳо гузаронида шудаанд, ки бештар ҷанбаи мансубияти миллӣ ва дар ин замина талаботҳои ҷиддиро вобаста ба масъалаҳои ахлоқ пеш мегузоранд [2,с.115-117]. Фаъолнокии иқтисодии занон дар таҳқиқотҳои Раҳимова Н. Х. таҷассуми худро ёфтаанд, ки заминаи мусоиди илмӣ барои омӯзиши ин масъала мебошад [11,с.134].

Лозим ба ёдоварист, ки дар масъалаи пешбурди корҳо вобаста ба ошкор ва муайян намудани монеаҳои рушди сиёсати гендерӣ саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар Ӯзбекистон бузург мебошад. Аз он ҷумла, Бонки Рушди Осиё дар доираи лоиҳаҳои худ ду маротиба таҳқиқоти фарогири гендериро дар ин кишвар солҳои 2005 ва 2014 гузаронидааст. Нуқтаи ҷолибе дар таҳқиқоти соли 2014 омадааст, ки «дар амалия

мафҳуми «гендер» дар Ӯзбекистон мафҳуми васеъ истифодашаванда набуда, он дар доираҳои роҳбарикунанда истифода бурда намешавад. Ин мафҳум асосан ҳамчун муродифи калимаи «занон» ва фаъолият дар самти баробарии гендерӣ ҳамчун фаъолияти вобаста бо ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Баробарии гендерӣ ҳамчун раванди таъмини адолат ва беғаразӣ нисбати занон маънидод гашта, то ҳанӯз ҳамчун заминаи рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва суботи давлат дарк карда нашудааст» [18]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки тибқи натиҷаҳои таҳқиқот яке аз масъалаҳои муҳимми омӯзишу таҳқиқ дар самти гендерӣ, масъалаи боло бурдани фаҳмишҳо ва донишҳо вобаста ба мафҳуми гендер мебошанд, ки дар заминаи он дарки ҳамаҷонибаи мафҳум осон ва татбиқи сиёсати гендерӣ самаранок мегардад. Вобаста ба ин, коршиносони Бонки Рушди Осиё дар доираи дарки мушкилии мавҷуда методологияи таҳқиқоти худро ба таври маҷмӯӣ ташаккул дода, чун дар Қазоқистон муносибати фарогирро истифода намуда, масъалаи гендерро дар якҷоягӣ бо омори гендерӣ, нақшҳо ва меъёрҳои гендерӣ, нобаробарии гендерӣ дар шуғл ва бозори меҳнат, занон дар хоҷагии қишлоқ ва нақши онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷанбаҳои рушди неруи инсонӣ барои занон ва мардон, ҷанбаҳои гендерии таҳсилот, тандурустӣ, зӯроварии гендерӣ, об ва беҳдошт, захираҳои табиӣ, гендер ва нақлиёт, гендер ва соҳбкории хурду миёна мавриди омӯзиш қарор доданд. Яъне, аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқотҳои гендерӣ дар Ӯзбекистон чун дар дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ фарогири кулли масъалаҳои вобаста ба таъмини шароити баробари рушд барои ҳарду ҷинс буда, ба муайян намудани омилҳои эҷодкунандаи монеа дар роҳи рушди гендерӣ нигаронида шудаанд.

Таҳқиқотҳои гендерии дар Ҷумҳурии Туркманистон гузаронидашуда ошкор намуданд, ки вобаста ба мавқеи занон ва мардон дар ҷомеа, саҳми онҳо дар буҷети оилавӣ, нақшашон дар ҷомеа ҳанӯз ҳам ҳолатҳои хурофотӣ зиёданд. Масалан, таҳқиқот муайян намуд, ки 70,1% мардон ва 52% занон мавқеи занро дар оилаи туркман дуюмдараҷа муайян карданд. Аз рӯйи ин нишондиҳанда хулоса баровардан мумкин аст, ки стереотипҳои гендерӣ мавқеи устувор дошта, рафъи онҳо татбиқи механизмҳои фаъолро тақозо мекунад.

Омӯзиши масъалаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон низ дар заминаи анъанаҳои шӯравӣ ба роҳ монда шуда, аз диди таърихӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ васеъ амалӣ шуда истодааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоева В.М., Раҳмон О.Э., Кувватова А., Бобоҷонова Р. [8,с.12], корҳои илмию таҳқиқотии Махмудов М.А., Холиқов А.А., М.Хидирзода, Азизқулова Г.С., Қосимова С., М.Миликбоева, Г.Рабиева [6; 16; 15; 1; 4; 7; 10], ки фарогири самтҳои зикршуда мебошанд, баҳри шинохти мушкилӣ ва масъалаҳои рушди сиёсати гендерӣ аҳамияти зиёди илмӣ доранд.

Таҳқиқотҳои сотсиологии марҳилавӣ, ки дар Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ гузаронида мешаванд, баҳри муайян намудани мушкилиҳо дар ин самт ва дақиқ намудани дурнамои рушди сиёсати гендерӣ маводи бойи таҳқиқотӣ пешниҳод менамоянд. Аз он ҷумла, таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар мавзӯъҳои фаъолнокии сиёсию иқтисодии занон, нақши стереотипҳо дар татбиқи сиёсати гендерӣ, пешгирии табъиз ва зӯроварӣ дар кишвар гузаронида мешаванд, баҳри андешидани чораҳои мушаххаси амалӣ дар ин самт мусоидат намуда истодаанд. Масалан, тибқи баҳодиҳии Барномаи Рушди СММ соли 2013 Тоҷикистон аз рӯйи индекси нобаробарии гендерӣ дар байни 149 давлати дунё ҷойи 75 ишғол мекард [9]. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки тағйирёбии индекс баҳри баҳодиҳии вазъи гендерӣ дар самти ошкор намудани мушкилиҳо ва ба кор андохтани механизмҳои зарурӣ баҳри самаранок татбиқ намудани сиёсати гендерӣ зарур мебошад. Аз ҳамин сабаб таҳқиқотҳои гендерии дар ин самт анҷомдодашуда хусусияти фарогир дошта, онҳо масъалаҳои занон дар ҳокимият ва идоракунӣ, занон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, имкониятҳои иқтисодии занон ва мардон, камбизоатӣ ва дастрасӣ ба захираҳо, фаъолияти иқтисодӣ ва бозори меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ ва тағйирёбии омори гендерӣ, масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи рушди иҷтимоӣ, рушди гендерии хоҷагиҳои оилавӣ, масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи тандурустӣ, дастрасӣ ба адолати судӣ, занон ва об, энергетика ва нақлиётро дар бар мегиранд.

Натиҷаи таҳқиқотҳои зикршуда дар ташаккули сиёсати гендерии давлат низ аҳамияти зиёд дошта, баҳодиҳӣ ва қиёс бо натиҷаҳои байналмилалӣ баҳри мутобиқ намудани заминаҳои қонунгузорӣ ва самтҳои сиёсати гендерӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ низ мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлили қиёсии ҷанбаҳои таҳқиқотҳои гендерии дар давлатҳои Осиёи Марказӣ гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ҳамчун масъалаи фарогир дар ҳамаи онҳо як қатор мушкилот ҷой доранд. Аз он ҷумла:

- эътирофи зӯровари ва табъизи гендерӣ ҳамчун мушкилоти боқимонда, ки дар заминаи таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омада, то ҳол дар давлатҳои минтақа боқӣ мондааст, боиси табъизи ҷинсӣ гашта, амалишавии принсипҳои демократиро вобаста ба баробарии гендерӣ, эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва эътирофи шахс ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои сиёсӣ халладор мекунад;

- мавҷудияти стереотипҳои гендерӣ ҳамчун шакли тафаккур, ақида, ҷаҳонбинӣ ва ғояи таассубӣ ва ё хурофотӣ, ки мавқеи занро дар ҷомеа ва оила дуюмдараҷа ҳисобида, баҳри пешрафти шахсӣ, такомули истеъдоду малака ва маҳорат, ташаккули комили шахсияти занон монеа мешаванд. Баъзеи онҳо дар шакли меъёрҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳо шакл гирифта, дар доираи қоидаҳои муносибат ва рафтор ҳамчун ҳатмӣ пазируфта мешаванд, ки баръало хусусияти табъизӣ доранд;

- раванди воридсозии ҷузъи гендерӣ ба сиёсати давлатии кишварҳои минтақа низ муттассил давом дошта, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гендер дар замони муосир дар соҳаи сиёсат дар шакли иштироки занон дар раванди идоракунии ҳокимият ва қабули қарор, дар шакли васеъ гардидани дастрасиҳо ба захираҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, дар шакли бархӯрдоршавӣ аз дастгириҳои иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо мавқеъ пайдо намуда истодааст;

- механизмҳои миллии татбиқи сиёсати гендерӣ, ки дар давлатҳои минтақа фаъолият доранд, ҳамчун василаи амалинамоии ҳадафҳо дар ин самт баромад намуда, бо истифода аз заминаҳои дохилӣ ва механизмҳои ёрирасони беруна дар ин самт фаъолият намуда истодаанд.

## АДАБИЁТ


1. Азизкулова Г.С. Юридическая и морально-правовая ответственность в семейно-правовых отношениях переходного периода / Г.С. Азизкулова // Государство и право. – 2007. – №2. – С.19-21.
2. Инамова Т.С. Социологические гендерные исследования в Узбекистане / Т.С. Инамова // Мониторинг общественного мнения. – 2005. – №4(76). -С.115-117.
3. Карибаева М.А., Мамитова А., Кошоева Ч.Р. Внедрение гендерных подходов в процессы государственного управления и местного самоуправления Кыргызской республики. Учебное пособие/ М.А. Карибаева, А. Мамитова, Ч.Р. Кошоева /Под общей редакцией профессора АУПКР Султанбекова А.Ф. – Бишкек, 2009.
4. Косимова С. Роль гражданского общества в построении гражданского общества в Таджикистане // Интеллектуальный потенциал гражданского общества / С. Косимова //Мат. конф. - Душанбе, 2005. – С.119-124.
5. Ланшакова Ю.С. Социологические исследования гендерных проблем в Казахстане / Ю.С. Ланшакова, Е.С. Мишукова, Д.С.Тунгатарова, Л.В. Самсонов // Журнал: Вестник КАСУ. – 2006. -№3. - С.32.
6. Махмудов А.М. Правовые средства сохранения и укрепления семьи в Таджикистане / А.М. Махмудов. - Душанбе, 1998. -165 с.
7. Миликбоева М. Проблемы равноправия мужчин и женщин:история и современность / М. Миликбоева //Известия АН РТ. Отделение общественных наук. – 2004. – №1. – С.86-91.
8. Мирзоева В.М. История развития женского движения в Таджикистане за годы независимости: автореф. дисс. … канд. ист. наук / В.М. Мирзоева. –Душанбе, 2004. -23с.
9. Отчет о человеческом развитии 2014 г. Устойчивый прогресс человеческого развития: снижение уязвимости и повышение устойчивости. ПРООН. -Нью-Йорк, 2014.
10. Рабиева Г.Р. Комментарии к Закону Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации» / Г.Р. Рабиева. – Душанбе, 2006. –104 с.
11. Рахимова Б. Женщина и предпринимательство в Узбекистане / Б. Рахимова // Социология в СНГ. Мониторинг общественного мнения. – 2006. – №2(78). –С.134.
12. Рахмон О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане / О.Э. Рахмон. - Душанбе, 2014. – 192 с.
13. Тематическое исследование «Гендерное равенство и расширение прав и возможностей женщин в сфере государственного управления»// Отчет исследования. – Бишкек, 2012. –С.4.
14. Тугелбаева Б. Насилие в отношение женщин: предупреждение и борьба с последствиями / Б.Тугелбаева. – Бишкек, 2001.
15. Хидирзода М.У. Нақши занон дар идоракунии ҷомеа / М.У. Хидирзода. - Душанбе, 2017.
16. Холиков А.Г. Правовая система зороастризма / А.Г. Холиков. – Душанбе, 2005. – 488 с.
17. Эшиев А.К. Гендерная политика Кыргызстана / А.К. Эшиев // Вестник КГУ., 2006.
18. Узбекистан. Гендерная оценка по стране // Азиатский банк развития, 2014.
19. [Электронный ресурс]. Human Development Data (1990-2017). URL: http://hdr.undp.org/en/statistics (дата обращения: 15.12.2018 г.);
20. Wide inequalities in people’s well-being cast a shadow on sustained human development progress [электронный ресурс]. URL: http://hdr.undp.org/en/media/HDR_2011_EN_Table4.pdf (дата обращения: 12.12.2018 г.)


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ГЕНДЕРӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Таҳқиқоти гендерӣ ҳамчун ҷузъи таркибии омӯзишҳо дар самти муайян намудани сатҳ ва самти татбиқи масъалаҳои баробарҳуқуқии мардону занон аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ дошта, вобаста ба натиҷаҳои онҳо арзёбии воқеии вазъи таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон имконпазир мегардад. Дар ин доира дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ таҳқиқоти гендерӣ вобаста ба самтҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои миллию этникӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо гузаронида

мешаванд. Таҳлили қиёсии таҳқиқоти гендерии дар давлатҳои Осиёи Марказӣ гузаронидашуда нишон медиҳад, ки масъалаҳои гендерӣ ҳамчун масъалаи фарогир дар давлатҳои мазкур як қатор мушкилиҳо ва тамоюлотҳоро дар бар мегиранд. Муаллифон онҳоро ба таври зерин нишон додаанд: эътирофи зӯроварӣ ва табъизи гендерӣ ҳамчун мушкилоти боқимонда; мавҷудияти стереотипҳои гендерӣ ҳамчун шакли тафаккур, ақида, ҷаҳонбинӣ ва ғояи таассубӣ ва ё хурофотӣ; раванди воридсозии ҷузъи гендерӣ ба сиёсати давлатии кишварҳои минтақа; механизмҳои миллии татбиқи сиёсати гендерӣ, ки дар давлатҳои минтақа фаъолият доранд.

**Калидвожаҳо:** таҳқиқоти гендерӣ, сиёсати гендерӣ, баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа, масъалаҳои гендерӣ, нобаробарии гендерӣ, зӯроварӣ, стереотипҳои гендерӣ.

**ОСОБЕННОСТИ ГЕНДЕРНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

Гендерные исследования как составная часть исследований, посвященных изучению уровня и направлений реализации прав и возможностей женщин и мужчин имеют важное научно-теоретическое значение. Исходя из мониторинга проведенных исследований станет возможным всесторонняя оценка реального состояния реализации гендерной политики. В рамках этого в постсоветских центральноазиатских странах гендерные исследования проводятся с учетом национально-этнических, социально-экономических и политических особенностей. Сравнительный анализ проведенных в государствах Центральной Азии гендерных исследований показывает, что гендерные вопросы как всеохватывающая проблема в указанных государствах включают в себя ряд проблем и тенденций. В статье они показываются следующим образом: признание насилия и гендерного неравенства как нерешенные проблемы; присутствие гендерных стереотипов как форма мышления, мировоззрения, полагания и источник предрассудков; процесс включения гендерных элементов в государственную политику стран региона; национальные механизмы по реализации гендерной политики, которые уже существуют в государствах этого региона.

**Ключевые слова:** гендерные исследования, гендерная политика, повышение роли женщин в обществе, гендерные вопросы, гендерное неравенство, насилие, гендерные стереотипы.

**FEATURES OF GENDER STUDIES IN CENTRAL ASIA IN MODERN CONDITIONS**

Gender studies as an integral part of research devoted to the study of the level and directions of realization of the rights and opportunities of women and men is of great scientific and theoretical importance. Based on the monitoring of the conducted research, it will be possible to assess the real state of the implementation of gender policy. As part of this, in the post-Soviet Central Asian countries, gender studies are carried out taking into account national, ethnic, socio-economic and political characteristics. A comparative analysis of gender studies conducted in Central Asian states shows that gender issues as an overarching problem in these countries include a number of problems and trends. In the article, they are shown as follows: recognition of violence and gender inequality as unsolved problems; the presence of gender stereotypes as a form of thinking, worldview, belief and source of prejudice; the process of incorporating gender elements into the state policy of a country in the region; national mechanisms for the implementation of gender policies that already exist in the states of the region.

**Key words:** gender studies, gender policy, increasing the role of women in society, gender issues, gender inequality, violence, gender stereotypes.

**Сведения об авторах:** ***Хидирзода Махфират Умар*** – Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, доктор философских наук, ведущий научный сотрудник отдела политологии. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33
***Рахмонзода Г.*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, ул. Айни, 67

**Information about authors:** ***Khidirzoda Makhfirat Umar*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Leading Researcher of the Department of Political Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
***Rahmonzoda G.*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusraw, applicant for the Department of Political Science and International Relations. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, str. Aini, 67

**УДК 321(581)**

# ЛОЯ ДЖИРГА КАК ПРЕДСТАВИТЕЛЬНЫЙ ОРГАН ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ АФГАНИСТАНА

***Нуриддинов Ф.Р.***
**Таджикский национальный университет**

Традиционный институт Лоя Джирга[10] в Афганистане приобрел особую актуальность после терактов 11 сентября 2001 года в Нью-Йорке и Вашингтоне и начала военных операций, проводимых международными антитеррористическими силами во главе с Соединенными Штатами Америки в целях установления мира и безопасности в Афганистане и борьбы против остатков талибов и боевиков «Аль-Каиды».

С 27 ноября по 5 декабря 2001 года по инициативе Организации Объединенных Наций в Бонне проходила конференция по Афганистану, на которой были приняты следующие

решения: создание временной администрации с мандатом на шесть месяцев; создание Верховного суда; образование специальной независимой Комиссии по подготовке к работе Лоя Джирга; введение в Кабул международных миротворческих сил под эгидой Организации Объединенных Наций[15].

Важное значение для афганского народа имела созванная при участии Организации Объединенных Наций в Кабуле с 14 декабря 2003 года по 4 января 2004 года Лоя Джирга, утвердившая Основной закон страны.

Впервые за более чем 250-летнюю историю Афганистана Лоя Джирга созывалась под эгидой международной организации - Организации Объединенных Наций.

Касаясь значения Лоя Джирга для Афганистана, президент Соединенных Штатов Америки Дж. Буш назвал ее созыв большой победой афганского народа[18].

Джирга возникла у афганцев в эпоху общинно-родового строя, в период создания первых афганских государственных образований. Она имеет интересную историю, которая почти не изучена современными исследователями. Следует подчеркнуть, что на джирге решались важнейшие вопросы племени.

По поводу возникновения джирги афганский ученый С.А. Ахгар пишет: «Первая Лоя Джирга была созвана еще в период правления кушанского императора Канишки, когда джирга приобрела официальный характер и правовое положение. Во времена Канишки ей придавалось религиозное значение…»[1,с.23]. Далее С.А. Агхар отмечает, что история первой Лоя Джирга начинается с XVIII века и что она состоялась в Кандагаре.

«Лоя Джирга, - пишет он, - представляет одну из древних традиций афганцев, оставшуюся в наследство от наших предков и проводившуюся в течение многих веков. За тысячи лет до нашей эры, когда территория современного Афганистана называлась по-другому, обитавшие на ней не могли не считаться с мнением общины»[17].

Среди ученых-востоковедов существуют разные толкования этимологии слова «джирга». Известно, что в XIII веке монгольские власти неоднократно переселяли монгольские и тюркские племена на территорию современного Афганистана. Кроме того, представители некоторых афганских племен служили в монгольских войсках. Следует отметить, что еще в период господства монголов на территории современного Афганистана был заимствован целый ряд тюрко-монгольских слов-терминов, получивших распространение в языке пашто (пушту) для обозначения важнейших общественных институтов, к которым относятся «джирга», «улус» и др.

Один из видных исследователей новой и новейшей истории Афганистана В.А. Ромодин писал: «Некоторые тюрко-монгольские термины были восприняты и утвердились в языке пашто (пушту) для обозначения весьма существенных в жизни афганцев учреждений. К таким терминам относятся слова «джирга» и «улус». Сходство слова «джирга» с монгольским термином «джаргу» давно уже обратило на себя внимание исследователей»[1,с.26].

Следует, однако, подчеркнуть, что существовало некоторое отличие джирги от монгольского слова «джаргу». У монголов в XIII веке термин «джаргу» означал феодальный суд. В отличие от него, у многих афганских племен джирга еще в XVIII - начале XIX вв. оставалась судебно-примирительным органом самоуправления племен. Исходя из анализа вышеизложенного, можно отметить, что нет необходимости связывать время проникновения термина «джирга» в лексический состав языка пашто (пушту) только с монгольским нашествием. Этот термин мог появиться в словарном составе языка пашто (пушту) и значительно раньше от халаджей или других тюркских племен, населявших эту территорию»[6].

Исходя из характера общественного развития пуштунов, можно отметить, что, как было выше упомянуто, важнейшие вопросы жизни племени решались на общих собраниях. В дальнейшем вожди афганских племен использовали эти собрания в своих интересах. С возникновением афганского государства межплеменная Лоя Джирга стала элементом государственного строя.

С течением времени существенному изменению подвергся традиционный институт Лоя Джирга, состав которой был ограничен представителями (депутатами) обеих палат и руководителями провинциальных консультативных (совещательных) собраний в период монархического строя в стране.

В настоящее время по Конституции 2004 года Лоя Джирга обладает более широкими демократическими полномочиями. Она сохранена в государственной системе как орган, обладающий, прежде всего, определенными надпарламентскими функциями[4]. В ее заседаниях

без права решающего голоса могут участвовать министры, председатель и члены Верховного суда, а также генеральный прокурор.

Согласно статье 3-й конституции 2004 года, Лоя Джирга созывается в следующих случаях:

-Принятие решения по вопросу о защите независимости, национального суверенитета, территориальной целостности и высших интересов страны;

-Внесение изменений и поправок к Основному закону;

-Рассмотрение вопроса о судебной ответственности президента республики в соответствии со статьей 69-й Основного закона;

-Статья 112-я гласит, что на первом заседании Лоя Джирга выбирает из числа своих членов председателя и его заместителя, а также секретаря и его заместителя;

-В соответствии со ст. 113-й состав Лоя Джирга устанавливается при участии в голосовании большинства ее членов;

-Заседания Лоя Джирга проводятся открыто, кроме случаев, когда четверть ее членов потребует провести закрытое заседание и она примет это требование;

-И, наконец, статья 115-я указывает, что Лоя Джирга созывается, руководствуясь положениями ст. 111-й, ст. 112-й Основного закона.

Вообще, джирги в Афганистане существуют на трех уровнях: местном, племенном и общенациональном.

Джирги местного уровня имеют ограниченную сферу влияния, по сравнению с другими уровнями, и существуют в Афганистане, как было отмечено выше, с давних времен и поныне. Эти джирги считаются наиболее распространенным органом управления в деревне и в городском квартале. Такие джирги созываются обычно при решении вопросов, связанных с засухой и с местными конфликтами.

Племенные джирги решают вопросы одного или нескольких племен и созываются при возникновении племенных столкновений или конфликтов, а также при необходимости решения крайне важных вопросов, требующих совместного обсуждения.

Общенациональная джирга, или Лоя Джирга, состоит из представителей элиты афганского общества, племенных вождей и общественных деятелей. Она созывается при возникновении сложных обстоятельств в Афганистане. Прежде Лоя Джирга созывалась королем или президентом республики. В ее состав могли входить как избранные, так и назначенные представители. Теперь положение в стране изменилось, и принят новый Основной закон страны, согласно 64-й статье которого созыв Лоя Джирга входит в компетенцию президента республики.

Членами прежней Лоя Джирга были представители традиционной элиты афганского общества. Это были племенные вожди, старейшины, шейхи и т.п. Их направляли в Лоя Джиргу местные (региональные) или племенные джирги. Количественный состав Лоя Джирга менялся и колебался от нескольких десятков до сотен представителей. Постоянного места проведения Лоя Джирга не было. Ее проводили в крупных городах страны, но преимущественно в Кабуле. На ее заседаниях, зачастую длившихся несколько дней, решались важнейшие вопросы, например, касавшиеся внешней политики афганского государства. Так, в октябре 1915 года состоялась Лоя Джирга в Кабуле, на которой был поставлен вопрос о вступлении Афганистана в Первую мировую войну на стороне Германии, Австрии и Османской Турции. И делегаты приняли решение о сохранении Афганистаном нейтралитета. Другим примером может служить заседание Лоя Джирга в 1941 году, на которой было принято решение о сохранении нейтралитета Афганистаном в период Второй мировой войны. Подобные примеры могут быть продолжены. Вместе с тем Лоя Джирга ставила на рассмотрение и важные вопросы внутриполитической жизни страны, например, проблемы престолонаследия (1865 год), вопросы налогообложения (1920 год), принятие Основного закона (1922 год) и многие другие.

Этот традиционный социально-политический институт функционировал вплоть до конца 80-х гг. XX века. После разгрома движения «Талибан» значение Лоя Джирга, как главного представительного органа страны, вновь стало актуальным. Были разработаны ее учредительные документы, анализ которых представляет научный интерес для изучения современного Афганистана.

После Боннской конференции, еще до созыва Чрезвычайной Лоя Джирга и принятия нового Основного закона страны был разработан ряд документов о выборах: «Положение о наблюдении за проведением выборов депутатов в Лоя Джиргу» и «Процедура выборов депутатов в Лоя Джиргу». Избирательный закон, выработанный на основе нового Основного закона 2004 года, предусматривает участие женщин во многих сферах жизни страны. Примером

служит участие избранниц различных регионов в недавно состоявшейся Чрезвычайной Лоя Джирга, затем в конституционной Лоя Джирга, утвердившей новый Основной закон. Таким образом, в новом законе, в отличие от прежних положений о выборах значительно более полно кодифицируются процедурные правила, регулирующие подготовку и проведение избирательных кампаний (в том числе создание избирательных округов и комиссий, составление списков избирателей, порядок регистрации кандидатов для баллотировки, процедура голосования, правила подачи и рассмотрения жалоб в случае нарушения избирательных прав).

Резюмируя вышеизложенное, можно отметить следующее:

Для того, чтобы более наглядно представить ход развития и круг вопросов, рассматриваемых Лоя Джиргой, мы приводим краткий хронологический обзор ее деятельности за 255 лет.

Октябрь 1747 года. Джирга, определившая судьбу нового государства Афганистан, состоялась после убийства Надир-шаха Афшара в октябре 1747 года в Надирабаде (у Кандагара), в мазаре Шир-Сурх. Джирга заседала восемь раз, но без всякого результата. Согласно афганской исторической традиции, когда джирга собралась в девятый раз, авторитетный богослов Сабир-шах предложил избрать Ахмад-хана Садозая правителем страны. Большинством голосов Ахмад-хан был избран шахом Афганистана.

Ноябрь 1841 года. Джирга состоялась накануне восстания племен против английских завоевателей 2 ноября 1841 года в Кабуле. В ней участвовали 12 человек. Мухаммад Заман-хан (племянник эмира Дост Мухаммад-хана) был избран руководителем восстания, его заместителем - Аминуллахан Логари. Согласно решению джирги, 2 ноября было объявлено днем восстания.

1865 год. В Кабуле эмиром Шер Али-ханом была созвана Лоя Джирга с целью привлечения поддержки народных масс и укрепления безопасности страны. В ней участвовали 2000 представителей. Председательствовал сам эмир, который стремился осуществить две цели: во-первых, объявить своего семилетнего сына Абдуллу своим наследником, во-вторых, заручиться поддержкой народа.

Август 1914 года. Во время Первой мировой войны в Афганистане находилась миссия Германии, Австрии и Османской Турции, которая стремилась привлечь Афганистан в качестве союзника в войне против Англии. Однако эмир Хабибулла на джирге, состоявшейся в Кабуле 24 августа 1914 года, в которой участвовали 540 представителей, провозгласил нейтралитет своей страны.

1922 год. Летом была созвана Лоя Джирга в г. Джалалабаде, на которой в основном обсуждались экономические проблемы страны. Джирга заседала в течение 10 дней. В ней участвовали 1504 делегата. На этой джирге был обсужден Кодекс (Основной закон) и одобрен эмиром Амануллой.

1924 год. На очередной Лоя Джирга эмир Аманулла был вынужден отказаться от части реформ после подавления восстания племен в Хосте, недовольных реформаторской политикой режима.

1928 год. В августе была созвана Лоя Джирга в пригороде Кабула, в Пагмане. В ней участвовало почти 1000 делегатов. Король Аманулла предложил участникам джирги новую серию социальных и политических реформ, вызвавших серьезные разногласия среди делегатов. В итоге радикализация реформаторской политики привела к антиправительственному восстанию.

1930 год. После падения режима Амануллы-хана и восшествия на престол Мухаммада Надир-хана была созвана очередная Лоя Джирга в Кабуле; в ней участвовал 301 представитель. Она длилась десять дней; Джиргу открыл сам Надир-хан; председательствовал его брат, премьер-министр Мухаммад Хашим-хан. На заседании джирги был обсужден проект Закона о выборах в Национальный совет, о количественном составе и процедуре проведения выборов представителей в провинциальные советы, о восстановлении отменных Амануллой орденов, титулов и церемониала и другие вопросы государственного строительства.

Ноябрь 1941 года. Лоя Джирга состоялась в Кабуле и длилась два дня. Ее заседание было посвящено выработке внешнеполитической линии в сложных условиях Второй мировой войны; был подтвержден курс полного нейтралитета Афганистана и принято постановление о выдворении агентуры Германии, Италии и Японии из страны по требованию правительств СССР и Великобритании.

Ноябрь 1955 года. Лоя Джирга была созвана в разгар обострения афгано-пакистанских противоречий. На ней было принято решение поддержать право зарубежных пуштунов на самоопределение. В ней участвовал 371 делегат.

Сентябрь 1964 года. В Кабуле состоялась последняя джирга в период правления короля Мухаммада Захир-шаха. Джирга длилась 10 дней. В ней участвовали 452 представителя. Обсуждался проект нового Основного закона, по которому предусматривалось раздельное функционирование трех ветвей власти, подтверждались принципы национального суверенитета, гражданские права и свободы - неприкосновенность жилища и собственности, свобода слова, печати, собраний, свобода местожительства и передвижения. Важным новшеством Конституции явилось право на создание политических партий.

1977 год. В январе после образования Республики Афганистан в 1973 году глава государства Мухаммад Дауд созвал джиргу в Кабуле 1977 г. На ней была принята новая, республиканская конституция и избран президент Республики. Им стал Мухаммад Дауд.

Ноябрь 1987 года. В условиях правления однопартийного режима во главе с Народно-демократической партией Афганистана на заседании Лоя Джирга была принята новая конституция, и лидер НДПА Наджибулла был избран президентом. Джирга подтвердила курс на национальное примирение.

10-16 июня 2002 года. В Кабуле состоялась Чрезвычайная Лоя Джирга. На ее заседаниях было сформировано Переходное правительство Афганистана во главе с Х. Карзаем, который также стал главой государства.

14 декабря 2003 года - 4 января 2004 года. В Кабуле была созвана конституционная Лоя Джирга, утвердившая новый Основной закон Афганистана. Страна получила название «Исламская Республика Афганистан».

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ахгар С.А. История Лоя джирги в Афганистане. Монография / С.А. Ахгар. - М.: Наука, 2002. 356 с.
2. Бадахши М.Т. Агар фард саргозашт дошта бошад. (Биографи-йе Мохаммад Тахир-и Бадахши бо калам-е худаш) / М.Т. Бадахши. -Кабул, [Б.г.]. - (В рукописи).
3. Биографии мухтасари Н.М. Тараки, монше-йе омоме-йе Хезб-е демократик-е хальк-е Афганистан, раис-е шура-йе энкелаб-е ва садр-е азам-е Джомхори-йе, демократик-е Афганистан // Ды Афганистан каланай. - 1979. -№44. -С.4-25.
4. Если в прежние периоды в джирге участвовали в основном представители привилегированных классов общества, то в настоящее время к участию в ее работе полнее привлекаются самые различные слои афганского общества.
5. Зерай С.А. Укрепляя патриотическое единство народа / С.А. Зерай, А.Н. Нур // Пробл. мира и социализма. - 1983. -№ 7. -С. 62-67.
6. Из чисто мужского представительного собрания к участию в джирге привлекались отдельные представительницы, а в настоящее время Основным законом страны предусматривается широкое участие в ней афганских женщин.
7. Канун дар бара-йе сабте ахзаб-е сияси-йе Джомхори-йе Афганистан. -Кабул, 1366 (1987).
8. Кармаль Б.В борьбе за национальный и социальный прогресс / Б. Кармаль //Коммунист. -1982. -№2. -С.100-112.
9. Кештманд С.А. Второй этап революции в Афганистане / С.А. Кештманд // Пробл. мира и социализма. - 1980. -№9. -С.15-20.
10. Лоя Джирга является исторически сложившимся органом в социально-политической жизни афганского народа.
11. Наджибулла М. О задачах партии по ускорению процесса национального примирения и некоторых изменениях в Программе действий НДПА: докл. на второй общепартийной конф. НДПА / М. Наджибулла // Планета за неделю. - [Б.г.]. -№101.
12. Наджибулла М. Стратегия и тактика национального примирения // Новое время. - 1987. -№ 21. -С.18-20.
13. Нуриддинов П.Р. Кто есть кто в Афганистане. Биографическая энциклопедия. Второе дополненное издание / П.Р. Нуриддинов. Душанбе: «Эр-граф», 2016. 400 с.
14. О 20-летии Народно-демократической партии Афганистана: документы ЦК НДПА // Партийная жизнь. - 1984. - 23 дек.
15. Она никогда не была ограничена определенным временем и местом ее созыва, а также количеством участников.
16. Основные принципы Демократической Республики Афганистан // Демократ. Респ. Афганистан: справ. -М.: Наука, 1981. -С.153-166.
17. Решения Лоя Джирги являются обязательными для правительства в осуществлении внутренней политики и разработке важных законопроектов.
18. Существовали и существуют поныне три вида этого органа: общенациональная, племенная и местная джирга, каждая из которых обсуждает и принимает решения по определенному кругу вопросов.


## ЛОЯ ҶИРГА ҲАМЧУН МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ АФҒОНИСТОН


Дар мақола баъзе ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии боло рафтани нақши Лоя Ҷирга ҳамчун мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар Афғонистон баррасӣ мегарданд. Муаллиф чунин ақида дорад, ки Лоя Ҷирга дар таърихи сиёсии Афғонистон, дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми рушди кишвар нақши калидӣ бозидааст. Лоя Ҷиргаи умумимиллӣ аз намояндагони элитаи ҷомеаи афғонӣ, роҳбарони қабилаҳо ва арбобони ҷамъиятӣ иборат аст. Лоя Ҷирга ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои мураккаб дар Афғонистон даъват карда мешавад. Дар гузашта Лоя Ҷирга аз тарафи шоҳ ё президенти ҷумҳурӣ даъват карда мешуд. Ба

ҳайати он метавонистанд намояндагони ҳам интихобшудагон ва ҳам таъйиншудагон дохил шаванд. Акнун вазъият дар кишвар тағйир ёфтааст ва Қонуни асосии нави давлат қабул гардид, ки тибқи моддаи 64-уми он даъвати Лоя Ҷирга ба салоҳияти президенти ҷумҳурӣ дохил мешавад. Бори дигар қайд кардан зарур аст, ки аъзоёни Лоя Ҷиргаи гузашта намояндагони элитаи анъанавии ҷомеаи афғонӣ буданд. Ин институти анъанавии иҷтимоиву сиёсӣ то охири солҳои 80-уми асри XX амал мекард. Баъди шикасти ҳаракати «Толибон» аҳамияти Лоя Ҷирга ҳамчун мақомоти асосии намояндагии давлат аз нав мубрамият пайдо кард. Ҳуҷҷатҳои таъсисии он таҳия гардиданд, ки таҳлили онҳо барои омӯзиши Афғонистони муосир аҳамияти хосса дорад.
**Калидвожаҳо:** Афғонистон, Лоя Ҷирга, ҳокимият, қабила, институти анъанавӣ, сохтори давлатӣ, қонуни асосӣ, сиёсат.

**ЛОЯ ДЖИРГА КАК ПРЕДСТАВИТЕЛЬНЫЙ ОРГАН ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ АФГАНИСТАНА**

В статье рассматриваются некоторые социально-политические аспекты повышения роли Лоя Джирга как представительного органа государственной власти в Афганистане. Автор считает, что в политической истории Афганистана Лоя Джирга играла ключевую роль в урегулировании жизненно важных вопросов развития страны. Общенациональная Лоя Джирга состоит из представителей элиты афганского общества, племенных вождей и общественных деятелей. Она созывается при возникновении сложных обстоятельств в Афганистане. Прежде Лоя Джирга созывалась королем или президентом республики. В ее состав могли входить как избранные, так и назначенные представители. Теперь положение в стране изменилось, и принят новый Основной закон государства, согласно 64-й статье которого созыв Лоя Джирга входит в компетенцию президента республики. Необходимо еще раз повторить, членами прежней Лоя Джирга были представители традиционной элиты афганского общества. Этот традиционный социально-политический институт функционировал вплоть до конца 80-х гг. XX века. После разгрома движения «Талибан» значение Лоя Джирга, как главного представительного органа государства, вновь стало актуальным. Были разработаны ее учредительные документы, анализ которых представляет научный интерес для изучения современного Афганистана.
**Ключевые слова:** Афганистан, Лоя Джирга, власть, племя, традиционный институт, государственный строй, основной закон, политика и т.п.

**THE LOYA JIRGA AS A REPRESENTATIVE AUTHORITIES OF STATE POWER OF AFGHANISTAN**

The article deals with some socio-political aspects of increasing the role of the Loya Jirga as a representative authorities of state power in Afghanistan. The author believes that in the political history of Afghanistan Loya Jirga played a key role in the settlement of vital issues of the country's development. The national Loya Jirga consists of representatives of the elite of Afghan society, tribal leaders and public figures. It is convened under difficult circumstances in Afghanistan. Previously, the Loya Jirga was convened by the king or the President of the Republic. It could include both elected and appointed representatives. Now the situation in the country has changed, and a new Basic law has been adopted, according to article 64 of which the convening of the Loya Jirga falls within the competence of the President of the Republic. Members of the former Loya Jirga were representatives of the traditional elite of Afghan society. This traditional socio-political institution functioned until the late 80-ies of XX century. After the defeat of the Taliban movement, the importance of the Loya Jirga as the main representative authorities of the country once again became relevant. Its founding documents have been developed, the analysis of which is of scientific interest for the study of modern Afghanistan.
**Key words:** Afghanistan, Loya Jirga, power, tribe, traditional institution, state system, basic law, politics, etc.

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Фируз Раймалихонович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **firuzin@gmail.com**

**Information about the author:** ***Nuriddinov Firuz Raimalikhonovich*** - Tajik National University, applicant of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E–mail: **firuzin@gmail.com**

**УДК: 321.6/.8 + 342.1**

# ЗИНАҲОИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГИИ ИНКИШОФИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

## (аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то имрӯз)

***Комилбеков А.Ё., Қобилова М.З.***

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX дар таърих ва фарҳанги мардуми Тоҷикистон воқеаи муҳиме ба шумор меравад. Замоне ки Осиёи Миёна дар натиҷаи мухолифатҳои байнихудии хонҳои Қӯқанд, Хева ва амири Бухоро парокандагӣ аз сар мегузаронд, мардум дар азобу шиканҷа қарор доштанд.

Яке аз воқеаҳое, ки қутби тараққиёти Осиёи Марказиро дигаргун сохт ва тағйиротҳои куллиеро дар сохти сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳатто ҷуғрофӣ ворид сохт, ин ба ҳудуди Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани минтақа дар нимаи дуюми асри 19 ва баъдтар барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар даҳсолаи дуюми асри 20 мебошад [4,с.28]. Масалан, хислати пешбарандаи сиёсати забткоронаи Россияро дар назар дошта, Ф. Энгелс дар нома ба К. Маркс изҳор мекунад: “Россия ҳақиқатан нақши пешбарандаро дар

муносибати Шарқ ичро менамояд. Ба ҳамаи камбудиҳо нигоҳ накарда...., ҳокимияти Россия нақши созандаро барои минтақаҳои баҳри Сиёҳ, баҳри Хазар ва Осиёи Марказӣ мебозад” [7,с.241].

Мардуми Осиёи Марказӣ дар робита бо мардуми рус дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ тавонистанд ватани хешро ба ҷумҳуриҳои хеле тараққикардаи саноатӣ, кишоварзӣ ва фарҳангӣ табдил диҳанд. Агар мо ба гузаштаи Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ назар кунем, он комёбиҳои бузурге, ки мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои давлатдорӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маданият, сохтмон, саноат ба даст овардааст, онро нодида гирифтан ғайриимкон аст.

Дар давраи зикршуда барқарор шудани давлатдории шӯравии халқи тоҷик ба якчанд зинаи тараққиёти таърихӣ, ки он дар фарҳангу маданият ва тамаддуни баланд таҷассум ёфтааст, дохил мешавад.

Зинаи аввал аз ҷиҳати муттасил будани ҳодисаҳо, давраи аввали инқилоб, ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Туркистон то тақсимоти миллии ҳудудии Осиёи Миёна, яъне аз соли 1920 то соли 1924 о дар бар мегирад.

Зинаи дуюм аз ташкилёбии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон аз моҳи октябри соли 1924 то соли 1929, яъне таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон давом кардааст. Албатта, барои бунёдгузории давлатдории тоҷикон саҳми арбобони давлатии тоҷик – Нусратулло Махсум (Лутфуллоев Нусратулло) ва Шириншоҳ Шоҳтемур ниҳоят бузург буда, онҳо барои хизматҳои шоистаашон бо унвони олии “Қаҳрамони Тоҷикистон” қадр карда шуданд.

Зинаи сеюм-ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 16-уми октябри соли 1929 то эъломияи истиқлолият, яъне то 9-уми сентябри соли 1991 давом кардааст [8,с.5].

Агар сухан дар бораи комёбиҳои ҳар як зина равад, дар зинаи аввал ҳеҷ гуна сохтмони назарраси фарҳангӣ бунёд карда нашудааст, чунки ин давра давраи муайянкунии сохтори давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дарвоқеъ, дар ин зина мардуми тоҷик ба бунёду бунёдкорӣ, сохтмони шаҳр ва ободонӣ оғоз намуда буданд. Сохтмони иншооти маданӣ дар зинаи дуюми тараққиёти ҷумҳурӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуда буд.

Мавриди зикр аст, ки деҳаи на он қадар калони Душанбе 15 марти соли 1925 чун пойтахти Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба худ мақоми шаҳрро гирифтааст. Аз соли 1929 то соли 1961 Сталинобод ном дошт. Дар ин давра бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншооти фарҳангӣ оғоз ёфт. Аввалин идораи алоқаю телеграф, мактаб-интернатҳо, аввалин истгоҳи барқӣ-дизелӣ, ки дорои 200 нуқтаи равшанидиҳӣ буд, сохта шуданд. Дар соли 1929 бо роҳи оҳани нав аввалин қатора ба Душанбе омад, корхонаҳои саноатӣ, аввалин китобхона соли 1923 ва аввалин клубҳо дар соли 1926 кушода шуданд. Дар ин солҳо, яъне солҳои 1923-1924 нахустин рӯзнома ва китоби алифбо ба забони тоҷикӣ аз чоп баромад. Соли 1925 Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт. Аввалин дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо сохта шуданд.

Дар ин замина робитаҳои иқтисодию фарҳангии халқи тоҷик бо дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба роҳ монда шуданд. Аз шаҳрҳои Маскав, Ленинград, Киев, Харков, Одесса ва ғайра ба Душанбе мутахассисони соҳаҳои гуногун - меъморон, лоиҳакашон, ҳунармандон, олимон бо сарварии П.И. Ваулин ва С.В. Кутин омаданд. Аввалин ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва қарорҳо қабул карда шуданд, ки ҳамаи баргузории чорабиниҳо ба манфиати халқи тоҷик буд [3,с.250].

Зинаи сермаҳсули рушди фарҳанги тоҷик зинаи сеюм мебошад, ки бештар аз 60 сол (1929-1991) давом карда, замоне буд, ки Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар қатори дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба яке аз мамлакатҳои тараққикардаи Осиёи Миёна табдил ёфт. Дар ин солҳо ҷумҳурӣ ба пешравиҳои зиёд муваффақ шуд. Ташкили муассисаҳои маданӣ, аз он ҷумла Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1951), Донишгоҳи агропедагогӣ (Донишгоҳи кишоварзӣ) соли 1931 дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи педагогӣ дар шаҳри Хуҷанд соли 1932, Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1939 дар шаҳри Душанбе, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1947, Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ) дар соли 1956, имкониятҳоро барои омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм, техника ва маориф заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Мо имрӯз аз он чеҳраҳои бузурги миллати хеш ифтихор дорем. Онҳо арбобони барҷастаи илму санъати тоҷик буда, тавассути эҷодиёт ва таҳқиқотҳои худ миллати

тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Султон Умаров, Муҳаммад Осимӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода; оҳангсозону ҳунарпешагон ва адибон – Аҳмад Бобоқулов, Зиёдулло Шаҳидӣ, Гурминҷ Завқибеков, Ғуломалӣ Ғуломҳайдаров, Муҳаммадҷон Қосимов, Малика Собирова, Кароматулло Қурбонов, Баҳодур Неъматов, Хурмо Ширинова, Муборакшо Мизрошоев, Далер Назаров, Муқаддас Набиева, Наргис Бандишоева, Махфират Ҳамроқулова, Боқӣ Раҳимзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Зуҳур Ҳабибуллоев, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Лоиқ Шералӣ, Отахон Латифӣ, Одина Ҳошимов, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Гулназар, Бозор Собир, Муҳаммадҷон Шукуров, Саттор Турсун, Ато Мирхоҷа, Раънои Мубориз, Фарзона; донишмандон А. Баҳоваддинов, Акбар Турсон, Мӯсо Диноршоев, Хаёлбек Додихудоев, Мунзифа Ғаффорова, Ю.Б. Исҳоқӣ, М. Ғуломов, Рауф Баротов ва дигарон; муаррихон - Мулло Эркаев, Раҳим Масов, Баҳодур Искандаров, Моёншо Назаршоев, Иброҳим Усмонов; ҳуқуқшиносон О. Усмонов, М. Муллоев, Ф. Тоиров, А. Имомов; ҳунармандон Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Ҷӯрабек Муродов, Одина Ҳошим, Нигина Рауфова, Давлатманд Холов, Марям Исоева, Мушаррафа Қосимова, Убайдулло Раҷабов, Боймуҳаммад Ниёзов, Зафар Нозимов, Устоқадам Машрабов, Мастибек Паллаев, Сайф Раҳимзод, Малика Қаландарова, Давлати Худойназар, Ато Муҳаммадҷонов ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Аз ҳама муҳим он буд, ки тоҷикон ҳамчун миллат шинохта шуданд, сарҳади давлатӣ муайян карда шуд, бартарии забони русӣ ва забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ эътироф карда шуда буд, анъанаҳои нав бо тақозои замон ба миён омаданд. Тоҷикистон ба ҷумҳурии манбаи ашёи хоми давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Дар ин зина бо заҳмату кӯшишҳои як гурӯҳ олимону санъаткорон иншоотҳои бузурги маданӣ бунёд карда шуданд. Масалан, “Хонаи нависандагон” аз рӯйи лоиҳаи Салихов Э., “Кохи Ваҳдат” аз тарафи меъмор Ерзовский Э.В., лоиҳаи меъмории биноҳои Комитети Амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ аз тарафи Пархов Ю.Л. сохта шуданд. Бо пешниҳоду лоиҳаҳои Юлдошев Ҳикмат, С.Л. Анисимов бинои Сирки тоҷик дар шаҳри Душанбе сохта шуд [2,с.369].

Барои бунёди биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангӣ саҳми санъаткорону меъморон Мелашеевич И.И. (ҳайкалтарош), Р. Каримов, Р. Муқимов, В.Г. Вселовский, Б.А. Зуҳуриддинов, Н.Х. Ёқубов, Х.Р. Содиқов ва дигарон ниҳоят бузург мебошад.

Зинаи чоруми давлатдории тоҷикон аз солҳои 1990-1991, яъне аз эълони давлати соҳибихтиёри мустақил оғоз ёфта, то ба озодии комили давлатӣ расидан идома меёбад. Аммо фоҷиаҳои солҳои 1992-1993 ба сари мардуми мамлакат бадбахтиҳои зиёде овард, ки ба соҳаи маданияту фарҳанг ҳам бетаъсир намонд. Мутахассисон ва ходимони барҷаста, аз ҷумла олимон, меъморон, рассомон, лоиҳакашон, нависандагон ва дигарон ба кишварҳои дигар муҳоҷират карда, аз сарзамину миҳани аҷдодӣ дур монданд. Дар натиҷа бисёр муассисаҳои соҳаи маданӣ - кинотеатрҳо, театрҳо, китобхонаҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, нашри китобҳо ва ғайра, ки аз фаъолият бозмонда буданд. Барои аз нав барқарор кардани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ маблағи хеле зиёд лозим буд. Вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа хеле заиф буд.

Саҳифаи муҳимми давлатдории миллӣ - Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маҳз баъди ин иҷлосия ҳукумати конститутсионӣ барқарор гардид ва роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуд. Бо кӯшишу заҳматҳои зиёди Асососгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кутоҳ ноороимиҳои сиёсӣ дар мамлакат бартараф карда шуданд.

Баробари зина ба зина барқарор кардани инфирасохтори иқтисодии мамлакат, як қатор корҳо дар соҳаи сиёсат, илму фарҳанг ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994, ки бунёди давлатдории миллии моро дар шароити нави ҷаҳонӣ муайян мекунад, Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллии мардуми тоҷик 27-уми июни 1997, таҷлили ҷашну рӯзҳои Истиқлолият, 1100-солагии давлати Сомониён соли 1999, анҷумани фарҳангии байналхалқӣ тоҷикону форсизабонони ҷаҳон, ҷашни 80-солагии шаҳри Душанбе, бузургдошти тамаддуни ориёӣ, бузургдошти мутафаккирону шоирони классик ва муосир, 20–солагии Истиқлолият, Соли оби тоза, Даҳсолаи об барои ҳаёт, Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва ғайра.

Ба ризоияти умумӣ ва сулҳи пойдор муваффақ гардидани тоҷиконро коршиносони хориҷӣ ҳамчун падидаи нигиносои асри XX арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла, яке аз коршиноси Олмон Арне Клеманс Зайферт чунин ишора мекунад: «Дар ҳақиқат муҳокимаҳои сиёсие,

ки солҳои охир пас аз бастани Созишномаи умумӣ дар бораи сулҳ ва ризоият ба вуқӯъ пайваст, дар ҷомеаи тоҷикон таҷрибаи беназиреро дар фазои Аврупо ва Осиё тавлид кард». Ва ё коршиноси англис Кэтрин Баренс дар ин маврид чунин андешаронӣ кардааст: «Ҷараёни мунокишаи тоҷиконро хуб баррасӣ намуда, муайян сохтан лозим аст, ки чӣ тавр ин сабақи тоҷикон метавонад барои хубтар фаҳмидани ҷанги шаҳрвандӣ дар манотиқи дигар ба мо кумак расонад» [4,с.5].

Омили муҳимми ҳамбастагии иҷтимоии миллат кӯшишҳои эҳёи хотираи таърихии мардум, тармими ғояҳои миллӣ мебошанд, ки қодир буданд дар раванди муттаҳидии ҷомеаи Тоҷикистон, сулҳофарӣ, ҳамоҳангӣ ва тарғиби инсондӯстӣ дар байни мардум, рафъи мухолифатҳо, барқарор кардани муносибатҳои шарикию ҳамкорӣ нақши муайян иҷро намоянд [1,с.99].

Дар маҷмӯъ, ба андешаи мо, таърихи халқи тоҷик ва фарҳанги сиёсии он, махсусан давраи нав ва навтарин пурра омӯхта нашудаанд. Ин марҳилаҳои таърихӣ маводи гаронбаҳоро барои муҳаққиқон ва коршиносон пешниҳод мекунад. Омӯхтани зинаҳои таърихии фарҳангӣ ва сиёсии миллати тоҷик аз нимаи дувуми асри XIX ва аз давраи Осиёи Марказиро забт намудани Россияи подшоҳӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ ба андозаи хеле бузург гиреҳи сабабҳои он ҳодисаву воқеаҳоеро, ки халқи тоҷик дар се даҳсолаи охир шоҳиди он шуда буд, боз мекунанд. Маҳз дар ин давра ҷомеаи тоҷикон бори нахуст бо масоили суръатгирифтаи оламшумули ба ном глобализатсия, яъне ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон раванди фаъоли омехташавии фарҳангҳои гуногун, ба мисли фарҳанги Иттиҳоди Шӯравӣ, фарҳанги Ғарб, фарҳанги исломӣ ва фарҳанги тиҷоратии Хитой ба назар мерасанд [6,с.96]. Аз ин рӯ, миллати тоҷик бояд решаи ориёии худро низ фаромӯш насозад ва кӯшиш намояд, ки арзишҳои ба ҷомеа фоидаовари онро эҳё намояд.

Фарҳанги ориёӣ фарҳанги панҷуми бузург дар миёни фарҳангҳо ва тамаддунҳои номбаршуда мебошад, ки дар ҷомеаи тоҷикон ҳузур дорад. Дар чунин зинаи таърихӣ насли наврас ва ҷавонон бояд аз ояндаи дуру наздики худ бохабар бошанд ва маҳорати таҳлилгароияшон инкишофёфта бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Додихудоева Л. Ҷанбаҳои байналхалқӣ ва дохилии раванди сулҳ дар Тоҷикистон / Л. Додихудоева // Маҷмӯаи тезисҳои Симпозиуми байналмилалии “Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон”. -Душанбе, 2001. – 320 с.
2. Зиёзода Т.Н. Что можно извлечь из советского опыта для разработки школьных учебников истории // Вестник Таджикского национального университета. - 2011. -№4(68).
3. Зарифи Х. Таджикистан в контексте безопасности Центрально-азиатского региона // Вестник Таджикского национального университета. -2011. -№4 (68).
4. Бабаев К.Б. Политический плюрализм в Таджикистане: история и современность / К.Б. Бабаев. -Душанбе, 2018.
5. Комилзода Ш. Нақши Тоҷикистон дар ҷаҳонинамоии сулҳ // Паёмномаи фарҳанг. – 2012. – №2 (19).
6. Кобилов М.З. Мултикультурализм и его перспективы в современном глобальном мире / М.З. Кобилов // Вестник Таджикского национального университета. –2016. – №3/6 (211).
7. Маркс К. Сочинение / К.Маркс, Ф.Энгелс. 2-е издание. -Т.27. -С. 241.
8. Масов Р.М. История топорного разделения / Р.М. Масов. –Душанбе: Ирфон,1991.


## ЗИНАҲОИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГИИ ИНКИШОФИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК
### (аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то имрӯз)


Дар мақола раванди ташаккули сиёсию фарҳангии миллати тоҷик аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то замони муосир баррасӣ гардидааст. Муаллифон воқеияти таърихиро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ таҳлил ва зинаҳои давлатдории миллати тоҷикро аз замони барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX то замони муосир муайян намудаанд. Барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX дар таърих ва фарҳанги мардуми Тоҷикистон воқеаи муҳиме ба шумор мерафт. Замоне ки Бухоро дар натиҷаи мухолифатҳои байнихудии хонҳои Қӯқанд, Хева ва амири Бухоро парокандагӣ аз сар мегузаронд, мардум зиндагии вазнин ва дар азобу шиканҷа қарор доштанд. Мардуми Осиёи Марказӣ дар робита бо мардуми рус дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ тавонистанд ватани хешро ба ҷумҳуриҳои хеле тараққикардаи саноатӣ, кишоварзӣ ва фарҳангӣ табдил диҳанд. Агар мо ба гузаштаи бештар аз 70-солаи сохти шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ назар кунем, он комёбиҳои бузурге, ки мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои давлатдорӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маданият, сохтмон, саноат ба даст овардааст, онро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Саҳифаи муҳимми давлатдории миллӣ - Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маҳз баъди ин иҷлосия ҳукумати конститутсионӣ барқарор гардид ва роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуд. Бо кӯшишу заҳматҳои зиёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ нооромиҳои сиёсӣ дар мамлакат бартараф карда шуданд.



**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Шӯравӣ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, зинаҳои давлатдорӣ, робитаҳои фарҳангию дипломатӣ, арбобони барҷастаи илму санъат, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ, давлатдории тоҷикон.

**ЭТАПЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО И КУЛЬТУРНОГО РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ**
**(с начала 20-х годов XX века до сегодняшнего дня)**

В статье рассматриваются проблемы формирования политической культуры таджикского народа со времён образования СССР и установления советской власти до сегодняшнего дня. Авторы, изучив исторические реалии, определили этапы образовании государственности таджикской нации в начале 20-х годов XX века до сегодняшнего дня. Установление Советской власти в 20-ые годы XX века в истории и культуре таджикского народа считалось великим событием. Было время, когда Бухара в результате внутренних противоречий и противоборств с Кокандом, Хивой была раздробленной, народы Средней Азии находились в тяжелых социально-экономических условиях. Народы Центральной Азии в сотрудничестве и под непосредственным влиянием русского народа за короткий исторический период времени сумели создать и развить свои республики в промышленном, сельскохозяйственном и культурном направлениях. Если мы обратим внимание на 70-летнюю историю советского периода Таджикистана в составе СССР, то отмечаем большие успехи и достижения в государственности, культуре, экономике, социальной сфере, строительстве, промыщленности и других орaслях общественной жизни республики. XVI - Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан является яркой страницей в истории национальной государтсвенности таджикского народа. Именно после этой Сессии в республике восстанавливается конституционное правительство, и Эмомали Рахмон избирается главой государства. Стараниями и огромным трудом Основатель мира и национального согласия, Лидер нации, Эмомали Рахмон за короткий период времени разрешил политические проблемы внутри страны и стабилизировал обстановку в целом.

**Ключевые слова**: Советский Союз, Центральная Азия, этапы государственности, культурно-дипломатические отношения, деятели науки и искусства, социально-экономическое положение, политическая обстановка, государственность таджиков.

**STAGES OF POLITICAL AND CULTURAL DEVELOPMENT OF THE STATEHOOD OF THE TAJIK NATION (FROM THE BEGINNING OF THE 1920 TO THE PRESENT DAY)**

The article deals with the problems of the formation of the political culture of the Tajik people since the formation of the USSR and the establishment of Soviet power to this day. The authors studied the historical realities and determined the stages in the formation of the statehood of the Tajik nation in the early 20s of the twentieth century to the present day. The establishment of Soviet power in the 20s of the twentieth century in the history and culture of the Tajik people was considered a great event. There was a time when Bukhara experienced fragmentation as a result of internal conflicts and combats with Kokand, Khiva, the peoples of Central Asia had a difficult socio-economic life. The peoples of Central Asia, in cooperation and under the direct influence of the Russian people, in a short historical period of time were able to create their own republics in industrial, agricultural and cultural areas. If we pay attention to the 70-year history of the post-Soviet period of Tajikistan as part of the USSR, we observe great successes and achievements in statehood, culture, the economy, the social sphere, construction, industry and other sectors of the public life of the republic. XVI - Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan is a bright page in the history of the national statehood of the Tajik people. It was after this Session that the constitutional government was restored in the republic and Emomali Rakhmon was elected head of state. Through the efforts and enormous work of the Founder of Peace and National Accord, the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, in a short period of time resolved political problems within the country and stabilized the situation as a whole.

**Key words:** the Soviet Union, Central Asia, stages of statehood, cultural and diplomatic relations, scientists and art workers, socio-economic situation, political situation, statehood of the Tajiks.

**Сведения об авторах:** ***Комилбеков Амид Ёрбекович*** – Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой международных отношений и политических процессов. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 935-57-58-55**. E-mail: **amid.komilbek@mail.ru**
***Кобилов Мухаббатшо Замирович*** – Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры международных отношений и политических процессов. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Тел.: **(+992) 933-01-15-13**

**Information about the authors:** ***Komilbekov Amid Yorbekovich*** - Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of International Relations and Political Processes. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33. Phone: **(+992) 935-57-58-55**. E-mail: **amid.komilbek@mail.ru**
***Kobilov Muhabbatsho Zamirovich*** - Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Senior Lecturer at the Department of International Relations and Political Processes. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33. Phone: **(+992) 933-01-15-13**

**УДК: 32.001 (575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАГӢ ВА ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-СИЁСӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдураҳмонзода Р.А.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, ғояи миллӣ ва ватандӯстӣ дар раванди омодасозии кадрҳои оянда имрӯз аҳамияти зиёд доранд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми амнияти миллӣ ҳамчун «ҳолати

муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз хатарҳои дохиливу берунӣ, ки бо истифодаи қувваи низомӣ ва ё мақсади истифодаи он алоқаманд аст» омадааст [2].

Ҳадаф ва вазифаҳо, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои тарбияи ҳарбӣ-сиёсиро бо назардошти талаботҳои муосир ба тарбия баррасӣ намуда, он бевосита ба муайян намудани мавқеи дастурҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ оварда мерасонад. Агар дар сохти коммунистӣ қайд мегардид, ки «тарбия ин таъсири муайян, мақсаднок ва низомнок ба рӯҳияи тарбиятгиранда барои омӯзонидани хислатҳои ба тарбиякунанда писанд мебошад» [6,с.69-70], пас дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бунёди сиёсӣ барои чунин мавқеи вобаста ба ҷавонон вуҷуд надорад, зеро ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ дар бораи вазифаҳои стратегӣ зиёд қайд менамояд ва мавқеи ҷавононро дар он муайян мекунад: «Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро ба сатҳи масъалаҳои стратегии давлатӣ, амнияти миллии кишвар бардорем» [8,с.14].

Дар шароити гузариши сиёсӣ дар ҷаҳони муосир рафтору зиракии сиёсии ҷавонон босуръат тағйир меёбанд. Равандҳое, ки дар соҳаи сиёсӣ ба вуқӯъ мепайванданд, ба монанди соҳаи иқтисодӣ ва маънавӣ, ҳамчун буҳронӣ арзёбӣ мегарданд, азбаски сатҳи пасти фарҳанги ҳарбӣ-сиёсии ҷавонон ба пастшавии фаъолнокии ҳарбӣ-сиёсӣ ва ватандӯстӣ оварда мерасонад, ба фаъолияти сиёсӣ дар шаклҳои умумии он мусоидат намекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши масъалаи иштироки сиёсии ҷавонон дар равандҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад, вале муҳтавои сиёсати иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаро дар бар гирад.

Дар асоси пояи назариявӣ-методологии тадқиқоти мушкилоти ҷавонон дар умум, масъалаҳои фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии онҳо, мавқеи сиёсии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар равандҳои сиёсӣ, аз ҷумла муҳофизати сарҳаду шаҳрвандон аҳамияти махсус касб менамоянд.

Ҷомеа ҳамчун низом, ки якчанд сатҳро пешбинӣ менамояд, дар пайдоиши худ аз соҳаҳои муайяни мустақил, аз қабили маънавӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра вобастагӣ дорад, ки дар навбати худ дар асоси гуногунии функсияҳои иҷроии инсон, тақсимоти меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Албатта, дар натиҷаи фаъолияти инсон ва субъектҳои дигари иҷтимоӣ, аз қабили шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, синфҳо, миллатҳо ва иттиҳодҳо ва институтҳои сиёсии ташкилнамудаи онҳо, гурӯҳи иҷтимоӣ – ҷавонон ҷудо мегардад. Дар навбати худ, насли ҷавон объекти умумияти иҷтимоӣ бо манфиатҳо, авлавиятҳо ва арзишҳои худ ҳамеша нақши муҳимро дар ҳаёти давлатӣ ва сиёсии кишвар иҷро мекунад. Аз ин сабаб зинаи муҳимми сиёсати давлатиро дар аксари кишварҳои ҷаҳон сиёсати давлатии ҷавонон бо махсусияти тарбияи ватандӯстӣ ташкил медиҳад.

Аммо, ҳатто имрӯз таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки дар шароити кунунӣ ҷавонони тоҷик ҳанӯз ҳам ба ватандӯстӣ ниёз доранд. Дар акси ҳол нигоҳ доштани истиқлолияти худ ва ё муайян намудани вазифаҳои авлавиятнок бемуваффақ хоҳад буд, агар насли ҷавони тоҷик ба ҷузъи хеле муҳим – ватандӯстӣ такя накунад.

Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки вобаста ба ин, дар Консепсияи сиёсати ҷавонон «воситаи муҳимтарини баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва маънавӣ, донишҳои ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи бойи миллати худ ба ҳисоб меравад» [4].

Ба ин нигоҳ накарда, фарҳанги сиёсии халқи тоҷик дар ҳолати имрӯз пурра нест, зеро ки ҷузъҳои алоҳидаи он мавҷуд нестанд ва онҳое, ки мавҷуданд хусусияти номукаммал доранд. Қисми зиёди унсурҳои сиёсӣ-фарҳангӣ ба хусусияти миллӣ, анъанаҳои халқи тоҷик мувофиқ нестанд, яъне ба фарҳанги сиёсӣ хусусияти ғайриорганикӣ хос аст [7,с.107-113].

Худи мафҳуми «фарҳанги сиёсии ҷавонон» чун мафҳуми умумии «фарҳанги сиёсӣ» имрӯзҳо ба маънои абстрактӣ ва баъзан ба маънои ба омма нофаҳмо истифода мегардад. Вобаста ба он ки мафҳуми «фарҳанги сиёсии ҷавонон» худ аз худ ҳамчун натиҷаи фаъолияти сиёсии ҷавонон, эҷодиёти сиёсии онҳо ифода мегардад ва раванди мутобиқгардии онҳоро ба идораи ҷомеа, миллат, ҷамъиятҳои дигари иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида – муносибатҳои сиёсӣ нишон медиҳад.

Ҳангоми таҳияи механизмҳои самаранок ва самтҳои афзалиятноке, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии ҷавонон мусоидат мекунанд, инчунин мавқеи махсус ба васоити ахбори омма дода мешавад. Иттилоот, дар умум, ба ҷавонон таъсири хеле калон расонида, ба тағйирот ҳам дар андозагирии миқдорӣ ва ҳам сифатӣ таъсир мерасонад.

Ибораи дуюм - «амнияти сиёсӣ» дар луғатҳо ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ маънидод мегардад, ки маънояш воситаю тадбирҳо ва низоми сиёсӣ мебошад, ки ба алоқамандии тарафайн, муттаҳидшавии қисмҳо асос ёфтааст, зимнан низоми мазкур тавозуни максималии манфиатҳо ва ташвишҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро нигоҳ медорад ва ҳамчун устувории иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам пуррагии ҷомеа баромад мекунад. Дар зери мафҳуми амнияти сиёсӣ, инчунин вазъияти мусоиди давлат дар арсаи байналмилалӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати давлат ҷиҳати таъмини амният дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фаҳмида мешавад, яъне дар умум ҳолати устувори муҳофизатии шахс, ҷомеа ва давлат аз хатарҳои сиёсии дохиливу берунӣ, ҳамаи инҳо асоси амнияти сиёсиро ташкил медиҳанд.

Айнияти фарҳангӣ ва шаҳрвандии ҷавонони тоҷикро тавсиф дода, бояд дар хотир дошта бошем, ки дар оғози истиқлолияти сиёсӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта, таъсири анъанаҳои фарҳангии шӯравӣ ба ҷавонон коҳиш наёфта, ҳамзамон таъсири ҳам фарҳанги анъанавии тоҷик ва ҳам эҳёи анъанаҳои исломи тундгаро, ки ҷомеаи тоҷик замоне дар зери таъсири он қарор дошт, фаъол гашт.

Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ, исломи тундгаро дар зери таъсири низоми мустаҳками сиёсӣ нобуд гашта буд, вале дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ, амнияти сиёсӣ ба мақоми аввал баромад, зеро ки бо вайрон гаштани низоми мавҷудаи шӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ба эҳёи қисми вазифаҳои тундгароӣ мусоидат намуд. Амнияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ғояи гузариш ба ишғоли ғайрихушунатии истиқлолият асос ёфтааст, эҳтимолан ба таҳияи диду назари нав ба нақши ҷавонон дар ҷомеа меовард, вале далел он аст, ки сарчашмаи қувваи ҷанговар ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар амнияти сиёсии кишварро халалдор намуд. Эҳтимолияти нобуд сохтани истиқлолият ва мустақилияти давлати тоҷикон ҳақиқат буд ва ҷанги шаҳрвандии ташкилшуда имконияти нобуд сохтани амнияти сиёсии кишварро дода буд.

Бо вуҷуди ин, новобаста аз афзоиши чопи маводҳо доир ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, фарҳанги сиёсии ҷавонон, амнияти сиёсӣ, тамоюли арзишӣ-ватандӯстӣ, ки ба ҷавонон, сиёсати давлатӣ ва фарҳанги сиёсӣ алоқаманданд, маводҳое, ки пешниҳодҳои мушаххас ва мисолҳои амалӣ вобаста ба таҳияи сиёсати ҷавонон ва стратегия дар масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбии ҷавонон доранд, хеле каманд.

«Ватандӯстии ҷавонон – тибқи гуфтаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – муҳаббати онҳо ба Ватан, ки дар хизмат ба манфиатҳои он аён мегардад, дар рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон аҳамияти ҳалкунанда дорад».

Мафҳуми ватандӯстӣ муносибати ахлоқии инсон, ки ба муҳаббат ба Ватан, ҳисси қаноатмандӣ аз муваффақиятҳои бадастовардаи он, фахр аз дастовардҳо, дар эҳтиром ба таърих ва арҷгузорӣ ба анъанаҳои фарҳангӣ, омодагӣ ба ёрӣ дар лаҳзаҳои мушкил, ҳимояи истиқлолияти он аз забткорон, ҷони худро дареғ надоштан барои истиқлолият ва озодии он аён мегардад.

Мушкилиҳои тарбияи ватандӯстӣ бояд дар мадди назари олимон, педагогҳо, сиёсатшиносон ва низомиён, ки аллакай дар худ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «тарбияи ватандӯстӣ»-ро, ки асоси онҳоро тадқиқоти муҳимми соҳаи низомӣ - омодасозӣ ва тарбияи асосҳои консептуалии низоми миллии таълим ва тарбия ташкил медиҳанд, эҳсос кардаанд, қарор гиранд. Дар адабиёт се навъи ватандӯстии шаҳрвандиро ҷудо мекунанд:

1. Этникӣ - ин ватандӯстие мебошад, ки ба ҳисси мансубияти шахсӣ ба халқи худ, муҳаббат ба забони модарӣ, фарҳанг, таърихи миллати худ ва ғайраҳо асос ёфтааст. Ин мафҳум бори аввал аз тарафи олим-психологи машҳур И.Кон истифода гардидааст, ки ӯ қайд менамояд: «... ватандӯстии этникӣ ин ба тасдиқи симои муайян ва содаи халқи худ, ки одатан бо хусусиятҳои мусбӣ дарҷ гардидаанд» [3,с.186-193].

2. Ҳудудӣ - чунин ватандӯстӣ ба муҳаббат ба он минтақаи Замин, ки инсон ба дунё омада, ба камол расидааст, асос меёбад.

3. Давлатӣ - ин ватандӯстиест, ки ба ҳадафи давлат ва миллат: ташкили давлати худ, худмуайянкунии давлатӣ, ҷаҳонбинии давлатӣ ва ҳисси давлатдорӣ асос ёфтааст; ин сатҳи баланди ватандӯстӣ мебошад, ки ба идеологияи давлатӣ асос ёфтааст ва бо дарназардошти шаҳрвандӣ алоқаманд аст [1].

Қисми таркибии омодагии сиёсӣ тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули омодагии насли наврас ба муҳофизати Ватан, рушди хоҳишу талабот ба касбҳои низомӣ, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун навъи махсуси хизмати давлатӣ равона гаштааст. Мазмуни он бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон муайян мегардад ва бояд иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар нигоҳдории амнияти миллӣ аз хавфу хатарҳо таъмин намояд.

Қайд менамоем, ки ҳангоми таҳияи сиёсати давлатии ҷавонон ҳадафҳои он бо сабабҳои номаълум дар асоси «таъмини ирсияти наслҳо, рушди устувори ҷомеа ва

рақобатпазирии умумиҷаҳонии давлат тариқи иҷтимоикунии фаъоли ҷавонон» ташаккул меёбанд (дар миёни вазифаҳои сиёсати давлатии ҷавонон боз ҳам равшантар баён мегардад: «раванди иҷтимоикунии ҷавонон барои таъмини амнияти иҷтимоӣ», «тарбияи шаҳрвандони масъулиятнок ҳамчун захираи миллии рушд»), яъне истифодаи ҷавонон ба сифати воситаи ба ҳадафи хуб, вале берунии он расидан». Бале, ин дар ҳақиқат ғайриқонунӣ аст, масалан, дар самти демократикунонии сиёсати давлат, ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон такя намуда, давлат ҳуқуқ надорад, ки раванди иҷтимоишавиро зери назорат гирад.

Иҷтимоишавии ҷавонон дар давлатҳои дунявии демократӣ ба таҳияи сиёсати муайяни давлатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои зеҳнӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ ниёз дорад. Танҳо дар ин ҳолат ин сиёсат метавонад на танҳо дар раванди иҷтимоигардонӣ таъсири мусбат расонад, балки ҳамчун самти афзалиятноки вазифаҳои давлатӣ қабул мегардад, зеро ки ҷавонон зарфияти боэътимоди татбиқи ояндаи сиёсат мебошанд.

Мафҳуми «зарфият» дар луғат ҳамчун «қувва, қудрат» муайян гардидааст. Аз ин ҷо, ҷавонон ҳамчун зарфияти пурқудрат дар дастурҳои назариявӣ ва нақши махсуси он дар ташаккули иҷтимоӣ бо чунин институтҳои муҳимми ҷамъиятӣ, аз қабили оила, низоми маориф ва артиш алоқамандии зич дорад, ки дар раванди худтатбиқсозии самараноки ҷавонон ва ташаккули фазои амният барои он муосидат мекунанд. Вале дар ин ҷо мо бояд махсусан ба чунин ҷузъҳо, аз қабили «фарҳанги сиёсии ҷавонон», «амнияти сиёсӣ» ва «тамоюли арзишӣ-ватандӯстӣ» диққати махсус зоҳир намоем, ки аз онҳо ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ доранд.

Ватандӯстӣ яке аз арзишҳои махсусан муҳим ва дарозмуддат мебошад, ки ба тамоми субъектҳои ҳаёти иҷтимоӣ хос аст ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини маънавӣ-зехнии субъект ба ҳисоб рафта, сатҳи максималии рушди онро нишон дода, дар фаъолияти худтатбиқсозӣ ба фоидаи Ватан аён мегардад [5].

Артиш бошад, ҷузъи ҷудонопазир ва муҳимми ҷомеа мебошад, ки ҳамзамон ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои берунӣ ва сиёсӣ ҳамчун объекти сиёсат ва вақте ки он ба ҳокимияти сиёсӣ, ҳизбҳо, гурӯҳҳои калони сиёсӣ фишор меорад, ҳамчун субъекти сиёсат баромад мекунад. Дар он ва ба воситаи он тақрибан тамоми равандҳои иҷтимоӣ, вале ҷузъи аз ҳама муҳим - «ватандӯстӣ» амалӣ мегарданд. Ҳисси ватандӯстӣ дар артиш ба инсон кумак мекунад, ки мансубияти худро ба фарҳанги хеш эҳсос намояд, бойигарии Ватанро аз худ намояд ва бидуни он ӯ наметавонад, ки худро ҳамчун шахсият ҳисобад. «Касе ки ба Ватани худ мансуб нест, ӯ ба инсоният мансуб нест».

Артиш ҳамчун сохтори давлатӣ функсияҳои махсуси сиёсиро иҷро намуда, вазифаи муҳимтарини он амалҳои низомӣ барои ҳимояи ҳокимияти сиёсӣ ва ҷомеа мебошад, зимнан ватандӯстӣ ба сифати муҳаррики асосӣ баромад мекунад.

Инчунин, барои низоми муосири сиёсӣ, ҷавонон он объекти манфиатҳои миллӣ-давлатӣ мебошанд, ки ба онҳо муҳофизат, рушд ва эҳёи кишвар, ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ бовар карда шудааст. Пас, мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ва мустаҳкамгардонии меъёрҳо ва шароитҳои қонунӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ барои муайян намудани нишонаҳо, шаклҳои рушд ва худтатбиқсозии иҷтимоии ҷавонон мебошад.

Ҷавононро ҳамчун ҷомеаи иҷтимоӣ-демографӣ, ки он дорои хусусиятҳои махсуси равонӣ, физиологӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ-таълимӣ мебошад, қайд намуда, бо боварӣ метавон изҳор дошт, ки ин гурӯҳи иҷтимоӣ ҷомеаи махсус мебошад.

Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар вазифаҳои афзалиятноки низоми сиёсии кишвар таҳия шудааст, вале, вақте ки сухан дар бораи ватандӯстӣ меравад, пас маълум мегардад, ки татбиқи ин сиёсат аз нуқтаи назари самаранокии он наметавонад муваффақ бошад, зеро ки ҳамасола даъвати ҳарбӣ дар кишвар бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мегардад.

Ҳамин тариқ, сиёсати ҷавонон қисми таркибии консепсияи умумии давлатии рушди ҷомеаи тоҷик дар асоси сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Дар асоси ин, метавон қайд намуд, ки қадами муҳим барои насли ҷавони кишвар татбиқи чораҳои умумӣ оид ба рушди ҷавонон тариқи ҷорӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон ва консепсияҳои стратегии ҷавонон, қонунҳо ва меъёрҳои зиёд мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти кишвар ва дигар мақомотҳои давлатӣ қабул гаштаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Вишневский А. Теоретические основы педагогики. – Изд.: Возрождение.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.06.11., № 716
3. Кон И. С. Психология предрассудков / И. С. Кон //Новый мир. - 1969. - № 9. - С. 186-193.
4. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.12.2014. №760.

5. Лутовинов, В. Патриотизм, верность воинскому долгу - неотъемлемые качества российского воина / В. Лутовинов // Ориентир. - 2000. -№ 6.
6. М.И. Калинин. О коммунистическом воспитании. М., 1947. –С.69-70.
7. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳияти манфиати миллӣ // Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – Душанбе, 2012. - №5 (34). С. 107-113
8. Рахмонов Э.Ш. Молодежь - будущее нации. - Душанбе: Ирфон, 1998.- С.14.

## МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАГӢ ВА ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-СИЁСӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф зарурати ба роҳ мондани тарбияи ҳарбӣ-сиёсӣ ва ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, зикр менамояд, ки масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, ғояи миллӣ ва ватандӯстӣ дар раванди омодасозии кадрҳои оянда аҳамияти зиёд доранд. Таъкид мегардад, ки ҳадаф, вазифаҳо, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои тарбияи ҳарбӣ-сиёсии ҷавонон бояд бо назардошти талаботҳои муосир баррасӣ карда шаванд. Зеро ки дар шароити гузариши сиёсӣ дар ҷаҳони муосир рафтору зиракии сиёсии ҷавонон босуръат тағйир ёфта истодааст. Равандҳое, ки дар соҳаи сиёсӣ ба вуқӯъ мепайванданд, бинобар паст будани сатҳи фарҳанги ҳарбӣ-сиёсии ҷавонон ҳамчун буҳронӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ҳамин аснод, муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши масъалаи иштироки сиёсии ҷавонон дар равандҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад. Ҳамзамон, муаллиф дар асоси қонунҳои амалкунандаи кишвар масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаву пешниҳодҳои худро пешкаш намудааст.

**Калидвожаҳо:** ғояи миллӣ, амнияти миллӣ, ватандӯстӣ, фарҳанги сиёсӣ, тарбияи ҳарбӣ-сиёсӣ.

## ВОПРОСЫ ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОГО, ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Автор научной статьи анализирует необходимость реализации военно-политического и патриотического воспитания молодежи в Республике Таджикистан и подчеркивает, что вопросы мировоззрения, национальной идеи и патриотизма в процессе подготовки будущих кадров имеют важное значение. Автор отмечает, что цель, задачи, принципы, формы и методы военно-политического воспитания молодежи должны рассматриваться с учетом современных требований. Потому что в условиях нынешнего политического перехода в современном мире поведение и политическая бдительность молодежи быстро меняется. Процессы, которые возникают в политической сфере, из-за низкого уровня военно-политической культуры молодежи, оцениваются как кризисные. В этой связи, автор подчеркивает, что изучение вопросов участия молодежи в военно-политических процессах должно иметь комплексный характер. А также, в соответствии с действующими законами в стране, автор проанализировал данный вопрос и представил свои выводы и предложения.

**Ключевые слова:** национальная идея, национальная безопасность, патриотизм, политическая культура, военно-политическое воспитание.

## THE ISSUES OF PREPARATION YOUTH TO MILITARY-POLITICAL, PATRIOTIC EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author of the scientific article analyzed the necessity of implementing a military-political and patriotic education of youth in the Republic of Tajikistan and emphasized that the issues of ideology, national idea and patriotism in the process of preparing future specialists are important. The author notes that the purpose, tasks, principles, forms and methods of military and political education of young people should be considered taking into account modern requirements. Because in the current political transition in the modern world, the behavior and political vigilance of young people is changing rapidly. The processes that arise in the political sphere, due to the low level of military-political culture of young people are estimated as crisis. In this regard, the author emphasizes that the study of the issues of youth participation in the military-political processes should be complex. In addition, in accordance with the current laws in the country, the author analyzed this issue and presented his conclusions and suggestions.

**Key words:** national idea, national security, patriotism, political culture, military and political education.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонзода Раджамад Ашур*** - Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, соискатель Отдела политологии. **Адрес*:*** 734002 Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рахимов -9. Телефон: **(+992) 93-880-81-04**

**Information about the author:** ***Abdurakhmonzoda Rajamad Ashur*** – Institute of Philosophy, Political Science and Law. A. Bakhovaddinova of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street Rakhimov - 9. Telephone: **(+992) 93-880-81-04**

**УДК 32Т ДДТТ ББК 63,3(5Тоҷ)**

# МАДАНИЯТИ СИЁСӢ: МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОН

***Иномҷонова М.Н.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд**

Дар замони соҳибистиқлолӣ ибораи “фарҳанг ҳастии миллат аст” ба аксиомае табдил ёфтааст, ки ҳақиқати онро касе зери шубҳа намегирад. Чунин ҳолат табиист, зеро ки истиқлолият ин, пеш аз ҳама, истиқлолияти тафаккур, эҳёи фарҳанги миллӣ, дарки ҳувияту мансубияти миллӣ, манфиатҳои ҷуғрофию сиёсӣ, арҷгузорӣ ба таърих, забону фарҳанги гузаштаву имрӯзаи миллати хеш мебошад.

Фарҳанг ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-таърихӣ низоми мураккаб дошта, маҷмӯи арзишҳое, ки инсон дар раванди фаъолияти меҳнатиаш ба вуҷуд овардааст, тарзи ба даст овардан ва истифодаи ин арзишҳоро ба манфиати пешрафти ҷамъият дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки "**маданият** дар он ҷоест, ки инсону муносибатҳои инсонӣ ҳастанд, пас маданият ин меъёри одамгарӣ дар одам - таснифи инкишофи инсон ҳамчун вуҷуди ҷамъиятист" [1, с.73].

Мафҳуми фарҳанг мазмуни хеле фарогир дорад. Дар мақолаи мазкур, мо яке аз шаклҳои зуҳурёбии он - маданияти сиёсиро ҳамчун воситаи ифодаи муносибати одамон ба давлат, ҳокимияти сиёсӣ ва ширкати онҳо дар маъракаҳои гуногуни хислати сиёсӣ дошта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳем. Табиист, ки мутафаккирони пешин ва тадқиқотчиёни муосир ин мавзӯъро мавриди тадқиқ қарор дода, андешаҳояшонро баён намудаанд, ки каме поёнтар дар бораи онҳо истода мегузарем. Дар ин ҷо бошад, ҳамин нуктаро таъкид менамоем, ки дар замони муосир зери таъсири тағйирёбиҳои иҷтимоӣ падидаи маданияти сиёсӣ ҷанбаҳои наверо касб менамояд, ки онҳо азнавдарккунии илмиро тақозо менамоянд. Аз ҷумла, таҷрибаи ҷомеасозии муосир ва бунёди давлати миллӣ собит менамояд, ки дар ин раванд ба куллӣ тағйир ёфтани фазои муносибатҳои байналхалқӣ, фаъол гаштани амали ҳизбу ҳаракатҳои иҷтимоӣ, хусусан арзи вуҷуд намудани чунин падидаҳои иртиҷоӣ, ба мисли бунёдгароӣ ва терроризм сатҳи маданияти сиёсиро ба яке аз омилҳои муҳимми рушди бонизом ва устувори ҷомеа табдил додааст. Дар ин шароит дар назди илм, минҷумла сиёсатшиносӣ, вазифаи басо муҳим - тадқиқи моҳият ва зуҳуроти маданияти сиёсӣ дар шароити гуногунфикрии сиёсӣ ба миён омадааст.

Қаблан бояд тазаккур дод, ки маданияти сиёсӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар дарозои таърих ташаккул ёфта, таҷрибаи иҷтимоӣ-сиёсии наслҳои пешинро дар худ инъикос менамояд. Дар он муносибати одамон ба низоми сиёсии мавҷуда, режими сиёсӣ ва ҷараёнҳои сиёсӣ, ҳамчунин дарки нақши худ дар ин равандҳо инъикос меёбад. Маданияти сиёсӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумӣ на фақат маҷмӯи таҷрибаи наслҳои гузашта мебошад. Ҳар як шахс метавонад таҷрибаи мазкурро аз худ намояд, вобаста ба тағйиротҳое, ки дар ҳаёти сиёсӣ ба вуқӯъ меоянд, онро бо арзишҳои нав ғанӣ гардонад.

Дар замони муосир яке аз паҳлуҳои муҳимми тадқиқи падидаи мазкур ба раванди ҷаҳонишавӣ вобаста мебошад, зеро дар ин ҷараён маданияти сиёсии афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ на фақат зери таъсири омилҳои дохилӣ ташаккул меёбад, балки он дар худ равандҳо ва муносибатҳои мураккаби сиёсиеро, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ сурат мегиранд, инъикос менамояд. Ба шуури сиёсии қишрҳои гуногуни ҷомеа ҳамчунин сиёсати геополитикии давлатҳои абарқудрат ва дар ин росто дар ҳаёти маънавии ҷомеа арзи вуҷуд намудани қувваҳое, ки ҳадафи муборизаашон ғасби мафкураи одамон мебошад, таъсири бевосита мерасонад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки падидаи маданияти сиёсӣ вобаста ба ин ҳодисаҳо ва равандҳо, хусусан корбасти роҳҳои ҳифзи он аз хавфу хатарҳои замона, то ҳол ба таври бояду шояд тадқиқ нашудааст. Ҳол он ки дар шароити бунёди давлати миллӣ таҳлили методологӣ-назариявии муаммои мазкур аҳамияти амалиро дорост, зеро таҷрибаи давлату ҷомеасозии инсоният собит менамояд, ки сатҳи ташаккули шуур ва маданияти сиёсӣ, дарки манфиатҳои миллӣ ва дар шароити вусъатёбии муборизаҳои мафкуравӣ дар ҷаҳони сиёсат ба яке аз шоҳсутунҳои таҳкими соҳибистиқлолии давлат табдил ёфтааст.

Дар илми иҷтимоъ ба анъана даромадааст, ки ҷараёни маърифати ин ё он падидаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз муайян намудани мазмун ва моҳияти мафҳумҳои калидӣ оғоз меёбад. Ин анъанаи илмиро пайгирӣ намуда, мо низ қаблан кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки мазмун ва талқини мафҳуми "маданияти сиёсӣ" – ро дар доираи тадқиқоти хеш муайян намоем.

Бо назардошти ин анъана пеш аз пардохтан ба баҳси мазмун ва моҳияти маданияти сиёсӣ, баррасии мухтасари фаҳмиши пешинаи умумифалсафии мафҳуми маданияти сиёсӣ аз аҳамият холӣ нест. Зеро яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар заминаи андешаҳои умумифалсафӣ, ки аз замонҳои қадим фикру андешаи мутафаккиронро ба худ ҷалб месохт, маҳз ҷустуҷӯи ҷавоб ба масъалаҳои вобаста ба моҳияти давлат оид ба таъмини адолату ҳақиқат, мавқеи шахс дар ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон дар масири сиёсат будааст. Агар бо муҳтавои андешаҳои пешин ошно гардем, чунин бармеояд, ки қазоватҳо асосан дар атрофи давлат сурат гирифта, таъкид мегардад, ки рисолати он на фақат ба даст овардани бойигарии моддӣ, балки, қабл аз ҳама, ташаккул ва такмили арзишҳои маънавии ҷомеа мебошад. Аз ин ҷо чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки таърихи ташаккули мафҳуми маданияти сиёсӣ бевосита ба пайдоиши аввалин давлатҳо вобастагӣ дорад. Ба фикри мо, ин андеша дуруст аст, зеро, агар ба таърихи ташаккули мафҳуми "маданияти сиёсӣ" назар андозем, мебинем, ки аввалин андешаҳо оид ба ин падида дар

осори мутафаккирони Ҳинду Чин ва Юнони қадим баён гаштаанд. Албатта, он замон ҳоло маданияти сиёсӣ ҳамчун мафҳум ташаккул наёфта буд, аз ин лиҳоз онҳо дар муҳокимаронихояшон чунин мафҳумҳо, ба монанди давлат, ҳоким, раият (халқ), қонун, адолат ва соир вожаҳоро истифода бурдаанд. Масалан, дар таълимоти мутафаккири Чини қадим Конфутсий мафҳуми марказӣ "жен" буда, маънояш инсонгароӣ мебошад. Жен дар таълимоти Конфутсий усули ахлоқиест, ки аз ҷумла муносибати ҳокимро ба раият ва раиятро ба ҳоким дар бар гирифта, тарзи муносибати тарафайни онҳоро муайян менамояд. Мутафаккир таъкид менамояд, ки ин муносибат бояд аз рӯи адолату ҳақиқат ва ҳурмату эҳтиром сурат гирад. Чунин ғояҳоро дар фалсафаи Юнони қадим низ вохӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла Суқрот сохти давлати ғуломдории афинагиро зери тозиёнаи танқид қарор дода, онро напазируфтааст. Ба андешаи вай, давлат бояд дастгоҳе бошад, ки дар ҷомеа чунин арзишҳо, ба монанди адолат, баробарӣ, ватандорӣ, ҷасуриву мардонагиро таъмин намояд. Арасту бошад, инсонро мавҷудоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ номида, таъкид менамояд, ки фақат ӯ қобилияти дарки некиву бадӣ, адолату беадолатиро дорад. Аз ин лиҳоз, ба фикри ӯ, инсон табиатан яке аз намудҳои махлуқот аст, аммо аз нигоҳи маънавиёт ва хоҳиши ба ҳам омадан мавҷуди сиёсӣ мебошад. Албатта, Арасту низ мафҳуми "маданияти сиёсӣ"-ро истифода набурдааст, ба ҷойи он ӯ мафҳуми "шаҳрванд" (гражданин)-ро мавриди истифода қарор додааст. Мафҳуми мазкур аз дидгоҳи Арасту бо мафҳуми давлат вобаста мебошад, зеро "давлат ин майли ҳамкории тарафайни одамон бо мақсади таъмини мавҷудияти шоистаи онҳо мебошад" [2].

Падидаи маданияти сиёсӣ дар асрҳои минбаъда бо истифодаи вожаҳои давлат, идоракунии давлат, ҳокимияти сиёсӣ, қонун, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дошт. Аммо дарки маданияти сиёсӣ ҳамчун усули дарки мухтавои ҳаёти сиёсии одамон, баъд аз фаҳмиши қонунмандии ягонагӣ ва гуногуншаклии таърихи инсоният арзи вуҷуд намудааст. Вобаста ба ин, мавриди зикр аст, ки мазмуни мафҳумҳои илмҳои ҷомеашиносӣ вобаста ба комёбиҳои илм, дигаргуниҳои иҷтимоиву сиёсие, ки дар ҷомеа рух медиҳанд, тағйир ёфта, дар аксар маврид онҳо аз ҷиҳати маъни ғанӣ мегарданд. Мафҳумҳои илми сиёсатшиносӣ низ аз ин раванд орӣ нестанд. Дар илми сиёсатшиносии муосир усулҳои гуногуни муайян намудани моҳияти маданияти сиёсӣ мавҷуданд. Ба андешаи мо, ин ҳол табиист, зеро агар, аз як тараф, ҳар як муҳаққиқ мазмуни мафҳуми маданияти сиёсиро вобаста ба ҳадафҳои тадқиқоташ муайян намояд, аз тарафи дигар, гуногунандешӣ оиди ин масъала ба он вобаста аст, ки дар тадқиқотҳои илмӣ мафҳуми "фарҳанг" ба таври гуногун талқин гашта, вай ҳамчун зуҳурёбии арзишҳои мураккаби соҳаи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ фаҳмида шуда, дар он кулли донишҳои андӯхтаи инсон, таҷриба, маҳорату малака, анъана ва расму ойинҳо маҳфуз дошта мешаванд. Аз ин рӯ, кӯшиши муҳаққиқон оид ба муайян намудани мазмуну мундариҷаи маданияти сиёсӣ ба он анҷом ёфт, ки он дар илми сиёсатшиносӣ бо маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад [3,с.144-145].

Вожаи маданияти сиёсиро ҳамчун мафҳуми мустақил дар асри XVIII файласуф ва маорифпарвари олмонӣ И. Гердер ҳангоми баррасии ҳаёти сиёсии мардуми яҳудӣ ва юнониёни қадим мавриди истифода қарор додааст [4,с.333]. Вай дар ибтидо ба ҷойи мафҳуми маданияти сиёсӣ вожаи "коркарди сиёсӣ"-ро истифода бурдааст. Чунин тарзи фаҳмиш ба он вобаста буд, ки мафҳуми "маданият" дар ибтидо ҳамчун "коркарди замин" фаҳмида мешуд, шояд аз ҳамин лиҳоз Гердер низ мафҳуми "коркарди сиёсӣ"-ро истифода бурдааст.

Қайд намудан лозим аст, ки таърифи ягонаи маданияти сиёсӣ вуҷуд надорад. Омӯзиши адабиётҳо нишон медиҳад, ки муаллифон хосиятҳо ё ҷиҳатҳои муайяни маданияти сиёсиро тавсиф ва таҳлил намуда, тибқи ҳадафҳои тадқиқоти хеш ба мафҳуми мазкур таъриф додаанд. Дар ин таърифот ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, равонӣ-субъективӣ, умумибашарӣ ва синфӣ доштани маданияти сиёсӣ таъкид карда шудааст.

Дар баробари ин, кулли муҳаққиқон дар тадқиқоти хеш зикр менамоянд, ки аввалин кӯшиши тавсифи маданияти сиёсиро дар ҳамбастагӣ бо низоми сиёсии ҷомеа, муайян намудани мазмун ва сохтори он, мавқеъгириҳои шахс сиёсатшиноси маъруфи амрикоӣ Г. Алмонд ба анҷом расонидааст [5,с.74].

Сиёсатшиноси мазкур таъкид менамояд, ки маданияти сиёсӣ ин муносибати низомнок, истеҳсол ва такрористеҳсолкунии унсурҳои асосии он ва интиқол додани онҳо аз насл ба насл мебошад. Аз ин рӯ, Г. Алмонд қайд менамояд, ки падидаи маданияти сиёсӣ гӯё инкишофёбанда буда, ҳар як тағйироти кӯчакеро, ки дар ҳаёти сиёсӣ рух медиҳад, эҳсос менамояд ва дар худ инъикос намуда, дар раванди таърих мазмунан бой мегардад. Дар ин ҷо диққатҷалбкунанда он аст, ки маданияти сиёсӣ асосан зери таъсири ҷараёнҳои сиёсии ҷомеа ташаккул ёфта, бештар хислати консервативӣ дорад, вале он метавонад зери

амали омилҳо ва ҳодисаҳои идоранашаванда низ дигаргун шавад. Чунин ҳолатро мо дар мисоли равандҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта мушоҳида карда метавонем. Он солҳо ҷомеаи Тоҷикистон дар ҳолати аномиягӣ қарор дошта, шуур ва маданияти сиёсии одамон зери шиору даъватҳои манфиатҷӯёнаи ҳизбу ҳаракатҳо ташаккул меёфт. Вобаста ба ин муайян намудани фишангҳои ташаккул ва тағйирёбии маданияти сиёсӣ ва омилҳое, ки ин дигаргуниҳоро тақозо менамоянд, барои амалия хеле зарур мебошад. Маҳз дар ҳамин маврид муаммои таъсири навгониҳои сиёсӣ ба рафтору кирдор ва шуури сиёсии суннатии одамон, ҳамбастагии арзишҳои суннативу навгонӣ ва то кадом андоза зубдагони сиёсӣ ба ин раванд таъсир расонида метавонанд, ба миён меояд. Вобаста ба ин, Г. Алмонд ду дараҷаи таҳлили падидаи мазкурро нишон додааст: институтсионалӣ ва мавқеъгирӣ. Агар дараҷаи аввал таҳлили сохтории сиёсии ҷомеаро дар бар гирад, дараҷаи дуюм мавқеъгирии шахсро дар ин сохтор муайян менамояд. Дараҷаи дуюм ҷанбаҳои маърифатӣ (дониш оид ба низоми сиёсӣ, ҷойгоҳи нақши субъекти муносибаҳои сиёсӣ); эҳсосӣ (ҳиссиёт оид ба низоми сиёсӣ ва қувваҳои пешбарандаи он); баҳодиҳӣ (тасаввурот ва ҳукм дар бораи объектҳои гуногуни сиёсӣ)–ро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ бошад, ин се ҷанбаъ мавқеъгирии шахсро нисбат ба ҳаводиси сиёсӣ муайян менамоянд. Дар ин росто мавқеъгирии шахс аз нигоҳи Г. Алмонд нисбати ба се нукта: маданияти низоми сиёсӣ, маданияти ҷараёни сиёсӣ, маданияти ҳокимияти сиёсӣ сурат мегирад. Маҳз чунин дарки мавқеъгирии шахс дар ҷараёни равандҳои сиёсӣ ба Г. Алмонд имконият дод, ки ӯ се навъи маданияти сиёсӣ, яъне "маданияти низоми сиёсӣ", "маданияти ҷараёни сиёсӣ", "маданияти идоракунии сиёсӣ"-ро ҷудо намояд [6,с.122-135].

Сиёсатшиносон С.Верби, У.Розенбаум, Р. Роуз низ масъалаи маданияти сиёсиро каме дигаргун, аммо моҳиятан ҳамин гуна ҳал мекунанд. Онҳо бар ин ақидаанд, ки омӯзиши маданияти сиёсии ин ё он ҷомеа бояд дар алоқаманди бо чунин зуҳурот, ба мисли намунаи рафтору кирдор, одоби муошизати афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва амалкарди ниҳодҳои иҷтимоӣ оид ба тарғиби арзишҳо ба роҳ монда шавад, зеро маданияти сиёсӣ яке аз шаклҳои зуҳурёбии фарҳанги умумии шахс мебошад [7,с.103-104]. Чунин арзёбии масъаларо мо дар тадқиқотҳои илмии сиёсатшиносони тоҷик Г.Зокиров, Маҳмадов А.Н., Д. Ғаффорова М.Қ. Хуморов, Авғонов С.М. ва дигарон низ вомехӯрем, ки онҳо падидаи маданияти сиёсиро ҳамчун шакли зухури шуури сиёсӣ ва фарҳанги умумӣ тавсиф намуда, онро маҷмӯи ҳиссиёт, идрок, рафтору кирдори субъектҳои равандҳои сиёсӣ меҳисобанд [8].

Ба фикри мо, чунин талқин дар фаҳмиши маданияти сиёсӣ гардиши қатъӣ ба миён меовард, чунки агар пештар меъёри муайянкунандаи маданияти сиёсӣ, қабл аз ҳама, ба мавҷуд будани адолат, ҳуқуқу озодиҳои шахс дар муносибатҳои иҷтимоӣ иртибот дошт, акнун маданияти сиёсӣ ба маънавиёти шахс, яъне олами ботинии афрод, мавқеъгириҳои ин ё он қишри иҷтимоӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа вобаста карда мешавад. Ин андешаро муҳаққиқ Ю. Ожегов низ ҷонибдорӣ намуда, маданияти сиёсиро ба сатҳи дониш, идрок, тасаввурот, эътиқоди ғоявӣ, сатҳи шуури сиёсӣ, дарки ҳуқуқу озодиҳо ва мавқеи фаъолонаи шахс дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ вобаста медонад [9,с.74]. Ҷиҳати ҷолиби чунин тарзи муайян намудани маданияти сиёсӣ аз он иборат аст, ки он ба сатҳи дониш ва шуури ҷамъиятӣ вобаста карда мешавад. Дар шароити соҳибистиқлолӣ ин ҷиҳати масъала аҳамияти бештаре пайдо менамояд, зеро шинохта шудани Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналхалқӣ, такмили механизми ҳамгироӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, дарки соҳибистиқлолӣ, вусъати худшиносиву ҳувияти миллӣ, ватанпарварӣ - ҳамаи ин равандҳои ҳаёти сиёсиро тағйир дода, ба вазъи маданияти сиёсӣ таъсири бевосита мерасонад.

Бо назардошти он, ки дар адабиёти илмӣ таърифоти зиёд вуҷуд дорад, сиёсатшинос К. Опалек кӯшиш ба харҷ додааст, ки онҳоро гурӯҳбандӣ намояд. Вай чор шакли таърифи маданияти сиёсиро нишон медиҳад: **а)** субъективӣ ё равонӣ, ки он аз ғояҳои Г. Алмонд ва пайравони ӯ манша мегирад; **б)** айнӣ (объективӣ), ки дар ин гурӯҳи таърифот, маданияти сиёсӣ ҳамчун намунаи низоми ҳокимият, рафтори субъектҳои низоми сиёсӣ муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳои риоя накардани ин намунаҳои рафтор, он боиси дахолати мақомотҳои давлатӣ ба фаъолияти субъект мегардад; **в)** таърифоте, ки хислати эвристикӣ (маърифатӣ, ҷӯяндагӣ) доранд. Дар ин гурӯҳи таърифҳо мавқеъгирии субъекти маданияти сиёсӣ инъикос ёфта, хусусиятҳое инъикос мегарданд, ки онҳо заминаи рушди босуботи низоми сиёсӣ мегарданд; **г)** таърифоти ҳамаҷониба, ки дар он объект ва унсури маданияти сиёсиро тавсиф надода, он ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад [10,с.43].

Агар кулли нуқтаи назарҳои мавҷударо ҷамъбаст намоем, маданияти сиёсиро ҳамчун аз ҷониби шахс азхудкунии моҳияти сиёсат, табиати ҳокимияти сиёсӣ ва ширкати бошууронаи шахс дар маъракаҳои сиёсӣ ва фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ муайян намудан ҷоиз аст.

Бешубҳа, ҳамаи ин таърифот ҳамчун дастгоҳи маърифати маданияти сиёсӣ заруранд. Аммо, ба назари мо, ҷанбаи субъективӣ-равонӣ имконияти бештаре барои муайян намудани мазмуну моҳияти маданияти сиёсӣ фароҳам меорад.

Арзишмандии таҳлили ҷанбаи равонии маданияти сиёсӣ аз он иборат аст, ки вай имконияти дарки масъалаи барои чӣ фард, гурӯҳи алоҳидаи одамон ё халқияту миллатҳои том дар низоми ба ҳам монанди сиёсӣ қарор дошта, вале зери таъсири арзишҳои гуногун тарбия гирифтаву таҷрибаи таърихӣ дошта, ин ё он ҳодисаи таърихиро ба таври гуногун эҳсос карда, дар вазъиятҳои муайян ба таври хосса рафтори сиёсӣ зоҳир менамоянд.

Эрих Фромм, яке аз ҷомеашиносони маъруфи олмонӣ, ҳамин ҷанбаи муаммои мазкурро омӯхта, таъкид менамояд, ки ашхоси алоҳида ва ҳатто миллатҳои том баъзан бидуни ақл рафтор менамоянд. Баъзе миллату халқҳо аз сабаби озод шуда натавонистан аз рафтори сиёсии хеш ба нестӣ рафтанд. Ин ҷомеашинос майлу рағбати инсонро дар заминаи арзишҳои сиёсии ҷомеаи пасосаноатӣ тавсиф намуда, таъкид менамояд, ки ҳар як инсон имконияти интихоби арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва ғайраро дорост. Вақте ки шахс дар интихоби арзишҳо, хосса арзишҳои сиёсӣ, ҳаммаслаки шахси дигар бошад, то кадом андоза ӯ метавонад муайян намояд, ки арзишҳои ба ӯ пешкашшаванда шоиста мебошанд. Чӣ тавр муайян намудан мумкин аст, ки ғояи сиёсие, ки ӯ интихоб намуда истодааст, ғояи дуруст аст ва ӯро ба мақсуд мерасонад? Агар мо эътироф намоем, ки маданияти сиёсӣ ин зуҳури муносибати фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ ба ин ё он раванди сиёсист, пас интихоби ғояи сиёсӣ ба сатҳи дониш ва таҷрибаи фарди алоҳида вобаста аст. Аз ин бармеояд, ки дар замони муосири мутағайир ҳар як узви ҷомеа дар интихоби арзишҳо, аз ҷумла арзишҳои сиёсӣ, бояд бошуурона амал намояд. Бо назардошти ҳамин ҳолат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эҳтимолияти рушди равандҳои сиёсиро дар ҷомеа таҳлил намуда, таъкид намудааст, ки “сабақи талхи таърихи кишварамон ба ҳар як шахс ҳушдор медиҳад, ки дигар ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсӣ ва ҳушёрии зеҳниро аз даст надиҳад, ватандӯсту ватанпарвар бошад, аз гузаштаи пурғановати ниёгон ифтихор кунад ва ба ин роҳ ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, марзу буми аҷдодиашро эҳтиёт ва ҳифз намояд” [11,с.38]. Вобаста ба чунин арзёбӣ бояд тазаккур дод, ки дар шароити ташаккул ва рушди эҳтимолияти равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ маданияти сиёсӣ бояд дар ҳамбастагӣ боояндабинии илмӣ мавриди омӯзиш қарор ёбад, зеро ҳангоми арзи вуҷуд намудани равандҳои наву мухталифи ҷомеа, куллан тағйир ёфтани низоми нави байналмилалӣ аз инсон талаб менамояд, ки ӯ ояндаи хешро ба ин ё он раванди сиёсӣ бошуурона бипайвандад. Ҳар як узви ҷомеа бояд дарк намояд, ки мақсади ниҳоии ҳар муборизаи мафкуравӣ, ин ноил шудан ба даст кашидан аз ҳувияти миллии хеш ва қабули мафкураи дигар мебошад. Ин роҳест, ки инсонро ба парастиши ғояи дигар, таърихи дигар ва фарҳанги дигар равона менамояд. Масалан, барои давлатҳои абарқудрат, ки онҳо дар Тоҷикистон манфиатҳои геополитикии худро доранд, муҳим нест, ки дар кишвари мо чӣ гуна низоми сиёсӣ барқарор мешавад, муҳим он аст, ки тоҷикон аз решаҳои таърихии худ дур гашта ” худии худ”-ро фаромӯш созанд. Ва дар ин роҳ онҳо ягон чизро, аз ҷумла сарфу харҷи моддӣ, маблағгузориро дареғ намедоранд. Мо бар он ақидаем, ки ин зуҳури моҳияти сиёсати худхоҳонаи абарқудратҳост, ки мехоҳанд бо дасти ҳизбу гурӯҳҳои иртиҷоӣ, ки мақсадҳои ғаразнок доранд, ҷомеаи моро ноором гардонанд ва ҷараёни худшиносиву худогоҳии миллати моро халалдор гардонанд.

Ҳамин тариқ, маданияти сиёсӣ дар ҳақиқат ҳам падидаи мураккаб буда, ба таърихи гузаштаву равандҳои ҳаёти сиёсии муосир вобаста мебошад. Вале, тавре аз қазовати боло маълум шуд, дар шароити соҳибистиқлолӣ ва зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ маданияти сиёсӣ ҷанбаҳои навро касб намуда, ба яке аз омилҳои муҳимми рушди бонизом ва сулҳу суботи ҷомеа табдил ёфтааст. Шубҳае нест, ки имрӯз ҳам муносибат ба ниҳодҳои сиёсии ҷомеа ва мавқеъгириҳои сиёсӣ, ҳиссиёт, эътиқод, дониш ва таҷрибаи сиёсӣ сегментҳои муҳимми маданияти сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Аммо дар раванди бунёди давлати миллӣ ва пойдор гардонидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон арзишҳо, ба мисли дарки истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ ва соир арзишҳои дигар ба унсурҳои муҳимми маданияти сиёсӣ табдил ёфтаанд. Аз ҳамин лиҳоз, маданияти сиёсӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон имрӯз мақоми хосса пайдо кардааст ва бо тамоми мазмунаш халқиятҳоро бидуни фарқияташон дар атрофи ғояҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа муттаҳид менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Ғаффорова М.Қ. Асосҳои фалсафа / М.Қ. Ғаффорова. - Душанбе, 2012. -С.73.
2. [Электронный ресурс]. https://idaten.ru/philosophy/chelovek-jivotnoe-politicheskoe
3. Рыжкова А. Г. Политическая культура: сущность и структура / А. Г. Рыжкова // Молодой ученый. -2017.-№41. - С. 144-146.
4. Гердер И.Г. Идеи к философии истории человечества / И.Г. Гердер. - М.: Наука, 1977. -С.333.
5. Almond G.A. The Intellectual History of the Civic Gulture Concept // The Civic Culture Revisited / Ed. by G.A. AImond and S. Verba. Newbury Park; L.; New Delhi: Sage Publications, 1989. -P. 74
6. Алмонд Г. Гражданская культура и стабильность демократии /Г.Алмонд, С.Верба //Политические исследования. -1992. - № 4. - С. 122-135.
7. Лисюткин О.М. К вопросу о становлении категории "культура": (XVIII - начало XIX вв.) / О.М. Лисюткин // Философские науки. -1982. -N3. -С.103-104.
8. Зокиров Г. Илм дар бораи сиёсат / Г. Зокиров. –Душанбе, 2010; Махмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ / А.Н. Махмадов. –Душанбе, 2010; Хуморов Д.М. Сиёсатшиносӣ / Д.М. Хуморов, С.М. Авғонов. – Душанбе, 2004.
9. Ожегов Ю.П. Политическая культура и молодёжь. В кн.: Искусство воспитания/ Ю.П. Ожегов. -М., 1981. -С. 74.
10. Политология. 2-е изд., перераб. и доп. (ГРИФ) Под ред. Корельский В.М. -С. 43.
11. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.ш. Душанбе, 20 январи соли 2017. Шарқи озод, -С.38.


## МАДАНИЯТИ СИЁСӢ: МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОН


Дар мақолаи мазкур яке аз падидаҳои мураккаби илми сиёсатшиносӣ маданияти сиёсӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола таъкид карда мешавад, ки дар замони зудтағйирёбанда дар соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа равандҳои ҷадид арзи вуҷуд намуда истодаанд, ки онҳо зарурияти азнавдарккуниро тақозо менамоянд. Муаллиф қайд менамояд, ки гарчанде мафҳуми “маданияти сиёсӣ” дар асри XVIII ба илми сиёсатшиносӣ ворид шуда бошад ҳам, мутафаккирон аз аҳди қадим андешаи худро оид ба ин падида баён намудаанд. Онҳо ба ҷойи мафҳуми “маданияти сиёсӣ” вожаҳои давлат, ҳокимият, адолат, ҳақиқат ва дигар мафҳумҳоро истифода бурдаанд. Дар мақола зикр карда мешавад, ки мураккабии дарки мавзӯъ боиси он гаштааст, ки дар адабиёти илмӣ таърифоти гуногуни “маданияти сиёсӣ” ҷой дорад. Вале ба ин гуногунандешӣ нигоҳ накарда, дар аксари таърифҳо маданияти сиёсӣ ҳамчун аз ҷониби шахс азхудкунии моҳияти сиёсат, табиати ҳокимияти сиёсӣ ва ширкати бошууронаи шахс дар равандҳои сиёсӣ ва фаъолияти институтҳои сиёсӣ муайян карда шудааст. Муаллиф бар он ақида аст, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ маданияти сиёсӣ ҷанбаҳои навро касб намуда, ба яке аз омилҳои муҳимми рушди бонизом ва сулҳу суботи ҷомеа табдил ёфтааст. Бешубҳа, имрӯз ҳам муносибат ба ниҳодҳои сиёсии ҷомеа ва мавқеъгириҳои сиёсӣ, ҳиссиёт, эътиқод, дониш ва таҷрибаи сиёсӣ ҷузъи муҳимми маданияти сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Аммо дар раванди бунёди давлати миллӣ ва пойдор гардонидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон арзишҳое, ба мисли дарки истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ ва арзишҳои дигар ба унсурҳои муҳимми маданияти сиёсӣ табдил ёфта истодаанд.



**Калидвожаҳо:** фарҳанг, сиёсат, фарҳанги сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, давлат, ҳаёти сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ, низоми сиёсӣ, режими сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ


## ПОЛИТИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА: ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ


В статье подвергается анализу феномен политической культуры как сложной и противоречивой категории науки политологии. Автор подчёркивает, что в условиях быстроменяющейся действительности в политической сфере общества формируются новые тенденции и явления, переосмысление которых имеет как теоретическое, так и практическое значение. В статье отмечается что, хотя понятие “политическая культура” было введено в научный оборот в XVIII веке, однако ещё с древних времен мыслители высказывали свои взгляды относительно феномена политической культуры. Поскольку в те времена была определена политическая культура как категория политологии, учёные выражали свои взгляды с применением таких понятий, как государство, гражданское общество, справедливость и др. В современных условиях сложность осмысления проблемы политической культуры заключается в том, что в научной литературе встречаются различные определения “политической культуры”. Несмотря на плюрализм взглядов по данному вопросу, в большинстве дефиниций политическая культура определяется как процесс освоения личностью сущности политики, природы политической власти и сознательное участие человека в политических процессах и в деятельности политических социальных институтов. В статье отмечается, что в условиях государственного суверенитета и под воздействием современных глобализационных процессов, политическая культура, приобретая новые оттенки, превращается в важный фактор стабильного развития общества.



**Ключевые слова:** культура, политика, политическая культура, государства, политическая жизнь, политические течения, политическая система, политический режим, политические партии и движения, государственная независимость, национальное единство.


## POLITICAL CULTURE: CONCEPT AND ESSENCE


The article analyzes the phenomenon of political culture as a complex and contradictory category of political science. The author emphasizes that in the conditions of rapidly changing reality in the political sphere of society, new trends and phenomena are formed, the reinterpretation of which have both theoretical and practical significance. The article argues that although the concept of “political culture " was introduced into scientific circulation only in the XVIII century., however, since ancient times, thinkers have expressed their views on the phenomenon of political culture. Since in those days political culture was defined as a category of political science, thinkers expressed their views with the use of such concepts as the state, civil society, justice, etc. In modern conditions, the complexity of understanding the problem of political culture is due to the fact that in the scientific literature there are different definitions of the concept of “political culture”. However, despite the pluralism of views on this issue in most definitions of political culture opredelitsja as the process of the development of the personality, the essence of the policy, the nature of political power and conscious

participation in political activities and in the activities of political and social institutions. The article defines that under the conditions of state sovereignty and under the influence of modern globalization processes, political culture has become an important factor in the stable development of society.

**Key words:** Culture, politics, political culture, states, political life, political trends, political system, political regime, political parties and movements, state independence, national unity.

**Сведения об авторе:** ***Иномджонова Мохира Наимджоновна*** **–** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, соискатель кафедры общественных наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони 169. E-mail: **Inomjonova 88@ mail.ru.** Телефон: **927-40-83-88**

**Information about the author:** ***Inomjonova Mohira Naimdzhonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, applicant for the department of social sciences. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni 169. E-mail: **Inomjonova 88 @ mail.ru.** Phone: **927-40-83-88**

**УДК: 32.001 (575.3)**

# ВОПРОСЫ НАУКИ, ТЕХНОЛОГИИ И ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕКУЩИЙ СТАТУС И ОСНОВНЫЕ МОМЕНТЫ

***Бойматов Д.***
**Кулябский государственный университет имени А.Рудаки**

Прошло 28 лет с того момента, как Республика Таджикистан приобрела государственную независимость. В первое десятилетие независимости Таджикистана события развивались очень стремительно и привели к кровавой гражданской войне. Гражданская братоубийственная война продолжалась еще несколько лет до 1997 года, затем общество сосредоточилось на политике мирного государственного строительства. Естественно, приоритетами политики в эти годы были усилия по созданию конституционного порядка и функционированию государственных учреждений. В этом контексте, только в конце 2000-х годов на политическую повестку дня в обществе были поставлены вопросы развития предпринимательства и инновации в обществе. В первой половине 2010-х годов власти начали давать все большее значение предпринимательству и инновационному развитию в их политическом усилии.

Следует отметить, что распад Советского Союза заставил бывшие советские республики, в том числе Таджикистан, находить свои собственные источники финансирования для научно-исследовательских учреждений в связи с ликвидацией Академии наук СССР - крупнейшей в мире научной организации. Более того, ведущие университеты Таджикистана потеряли свои основные источники финансирования, и наука стала одной из жертв этих отношений. За последние 25 лет Правительством Республики Таджикистан сделано многое для обеспечения эффективного функционирования системы научных организаций. В то же время создана национальная инновационная системас новыми подходами к организации исследовательской деятельности. Это обеспечивает всеобъемлющие правовые рамки на основе национальных законов, международных соглашений и договоров.Правительство реформировало отраслевые министерства и департаменты в целях улучшения их управления и деятельности. Так, в 2011 году в основной научной организацией страны -Академией Наук Республики Таджикистан (АНРТ) проведена управленческая и организационная реформа. Численность работников центрального исполнительного органа была сокращена, профильные институты и исследовательские центры были объединены в Офис АН РТ. В 2014 было создано Министерство науки и образования Республики Таджикистан на базе бывшего министерства образования. Правительство принял Стратегию Республики Таджикистан в области науки и техники (2007 г.), Программу инновационного развития Республики Таджикистан (2012). На этом этапе мы можем сказать, что переходный период завершен и нынешняя система научных организаций уже набирает темп в новых условиях и правилах. Тем не менее, все еще много неопределенностей, и поэтому требуется полное понимание новых задач. Таджикистан достиг сильного экономического и социального развития в последние годы и сделал важные шаги в отходе от контролируемой к эффективно контролируемой модели роста.

Повествовательные документы, которые использовались в статье разделены на четыре части:

1. а) Статья 40 Конституции Республики Таджикистана «Каждый имеет право свободно участвовать в культурной жизни общества, в создании и использовании научно-технических достижений. Государство должно защищать культурные и духовные ценности. Закон должен защищать интеллектуальную собственность».

б) статья 41 Конституции РеспубликиТаджикистана«Каждый имеет право на получение образования. Основное общее образование является обязательным. Государство гарантирует бесплатное общее базовое обязательное образование в государственных образовательных учреждениях. Каждый должен получить бесплатно общее профессиональное, начальное специальное, профессиональное специализированное и высшее специальное образование в государственных образовательных учреждениях, в рамках определения закона. Другие формы обучения должны быть определены законом».

2. Международные правила (двусторонние и многосторонние соглашения и договоры).

3. Законодательство Республики Таджикистан в области науки, техники и инноваций (более 30 законов, утвержденных парламентом и подписанных Президентом Республики Таджикистан).

4. Внутренние Положения (указы и распоряжения Президента Республики Таджикистан, решения и распоряжения Правительства Республики Таджикистан, решения коллегии Министерства науки и образования, решения Президиума Академии наук Республики Таджикистан). Данные, использованные в статье, взяты из перечисленных источников в ссылках [1-3]. Основные методы исследования наукометрия и системный анализ сложности [4].

Система научных организаций в Республике Таджикистан включает академические и отраслевые научно-исследовательские институты, а также высшие учебные заведения. Эта научная структура была создана в 1950-х годах и отражает разделение областей исследования на три сектора: академические, прикладные исследования и университеты. Во время перехода к независимому государству, экономическая необходимость породила новые формы и системы исследовательских организаций, кроме существующей жесткой централизованной системы. Более того, возникли новые частные, государственные и негосударственные исследовательские структуры. Следует отметить, однако, что эти новые формы и системы в настоящее время составляют небольшую конкуренцию традиционным структурам.

АН РТ остается основным научным центром страны, несмотря на управленческую и организационную реформу, проведенную в 2011 году. АН РТ организует исследовательскую деятельность в различных институтах и центрах и в то же время ведет работу по реализации в стране научно-технической, технологической и инновационной политики. АН РТ также несет ответственность за реализацию законодательства в области науки, техники и инновации, утверженного парламентом страны. Кроме того, АН РТ составляет проектпостановления для Правительства РТ и др. нормативно-правовые документы. Общее количество учреждений, участвующих в исследования и разработках составляет 100 (январь, 2014) с более чем 18000 сотрудников (Таблица 1). Это низкий показатель по сравнению с развитыми странами. Соответственно, общее количество патентов Заявки таджикских ученых в 2015 году составило всего 76.

**Таблица 1. Численность персонала исследовательских организаций по категориям (январь 2014 г.)**

**Table 1. The number of personnel of research organizations by categories (January 2014)**

| Научный / Сектор | Генеральный штат сотрудников | Исследователи | | | | Вспомогательный персонал |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Генеральный | Кандидаты | PhD кандидатов | степени | |
| Академический | 1560 | 781 | 152 | 271 | 358 | 779 |
| Прикладное исследование | 2033 | 1102 | 114 | 359 | 629 | 931 |
| Университет | 14445 | 8495 | 529 | 2486 | 5480 | 5950 |

Структура исполнения научно-технических работ финансируются как из государственного бюджета, так и из собственных ресурсов и инвестиции. В настоящее время существует три механизма финансирования научных организаций в Таджикистане. Каждый из механизмов имеют свои преимущества и недостатки. Например, тематическое финансирование позволило существенно сократить дублирование научных исследовательских работ, и помогло улучшить общую демократизацию национальной научной системы. В то же время следует отметить, что средства в основном тратятся на зарплату, а не на укрепление материально-технической базы организаций. Основное финансирование выделяется на основные области институтов исследования или центров и для поддержки исследовательской инфраструктуры. Целевое финансирование направлено на крупное инновационное и крупномасштабное исследование сучастием промышленности и МСП. Необходимо привлечь средства из частного

сектора, но к сожалению, частный сектор в Таджикистане все еще остается неразвитым и не имеет возможности выделять фонды для науки и техники.

Национальная инновационная система Республики Таджикистана (НИСТ) -это сеть учреждений в государственном и частном секторе, виды деятельности и взаимодействия которых инициируют распространение новых технологий. Система подхода к инновациям помогает выявить сильные и слабые стороны, движущие силы и инновационный процесс может определить возможную политику действия и меры, которые могут привести к улучшению в инновационной производительности. Как правило, инновация является сложным процессом. Во взаимодействии инноваций заинтересованцелый ряд организаций: инновационные предприниматели, академические и научно-исследовательские институты, бизнессектор (как источник и цель инноваций), инновационные посредники и институты поддержки, государственные органы, отвечающие за поддержку инновации, финансовые институты, национальная политика в области инноваций, рамочные условия для инноваций, потребители (в более общем рынок инноваций). Путь от идеи до рынка требует мобилизации и применения многих различных способностей и навыков. В начале индивидуальный предприниматель может предложить некоторые ноу-хау, и он должен привлекать людей с хорошими знаниями соответствующей технологии. Поэтому существует необходимость собрать вместе участников и заинтересованные стороны кто может запустить процесс. Сотрудничество с заинтересованными сторонами еще одна важная особенность современного инновационного процесса, что также определяется методологический подходам данной статьи. НИСТ имеет ряд конкретных спецификаций. Во-первых, ограниченные местные рынки требуют высокой степени инноваций в мировой экономике и полноценное участие в международном разделении труда. Хорошо функционирующие двунаправленные связы с крупными международными рынками являются одним из предварительных условий для местных фирм, чтобы расти им необходимы условия для притока современных технологий и новых идей. Эти связи важны для местных заинтересованных сторон инноваций и международных партнеров и, в конечном итоге, для установления стабильных партнерских отношений в глобальных цепочках создания стоимости. Вторая спецификация - системный процесс определения вариантов государственной политики и изменений, которые могут привести к разделению полномочий и ответственности между различными ветвями власти. До 2010 года большинство законодательных и нормативных актов были приняты без четкой ссылки на их основные исполнительные агентства. Ответственность за фактическую их реализацию была возложена исполнительную власть, которая будет осуществлена на более позднем этапе.Тем не менее, эти практики начали меняться в 2010-е годы, когда программных документов стало больше разрабатываться и включались ссылки на обязанности конкретных ветвей власти. Процесс разделения компетенций и обязанности между органами, назначенными, на реализацию государственной политики достаточно продвинут в Таджикистане. Это относится и к функциональным обязанностям по ведению инноваций для политики развития.

Сегодня исследования и инновации стали основными факторами социального развития, экономического роста и достижения высокого стандарта жизни. Инновации, созданные благодаря новым технологиям, производства и оборудования, оказания услуг, новые подходы к организации и путем повышения уровня квалификацииперсонала, обеспечивает высокую конкурентоспособность экономики.

К сожалению, в начальные годы независимости,Таджикистан был глубоко вовлечен в гражданскую войну и,как следствие, вопросы, связанные с развитием науки и инноваций были отложены на целое десятилетие. С 2000 года Правительство приняло меры для поддержки научного потенциала, реформирования и переориентирования научного сектора, и решения социально-экономических проблем. Таджикистан стремился укрепить научно-технический потенциал как необходимый фактор модернизации экономики и постепенный переход к росту инноваций. Правительством были приняты ряд национальных законов, постановлений, решений, определяющих государственную политику в области науки и инноваций, направленные на поддержку научного потенциала, развитие научных исследований, разработку новых технологий и их внедрение в производство. Специальный раздел «Формирование инновационной инфраструктуры и поддержка инновационной деятельности» был посвящен этим проблемам, в частности, Стратегии РТ в области науки и технологии на 2007-2015 годы. Были приняты законы «Об Академии наук Республики Таджикистан» (2002), «О промышленных образцах» (2004), «Об изобретении» (2004), «Об охране прав на топологию интегральных микросхем» (2006), «О товарных знаках и знаках обслуживания» (2007), «О географических показателях» (2007), «О научных и научно-технических экспертизах» (2010) и

«Об инновационной деятельности в Республике Таджикистан» (2012). Раздел «Интеллектуальная собственность» был включен в третью часть Гражданского кодекса РТ (2005). В 2007 году Правительство РТ утвердило Национальную стратегию развития Таджикистана 2007-2015. Часть этого документа Стратегия развития науки, которая предусматривает обновление законодательной базы науки и техники и поиска мер обеспечить его надлежащее исполнение.

В этой стратегии наука описывается как национальный приоритет.Стратегия также направлена на дальнейшее укрепление сотрудничества между исследовательскими организациями и различными министерствами и излагает амбициозную Программу развития научного сотрудничества с другими странами, в том числе с другими членами СНГ, а также с международными организациями, через межправительственные соглашения и партнерство которые должны быть заключены Академией наук, научно-исследовательскими институтами и университетами.

Стратегия развития науки Таджикистана определяет несколько слабых мест в национальной науке и технике, такая система, как отсутствие финансирования и недостаточная исследовательская инфраструктура, которая во многом была разрушена в годы гражданской войны 1992-1997. Стратегия подчеркивает необходимость создания адекватных информационных инфраструктур для того, чтобы улучшить связь институтов с современными информационными технологиями и сделать дополнительную научную литературу доступной для библиотек. Там также есть нехватка высокообразованных научных кадров из-за очень низкого финансирования в области исследований. По улучшению ситуаций, Таджикистан стремится к лучшему интегрировать своей системы высшего образования и науки и техники. Кроме того, стратегия указывает на необходимость разработать комплексные национальные научно-технические программы для решения важных научных и социально-экономических проблем страны. Это также указывает на то, чтомеждународное научное сотрудничество недостаточно, несмотря на большое количество подписанных научно-технических соглашений.

В 2011 году была принята правительством Программа инновационного развития Республики Таджикистан для 2011-2020. Программа будет реализована в два этапа: Первый этап (2011-2014): подготовка и организация; Второй этап (2015-2020 годы): разработка инновации. На основе новой национальной инновационной системы должны быть сделаны большие усилия для реализации Программы, на втором этапе в порядке неуклонного увеличения инновационной составляющей экономики страны. Национальная инновационная система должна обеспечивать следующие основные направления:

- ✓ Создание и развитие инновационных инфраструктур (технические и технологические);
- ✓ Формирование и совершенствование системы переподготовки и профессиональной подготовки специалистов в сфере инновационной деятельности;
- ✓ Организация информационной системы в сфере инновационной деятельности;
- ✓ Международное сотрудничество в области инновационной деятельности;
- ✓ Вовлечение научного потенциала в инновационные процессы;
- ✓ Задачи, связанные с инновационным развитием отраслей экономики, образования и здравоохранения.

В 2011 году в ходе реализации Программы Правительство утвердило постановление, разработанное Центром инновационного развития науки и новых технологий Академии наук Республики Таджикистан. Главной задачей центра является разработка научных основ и реализация основных компонентов Программы.

В настоящее время Таджикистан все еще находится на самой ранней стадии создания национальных технологий и инновационной системы и спектр рекомендаций для улучшения является широким. Согласно классификации Всемирного банка в 2014 году Таджикистан перешел от низких доходов к доходам ниже среднего. Необходимо сосредоточиться на вопросах, которые имеют решающее значение для функционирования системы ИППП в Таджикистане и которые дадут видимые результаты, не требуя существенных финансовых и человеческих ресурсов. В связи с этим приоритетом должны быть следующие меры:

- ➢ Увеличить инвестиции в ИППП, ориентированной на улучшение поглощающей и адаптивной мощности. Такого рода реформы должны международных стандартов качества. Это требует финансирования от международных доноров, потому что требования к ресурсам будут значительным, учитывая молодое и растущее население страны.
- ➢ Уменьшить бюрократические препятствия для бизнеса и улучшить общую бизнес среду. Улучшить юридические положения направлено на уменьшение количества разрешительных документов, необходимых для создания частных фирм и компаний. Такие

меры могут обеспечить быстрые результаты при низких затратах. Также необходимо улучшить энергию и транспорт инфраструктуры. Это, очевидно, требует больших инвестиций и финансовой поддержки международных институтов.

➢ Координировать реализацию инновационной политики,чтобы уменьшить количество отходов и повысить эффективность(с точки зрения бюджетных ресурсов и политики реализации потенциала). Содействовать улучшению и инновации в процессе бизнеса, управления и маркетинга, которые поддерживают более высокое качество продуктов и услуг.

➢ Сосредоточить политическую поддержку на трудоемких отраслях, с целью поддержки повышения производительности в тех секторах, которые затем могут стать основой для дополнительной инвестиционной и экономической диверсификации. Переход от сельского хозяйства к обработке пищевых продуктов является одним из таких примеров.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан //Статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2015.
2. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан // Образовательный статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2016.
3. Экономическая комиссия ООН для Европы. Новаторство Обзор эффективности Таджикистана, серия: ECE InnovativeОбзор производительности 25 апреля 2016.
4. Портер Алан Л. и др. Будущее технологического прогнозирования. Технологическое прогнозирование и социальные изменения.67, 1–17 (2001).
5. Стратегия инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020 года утвержденной постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, № 354.
6. [Электронный ресурс]. http://anrt.tj/ru/innovatsionnaya-deyatelnost/normativnye-dokumenty[дата обращения 20.01.2019]
7. [Электронный ресурс]. http://anrt.tj/ru/innovatsionnaya-deyatelnost/podderzhka-i-razvitie-innovatsionnoj-deyatelnosti [дата обращения 26.01.2019]


## МАСЪАЛАИ ИЛМ, ТЕХНОЛОГИЯ ВА СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАҚОМИ ҲОЗИРА ВА ҶИҲАТҲОИ МУҲИМ


Дар мақола таҳлили сохтории ташкилотҳои таҳқиқотӣ дар мамлакат, принсипҳои интихоби ҳайати кормандон барои ин ташкилотҳо, роҳҳои дарёфти сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ, ғояҳои асосии Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати давлатии мамлакат дар соҳаи таҳқиқот ва инноватсия пешниҳод гардидааст. Низоми ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ва академӣ, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олиро дар бар мегирад. Ин низоми сохтори илмӣ солҳои 1950 бунёд ёфта буд ва тақсимоти таҳқиқотро дар чунин бахшҳои академӣ ва таҳқиқотии амалӣ ифода менамояд. Замони гузариш ба истиқлолият ва зарурияти иқтисодӣ намудҳо ва системаҳои нави таҳқиқотиро ба ҷуз системаҳои устувори мавҷудбуда ба вуҷуд овард. Ба ғайр аз ин сохтори нави давлатию хусусии таҳқиқотӣ бунед гардиданд. Аммо бояд қайд кард, ки ин сохторҳо ва низомҳои навтаъсис дар замони имрӯза бо низомҳои анъанавӣ на он қадар рақобатпазиранд. Ҳадафи асосии мақола дар он ифода мeёбад, ки давлати соҳибистиқлоле, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфт, роҳи рушди илм, техника ва инноватсияро интихоб намуд, ки ба ягон мамлакати тараққикарда ва ё рӯ ба тараққӣ монанд нест. Ба ғайр аз ин, муаллиф қайд менамояд, ки инноватсияҳо бояд дар сатҳи ҳукуматӣ барои расидан ба дараҷаи баланди рушди иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд, ки дар ин ҷода қадамҳои сиёсӣ нақши муассир доранд.



**Калидвожаҳо:** давлат, сиёсат, инноватсия, ҳукумат, сохтор, низом, сиёсати инноватсионӣ, илм, техника.


## ВОПРОСЫ НАУКИ, ТЕХНОЛОГИИ И ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕКУЩИЙ СТАТУС И ОСНОВНЫЕ МОМЕНТЫ


В статье представлен структурный анализ системы исследовательских организаций в стране, принципы подбора персонала для этих организаций, пути и средства поиска новых источников финансирования, основные идеи Программы инновационного развития Республики Таджикистан и государственной политики страны в области исследований и инноваций. Система научно-исследовательских организаций в Республике Таджикистан (РТ) включает академические и отраслевые научно-исследовательские учреждения, а также высшие учебные заведения. Эта научная структура была создана в 1950-х годах и отражает разделение исследований в следующих секторах: академические, прикладные исследования и университеты. Переход к независимости и экономическая необходимость породили новые виды и системы исследовательских организаций, помимо существующих жестких централизованных систем. Кроме того, появились новые частные и государственные исследовательские структуры. Однако, следует отметить, что эти новые виды и системы в настоящее время представляют небольшую конкуренцию традиционным структурам. Основной вывод этой статьи заключается в том, что независимое государство, недавно возникшее после распада Советского Союза, выбрало свой путь развития науки, техники и инновации, не похожий на другие развитые и развивающиеся страны. Кроме того, автор подчеркивает, что инновации должны быть и на правительственном уровне, чтобы двигаться к следующему уровню экономического процветания и политические меры в этом будут играть решающую роль.



**Ключевые слова:** государство, политика, инновация, правительство, структура, система, инновационная политика, наука, техника.

## ISSUES OF SCIENCE, TECHNOLOGY AND INNOVATION POLICY IN TAJIKISTAN: CURRENT STATUS AND HIGHLIGHTS

The article presents a structural analysis of the system of research organizations in the country, the principles of selecting personnel for these organizations, ways and means of finding new sources of financing, the main ideas of the Innovative Development Program of the Republic of Tajikistan and the state policy of the country in the field of research and innovation. Thesystemofresearch organizations in the Republic of Tajikistan (RT) include academic and industry research institutions, as well as higher education institutions. This scientific structure was created in the 1950s and reflects the division of research in the following sectors: academic, applied research and universities. During the transition to independence and economic necessity, new types and systems of research organizations were created, in addition to the existing rigid centralized systems. In addition, new private and public research structures have emerged. However, it should be noted that these new types and systems presently present little competition with traditional structures. The main conclusion of this article is that the newly independent state, emerging after the collapse of the Soviet Union, has chosen its own path of development in science, technology and innovation, unlike any of the developed and developing countries. In addition, the author emphasizes that innovation must also be at the government level in order to move to the next level of economic prosperity and political measures will play a decisive role in this.

**Key words:** state, politics, innovation, government, structure, system, innovation policy, science, technology.

**Сведения об авторе:** ***Бойматов Дилшодджон Маджидович*** – Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **933013141** E-mail: **boimatov93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Boymatov Dilshodjon Madjidovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Assistant Professor of the Department of Philosophy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **933-01-31-41.** E-mail: **boimatov93@mail.ru**

**УДК 323/324 (575.3)**

# ГАРАВИШИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ

***Ҷобиров Ш.Т.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият ба яке аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ мубаддал гардид. Табиист, ки ин ба аксари давлатҳое, ки мехоҳанд аз ноормии Тоҷикистон манфиат бардоранд ва ё аз нобасомониҳои кишвари мо манфиатдор буданд, чандон хушоянд нест. Аз ҷониби дигар, канданиҳои фоиданоки кишвар, ашёи хоми саноатӣ, захираҳои энергетикӣ, оби ошомиданӣ, неруи арзони корӣ ва бозори маҳсулоти истеъмолӣ таваҷҷуҳи аҷнабиёнро ҷалб мекунад ва онҳо мекӯшанд, то барои ба даст овардани ин ҳама бо ҳар баҳонае дар шуури мардум, махсусан насли ҷавон ҳисси кинаву нафратро бедор кунанд ва онҳоро аз мақсади эъмори як давлати сирф миллӣ канор баранд.

Мутаассифона, ҷавонони нохудогоҳу камдониш ва дур аз сиёсату “бозиҳои сиёсӣ”-ро бо роҳу воситаҳои гуногун ба чанги хеш даровардa, дар саҳнаи набардҳои мусаллаҳона ҳамчун “лухтак” истифода мебаранд.

Яке аз роҳҳои дигаре, ки ба зиракии сиёсӣ ва ҳушёриву хештаншиносии ҷавонон лакнат ворид месозад, тариқи сомонаҳои интернетӣ саргарм кардани ҷавонон аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор аст. Мутаассифона, ҷавонон дарк намекунанд, ки вақти зиёд ва қимати хешро дар сомонаҳои интернетӣ паси ҳар гуна бозиҳову машғулиятҳои бесамар сипарӣ менамоянд. Ин чанде аз зуҳуроти ташвишовар дар ҷаҳони имрӯз аст, ки бояд сари ин масъала ҳар ҷавони тоҷик андеша намояд ва бояд донанд, ки барои аз миён бурдани давлату миллат манфиатхоҳон аввал тафаккури ҷавононро дигар мекунанд. Вақте ҷавонон майл ба гурӯҳҳои ифротӣ мекунанд ва ё даст ба корҳои ношоям мезананд, дар сомонаҳои интернетӣ машғули бозӣ мегарданд, албатта, аз сиёсат ва корҳои ҷамъиятӣ канор мераванд.

Ҷавононро ҳамеша неруи пешбаранда ва ояндаи давлату миллат унвон мекунанд. Тоҷикистон, ки имрӯз аз назари демографӣ дар ҳоли рушд қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд, пас бояд ҷавонон неруи пешбарандаи сиёсӣ бошанд. Ҷавоне, ки аз сиёсат канор меравад ва аз масоили сиёсии дохилу хориҷ огоҳ нест, чӣ гуна метавонад дар бартараф кардани мушкилоти печидаи сиёсиву фарҳангии миллати хеш саҳм гузорад? Бе иштироки фаъолонаи неруи бузурги ҷавонон рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатеро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҷрибаи таърихӣ низ баёнгари он аст, ки ҳеҷ таҳаввулоти чашмгир дар гӯшаву канори олам бе ширкати ҷавонон сурат нагирифтааст ва нахоҳад гирифт.

Такя кардани Ҳукумат ва Сарвари давлат ба насли ҷавон бесабаб нест. Боиси хушнудӣ ва фараҳмандист, ки имрӯзҳо бо талошҳои пайваста ва ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ баҳри ҳарчи намоёнтар кардани чеҳраи ҷавонон дар олами сиёсат як қатор тадбирҳои судманд ва саривақтӣ андешида шуда истодаанд. Дар мисоли курсҳои лидерӣ дар назди донишгоҳҳо, маъракаҳои сиёсӣ баҳри бедории ҷавонон ва форуму конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалие, ки дар саросари кишвар баргузор мегарданду ба ҳаёти ҷавонон бахшида мешаванд, ба зиракии сиёсии ҷавонон таъсири амиқ хоҳанд гузошт ва бидуни ҳеҷ шакку шубҳа ин ҳама ба ҷавонони мо дарси сиёсат меомӯзонанд. Ва хушбахтона, кам нестанд ҷавононе, ки майл ва гароиш ба сиёсатро доранд.

Дар воқеъ, рушди тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим ва иҷтимоӣ ба он вобастагӣ дорад, ки насли ҷавон ва махсусан донишҷӯён то кадом андоза малакаи аз бар намудани дониш ва ҷаҳонбиниро доро мебошанд ва зиракии сиёсии онҳо дар кадом сатҳ қарор дорад. Дар ҳамин замина метавон рушди стратегии ояндаи давлату миллатро ба нақша гирифт. Перомуни ин масъала сиёсатшиносон ва аксари фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ бар он назаранд, ки ҷавонон бояд аз нигоҳи сиёсӣ ба камол расида бошанд ва дар бархӯрдҳои ҷаҳони имрӯза фаъолӣ ва зиракии сиёсии хешро аз даст надиҳанд. Чун дар ҷомеаи ҷаҳонӣ раванди глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) ва бархӯрди тамаддунҳо дар авҷ аст ва ба қавли муҳаққиқон, ҳар лаҳза эҳтимоли аз байн рафтани як тамаддун ё фарҳанг дар миён аст, бояд аз ҳама ҷиҳат ҷавонон фаъоливу зиракиро пайгир бошанд, то нигаҳдорандаи фарҳангу тамаддун ва билохира миллату давлати азизи хеш гарданд.

Имрӯз дар садову симо, ва шабакаҳои иҷтимоӣ, хулоса ҷое нест, ки сухан оиди ифротгароӣ наравад. Ҳарчанд ифротгароӣ як падидаи нав нест, вале авҷ гирифтани он дар замони мо диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намудааст. Гурӯҳи навзуҳуре, ки худро "муҷоҳидон"-и роҳи ҳақ, "парчамдори давлати исломӣ" мепиндоранд ва ба бандагони Худо заррае раҳм накарда, ҳамаро қатли ом мекунанд, сабаб шудааст, ки ҳамагон ба ин тарзи рафтору пиндор вокуниш нишон диҳанд. Аммо камтар дида мешавад, ки моҳияти ифротгароиро дақиқан мушаххас намоянд. Мо мехоҳем дар ин мақола ба мафҳуми ифротгароӣ, пайдоиши он, нишонаҳои ифротгароён ва сабабҳои рӯй овардани ҷавонон ба онро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор диҳем.

Олами мавҷуда чи дар гузашта ва чи имрӯз дар ҳар як зинаи тараққиёт дучори ҳазорон падидаҳои ғайримуқаррарӣ гардидааст, ки баъзеи ин падидаҳо худ омили бавуҷудорандаи зинаи нави рушди олам будаанд. Ҳамаи ин зуҳурот ҳамқадами инсон ва ҷомеа буда, доимо дар олам чун занги таҳдид садо медиҳанд, ки дар байни онҳо терроризм ҷойи махсусро соҳиб аст.

Асри XXI бо фазои гуногун, махсусан воқеоти дар худ фарогирифтааш аз асрҳои гузашта фарқ карда меистад. Гарчанде падидаҳои ҷойдошта зодаи танҳо ин аср нестанд, аммо дар баробари асри нав ҷомаи навро ба бар гирифтаанд, яъне ҳар як падида шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кардааст. Терроризм низ падидаи нав нест. Нишонаҳои он дар давраҳои пеш мавҷуд буд, аммо дар замони муосир он тарзу усули хоссаи худро ба вуҷуд овардааст. Терроризм яке аз он масъалаҳоест, ки диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб намудааст. Он борҳо намояндагони кишварҳои оламро сари мизи гуфтушунид ҷамъ овардаасту ҳадафу самти фаъолияти даҳҳо ташкилоту созмонҳо фарогири ин тамоюл гардидааст, вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, терроризм ва таъсири он на танҳо сусту заиф намешавад, балки рӯз аз рӯз афзуда, ҷонибдорони зиёде пайдо мекунад.

Мафҳуми терроризм аз забони лотинӣ (*terror – даҳшат, ҳарос*) гирифта шуда, дар охирҳои асри XVIII ҳангоми Инқилоби Бузурги Фаронса истифода шудааст [2,с.14]. Терроризм яке аз шаклҳои манфуртарини экстремизми сиёсист. Мафҳуми экстремизм бошад, аз забони франсузӣ (*extremism*) ва аз лотинӣ (*extremus*) гирифта шуда, маънои канораро дорад [3,с.553]. Экстремизм дар пояи пайравӣ ё эътиқод ба ҳиссиёт, амал, стратегия ё муносибат ба чизеву касе сар зада, ҳолату вазъияти махсуси зоҳиршавиро дорад. Фаъолияти экстремистӣ аслан тавассути таблиғоту ташвиқот (осоишта) ва тавассути ҷанг ё низои мусаллаҳона сурат мегирад. Терроризм як навъи мусаллаҳона ва муташаккилонаи экстремизми сиёсист.

Террор ва терроризмро (ба он нигоҳ накарда, ки дар баъзе ҳолатҳо аломатҳои монандиеро ба худ мегиранд) метавон чунин шарҳ дод:

- террор ин таҳдид аз тарафи ҳокимият (ҳокимияти ба режими тотолитарии идоракунӣ асосёфта) ё зулми қудратмандон нисбати нотавонон (бекудратон) аст;

- терроризм бошад, акси террор зӯроварии ҷониби нотавон нисбати ҷониби пурқувват мебошад. Бинобар ин, дар як маврид ин ду падидаро метавон муқобили ҳам номид [5,с.10].

Амалиёти террористӣ, махсусан дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хеле афзоиш ёфтанд. Аз соли 1970 то соли 1980 дар тамоми дунё 1814 амали террористӣ анҷом ёфта бошад, аз соли 1980 то 1986 шумораи онҳо ду баробар афзуд. Якчанд шаклҳои терроризмро фарқ мекунанд, ки асоситарини онҳо навъҳои зер мебошанд [8,с.50]:

- ✓ *Терроризми сиёсӣ* – ин навъи терроризм бо истифода аз таҳдид ҷомеаро ба ҳолати моҷарогарой оварда мерасонад, ки дар натиҷа ҷудоӣ ва бесарусомонӣ хосси он ҷомеа мегардад. Ба сифати субъекти терроризми сиёсӣ, чун қоида, ҳизбҳои сиёсии радикалӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи дохили ҳизб ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои экстремистӣ баромад мекунанд.
- ✓ *Терроризми миллатгарой* – ин навъи терроризм ба таҳаммулнопазирии миллӣ асос ёфта, дар фаъолияти он ба маҳдудсозии фаъолияти намояндагони ин ё он халқ бо истифода аз террор асос ёфтааст. Терроризми миллатгарой бо сепаратизм алоқамандӣ дорад, ки он ҳамчунин баҳри иҷрои амалҳои дигар, тағйирот дар сохти давлати мавҷуда, вайронсозии тамомияти арзӣ, ташкили давлати соҳибистиқлол анҷом дода мешавад. Дар ин маврид Армияи ҷумҳуриявии Ирландия (Ирландияи Шимолӣ), Ҳизби коргарии Курдистон (Туркия), Фронти озодихоҳии Квебек (Канада), Палангҳои озодибахши Тамил Илама (Шри-Ланка)-ро номбар намудан мумкин аст.
- ✓ *Терроризми динӣ* – он ба муқобили сиёсати глобалии давлатҳои абарқудрат, ки кулли давлатҳои ҷаҳонро дар як «хонаи бузург» муттаҳид кардан мехоҳанд, ки ин иқдом оқибат ба дини онҳо рахна ворид месозад, равона гардидааст. Баъзе аз ин навъи ташкилот бахусус «Ҳизбуллоҳ», «Ал-Қоида» мақсади бунёди хилофати мусулмониро доранд.
- ✓ *Терроризми ҷиноӣ* - он ба куштор, низоъ андохтан байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, таъсир расонидан ба фаъолияти намояндагони ҳокимият асос ёфтааст.
- ✓ *Терроризми технологӣ*, ки таҳдиди аз ҳама бештар дорад. Он бо истифода аз яроқи ядрой, кимиёвӣ, бактериологӣ ва воситаҳои радиоактивӣ, инчунин муҳосираи объектҳо, яроқҳо, маводҳои ядрой мақсадҳои хешро амалӣ мегардонад.
- ✓ *Терроризми кибернетикӣ* – он нисбати ҳамаи навъҳои терроризм таҳдиди бештар дорад. Асоси фаъолияти онро роҳ ёфтан ба васоити иттилоотӣ, аз ҷумла интернет ва пахш кардани маълумотҳои бардурӯғ, инчунин тағйир додани далелҳо ташкил медиҳад. Ба монанди ин навъи фаъолияти террористӣ, террористон боз як методи дигареро пайдо кардаанд, ки ин ба оби мавриди истифодабарии умум қарордошта ҳамроҳ сохтани моддаҳои заҳролуд ба шумор меравад.

Ҳоло дар ҷаҳон шумораи зиёди ташкилотҳои терророристӣ ба қайд гирифта шудаанд: 1) ташкилоти «Абду - Нидал»; 2) гурӯҳи «Абӯ- Сайёф»; 3) Гурӯҳи мусаллаҳи исломӣ («ГИА»); 4) «Аум» 5) ташкилоти баскҳо «Ватан ва озодӣ» («ЕТА»); 6) «Ал - Гама ал-Исломия» («Гурӯҳи исломӣ» «ИГ»); 7. «Ҳамас» (Ҳаракати муқовимати исломӣ); 8) «Ҳаракат-ул-муҷоҳидин»; 9. Ҳаракати исломии Ӯзбекистон; 10) «Ал –Ҷиҳод» («Ҷиҳоди исломии Миср»); 11) «Кхани –Чаи»; 12) Ҳизби коргарии Курдистон; 13) Палангҳои озодибахши Тамил-Илама» («ТОТИ»); 14) «Артиши озодибахши миллӣ» (Колумбия); 15) «Ҷиҳоди исломии Фаластин»; 16) Ҷабҳаи озодибахши Фаластин; 17) Фармондеҳии асосии Ҷабҳаи халқии озодибахшии Фаластин; 18) «Ал - Қоида»; 19) «Аум синрикё», (Ҳақиқати олии Аум) [4,с.11].

Ҳарсола дар асоси ҳодисаҳои террористӣ ва умуман бо айби террористон ҳазорон нафар кушта мешаванд. Танҳо дар соли 2005 дар ҷаҳон 11111 амалиёти террористӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар асари он 24.7 ҳазор инсонҳо маҷрӯҳ, 24.7 ҳазор рабуда ва 16.6 ҳазор кушта шудаанд. Тахминан 30%-и ҳамаи ин ҳодисаҳо ва 55%-и натиҷаи ин нишондод ба Ироқ марбут аст.Террористон қариб 6.6 ҳазор полис, 300 корманди давлатӣ, ҳазор нафар кӯдакони ноболиғ, 170 ҳазор намояндагони воломақоми динӣ, 140 муаллим ва 110 рӯзноманигоронро ба қатл расонидаанд [7].

Аввалин кӯшиши мубориза ба муқобили терроризмро Лигаи Миллатҳо соли 1937 дар асоси қабули Конвенсия «Оиди пешгирии терроризм ва муҷозот барои амалиёти террористӣ» ба миён оварда буд [9]. Соли 1985 бошад, АГСММ изолятсия «дар бораи терроризми байналхалқӣ»-ро ба тавсиб расонид.

Дар мубориза бар зидди терроризм миёни мамлакатҳо ҳамоҳангӣ, фаҳмиши ягона ва иттиҳод вуҷуд надорад. Кам нестанд ҳодисаҳое, ки ягон давлат гурӯҳҳои ҷудоихоҳи дар дохили мамлакати худ амалкунандаро гурӯҳҳои террористӣ эълон месозад ва бар зидди онҳо мубориза мебарад, ҳамзамон дигар давлат мекӯшад онҳоро ба манфиати худ истифода бикунад.

Чунончи, Русия ҷудоихоҳони чеченро гурӯҳҳои террористӣ эълон дошт ва якчанд сол алайҳи онҳо мубориза мусаллаҳона бурд. Айни замон ба идомаи муборизаи чеченҳо зидди Москва Амрико манфиатдор аст.

Замоне ки Русия ҷудоихоҳони чеченро террорист мешумурд, Амрико онҳоро муборизони роҳи озодии Ватан эътироф намуд. Агар чеченҳо иқтидори пурзӯреро соҳибанд ва модоме, ки онҳо амалиёти гуногуни террористиро содир мекунанд, он бе нишондод ва дастури Амрико буда наметавонад. Аммо чаро Амрико муборизаи халқи Фаластинро дастгирӣ намекунад, баръакс, муборизони Фаластинро террорист эълон медорад?

Хитой ҷудоихоҳони Синзянро гурӯҳҳои террористӣ эълон кард ва нисбати онҳо мавқеи қотеонаро ишғол намудааст. Агар онҳо ягон вақт ба муборизаи зидди ҳокимияти марказӣ бархезанд, яқин Амрико онҳоро чун муборизони роҳи истиқлолу озодӣ дастгирӣ хоҳад кард, зеро заифшавии ҳукумати марказии Хитой ба доираи манфиатҳои геополитикии Амрико дохил мешавад.

Бо рӯйдодҳои 11 сентябр вазъи сиёсии ҷаҳон ба куллӣ тағйир ёфт ва масъалаи мубориза бо терроризм дар сатҳи мукаммалтару ҳамаро фарогиранда ба вуҷуд омад. Мубориза алайҳи терроризм агарчи сард нест, вале ба «ҷанги сард», ки то соли 1991 идома дошт, шабоҳат дорад [1,с.70].

Мутаассифона, гоҳо ҷараёни мубориза бо терроризм, ки солҳои охир сурат мегирад, ба назар чунин мерасад, ки он як навъ мубориза бар зидди ислом бошад. Аз равиши воқеаҳо дида мешавад, ки он як навъ мубориза алайҳи ислом, ҳаракатҳои исломӣ ва кишварҳои исломист. Дар зери шиори мубориза алайҳи терроризм мубориза алайҳи ислом нуҳуфта аст [6,с.177].

Баъди амалиётҳои террористии сентябри соли 2001 дар Ғарб дар бораи терроризми исломӣ сухани зиёд мегӯянд, вале ислом ба монанди дигар динҳои ҷаҳонӣ нисбат ба хушунату зӯроварӣ муносибати манфӣ дорад. Ислом наметавонад сарчашмаи терроризм бошад. Террорист, гарчанде миллат дорад, аммо ба ягон миллат, ҳатто ба миллати худ раҳму шафқат надорад. Динеро эътироф мекунад, аммо аз боиси сатҳи пасти ҷаҳонбинии диниаш амалеро содир мекунад, ки хилофи дин аст.

Солҳои охир дар кишварҳои ИДМ амалҳои мушаххасе баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм сурат мегиранд. Ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқие қабул мегарданд, ки ба сифати санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Ҳамкориҳо дар соҳаи низомӣ байни давлатҳои аъзои он вусъат меёбанд. Ҳатто Маркази ягонаи муборизаи зидди терроризм ва экстремизм (соли 2000) таъсис дода шудааст, ки он дар асоси аҳдномаи байни кишварҳои ИДМ аз моҳи июни соли 1993 оиди муборизаи муштараки зидди терроризм фаъолият дорад.

Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ барномаи мубориза бар зидди терроризм ва шаклҳои дигари зуҳури экстремизмро пазируфта, роҳбарони кишварҳои ИДМ дар Ереван қарор доданд, ки неруҳои муштараки зудамалро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил намоянд. Созмони Ҳамкории Шанхай (ШОС) бошад, Конвенсияи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизмро қабул намудааст [4,с.44].

Зарбаҳои асосии терроризм асосан ба муқобили давлатҳои мусалмонӣ, Русия ва ИМА равона гардидаанд, ки дар рӯйхати давлатҳои аз терроризм аз ҳама бештар зарардида ИМА дар ҷойи аввал меистад, ки чунин ба назар мерасад,ки имрӯз гӯё байни давлатҳои мусалмонӣ, Русия ва ИМА як навъ ҷанг рафта истодааст, ки қӯшунҳои онҳоро даста ва ё ташкилотҳои террористӣ ташкил медиҳад.

Давлатҳои ҷаҳон бо усулҳои гуногун муборизаи хешро бо терроризм амалӣ мегардонанд. Масалан, дар Британияи Кабир мақомоти махсуси зиддитеррористиӣ мавҷуд аст. Дар ИМА, махсусан дар фурудгоҳҳо низоми қатъии назорат ҷорӣ карда шудааст. Ҳар 10 дақиқа дар дохили ҳавопаймо ба мусофирон муроҷиат карда мешавад, ки баъди ба замин фуруд омадан дарҳол ба таксӣ нишаста, аз истгоҳ дур шаванд.

Субъектҳои бевосита бар зидди терроризм муборизабаранда, аз ҷумла амнияти зиддитеррористиро таъминкунанда дар доираи ваколатҳое, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, мақомоти зерин мебошанд:

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Замоне ки терроризму экстремизм ба ҷавонон ва давлати миллии мо таҳдид менамоянд, ҷавононро лозим аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, рӯ ба илму дониш биоваранд ва ба доми ин гурӯҳҳо наафтанд.


**АДАБИЁТ**

1. Батошова А.К. Политический терроризм: детерминация и формы проявления. Учебник / А.К. Башков. -М., 2004. –70 с.
2. Жаринов К.В. Терроризм и террористы / К.В. Жаринов. - М., 1999. – 156 с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. – 553 с.
4. Зокиров Г. Н. Терроризм / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2004. – 156 с.
5. Лансов С.А. Террор и террористы / С.А. Лансов. - М., 2004. – 203 с.
6. Нурӣ А. Муҷаддиди аср. - Душанбе, 2007. – 177 с.
7. Организационно - правовые вопросы борьбы с терроризмо. [Электронный ресурс]. www. Google. Ru.
8. Хоффман Б. Н. Терроризм. Взгляд изнутри / Б.Н. Хоффман. – М.: 2003.- 50 с.
9. [Электронный ресурс]. http://arctogaia.org.ru.


## ГАРАВИШИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаи гаравиши ҷавонон бо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бештар ба ҷавонон такя намуда, ба онҳо ҳамеша ҳушдор медиҳад, ки зиракию ҳушёриро аз даст надиҳанд. Ва ҳамеша рӯ ба илму маърифат оварда, ба доми неруҳои бадхоҳ гирифтор нашаванд. Муаллиф дар мақолаи худ сабабҳои гаравиши ҷавононро ба ин гурӯҳҳо баррасӣ намудааст. Инчунин, муаллиф моҳият, хусусият ва сарчашмаҳои пайдоиши терроризму экстремизмро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Гарчанде вобаста ба мавзӯи мазкур китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии зиёде навишта шуда бошанд ҳам, коркарди дубора ва илова намудани маълумоти нав ба онҳо аз аҳамият холӣ нест. Инчунин, дар мақола муаллиф то қадри имкон роҳҳои ҳалли ин проблемаҳоро нишон додааст. Дар мақола нуқтаҳои назари гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, шумораи қурбониёни амалиёти террористию экстремистӣ зикр шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҷавонон, терроризм, экстремизм, шуур, стратегия, сиёсати байналхалқӣ, ислом, дин, ҷанги сард, ҷараён, ифротӣ.


## ПРИСОЕДИНЕНИЕ МОЛОДЁЖИ К ЭКСТРЕМИСТИЧЕСКИМ ПАРТИЯМ И ДВИЖЕНИЯМ


В данной статье автор постарался анализировать одну из важнейших проблем - терроризм и экстремизм, который стал причиной того, что заинтересованные стороны стараются присоединить к себе молодежь. Поэтому сегодня правительство Республики Таджикистан, а именно Основоположник национального согласия и единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон больше всех надеется на молодежь и постоянно напоминает им быть политически грамотными, понять и осознавать современные мировые тенденции и постоянно призывает молодёжь направить все свои усилия на изучение современных наук. Стоит отметить, что присоединение не только молодёжи Таджикистана и развивающихся стран, а также молодёжи развитых стран тоже замечается в рядах экстремистических групп. Автор статьи исследовал причины присоединения молодёжи к запрещенным экстремистическим группам, и доказал некоторые из основных причин. А также он исследовал понятие, специфику и источники появления терроризма. Несмотря на то, что уже много книг, монографий и статей были написаны и опубликованы по данной теме, их вторичное изучение, прибавление новых данных к уже существуюшим имеет место. Автор показал решение некоторых из этих проблем в своей работе. В данной статье исследованы разные мнения и выводы, в том числе указано число павших в результате террористических актов. Автор постарался открыть глаза молодёжи на основные угрозы присоединения к экстремистским группам, чтобы они избегали присоединения к ним.

**Ключевые слова:** молодёжь, терроризм, экстремизм, разум, стратегия, международная политика, ислам, религия, холодная война, движение, экстремист.


## JOINING OF YOUTH TO EXTREMISTIC GROUPS


The author tried to analyze one the main problem-terrorism and extremism, which became the case that interested parts try to attract Youth to the extremistic groups. That's why nowadays the Government of the Republic of Tajikistan, especially the Creator of national Peace and Unity, Leader of Nation, President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon most of all trusts on Tajik Youth and always reminds them to be literate, learn all possible modern sciences, to understand, recognize and perceive the modern International problems and always try for not joining the terroristic and extremistic groups. It is necessary to point the moment that not only the youth of Tajikistan and Developing countries are joining the terroristic groups but from the developed countries also. The author learned some cases of joining of youth to the terroristic groups and shoved some factors. Also he researched understandings, specifics and some cases of derivation of terrorism. It is already written and published a lot of books, monographs and papers on this theme but their study once more and addition of new data to the existing has the new place. The author shoved some ways of these problems' resolution. In this article researched the different meanings and conclusions and also shoved the number of victims of terroristic aids. The author tried to open the Youth' eyes to the main threats of joining the terroristic groups in order they tried to run out of the joining them.

**Key words:** youth, terrorism, extremism, intellect, strategy, International policy, Islam, religion, Cold War, motion, extremist.



**Сведения об авторе:** ***Джобиров Шокир Тагойбобоевич*** - Кулябского Госуниверситета имени А. Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, Таджикистан, Куляб, С. Сафаров 16. E-mail: **jobirshokir@gmail.com.** Телефон: **988-28-28-79**

**Information about the author:** ***Jobirov Shokir Taqoyboboevich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Ph.D. **Address:** 735360, Tajikistan, Kulyab, S. Safarov 16. E-mail: jobirshokir@gmail.com. Phone: **988-28-28-79**

**УДК:32.001: 321(575.3)**

# РЕЖИМИ СИЁСӢ ВА ОППОЗИТСИЯИ СИЁСӢ: ТАРҲҲОИ АМАЛКАРДИ ЯКҶОЯ

***Назриев К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавҷудият ва амалкарди оппозитсияи сиёсӣ аз режими сиёсӣ вобастагӣ дорад. Ин воқеияти объективист, чунки дар вобастагӣ аз режими сиёсӣ ва иқлими сиёсӣ шароити сиёсӣ фароҳам оварда мешавад, ки масъалаи будубоши оппозитсияи сиёсӣ, муносибати мутақобилаи он бо ҳукумат, траекторияи фаъолияти оппозитсия, вазифаҳо ва уҳдадориҳои оппозитсия на тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, балки тибқи табиати режими сиёсӣ муайян мегардад. Миёни оппозитсияси сиёсӣ ва режими сиёсӣ як муносибати мутақобила вуҷуд дорад, ки ин вобастагӣ бештар ба тарафи оппозитсияи сиёсӣ майл менамояд. Навъ, намуди оппозитсияи сиёсӣ ва фаъолияти оппозитсионӣ аз режими сиёсӣ вобастагӣ дорад, зеро тибқи режими сиёсӣ системаи сиёсӣ ва фазои сиёсӣ шакл мегирад. Маҳз аз режими сиёсӣ вобастагӣ дорад, ки дар чунин система ва фазои сиёсӣ падидае ба мисли оппозитсияи сиёсӣ метавонад вуҷуд дошта бошад ва ё фаъолияти он чӣ гуна метавонад сурат бигирад. Ба ҳамин хотир, баррасии падидаи режими сиёсӣ баҳри таҳқиқи вобастагии оппозитсияи сиёсӣ аз режим зарур аст.

Режими сиёсӣ усули ҳукуматдорист, ки амалкарди якҷояи элитаи ҳукмрон ва аҳолиро инъикос менамояд ва маҷмӯъи василаҳои амалии бавуҷудоии ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад. Режими сиёсӣ сатҳи озодии сиёсиро дар ҷамъият, ҳолати ҳуқуқии шахсият ва ҷавоб додан ба суоли он ки ҳокимияти давлатӣ чӣ гуна амалӣ мегардад, то кадом дараҷа аҳолӣ бо корҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ роҳ дода мешаванд ва ғайраро инъикос менамояд. Режими сиёсӣ дар ин ё он мамлакат ва давраи муайяни рушди таърихӣ, иқлими сиёсии мушаххасеро ба миён оварда, худро маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои амалии гурӯҳи ҳукмрон, симои асосии шахсиятҳои олии мансабдор, озодии ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад. Ҳамчунин, режими сиёсӣ устуворӣ ва низоми ҳокимияти давлатӣ: идоранамоии субъектҳои сиёсат, динамика ва муайян намудани самти мушаххаси сиёсӣ барои ҳокимият, татбиқи манфиатҳои элитаи ҳукмрон ва ғайраро таъмин менамояд. Режими сиёсӣ сатҳи инкишоф ва мутаҳаррикии равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҳолати муносибат бо бюрократия, рушди анъанаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро муайян менамояд.

Фаҳмиши «режими сиёсӣ» параметрҳои зеринро дар бар мегирад:

- дараҷаи иштироки халқ дар механизми ташаккулдиҳии ҳокимияти сиёсӣ;
- муносибати ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд бо низоми ҳуқуқии давлат, кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахсият;
- тавсифи механизмҳои воқеии бавуҷудоии ҳокимият дар ҷомеа; дараҷаи татбиқшавии ҳокимияти сиёсӣ новобаста аз халқ;
- ҳолати васоити ахбори омма;
- мақом ва нақши сохторҳои ғайридавлатӣ дар системаи сиёсии ҷомеа; муносибат байни мақомоти қонунбарор ва иҷроия;
- навъи рафтори сиёсӣ; характери сарварии сиёсӣ;
- сатҳи плюрализми сиёсӣ ва ташаккулёбии бисёрҳизбӣ.

Дар вобастагӣ аз шарту шароит, иқлими сиёсӣ, дараҷаи кушодагӣ ва пӯшидагии навъи идоракунӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва маҳдуднамоии онҳо, усулу воситаҳои идоракунии давлатӣ, режими сиёсиро ба демократӣ ва ғайридемократӣ ҷудо менамоянд. Вобаста ба режими сиёсӣ ва иқлими сиёсие, ки он ба вуҷуд овардааст, ҳолат ва мавҷудияти оппозитсияи сиёсӣ аз он вобастагӣ дошта, дар режимҳои сиёсии демократӣ ва ғайридемократӣ дида баромада мешавад. Табиати режими сиёсӣ нишондиҳандаи асосии мавҷудияти оппозитсияи сиёсӣ, сатҳи кушодагии фаъолият дар муқобили ҳокимият, дастрасӣ ба захираҳои сиёсӣ, саҳм доштан дар идоракунии сиёсӣ мебошад.

Дар вобастагӣ аз характери режими сиёсӣ, дараҷаи устувории он ва дигар нишондиҳандаҳои махсуси дохилии он, инчунин сатҳи воқеишавӣ ва характери оппозитсия тарҳҳои мухталифи амалкарди якҷояи режими сиёсӣ ва оппозитсия маълум аст. Дар алоқа бо фикри мазкур навъбандии режими сиёсӣ, ки Роберт Дал дар китоби машҳури худ бо номи «Полиархия» [4,с.2] коркард ва пешниҳод намудааст, зери назар қарор мегирад. Р. Дал дар таснифоти худ ду нишондиҳанда – сатҳи либералии режим, ки инъикоскунандаи татбиқшавии озодии мухталифи шаҳрванд дар раванди сиёсӣ мебошад

ва сонияи фаъолияти сиёсии шаҳрванд баҳри ноил шудан ба ҳар як манфиати сиёсӣ (ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ) пешкаш менамояд.

1. Нишондиҳандаи аввал бо сатҳи кушодагии институтҳои сиёсӣ, ҳамчунин додани кафолатҳо баҳри аъзои системаи сиёсӣ барои идора намудани ҷомеа муайян карда мешавад.

2. Нишондиҳандаи дуюм шумораи умумии аҳолии болиғ мебошад, ки иштирокчии раванди сиёсӣ буда, воситаи назорат намудани фаъолияти ҳукумат мебошанд.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи нахустин нишон медиҳад, ки кадом василаҳои имконпазир барои иштирок ва фаъолияти сиёсӣ (аз ҷумла барои оппозитсия) мавҷуданд ва дуюмин, чӣ гуна ин имкониятҳо дар амал татбиқ мешаванд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои мазкур, Р.Дал се навъи режимро дида мебарояд:

- Ҳегемония, ки сатҳи пасти баромади шаҳрванд дар раванди сиёсӣ мушоҳида шуда, барои он ягон воситаи воқеишавии институтсионалиро таъмин наменамояд.
- Полиархия, баръакс режимеро инъикос менамояд, ки тамоми навъи иштирок ва фаъолияти сиёсӣ барои шаҳрванд кафолат дода мешавад [1].
- Режими омехта, ки дар натиҷаи якҷояшавии ҳегемония ва полиархия ба вуҷуд омада, навъи идеалии режим, ҳамчунин низоми сиёсии реалӣ ба шумор меравад. Режиме, ки зимни омехтаи ҳегемония ва полиархия ба вуҷуд омадааст, дар сиёсатҳои амалӣ ва бисёртар дар низомҳои сиёсии омехта зоҳир шуда, нишондиҳандаҳои фарққунандаеро нишон медиҳанд. Ба сифати намунаи режимҳои омехта мумкин аст, олигархияи рақобатӣ баромад намояд, ки дар он институти иштироки сиёсӣ ҷузъи гурӯҳи элитаи маҳдуде ба шумор меравад. Баъзе муҳаққиқон масъалаи режимҳои ҳибридиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ҳамчун «демократия бо камбудиҳо» ва ё «авторитаризм бо афзалиятҳо» унвон кардаанд [8]. Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир оппозитсияи сиёсӣ мақоми махсус дар давлатҳои бо режимҳои гузаришидошта дорад. Ҳамин гуна режимҳоро муҳаққиқон ҳамчун режимҳои «ҳибридӣ» ном мебаранд, ки дарбаргирандаи унсурҳои институтсионалии демократӣ ва ҳамчунин дорои аломатҳои авторитарӣ мебошанд [9].

Зимни навъбандии мазкур се тарҳи амалкарди якҷоги режим ва оппозитсияро пешниҳод менамояд:

1. Дар шароити режими ҳегемония тарҳи пурзӯри иртиботи ҳукумат ва оппозитсия шакл мегирад. Режими мазкур тамоми навъи оппозитсияро мамнуъ эълон медорад ва шароити бавуҷудоии онро маҳдуд менамояд. Системаи сиёсии ИҶШС намунаи он мебошад, ки аз рӯйи принсипи «сентрализми демократӣ» системаи сиёсӣ шакл мегирифт, шаҳрванд дар чунин ҳолат аз сиёсат ва идеология вобастагӣ дошт ва ҳукумат равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро зери фишангҳои худ қарор дода буд. Аз ин рӯ, оппозитсия, агар дар ин гуна шароит пайдо шавад, ҳолати ғайриқонуниро ба худ касб менамояд. Барои режими пурзӯр фарқ надорад, ки кадом оппозитсия манбаи таҳдид асту кадоми дигараш асоси «амният». Бо ҳар роҳе набошад, он бояд бартараф карда шавад. Ба андешаи Р. Дал, дар ин гуна режим байни оппозитсияи қонунӣ ва ғайриқонунӣ тафовут намемонад. Ба ибораи дигар, оппозитсияи қонунӣ ҳамеша ба оппозитсияи ғайриқонунӣ табдил меёбад ва нобуд карда мешавад.

2. Муносибати байни режим ва оппозитсия дар режими сиёсии полиархия чӣ гуна аст, баҳси навбатист. Аз он хотир ки дар режими мазкур баробарӣ, воқеишавии имкониятҳо дида мешавад, ҳизбҳои оппозитсионӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ падидаҳои қонунии режими мазкур ба ҳисоб мераванд.

Оппозитсия таҷассумкунандаи манфиатҳои иҷтимоӣ дар рӯ ба рӯ бо режими мазкур мебошад. ҳамчунин, агар ҳукумат дар ҳимояи интегратсияи иҷтимоӣ дар ҷамъият, дар шароити режими мазкур дар татбиқанмоии манфиатҳо уҳдабаро намешавад, ҳизбҳои оппозитсионӣ масъулиятро ба уҳда мегиранд. Дар ҳолати мазкур оппозитсия дифоъкунандаи манфиатҳои иҷтимоӣ буда, дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ расмӣ мегардад. Дар чунин шароит ҷамъият ҳолати бухрониро ба сар бурда, ба фаношавӣ майл менамояд. Дар чунин ҳолат зери оппозитсияи сиёсӣ неруе ниҳоде фаҳмида мешавад, ки ифодакунандаи манфиатҳои татбиқношуда дар марказ ва музофото буда, аз манфиатҳои татбиқшудаи сиёсати ҳокимияти марказӣ тафовут дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки оппозитсия доимо вуҷуд дошт ва минбаъд ҳам, вуҷуд хоҳад дошт [3,с.99]. Иқдоми нест намудан ва имконият надодан ба ташаккулёбии оппозитсия бар зарари ҳокимияти феълии расмист. Таърихи ташаккулёбии оппозитсияи сиёсӣ ба замони давлат-миллатҳо рафта расида, аз ин рӯ, махсус баррасӣ намудани шароити мавҷудияти оппозитсия ҳамчун субъекти муқобил дар муносибат бо ҳокимият ва институти сиёсии қонуникардашуда дидан мумкин аст.

Дар навбати аввал, шарти шаклгирии оппозитсия ин ҳамкории одамон мебошад ва маҷмӯи ҳадафҳоро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари сиёсатшиноси амрикоӣ Р. Дал дар асоси чунин шартҳо, оид ба ташаккулёбии оппозитсия аз давраи пайдоиши давлат-миллатҳо ақида ба миён меорад. Р. Дал як қатор шароитҳоеро, ки дар ташаккулёбии оппозитсия мусоидат менамоянд, қайд кардааст:

1. Васеъ паҳншавии ҳуқуқи интихоботии универсалӣ.
2. Ҳуқуқи иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ.
3. Ба таври боадолат ташкил намудани интихобот, ки орӣ аз зӯрӣ ва фишор мебошанд.
4. Ҳимояи озодии баён, интиқоди ҳукумат, режим, ҷамъият, идеологияи ҳукмрон.
5. Мавҷудияти алтернатива ва рақобат байни сарчашмаҳои иттилоот, новобаста аз назорати ҳукуматӣ.
6. Сатҳи баланди озодӣ, ки дар ташкили созмонҳои гуногуннавъ ва мухтор, инчунин дар бавуҷудоии ҳизбҳои сиёсии оппозитсионӣ саҳм мегузорад.
7. Сатҳи нисбатан баланди вобастагии ҳукумат аз интихобкунанда ва натиҷаи интихобот [5].

Ҳамаи ин шароитҳоро дида баромада, оид ба устувории полиархия ва қонунӣ будани институти оппозитсияи сиёсӣ дар ҷомеа сухан гуфтан аст. Баъзе омилҳои иҷтимоие мавҷуданд, ки сабаби ташаккули институти оппозитсия шуданд ва намунаи он дар ҷомеа ташаккули оппозитсия дар асоси манфиатҳо мебошад. Моҷароҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ, динӣ омили ташаккулёбии оппозитсия шуда метавонанд. Худ бо худ моҷароҳо кафолати институтсионалӣ шудани оппозитсияро медиҳанд. Вақте ки ҷомеа дар ҳолати моҷароӣ ва бухронӣ қарор мегирад, режими авторитарии пурзӯр ба вуҷуд меояд ва боиси нест шудани оппозитсия мешавад. Ҳамин тариқ, муносибати режим ва оппозитсия дар шароити режимҳои омехта якнавъ нест. Аз рӯйи характери худ, режими омехта тибқи рафтори сохтории худ ба демократия наздик аст.

Сохтори режими сиёсӣ бояд на танҳо аз нуқтаи назари амалкарди якҷояи ҳукумат ва оппозитсия, балки аз рӯйи дидгоҳи «натиҷаи ниҳоӣ»-и ҳамон амалкард дида баромада шавад. Механизми қабули қарори сиёсӣ ва чӣ гуна қабул шудани он асоси он мебошад. Режими мазкур бояд ҳолати феълии ҷомеро хуб ташхис намуда,ояндаи инкишофро пешбинӣ намуда, қарори сиёсии самаранок қабул намояд ва мушкилоти ҷомеро бартараф намояд. Режими мазкур тавассути принсипҳои махсус қарори сиёсиро қабул намуда, онро дар муддати муайяни вақт бояд татбиқ намояд. Дар раванди татбиқ намудани қарори сиёсӣ, субъекте зарур аст, ки функсияи мониторингро ба уҳда дошта бошад ва ҳамчун назораткунандаи раванди сиёсӣ баромад намояд.

Назари плюралистӣ ба қарори сиёсӣ аз ҷониби неруҳои сиёсии ҷомеа ба амал бароварда мешавад ба ҳимоя намудани манфиатҳо аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор далолат мекунад. Ин гурӯҳҳо (гурӯҳҳои фишоровар) мустақилона фаъолият намуда, мунтазам ба раванди қабули қарорҳо таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, имкониятҳои ин гурӯҳҳо дар вобастагӣ аз захираҳое, ки онҳо тақсим менамоянд, гуногун мебошанд. Амали якумин, ба амал баровардани тиҷорати бузург, истифода бурдани воситаҳои молиявӣ барои ба даст овардани дастгирии барои онҳо зарур, амали гурӯҳҳои дигар истифода бурдан аз фаъолиятҳои лоббистӣ мебошад.

Ақидаҳои гуногун, манфиатҳо, мавқеъҳо, самти ҳаёти сиёсӣ, ки хосси табиати сиёсат мебошанд, масъалаи муносибати байни қувваҳоро ба миён мегузоранд. Характери ҳалли амалии ин масъала аз навъи режими сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар режимҳои сиёсии авторитарӣ ва тоталитарӣ ин муносибатҳо антагонистӣ мебошанд ва на ҳокимият ва на оппозитсия ҳуқуқи мавҷудияти якдигариро эътироф намекунанд, танҳо миёни онҳо муносибате, ки ба фишороварӣ асос ёфтааст, амалӣ мешавад. Сиёсат дар ин ҳолат хусусияти ҷиноятӣ ва ҳарбиро ба худ касб менамояд. Маълум аст, ки иқтидори оппозитсионӣ аз режими сиёсӣ вобастагӣ дорад. Люис Козер вобастагии сохтории ҷомеаҳо ва системаҳои антогонистиро дида мебарояд. Ба андешаи ӯ, система агар моҳияти плюралистӣ ва таҳаммулпазирӣ дошта бошад, шиддати антагонистӣ коҳиш ёфта, устуворӣ ва ҳамгироии ҷомеа таҳким меёбад ва дар системаҳои мухолифи он бошад, муносибатҳое вуҷуд доранд, ки хавфи садамаи иҷтимоиро бештар мекунанд [10,с.543–544].

Оппозитсияи сиёсӣ хосси ҷомеаи демократӣ аст, ки дар натиҷаи режими сиёсии демократӣ ба вуҷуд омадааст. Шакли олии кафолати ҳуқуқи оппозитсионии неруҳои сиёсӣ, ин демократияи полиархӣ мебошад. Агар режими сиёсӣ ба нишондодҳои демократияи полирахӣ мувофиқат намояд, пас бе ягон мушкилӣ оппозитсияи демократӣ ташаккул меёбад. Оппозитсияи демократӣ (democratic opposition) - ҳизбҳои оппозитсионе

мебошанд, ки дар асоси принсипҳои демократӣ ташаккул меёбанд. Оппозитсияи демократӣ инъикоскунандаи оппозитсияи самараноки қонунӣ ба шумор меравад. Дар баъзе мамлакатҳо оппозитсияи демократӣ шаклан ва унвонан амал менамояд. Демократияи шаклӣ макони оппозитсияи демократии унвонӣ ба шумор меравад. Чун сухан оид ба оппозитсияи демократӣ меравад, демократияи шаклӣ, албатта, истисно мешавад.

Дар режими сиёсии демократӣ имконияти мавҷудияти ҳамкориҳои конструктивии қувваҳои сиёсӣ ваҳокимияти сиёсӣ кафолат дода мешавад. Оппозитсия мумкин аст, шаклҳои мухталифи иртибот бо ҳокимият ва таъсиррасонӣ ба онро истифода барад. Дар режими сиёсии демократии муосир, оппозитсияи сиёсӣ ба мисли тақсимоти ҳокимият, плюрализми сиёсӣ, интихоботи озоди бевосита ҷузъи зарурӣ ба шумор меравад. Имконияти ба таври кушода танқид намудани режими ҳукмрон, гузориши манфиатҳо ва арзишҳои худӣ, пешниҳод ва намоиши лоиҳаҳои сиёсии алтернативӣ, ки қонун кафолат медиҳад ва ин «қоидаи сиёсӣ» барои ҳокимият ва оппозитсия қонунӣ ба шумор меравaнд, моҷароҳои ҷиддиеро миёни давлат ва ҷомеа ба миён меоранд. Оппозитсияи сиёсӣ ҳамчун рақиби ҳамешагии режими ҳукмрон, инҳисори кланӣ ва ҳизбиро ба ҳокимият бекор намуда, дар ҳаёти сиёсӣ иштирок дошта, устувории инкишофи системаи сиёсии демократиро таъмин менамояд.

Омилҳо ва сабабҳои бавуҷудоии оппозитсияи сиёсӣ мумкин аст мухталиф бошанд: нобаробарии миллӣ ва иҷтимоӣ, ноуҳдабароии қонунбарори интихобӣ ва элита, гуногунандешии идеологӣ ва ғайра. Дар ҳар сурат, дар давлатҳои демократӣ, зимни механизмҳои қонунӣ муколамаи оппозитсия бо ҳокимият ба вуҷуд меояд. Музокираҳои парламентӣ, мунозираҳои сиёсӣ дар ВАО ва ифодаи андеша тавассути роҳпаймоӣ, намоиш, ҷамъомадҳо ва ғайра мисоли он шуда метавонад. Оппозитсияи сиёсӣ дар ҷомеа барои ҳукумат садоест, ки тавассути он ҳокимият дарк мекунад, ки дар ҷомеаи феълӣ кадом мушкилиҳо вуҷуд доранд. Дар ҳолате, ки оппозитсия хосияти экстремистиро ба худ касб менамояд, ҳокимияти расмӣ дар муқобили оппозитсияи мазкур чораҳо меандешад, зеро дар чунин ҳолат демократия зери таҳдид қарор мегирад.

Ҳамин тавр, режими сиёсӣ барои мавҷудияти оппозитсияи сиёсӣ он шароит фароҳам меоварад, ки онро маҷозан «иқлими сиёсӣ» меноманд. Маҳз ҳамин иқлими сиёсӣ шароитеро фароҳам меорад, ки дар он оппозитсияи сиёсӣ месабзад ва ё он муҳити сиёсиеро ба вуҷуд меорад, ки оппозитсияи сиёсӣ тамоман вуҷуд дошта наметавонад, зеро табиати иқлими сиёсии мазкур иқтидори нигоҳдории оппозитсияи сиёсиро надорад. Аз ин рӯ, танҳо иқлими сиёсии демократӣ шароитеро фароҳам меоварад, ки дар он оппозитсияи сиёсӣ ташаккул меёбад. Дар иқлими сиёсии ғайридемократӣ бошад, падидаи оппозитсияи сиёсӣ вуҷуд дошта наметавонад ва агар ба вуҷуд ояд ҳам, инкишоф намеёбад ва зуд нобуд мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Даль Р. Предпосылки возникновения и утверждения полиархий / Р. Даль // ПОЛИС. -2002. -№6. -С. 34-37.
2. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ // Режими сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2015. -Ҷ.3. -С. 25-26.
3. Цыганков А.П. Современные политические режимы: структура, типология, динамика / А.П. Цыганков. - М.: Интерпракс, 1995. -296 с.
4. Dahl R.A. Introduction. - Regimes and Oppositions. Ed. by R.A. Dahl. New Haven, L, 1973. -P. 2.
5. Dahl R.A. Polyarchy, Pluralism and Scale / R.A. Dahl // Scandinavian Political Studies. -1984. -№ 4. -Vol.7.
6. Назриев К.Қ. Муносибати мутақобилаи ҳизбҳои оппозитсионӣ бо ҳокимияти давлатӣ / К.Қ. Назриев // Вестник технологического университета Таджикистана. -2016. -№2(27). -С. 147-151
7. Назриев К.Қ. Ҳокимият ва оппозитсияи сиёсӣ / К.
8. Қ. Назриев // Осори Академия (Труды Академии) -2016. -№ 4 (32). -С. 84-90.
9. Guliyev F. Measuring Hybrid Regimes: An Alternative Measurement Method and Classification of Post-Soviet Regimes / F. Guliyev // Working paper. -2012. Last revised Feb 22.
10. Collier D. Democracy with Adjectives: Conceptual Innovation in Comparative Research / D. Collier, S. Levitsky // World Politics. -1997. -Vol.49. -№.3. -P. 430-451; Zakaria F. The Rise of Illiberal Democracy // Foreign Affairs. 1997. November/December. Vol. 76. -№6. -P.22-43; Даймонд Л. Прошла ли «третья волна» демократизации? / Л. Даймонд // Полис. -1999. -№1. -С.10-25; Zakaria F. The Rise of Illiberal Democracy / F. Zakaria // Foreign Affairs. 1997. November/December. Vol. 76. -№ 6.-P. 22-43.
11. Козер Л. Функции социального конфликта / Л. Козер // Американская социологическая мысль. -М.: Международный университет бизнеса и управления, 1996. -560 с.


## РЕЖИМИ СИЁСӢ ВА ОППОЗИТСИЯИ СИЁСӢ: ТАРҲҲОИ АМАЛКАРДИ ЯКҶОЯ


Дар мақола перомуни амалкарди якҷояи режими сиёсӣ бо оппозитсияи сиёсӣ сухан меравад. Муҳтавои асосии таҳқиқотро таҳлили падидаҳои режим, оппозитсия, навъҳои амалкарди якҷояи режим ва оппозитсия ташкил менамояд. Фаъолияти ҳар як режими сиёсӣ дар замони муосир бо фаъолияти оппозитсия иртибот дорад. Оппозитсия институти сиёсие мебошад, ки ҳадафи он ифодаи манфиатҳо ва арзишҳое мебошад, ки дар фаъолияти режими ҳукмрон ба инобат гирифта нашудаанд. Ҳамин тариқ, оппозитсия манфиатҳои

ҳамон қишри ҷомеаро инъикос менамояд, ки аз мадди назари мақомоти ҳокимияти давлатӣ берун мондаанд. Ҳамчунин, дар мақола хусусиятҳои хосси амалкарди якҷояи режими сиёсӣ бо ниҳоди оппозитсияи сиёсӣ дида баромада шудаанд. Ғояе асоснок карда мешавад, ки амалкарди якҷояи режим ва оппозитсия дар рушди минбаъдаи кишвар нақши муассир дорад. Чунин сатҳи муносибат барои ихтисосмандони соҳаи сиёсатшиносӣ ва ҳизбшиносӣ ҷолиби диққат мебошад. Масъалаи мазкур кам омӯхта шуда, таҳқиқоти минбаъдаро тақозо дорад.

**Калидвожаҳо:** режими сиёсӣ, оппозитсияи сиёсӣ, полиархия, ҳегемония, демократия, тоталитаризм, иқлими сиёсӣ.

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ РЕЖИМ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОППОЗИЦИЯ: МОДЕЛИ ВЗАИМОДЕЙСТВИИ

В статье речь идет о взаимодействии политического режима с политической оппозициией. Основное содержание исследования заключается в анализе феноменов режим, оппозиция и типы взаимодействия режима и оппозиции. Надо отметить, что жизненная деятельность любого политического режима в современной истории сопровождается деятельностью оппозиции. Оппозиция является политическим институтом с целью выражения интересов и ценностей, которые не представлены в деятельности правящего режима. Таким образом, оппозиция выражает и консолидирует интересы той части населения, которая не представлена в органах государственной власти. А также в статье выделяются и описываются характерные особенности взаимодействия политического режима с институтом политической оппозиции. Обосновывается идея о том, что взаимодействие режима и оппозиции играет огромную роль в дальнейшм развитии страны. Такой взгляд будет интересен специалистам в области политологии и партологии. Данная проблема мало изучена и требует дальнейших исследований.

**Ключевые слова:** политический режим, политическая оппозиция, полиархия, гегемония, демократия, тоталитаризм, политический климат.

## POLITICAL REGIME AND POLITICAL OPPOSITION: MODELS OF INTERACTION

The article deals with the interaction of the political regime with the political opposition. The main content of the study is to analyze the phenomena of the regime, the opposition, and the types of interaction between the regime and the opposition. It should be noted that the vital activity of any political regime in modern history is accompanied by opposition activities. The opposition is a political institution for the purpose of expressing interests and values that are not represented in the activities of the ruling regime. Thus, the opposition expresses and consolidates the interests of that part of the population that is not represented in government bodies. Also, the article highlights and describes the characteristic features of the interaction of the political regime with the institution of the political opposition. The idea that the interaction between the regime and the opposition plays a huge role in the further development of the country is substantiated. Such a view will be of interest to specialists in the field of political science, and partology. This problem is poorly understood and requires further research.

**Key words:** political regime, political opposition, polyarchy, hegemony, democracy, totalitarianism, political climate.

**Сведения об авторе:** ***Назриев Карим Курбомадович*** - Таджикского национального университета соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: **988-01-53-11**

**Information about the author:** ***Nazriyev Karim Kurbomadovich*** - Tajik National University is a candidate of political science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **988-01-53-11**

**УДК 323(072)**

# СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ: ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲО

***Саидзода Дилшод Саид***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар шароити имрӯза омӯзиш ва баррасии назарияҳои асосии идоракунии самараноки давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад. Тағйиротҳои ҷиддии шароити идоракунӣ ба баланд гардидани аҳамияти омӯзиш ва асоснокнамоии ҷанбаҳои сиёсии идоракунии давлатӣ мусоидат менамоянд.

Оғози ташаккули назарияи идоракунии давлатро асосан бо самти илмии «камералӣ», ки дар Австрия ва Германия дар асри XVII пайдо шудааст, алоқаманд менамоянд. Дар доираи ин самти илмӣ як қатор фанҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ таълим дода мешуданд, ки мазмуну мундариҷаи онҳо аз омӯзиши сохтори хизматҳои маъмурӣ ва беҳтар намудани роҳу воситаи амалишавии онҳо иборат буд. Дар ин давра идоракунӣ одатан дар шакли коллегиалӣ (бо маслиҳат) амалӣ мегардид, ки то охири асри XIX идома меёбад.

Дар охири асри XIX самти илмии «камералӣ» дар заминаи инкишофи босуръати илми сиёсӣ таназзул меёбад. Маҳз дар ҳамин давра инкишофи назарияи идоракунии давлатӣ оғоз мегардад, ки маркази он дар Амрико ҷойгир гардида буд. Қайд намудан зарур аст, ки системаи чандирии маориф дар донишгоҳҳои амрикоӣ имконияти пайдоиши илмҳои нави ҷомеашиносӣ, аз он ҷумла дар самти омӯзиши идоракунии давлатиро таъмин менамуд [9,с.39]. Аз тарафи дигар, муҳаққиқони америкоӣ ба таври доимӣ имконият

доштанд, ки самти амалҳои ҷамъиятиро новобаста аз мавқеи ҳукумат таҳлил ва танқид намоянд [4,с.529].

Дар асоси таҳлилҳо, метавон чунин омилҳои ташаккул ва инкишофи идоракунии давлатиро ҷудо намуд: касбӣ гардидани илми сиёсӣ дар Амрико ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, муайян гардидани муносибатҳои таҳқиқотӣ ва методологӣ; амалияи сиёсӣ-идоракунӣ, инкишофи системаҳои давлатӣ-идоракунӣ; тағйиротҳо дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ. Илова бар ин, тағйиротҳо дар системаи сиёсии ҷомеа дар аксарияти кишварҳои Ғарб, паҳн гардидани ҳуқуқи умумии интихоботӣ, иштироки оммавии аҳолӣ дар сиёсат, ҷудо гардидани соҳаи сиёсӣ аз доираи маҷмӯи донишҳо оид ба ҷомеа, ба итмом расидани раванди ташаккули системаи идоракунии давлатӣ дар аксарияти давлатҳои Ғарб, бунёд намудани хизмати давлатии касбӣ, ба пайдоиши аввалин консепсияҳои назариявии идоракунии давлатӣ мусоидат намудаанд.

Асосгузори назарияи идоракунии давлатӣ дар Амрико В. Вилсон ба ҳисоб меравад. В. Вилсон ва Ф. Гуднау қайд намудаанд, ки муносибати байни маъмурият ва ҳокимият моҳияти системаи ҳукуматро ташкил менамояд. Онҳо зарурати омӯзиши идораҳои ҳукуматиро новобаста аз сиёсат пешниҳод карда, тарҳи самаранокии маъмуриро коркард намудаанд [8,с.37]. Моҳияти ин ғоя дар он зоҳир мешавад, ки тағйир ёфтани роҳбарият набояд ба дигаргуншавии фаъолияти дастгоҳи давлатӣ оварда расонад, зеро чунин ҳолат ба самаранокии идоракунӣ халал ворид менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки ҷудо намудани сиёсат ва идоракунӣ ҳамчун навоварӣ баррасӣ карда мешуд, ки алоқамандии таҳлил ва тавсияҳои назариявӣ ва ҳам истифодаи натиҷаи таҳқиқотро дар амалия таъмин менамуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асоси нуқтаи назари В. Вилсон дар назарияи маъмуриву давлатии идоракунӣ масъалаҳои идоракунии илмӣ, ки аз идеологияи сиёсӣ вобаста нестанд, мавқеи пешбарро ишғол намуданд.

Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки таҳлили системавии бюрократияи давлатиро пешниҳод намудааст, М. Вебер ба ҳисоб меравад, ки дар доираи назарияи умумии ҳокимият бунёд гардидааст. Ӯ қайд кардааст, ки ҳокимият ё ҳукмронӣ на танҳо қувва, балки мавҷудияти арзишҳо ва эътиқоди муайянро пешниҳод менамояд. Идоракунӣ, ки дар асоси принсипҳои ҷиддии бюрократӣ ба роҳ монда шудааст, идоракунии идеалӣ ба ҳисоб меравад.

Назарияи бюрократия давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофро паси сар намудааст. Дар аввал кӯшиш карда мешуд, ки ҷиҳатҳои мусбии бюрократия нишон дода шаванд. Яке аз муҳаққиқоне, ки назарияи бюрократияро инкишоф додааст ва онро дар амалия тарафдорӣ намудааст, Сен Симон мебошад, ки бартарии бюрократияро аз ҳокимияти меросӣ нишон додааст.

М. Вебер ташкили идеалии бюрократияро тасниф намуда, як қатор хусусиятҳои онро ошкор намудааст. Дар қатори хусусиятҳои муҳимми бюрократия метавон ихтисосмандӣ ва тақсимоти меҳнатро махсусан ҷудо намуд. Дар чунин ҳолат қайд карда мешавад, ки ҳар як корманд бояд уҳдадориҳо ва доираи фаъолияти муайяни худро дошта бошад, ки натавонад доираи ваколатҳои дигар аъзоёни созмон ё ташкилотро такрор намояд. Яъне, дар чунин ҳолат ба инобат гирифтани ихтисоси ҳар як корманд аз аҳамият холӣ набуд. Ҳар як коргар мувофиқи ихтисоси худ бояд ба кор фаро гирифта шавад ва доираи фаъолияти ӯ мувофиқи ихтисосаш муайян карда шавад. Ба ақидаи Макс Вебер, чунин ҳолат метавонад, ки рушди минбаъдаи созмон, ташкилот ё умуман ҷомеаро таъмин намояд.

Дар доираи назарияи бюрократӣ вазифаи хизматчиёни давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки присипҳои идоракуниро нисбати вазъияти мушаххасистифода намоянд [8,с.42]. Қайд намудан зарур аст, ки ақидаҳои М. Вебер барои инкишофи назарияи ташкили идоракунӣ муҳим аст.

Ҳамин тариқ метавон қайд намуд, ки В. Вилсон, Ф. Гуднау, М. Вебер ба инкишофи назарияи идоракунии давлатӣ таъсири назаррас расонидаанд. Дар асару рисолаҳои онҳо ду ғояи асосӣ коркард шудааст:

- омӯзиши илмии маъмурият вазифаи марказии ислоҳоти идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад;
- дастгоҳи идоракунии давлатӣ бояд берун аз сиёсат бошад.

Аксарияти муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки маҳз асару рисолаҳои В. Вилсон, Ф. Гуднау, М. Вебер заминаи асосии инкишофи назарияи идоракунии давлатӣ ҳамчун самти мустақили илмӣ гардидаанд.

Назарияи идоракунии давлатӣ инкишофи минбаъдаи худро дар асару рисолаҳои намояндагони мактаби классикӣ ва неоклассикӣ пайдо намудааст. Мақсади асосии

мактаби классикӣ, ки намояндагони он А. Файол, Л. Уайт, Л. Урвик, Д. Муни, Т. Булей ба ҳисоб мераванд, коркарди принсипҳои идоракунии маъмуриву давлатӣ буд. Намояндагони ин мактаб таъкид менамуданд, ки риоя намудани принсипҳои идоракунии маъмуриву давлатӣ, аз бисёр ҷиҳат самаранокии онро таъмин менамояд. Илова бар ин, зарур аст, ки ба таври мушаххас вазифаи ҳар як мансабдор дар системаи идоракунӣ муайян карда шавад. Л. Лайт қайд намудааст, ки мақсади идоракунӣ истифодаи самараноки захираҳо ба ҳисоб меравад [10,с.64].

Ҳамин тариқ, асосгузори мактаби классикӣ А. Файол панҷ вазифа ва чордаҳ принсипро пешниҳод намудааст, ки дар фаъолияти маъмурони зинаҳои болоӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Намояндагони дигари ин мактаб низ ин мавқеъро пайгирӣ намудаанд. Саҳми асосии мактаби классикӣ дар он зоҳир мегардад, ки идоракуниро ба сифати раванди универсалӣ баррасӣ намуда, онро аз якчанд вазифаи бо ҳам алоқаманд иборат медонад. Лекин, намояндагони ин мактаб ҷанбаҳои иҷтимоиро дар фаъолияти давлат ба инобат намегирифтанд, ба ташкили идоракунӣ аз мавқеи дурнамои он муносибат намуда, хусусиятҳо ва қонуниятҳои ташкили идоракунии давлатиро муайян менамуданд.

